То 10-уми  майи соли 1995 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муомилоти пулӣ бо номи «рубль» (интишори Бонки марказии Россия) амал мекард. Низоми пулии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад [7, с.34]. Қурби пули миллиро Бонки миллии Тоҷикистон муайян ва онро интишор намуда, дар васоити ахбори омма чоп мекунад. Мувофиқи қарори Комиссияи махсуси давлатӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон пули миллӣ бо номи «рубли точикӣ» ба муомилот бароварда шуд ва он то 1.04.2001 с. дар муомилот буд. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон аз 30.10.2000 с. дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон воҳиди пули нав бо номи «Сомонӣ» ба муомилот бароварда шуд [11, с.41]. Ин пул бо номи Асосгузори давлати тоҷикон Исмоили Сомонӣ гузошта шудааст. Пули сомонӣ арзиши номиналии 1, 3, 5, 10, 20, 50, 100, 200 ва 500 сомонӣ дар шакли қоғазӣ, инчунин 1, 5, 10, 20, 25, 50 - дирам 1, 3, 5 – сомонӣ дар шакли тангагӣ дар муомилот гардиш менамояд.

Қисмати дуввум - низоми минтақавии асъор муносибатҳои асъориро дар байни якчанд давлатҳои як минтақа ифода менамояд. Умуман, низоми минтақавии асъор – ин дар заминаи созишномаҳои байнидавлатӣ қабулшудаи шакли ташкили муносибатҳои асъории давлатҳост, ки мустақилона амал карда, ба ҳаракати байналхалқии молҳо ва омилҳои истеҳсолот хизмат мекунад.

Таърихи барқароршавӣ ва инкишофи низоми минтақавии асъор мустақиман ба барқарор гаштани сохтор ва таъсири мутақобили мамлакатҳои иқтисодиёти рушди устувор алоқаманд аст. Низоми минтақавии асъор яке аз низомҳое мебошад, ки байни низомҳои милливу ҷаҳонии асъор ва гурӯҳҳои ҳамгироии давлат хизмат мерасонад. Дар замони муосир ду намуди низоми минтақавии асъор мавҷуд аст:

1. Иттиҳоди асъорӣ - иқтисодии Африқо «ҳудуди франки франсузӣ», ин давлатҳои франсузи забони Африкоро дар бар мегирад.

2. Низоми асъории Аврупо (ЕВС) аввали ташкилёбиаш дар чорчӯбаи низоми иқтисодии соли 1979-ум мебошад. Вазифаи он танзим намудани сатҳи таваррум дар давлатҳо - иштироккунандагон ва таъмин намудани қурби асъори онҳо дохил мешуд. Механизми фаъолияти Низоми асъории Аврупо дар асоси ба истифодаи ҳисоби асъори ягона - ЭКЮ пайдо гашт. Рушди тиҷорат ва пурзӯр шудани интегратсияи саноатии мамлакатҳои Аврупои ғарбӣ барои рушди тиҷорати фаъол ба воҳиди ягонаи асъори аврупоӣ евро гузаштанд. Евро – ин асъори тартибӣ буда, дар баробари асъори миллии

давлатҳои Аврупо гардиш намуда зиёда аз 15-давлати ин минтақа онро эътироф ва қабул намудаанд. Ташкил намудани низоми ягонаи асъори Евро кайҳо пайдо шуда, он соли 1969-ум қонунан дар нақшаи ташкилии иттиҳоди асъори Аврупогӣ ба қайд гирифта шудааст.

Назарияи гузариш ба асъори ягона дар Аврупо аз тарафи олими амрикоӣ аз Донишгоҳи Колумбия Роберт Манделло пешниҳод карда шуда буд. Дар корҳои худ аз он ҷумла дар китобаш «Низоми монетарии байналхалқӣ (1965) якумин шуда, шароитҳоеро пешниҳод намуд, ки то якчанд давлатҳо ба асъори ягона рӯй оваранд. Ба сифати дастовардҳои истифодаи асъори ягона Ф.Манделло паст шудани низоми фоиз ҳангоми ивазшавии қурби асъор ва савдои байниҳамдигарии давлатҳоро пешниҳод намуд [10, с.193].

Қисмати сеюми низоми байналхалқии асъор – ин низоми қонунан ташкилёфтаи муносибатҳои асъории давлатҳои аъзои созмонҳо мебошад, ки мақсади он ташкил, танзим ва назорати устувории асъор мебошад. Асосан ҳисоби байналхалқӣ бо роҳи ғайринақдӣ ба воситаи бонкҳо бо роҳи муқаррар кардани муносибатҳои кореспондентӣ (шартномавӣ) байни ташкилотҳои қарзии мамлакатҳои гуногун ба амал бароварда мешаванд.

Бо ҳамин мақсад бонкҳо бо ҳамдигар созишномаҳои кореспондентӣ (оид ба кушодани ҳисобҳо) мебананд (ностро-суратҳисоби бонки мазкур дар бонкҳои дигар ва лоро-суратҳисоби дигар бонкҳо дар бонки мазкур), ки дар онҳо тартиби ҳисобҳо, ҳаҷми подоши комиссионӣ, инчунин методҳои пуркунии ҳисоби кореспондентӣ бо баробари харҷи воситаҳо нишон дода шудаанд.

Бинобар ин пешниҳод менамоям, ки барои дар амал татбиқ намудан ва рушди *низоми байналхалқии асъор* ҷорӣ намудани масъалаҳои зерин муҳим ва зарурӣ мебошанд: аз тарафи давлату ҳукумат пешгирӣ намудани фаъолияти корхонаҳои монополистӣ, ки сабаби баланд гардидани нархҳо дар мамлакат онҳо мебошанд; мустаҳкам намудани низоми пулии мамлакат дар асоси санадҳои меъёрию ҳуқуқии дохилӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ; нагузоштани маҳдудият ба аҳолӣ ҳангоми хариду фурӯши асъорҳои хориҷӣ дар ташкилотҳои қарзӣ; чораҳои зарурӣ андешидан ба кормандони нуқтаҳои мубодилаи асъории тамоми ташкилотҳои қарзӣ, бинобар сабаби бо нархи гаронтар фурӯхтани асъорҳои хориҷӣ аз нархномаи муайянгардида. Маҳз бо ҳамин роҳҳо мо метавонем афзалиятҳои рушди асъори миллиро ба даст орем.

**Адабиёт:**


1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26.12.2018 [манбаи электронӣ]. URL: http: // www.president.tj.
2. Абдуҳамидова Г. Танзим ва назорати асъор (комплекси таълимӣ-методӣ) / Г.Абдуҳамидова // ш.Душанбе, соли 2011, 231 саҳ.
3. Ашуров Н. Муомилоти пул ва қарз / Н.Ашуров, А.Н.Ашуров // Матбуот-Душанбе., 2006, 232 саҳ.
4. Ашуров Н. Пул, қарз, бонк / Н.Ашуров // Душанбе., соли 2011, 336 саҳ.
5. Иброҳимов И.Р. Муомилоти пул, қарз ва бонк / И.Р.Иброҳимов, М.А.Ниёзов // Душанбе «Ирфон», соли 2010. 285 саҳ.
6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе, 6.11.1994 с., 21 саҳ.
7. Қонуни ҶТ «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», ш.Душанбе., №722., 28.06.2011с., 47 саҳ.

8. Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор», ш.Душанбе., №964., 13.06.2013с., 12 саҳ.
9. Муминов А.Б. Пул, қарз, бонк / А.Б.Муминов, Т.Т.Муслихова // ш.Душанбе, соли 2014, 126 саҳ.
10. Островский Л.Е. Ввнешне экономическая деятельность предприятия / Л.Е. Островский // г. Москва, 1999 г. 434 стр.
11. Ҷураев Б.М. Пул, қарз ва бонк / Б.М.Ҷураев // ш. Душанбе, соли 2012, 114 саҳ.

## КЛЮЧЕВОЙ ЭЛЕМЕНТ НАЦИОНАЛЬНОЙ ВАЛЮТНОЙ СИСТЕМЫ И ЭТАПЫ ЕЕ РАЗВИТИЯ

**МАҲМАДОВ РУҲУЛЛО САИДҒУФРОНОВИЧ,**
ассистент кафедры экономического анализа
Таджикского государственного финансово-экономического университета.
734067, Республика Таджикистан г. Душанбе пр. Нахимова 64/14
Тел.: (+992) 985-87-86-35; E-mail: fasikhovis88@mail.ru
**ФАСИХОВ ИДИБЕК САЙМИРЗОЕВИЧ,**
соискатель кафедры финансового менеджмента
Таджикского государственного финансово-экономического университета.
734067, Республика Таджикистан г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14.
Тел.: (+992) 918-26-26-96; E-mail: fasikhovis88@mail.ru

*В современных условиях каждое государство, независимо от его экономической и политической ситуации, тесно связано с экономикой других стран. Валютная система всех стран мира представляет совокупность экономических отношений, связанных с формированием валюты и форм их организации (наличием соответствующих институтов: организаций, учреждений, правовых норм).*

*В статье отмечается, что валютные отношения взаимосвязаны с покупкой и продажей товаров и услуг, инвестициями, внешнеэкономической деятельностью, мировой ссудой, валютными операциями, научно – техническим сотрудничеством и другими экономическими отношениями. Создание эффективных экономических и политических отношений приводит к необходимости валютных отношений.*

*В статье рассматриваются проблемы современной мировой валютной системы, которые неразрывно связаны с уровнем развития экономики Таджикистана. Отмечается, что экономики стран с переходным периодом зависимы от уровня возникновения различных рисков и превосходством инностранных валют.*

*В статье также отмечается важность появления (возникновения) новых крупных игроков, прежде всего страны Азии, чьи валюты значительно укрепили свои позиции на мировом валютном рынке, в этих условиях таким странам как Таджикистан, необходимо также занять свои позиции и осуществлять финансовые операции.*

***Ключевые слова:*** *валюта, национальная валюта, валютная стабильность, обмен валют, обменный курс, валютный рынок, валютное регулирование, валютная политика, валютная система.*

## KEY ELEMENT OF THE NATIONAL MONETARY SISTEM AND THE STAGES OF ITS DEVELOPMENT

**MAKHMADOV RUKHULLO SAIDGUFRONOVICH,**
Assistant of Economic Analysis Department
of Tajik State Finance and Economics University
734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14, Nakhimov ave.
Phone: (+992) 918-26-26-96; E-mail: fasikhovis88@mail.ru
**FASIKHOV IDIBEK SAYMIRZOEVICH,**
applicant of Finansial Menagment Department of Tajik State
University of Finance and Economics, 734067, Republic of Tajikistan,
Dushanbe, 64/14, Nakhimov ave.
Phone: (+992) 918-26-26-96; E-mail: fasikhovis88@mail.ru

*In modern conditions, each state is closely connected with the economies of other countries, regardless of its economic and political situation. The monetary system of all countries of the world is a set of economic relations associated with the formation of currency and their forms of organization (a of relevant institutions: organizations, agencies, legal norms).*

*The article notes that currency relations are interrelated with the purchase and sale of goods and services, investments, foreign economic activity, world loan, foreign exchange transactions, scientific and technical cooperation and other economic relations. Establishing effective economic and political relations leads to the need for monetary relations.*

*The article discusses the problems of the modern world monetary system, which are inextricably linked with the level of development of the economy of Tajikistan. It is noted that the economies of countries with transition period are depend on the level of various risks arising and the superiority of foreign currencies.*

*The article also notes the importance of the appearence of new major players, primarily the Asian countries, whose currencies have significantly strengthened their positions in the world currency market. In such conditions the countries like Tajikistan should also hold their positions and carry out financial operations.*

**Key words:** currency, national currency, currency stablility, currency exchange, exchange rate, currency market, currency control, monetary policy, monetary system.

УДК: 339.1(575.3)

# АРЗЁБИИ УМУМИИ ИНКИШОФИ БАХШИ САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ТАВАҶҶУҲ БА ГУСТАРИШИ ШАРИКИИ СТРАТЕГӢ

**МАҲМАДУЛЛОЕВ АҲМАДҶОН САИДҶОНОВИЧ,**
докторант (PhD)-и кафедраи менеҷмент ва маркетинги
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17.
Тел.: (+992) 988-88-83-37; E-mail: dass_ahmadjon@mail.ru
**ҚОСИМОВА ЗАРИНА СУРОБОВНА,**
докторант (PhD)-и кафедраи менеҷмент ва маркетинги
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17.
Тел.: (+992) 907-17-05-94; E-mail: lady.zara@inbox.ru

*Дар мақола ҷанбаҳои мухталифи фаъолияти корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба густариши шарикии стратегӣ мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифтаанд. Оид ба аҳамияти шарикии стратегӣ дар таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ ҳарчанд зиёд гуфтаанд, вале бо таваҷҷуҳ ба вазъи феълии муносибатҳои иқтисодӣ дар ҷаҳони муосир аҳамияти ин равиши пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ беш аз пеш меафзояд. Дар ҷумҳурии мо низ вобаста ба шароити ҳоким ба равандҳои пешбурди фаъолиятҳои иқтисодӣ истифода аз принсипҳои асосии шарикии стратегӣ калиди муваффақияти корхонаҳои саноатӣ ба ҳисоб меравад.*

*Таҳлили вазъи феълии бахши саноат нишон медиҳад, ки корхонаҳо аксаран дар вобастагии зич бо муҳити беруна фаъолият доранд ва ин вобастагӣ истифодаи босамари шарикии стратегиро тақозо менамояд.*

*Ба ақидаи муаллифон дар он бахшҳое, ки шарикии стратегӣ хуб ба роҳ монда нашудааст, яъне истеҳсолкунандагони ватанӣ бо шарикони хориҷӣ ҳамкориҳои судманд надоранд, суръати рушд камтар ба назар мерасад. Илова бар ин, таҳлили тарафҳои мусбӣ, манфӣ, имконот ва таҳдидҳо низ гувоҳи он аст, ки дарояндаи наздик калиди асосии рушди корхонаҳои ватанӣ ин шарикии стратегӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, ҷиҳати таъҷилан андешидани чораҳои зарурӣ, ки ба тақвияти шарикии стратегӣ равона шудааст, иқдомоти зарурӣ бояд ба кор гирифта шавад.*

***Калидвожаҳо:*** *саноат, корхонаҳо, шарикии стратегӣ, таҳлил, рақобат, ҳаҷми истеҳсолот, динамика, содирот, воридот.*

Соҳаи саноат муҳимтарин бахши иқтисодиёти ҳар як кишвар ба ҳисоб рафта, сатҳи инкишофи он суботу пешрафтро дар иқтисодиёти миллӣ муайян менамояд. Бояд ба назар гирифт, ки маҳз дар бахши саноат маводи хом ба худ шакли маҳсулоти тайёр ва қобили истеъмолро пайдо мекунад ва дар бозорҳои дохиливу хориҷӣ ба фурӯш бароварда мешавад. Вобаста ба ин нақши саноат дар таъмини аҳолии кишвар ба маҳсулоти тайёр, таъмини шаҳрвандони кишвар ба шуғли пурмаҳсул ва доимӣ, воридоти арзи хориҷӣ тавассути содироти молу маҳсулоти саноатӣ, истихроҷу истифодаи босамари захираҳои табиӣ, коркарди маҳсулоти хом ва нимтайёр ва амсоли он бениҳоят бузург мебошад.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (СМР-2030) сенарияҳои мухталифи рушди иқтисоди миллӣ ба назар гирифта шудааст, ки яке аз муҳимтарини он сенарияи индустриалии рушд ба ҳисоб меравад. Дар робита ба таҳқиқи ин сенария қайд гардидааст: «Сенарияи индустриалии рушд татбиқи бомуваффақи лоиҳаҳои амалкунанда ё оғозшудаи энергетикию инфрасохтор, истифодаи оқилонаи захираҳои обу замин ва ғайраҳо, инчунин, барқарор кардани иқтидорҳои мавҷуда ва ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ дар саноат ва соҳаи кишоварзиро пешбинӣ мекунад. Сенарияи мазкур ислоҳоти муваффақонаи сохторӣ бахши воқеии иқтисодиёт, низоми идоракунии давлатӣ, фароҳам овардани шароити рақобати одилона, бартарафсозии монеаҳоро дар пешрафти бахши хусусӣ ва ҷалби сармоягузориҳо, тақвияти қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои молумулкӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилоти касбиро пешбинӣ мекунад. Дар пайомади сенарияи мазкур таҳкурсӣ барои рушди модели саноатию аграрӣ бунёд мегардад. Ба сифати омили пешбарандаи рушди иқтисоди миллӣ афзоиши босуръати саноат дар асоси ба истифода додани иқтидорҳои нав ҷиҳати истеҳсоли нерӯи барқ, истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва ангишт, ташаккулдиҳии металлургияи сиёҳи ватанӣ ва рушди минбаъдаи металлургияи ранга, рушди саноати маводҳои сохтмонӣ, саноати сабук ва хӯрока хизмат хоҳад намуд. Тибқи сенарияи мазкур ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ 4,2 маротиба, аз ҷумла саноати истихроҷи маъдан 5,7 маротиба, саноати коркард 4,3 маротиба ва истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, газ ва об 2,9 маротиба афзоиш меёбад» [10, с.19].

Соҳаи саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихи начандон дуру дароз дорад. Дар ҳолати ворид гардидани вилоятҳои Тоҷикистони имрӯза ба ҳайати Иттиҳоди шӯравӣ аҳолии кишвар асосан ба деҳқонӣ, ҳунармандӣ ва тиҷорат шуғл меварзиданд. Тоҷикистони имрӯз бидуни гузариш аз сохти сармоядорӣ (капиталситӣ) ба сохти сотсиалистӣ қадам гузоштааст. Аз ин рӯ, то андозае сохтори бахши саноати кишвар ба таври сунъӣ шакл гирифтааст. Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди шӯравӣ ин сохтори ба таври сунъӣ шаклгирифта зуд аз вуҷуди нуқоти заъфи худ дарак дод. Робитаҳои ҳамкорӣ байни корхонаҳои дохилӣ ва хориҷӣ аз ҳам пошид ва аксари корхонаҳо дар шароити душвори бухронӣ қарор гирифтанд. Илова бар ин ҷанги шаҳрвандие, ки солҳои аввали истиқлолият шуълавар гардид ба иқтисодиёти кишвар, аз ҷумла саноат, хисороти зиёде ворид намуд. Сохторе, ки имрӯз дар фазои истиқлолият ва шароити иқтисоди бозорӣ ташаккул ёфта истодааст, то андозае зери таъсири авомили эволютсионии бозор, мудирияти давлат ва танзими равандҳои бозорӣ қарор дорад.

Барои дарки бештари истилоҳи саноат метавон ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат" муроҷиат намуд: Аз ҷумла "саноат соҳаи иқтисодиёти миллӣ, ки ба рушди қувваҳои истеҳсолкунанда таъсири ҳалкунанда мерасонад" [4]. Аз ин бармеояд, ки ин соҳа яке аз бахшҳои муназзам ва барномарезишудаест, ки чорчӯбаи фарогирии он дар сохтори иқтисодиёти кишвар қаблан мушаххасшуда мебошад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати давлатиро дар самти рушди ин соҳаи муҳимми иқтисоди миллӣ дар радифи аввал гузошта, таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ, таъмини амнияти миллӣ, мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва ташкили ҷойҳои нави кориро бо ҳалли масоили марбут ба саноат алоқаманд медонад.

Қобили қайд аст, ки бахши саноат дар Тоҷикистон зери таваҷҷуҳи махсуси давлат қарор дорад. Барномаҳои мухталиф ҷиҳати рушду инкишофи умумии ин бахши муҳимми иқтисоди миллӣ ва зербахшҳои алоҳидаи он қабул ва дар марҳилаи гуногуни

иҷро қарор доранд. Ҷиҳати ташаккул ва рушди босуръати самтҳои афзалиятноки бахши саноат стратегияҳои давлатӣ таҳия ва дар амал татбиқ шуда истодаанд. Инчунин, ҷиҳати мусоидат ба рушди босуръати бахшҳои мухталифи саноат чораҳои муосир андешида шуда истодаанд, ки ба ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ равона шудаанд.

Бояд ба назар гирифт, ки шарикии стратегӣ яке аз омилҳои муҳим ва калидии инкишофи саноат дар шароити феълӣ шинохта шудааст. Вобаста ба ин ва бо таваҷҷуҳ ба нақши саноат дар пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу арзёбии рушду инкишофи ин бахши муҳимми иқтисодиёт ва омилҳои таъсирбахш бар он аз аҳамияти назаррас бархурдор мебошад [6, с.92].

Нишондиҳаданҳои омории бахши саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳанд, ки ин бахши иқтисодиёт дар кишвар ба таври бемайлон пешрафти назаррас дорад (ҷадвали 1). Чунонки аз маълумотҳои ҷадвали 1 бармеояд, дар шаш соли охир шумораи корхонаҳои саноатӣ 357 адад (1,2%) афзоиш ёфтааст, ки ин дар давраи сар задани бухронҳои иқтисодиву молиявӣ ва вазъияти ноороми Шарқи наздик, инчунин, дар таҳрими иқтисодӣ қарор доштани яке аз шарикони стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Федератсияи Руссия, нишондиҳандаи хуб мебошад.

**Ҷадвали 1. Динамикаи нишондиҳандаҳои асосие, ки саноати Ҷумҳурии Тоҷикистонро тавсиф мекунанд.**

**Table 1. Dynamics of the main indicators characterizing the industry of the Republic of Tajikistan.**

| **№** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2018/ 2013 бо %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **I** | 1804 | 2164 | 2310 | 2043 | 1999 | 2161 | 120 |
| **II** | 13138 | 13795 | 15354 | 17811 | 21604 | 23894 | 181,8 |
| **III** | 76,3 | 81,7 | 81,2 | 80,9 | 86,8 | 85,6 | 112 |
| **IV** | 55,4 | 62,8 | 67,0 | 65,9 | 73,8 | 72,1 | 130 |
| **V** | 103,8 | 105,0 | 111,3 | 116,0 | 121,3 | 110,6 | 106 |

**Эзоҳ:** I - шумораи корхонаҳои саноатӣ, воҳид; **II** - ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ бо нархҳои с.2018, млн. сомонӣ; **III** - шумораи миёнаи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ, ҳазор нафар; **IV** - аз он коргарон, ҳазор нафар; **V** - индексҳои истеҳсолоти саноатӣ ба ҳисоби фоиз нисбат ба соли гузашта.

**Сарчашма:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ//Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: АОПҶТ, 2019. – С.9.

Рақамҳои ҷадвал гувоҳи онанд, ки дар баробари дигар нишондиҳандаҳо индексҳои истеҳсолоти саноатӣ ба ҳисоби фоиз нисбат ба соли гузашта рушди бомаром дорад. Дар давраи баррасишаванда шумораи миёнаи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ 12% зиёд шудааст, дар ҳоле ки теъдоди коргарони асосӣ 30% афзоиш ёфтааст. Яъне, корхонаҳо тавассути ба кор ворид намудани технологияҳои муосир теъдоди кормандони маъмуриро коҳиш додаанд, ки ин омил ба самаранокии истеҳсолот муъҷиб мегардад.

Албатта, дар ин самт андешидани чораҳои заруриро дар назар бояд гирифт. Барои оқилона ташкил намудани сохтори тайёркунӣ ва бозомӯзии кадрҳои баландихтисос дар ҳама сатҳҳо аз ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳо, ки ба тайёр кардан, бозомӯзии кадрҳо сару кор доранд, зарур аст, ки

барои интихоби касбу ҳунари хатмкунандагони мактабҳо чора андешанд, низоми пешниҳоди иттилоотро доир ба бозори меҳнат беҳтар намоянд, “таҷрибаи мамлакатҳои хориҷиро омӯхта, ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ карда, дар ҳаёт татбиқ намоянд, то ки хатмкунандагон ва дигар гурӯҳҳои аҳолиро дар ҷустуҷӯи ҷойҳои кору таҳсилот беҳтар хабардор намоянд” [8, с.192].

Динамикаи ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ аз рӯи соҳаҳои асосии саноат дар давраи баррасишаванда босуръат рушд кардаанд (ҷадвали 2). Рушди назаррас дар истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ мушоҳида мешавад (4,2 маротиба, ё 1859 млн. сомонӣ бештар), ки ин, пеш аз ҳама, ба рушди шарикии стратегӣ бо ширкатҳои чинӣ алоқаманд дониста мешавад. Чуноне, ки медонем, дар солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд ширкатҳои чинӣ тариқи ҳамкорӣ бо ширкатҳои ватанӣ корхонаҳои металлургӣ таъсис додаанд, ки ба истеҳсоли ин навъи маҳсулоти стратегии саноатӣ муосидат намудааст. Ҳамчунин, коркарди чӯбу тахта ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб (3,5 маротиба) ва истеҳсоли селулозаю коғаз, фаъолияти табъу нашр (2,8 маротиба) низ ба таври назаррас зиёд гардидааст. Инкишофи ин соҳаҳо дар ҷумҳурӣ бо афзоиши талабот ба маҳсулоти ин соҳаҳо маънидод мегардад. Дар баробари ин инкишофи шарикии сратегӣ дар ин соҳаҳо низ ба назар мерасад, ки албатта, ба натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои ин соҳа бетаъсир нест.

**Ҷадвали 2. Динамикаи ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ аз рӯи соҳаҳои асосии саноат**
**Table 2. Dynamics of industrial output by key industries**

**млн. сомонӣ**

| № | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2018/ 2013 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **1** | 1361 | 1315 | 1292 | 1520 | 2354 | 2479 | 182 |
| **2** | 18 | 22 | 41 | 49 | 57 | 63 | 3,5 маротиба |
| **3** | 44 | 54 | 77 | 103 | 119 | 138 | 3,1 маротиба |
| **4** | 85 | 117 | 143 | 115 | 142 | 241 | 2,8 маротиба |
| **5** | 109 | 98 | 52 | 62 | 79 | 105 | -3.7 |
| **6** | 50 | 63 | 86 | 95 | 107 | 147 | 2,9 маротиба |
| **7** | 47 | 62 | 61 | 86 | 157 | 200 | 4,2 маротиба |
| **8** | 439 | 942 | 1201 | 1655 | 2091 | 2298 | 5,2 маротиба |
| **9** | 1034 | 915 | 1450 | 1850 | 2187 | 2708 | 2,6 маротиба |
| **10** | 123 | 67 | 93 | 114 | 142 | 203 | 165 |
| **11** | 18 | 38 | 28 | 30 | 37 | 38 | 2,1 маротиба |
| **12** | 1919 | 2174 | 2549 | 2718 | 3729 | 5688 | 2,9 маротиба |

***Эзоҳ:*** **1**. истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ; **2.** истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол; **3**. коркарди чӯбу тахта ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб; **4.** истеҳсоли селулозаю коғаз, фаъолияти табъу нашр; **5.** истеҳсоли маҳсулоти нафт; **6.** истеҳсоли кимиёвӣ; **7.** истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ; **8**. истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ; **9**. истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ; **10.** мошинсозӣ; **11**. ҳар гуна соҳаҳои саноат; **12.** истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об.

**Сарчашма:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ//Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: АОПҶТ, 2019. – С.15-16.

Дар байни нишондиҳандаҳое, ки дар ҷадвали 2 оварда шудаанд, танҳо дар соҳаи истеҳсоли нафт ва маҳсулоти кимёвӣ коҳиши ҳаҷми истеҳсолот мушоҳида мешавад. Мутаассифона, чанд қарордоди байнидавлатие, ки хусусияти шарикии стратегӣ дошта, ба кашфиётҳои геологӣ ҷиҳати дарёфти конҳои нафту газ равона шуда буданд, то ба охир идома наёфтаанд. Қарордодҳо дар раванди иҷроишашон лағв шудаанд, ки аз як тараф сабабҳои техникӣ доштанд, аз тарафи дигар, осебпазир будани принсипҳои асосии шарикии стратегиро дар худ таҷассум мекарданд.

Бояд зикр кард, ки ҳиссаи арзиши изофаи соҳаи саноат дар маҳсулоти умумии дохилӣ рӯ ба афзоиш аст (ҷадвали 3). Дар байни солҳои 2013 то 2018 ҳиссаи арзиши изофаи соҳаи саноат дар маҳсулоти умумии дохилӣ аз 12,6% то 17,3% омада расидааст. Рушди нисбатан босуръат дар байни солҳои 2017 ва 2018 мушоҳида мешавад. Аммо ин нишондиҳанда нисбат ба нишондиҳандаҳои дигар давлатҳо, бахусус давлатҳои мутараққии саноатӣ, хеле ночиз мебошад. Масалан, нишондиҳандаи ИМА, Ҷопон, Олмон ва Русия хеле баланд мебошад. Давлатҳое, ки нишондиҳандаҳои баландро ноил гардидаанд, бешак аз принсипҳои асосии шарикии стратегӣ дар сатҳи хеле баланд истифода мебаранд.

**Ҷадвали 3. Динамикаи ҳиссаи арзиши изофаи соҳаи саноат дар маҳсулоти умумии дохилӣ**

**Table 3. Dynamics of the share of value added of industry in gross domestic product**

| № | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2018/ 2013 % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| I. | 40525,5 | 45606,6 | 48408,7 | 54479,1 | 61197,6 | 68844,0 | 169 |
| II. | 12,6 | 12,0 | 13,3 | 15,1 | 17,2 | 17,3 | 4,7 |

***Эзоҳ:*** **I** - маҳсулоти умумии дохилӣ, млн. сомонӣ (бо нархҳои ҷорӣ), **II** - ҳиссаи саноат дар маҳсулоти умумии дохилӣ, ба ҳисоби фоиз.

**Сарчашма:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ//Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: АОПҶТ, 2019. –С.24 .

Мувофиқан, теъдоди аҳолии машғул дар соҳаи саноат низ сол ба сол афзоиш ёфта истодааст. Дар воқеъ, "рушди воқеии саноат яке аз роҳҳои расидан ба ҳадафи муҳим ва калидии стратегии миллии рушд, яъне ноил шудан ба шуғли маҳсулнок", мебошад [11, с.87]. Нишондиҳандаҳои ҷадвали 4 гувоҳи онанд, ки саноат торафт бештар аҳолии кишварро ба шуғли нисбатан маҳсулнок таъмин менамояд.

Таҳлили рақамҳои оморӣ нишон медиҳад, ки дар 6 соли баррасишаванда дар тамоми бахшҳои саноат теъдоди кормандон то 130% афзоиш пайдо намудааст. Рушди бештарин дар бахши коркарди чӯбу тахта ва маснуот аз чӯб 7 маротиба, истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм 2,3 маротиба, истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ 2 маротиба, истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ 2 маротиба, мушоҳида мешавад, ки бесабаб нест. Бояд қайд кард, ки маҳз дар солҳои охир дар ҷумҳурӣ теъдоди зиёди корхонаҳое таъсис дода шудаанд, ки истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, маҳсулоти пластмассӣ ва ғайра, ки бо мақсади таъмини ниёзи мардум ба роҳ мондаанд. Бешак, натиҷаи ин қарордодҳои стратегӣ бо кишварҳои чун Чин, Руссия, Туркия, Эрон, Ӯзекистон, Покистон, Ҳиндустон ва монанди инҳо мебошад, ки ба унвони шарикони стратегии

кишвари мо дар минтақа баромад менамоянд. Тибқи маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон 649 корхонаҳои муштарак бо сармояи хориҷӣ ба қайд гирифта шудааст. “Инчунин таҳлили соҳавии онҳо нишон медиҳад, ки аксарияти корхонаҳои муштарак дар соҳаи тиҷорату истеҳсоли металургияи ранга, коркарди пахта, канданиҳои фоиданок ва истеҳсоли нӯшобаҳо фаъолият менамоянд” [7, с.408].

**Ҷадвали 4. Динамикаи шумораи миёнаи солонаи коргарон дар соҳаҳои саноат**
**Table 4. Dynamics of the average annual number of employees in industries**

**(ҳаз. нафар)**

| **Бахшҳои саноат** | **2013** | **2014** | **2016** | **2018** | **2018/2013 бо %** |
|---|---|---|---|---|---|
| **Тамоми саноат** | 55,4 | 62,8 | 65,9 | 72,1 | 130 |
| Саноати истихроҷи маъдан | 4,9 | 5,1 | 8,3 | 9,2 | 190 |
| истихроҷи маводҳои энергетикӣ | 1,1 | 1,0 | 1,1 | 1,5 | 130 |
| истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ | 3,8 | 4,1 | 7,2 | 7,7 | 2 Маротиба |
| Саноати коркард | 37,3 | 43,7 | 46,1 | 45,2 | 120 |
| истеҳсоли маҳсулоти хӯрока | 5,2 | 10,4 | 10,5 | 8,0 | 150 |
| истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ | 11,7 | 12,5 | 12,6 | 13,0 | 110 |
| истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм | 0,3 | 0,3 | 0,4 | 0,7 | 2,3 Маротиба |
| коркарди чӯбу тахта ва маснуот аз чӯб | 0,1 | 0,9 | 1,3 | 0,7 | 7 Маротиба |
| истеҳсоли коғаз, фаъолияти табъу нашр | 1,0 | 1,0 | 0,9 | 1,0 | - |
| истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ | 0,3 | 0,4 | 0,3 | 0,4 | 130 |
| истеҳсоли кимиёвӣ | 1,4 | 0,6 | 1,6 | 1,2 | -14,2 |
| истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ | 0,4 | 0,6 | 0,6 | 0,8 | 2 Маротиба |
| истеҳсоли маҳсулоти ғайрифилизӣ | 4,8 | 5,4 | 6,0 | 7,0 | 140 |
| истеҳсоли металлургӣ ва маснуоти филизӣ | 9,9 | 9,7 | 10,2 | 10,6 | 107 |
| Мошинсозӣ | 1,8 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | -27,7 |
| **Ҳаргуна соҳаҳои саноат** | 0,5 | 0,6 | 0,5 | 0,5 | - |
| **Истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, газ ва об** | 13,2 | 14,0 | 11,5 | 17,7 | 130 |

**Сарчашма:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ//Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: АОПҶТ, 2019. – С.23-24.

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми соҳаи саноат ин индекси самаранокии меҳнат ба шумор меравад. Дар давраи баррасишаванда индекси самаранокии меҳнат тамоюли рушд дорад, вале он муътадил нест (ҷадвали 5). Чунонеки аз рақамҳои ҷадвал бармеояд, индекси самаранокии меҳнат дар соҳаҳои саноат дар байни солҳои 2013 то 2018 51,4% рушд доштааст. Аммо ин тамоюл дар солҳои гуногун бо бузургиҳои мухталиф ифода ёфтааст. Чунончи соли 2014 нисбат ба 2013 ҳамагӣ 2,6%, 2015 нисбат ба 2014 тақрибан 17,3%, 2016 нисбат ба 2015 тақрибан 16%, 2017 нисбат ба 2016 ҳамагӣ 1,9% ва 2018 нисбат ба 2017 каме бештар аз 7,3%. Чунин сатҳи номуътадили рушд аз он гувоҳӣ медиҳад, ки корхонаҳои саноатӣ бошиддат дар зери таъсири

омилҳои муҳити берунӣ қарор доранд. Яъне камтарин тағйирот дар муҳити хориҷӣ метавонад ба ҷараёни фаъолияти корхонаҳои саноатӣ латма занад.

**Ҷадвали 5. Индекси самаранокии меҳнат дар соҳаи саноат**
**Table 5. Labor productivity index in industry**

| Солҳо | Ба ҳисоби фоиз нисбат ба солҳои | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
| **2013** | 100 | 97,5 | 83,7 | 72,2 | 70,8 | 66,0 |
| **2014** | 102,6 | 100 | 85,9 | 74,1 | 72,2 | 67,7 |
| **2015** | 119,4 | 116,4 | 100 | 86,2 | 84,6 | 78,8 |
| **2016** | 138,5 | 135,0 | 116,0 | 100 | 98,1 | 91,5 |
| **2017** | 141,1 | 137,6 | 118,2 | 101,9 | 100 | 93,2 |
| **2018** | 151,4 | 147,6 | 126,8 | 109,3 | 107,3 | 100 |

**Сарчашма:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ//Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: АОПҶТ, 2019. – С.21.

Инчунин, номуътадилии дараҷаи рушди самаранокии меҳнат гувоҳи он аст, ки навовариҳои истифодашаванда дар истеҳсолоти саноатӣ ба талаботи муҳити тағйирёбандаи берунӣ ҷавобгӯ нест. Истифодаи навовариҳо метавонист дараҷаи самарнокии меҳнатро дар як мароми муътадил нигоҳ дорад. Аммо ба назар мерасад, ки омили муҳимтарини номуътадилии индекси самаранокии меҳнат ҳамоно манфӣ дар ҳамгироии ширкатҳои саноатӣ бо шариконӣ хориҷиашон мебошад. Ҳамгироии густарда метавонист таъсири омилҳои беруниро ба маротиб коҳиш дода, рушди муътадили индекси самаронокии меҳнатро таъмин намояд. Қайд бояд кард, ки ҳамгироии ширкатҳои саноатӣ бо шарикони хориҷӣ яке аз самтҳои афзалиятноки шарикии стратегӣ маҳсуб мешавад.

Ин дар ҳолест, ки шумораи корхонаҳои саноатӣ ва ҳаҷми маҳсулот аз рӯи соҳаҳои саноат дар соли 2018 (ҷадвали 6) имконияти густардаи шарикии стратегиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам овардааст. Дар соли 2018 дар ҷумҳурӣ 2161 корхонаи саноатӣ фаъолият менамояд, ки ҳаҷми маҳсулоти онҳо дар якҷоягӣ 23894,4 млн. сомониро ташкил медиҳад. Қобили зикр аст, ки шумораи бештари корхонаҳо ба саноати коркард таалluқ дорад (1806 воҳид аз 2161 воҳиди умумӣ), инчунин, ҳаҷми бештари истеҳсол низ ба ин корхонаҳо тааллуқ дорад (13520,3 млн. сомонӣ аз 23894,4 млн. сомонӣ). Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки зарфияти саноати истихроҷ ва истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, газ ва об ҷиҳати инкишофи муътадили саноати коркард то андозае муносиб мебошад. Яъне, бо камоли итминон метавон гуфт, ки теъдоди кофии корхонаҳои саноатӣ ҷиҳати ба роҳ мондани шарикии стратегӣ, чӣ дар байни корхонаҳои ватанӣ ва чӣ дар байни корхонаҳои хориҷӣ, вуҷуд дорад ва зарфияти захиравии соҳаи саноат низ имконияти дар оянда ба таври бемайлон инкишоф ёфтани онро кафолат медиҳад. Вобаста ба ин интизор меравад, ки ҳар чӣ зудтар муҳити институтсионалии рушду инкишофи шарикии стратегӣ дар байни корхонаҳои ватанӣ ташкил карда шавад. Чунки "ташкили корхонаи муштарак ва ҷалб намудани сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ ва самаранок истифода намудани он бо мақсади баланд бардоштани иқтисодиёти ҷумҳурӣ яке аз масъалаҳои муҳимми давраи гузариш ба ҳисоб меравад" [5, с.156]. Ҳоло дар ҷумҳурӣ барои бунёди корхонаҳои саноатӣ

шароитҳои мусоид фароҳам оварда шудааст, ки ҳаматарафа иштироки сармояи хориҷиро дар дигаргунсозии ҳамаи соҳаҳои истеҳсолот ҳавасманд мегардонад.

**Ҷадвали 6. Шумораи корхонаҳои саноатӣ ва ҳаҷми маҳсулот аз рӯи соҳаҳои саноатӣ дар соли 2018**

**Table 6. Number of industrial enterprises and volume of production by industries in 2018**

| № | Шумораи корхонаҳо, воҳид | | Ҳаҷми маҳсулот, млн сомонӣ | |
|---|---|---|---|---|
| | А | Б | А | Б |
| I | 2161 | 2146 | 23894, 4 | 23881, 7 |
| II | 249 | 248 | 4686, 2 | 4685, 3 |
| III | 1806 | 1792 | 13520, 3 | 13508, 6 |
| IV | 106 | 106 | 5687, 9 | 5687, 8 |

**Эзоҳ: А -** ҳамагӣ, якҷоя бо саноати сектори ғайридавлатӣ; **Б -** аз он ҷумла дар баланси мустақил қарор доранд; **I -** тамоми саноат; **II -** саноати истихроҷи маъдан; **III -** саноати коркард; **IV -** истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, газ ва об.

**Сарчашма:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ//Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: АОПҶТ, 2019. – С.34-35.

Пасманзари таҳлилии ин нишондиҳандаҳои воридот ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи гурӯҳи молҳо (ҷадвали 7) баёнгари тазодҳои хосе дар тамоюли инкишофи соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Рақамҳои ҷадвал гувоҳи онанд, ки воридот ҳамоно дар гурӯҳи молҳое тамоюли мусбат дорад, ки ҷиҳати қонеъ гардонидани ниёз дар саноати коркард истифода мешавад. Ба ин гурӯҳи молҳо пластмасса ва маҳсулоти пластмассӣ (рушд байни солҳои 2013 ва 2018 то 1,5%), пӯсти хом, чарм, мӯина (1,3%), коғаз (1,3%) ва маҳсулоти нассоҷӣ (1,2%) дохил мешаванд. Дар дигар мавридҳо коҳиши воридоти молу маҳсулот мушоҳида мешавад. Албатта, ин натиҷаи кӯшишу талошҳои Роҳбарияти давлат аст, ки тавонистанд дар муддати кӯтоҳ корхонаҳои муштаракро "дар асоси принсипҳои шарикии стратегӣ ва бо ба кор гирифтани навовариҳои муосир ташкил намоянд, ки таносуби воридоту содиротро ба андозаи муайян тағйир дод" [1, с.115].

Аммо вазъ дар ин самт беҳбудии куллиро тақозо менамояд. Зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан ба қатори кишварҳое дохил мешавад, ки маҳсулоти саноатиро аз хориҷ ворид менамояд. Махсусан, «аксари молҳои таъйиноташон техникиву маишӣ аз хориҷ ворид карда мешавад, ки вобастагии кишварро ба арзи хориҷӣ тақвият мебахшад» [2, с.46].

Ҳоло дар кишвар барномаҳои мухталиф ҷиҳати фароҳам овардани шароит барои истеҳсоли молҳои воридивазкунанда ва ба содирот равонашуда татбиқ гардида истодаанд, ки бояд вазъи мавҷуда то андозае ислоҳ карда шавад.

**Ҷадвали 7. Воридот ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи гурӯҳҳои молҳо**

**Table 7. Import to the Republic of Tajikistan by groups of goods**

**(млн. доллар)**

| Номгуи маҳсулот | 2013 | 2014 | 2016 | 2018 | 2018/ 2013 % |
|---|---|---|---|---|---|
| Чорвои зинда ва маҳсулоти он | 68,0 | 88,4 | 50,2 | 62,3 | **-8,34** |
| Маҳсулоти растанӣ | 384,9 | 408,5 | 318,3 | 240,3 | **-37,6** |
| Чарбу, равғани растанӣ ва чорво | 94,2 | 102,5 | 92,1 | 83,0 | **-11,9** |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Маҳсулоти саноати хӯрокворӣ | 258,1 | 291,7 | 190,6 | 232,0 | **-10,1** |
| Маҳсулоти маъданӣ | 743,4 | 838,2 | 484,8 | 582,6 | **-21,6** |
| Маҳсулоти саноати кимиё | 443,8 | 379,3 | 336,9 | 302,9 | **-31,7** |
| Пластмасса | 71,3 | 89,1 | 91,3 | 105,8 | **148** |
| Пӯсти хом, чарм, мӯина | 1,2 | 0,8 | 1,0 | 1,6 | **133** |
| Чӯбу тахта | 229,5 | 289,7 | 131,0 | 123,9 | **-46** |
| Коғаз | 37,1 | 46,9 | 54,5 | 48,9 | **132** |
| Нассоҷӣ | 48,0 | 58,0 | 70,7 | 60,1 | **125** |
| Пойафзол, калапӯшҳо | 11,9 | 12,1 | 17,0 | 8,5 | **-28,5** |
| Маснуот аз санг, гач, семент | 96,4 | 119,9 | 102,6 | 84,7 | **-12,1** |
| Филизоти арзонбаҳо | 313,6 | 336,8 | 347,3 | 407,8 | **130** |
| Мошинҳо ва қисмҳои онҳо | 463,0 | 432,7 | 468,5 | 427,7 | **-7,6** |
| Воситаҳои нақлиёти заминӣ ва ҳавоӣ | 791,9 | 488,1 | 188,0 | 307,2 | **-61,2** |
| Асбобҳои оптикӣ, асбобҳои мусиқӣ | 40,3 | 47,3 | 34,7 | 17,7 | **-56** |
| Молҳои гуногуни саноатӣ | 35,3 | 49,4 | 42,4 | 44,9 | **127** |
| Асарҳои фарҳангӣ | 1,2 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | - |
| Дигар молҳо | 16,2 | 156,1 | 9,3 | 9,2 | **-43,2** |
| **Ҳамагӣ** | **4150,7** | **4297,4** | **3031,0** | **3151,0** | **-24** |

**Сарчашма:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ//Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: АОПҶТ, 2019. – С.37-38.

Вазъи кунунии содирот аз рӯи гурӯҳи молҳо аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 8 оварда шудааст. Чунонеки нишондиҳандаҳои ҷадвал гувоҳӣ медиҳанд, ҳаҷми аз ҳама бештари содирот ба маҳсулоти саноати кимиё рост меояд, ки он соли 2018 нисбат ба соли 2013 8 маротима боло рафтааст. Аз рӯи воҳиди пулӣ ҳаҷми содироти молҳо на он қадар зиёд мебошад. Масалан, маҳсулоти маъданӣ, ки он соли 2018 ба 544,4 млн. долл. ИМА баробар аст, ё худ нисбат ба соли 2013 беш аз 3,1 маротиба афзудааст. Содироти маҳсулоти саноати хӯрокворӣ, маҳсулоти маъданӣ, пластмасса ва маснуоти он ва коғазу молҳои коғазӣ низ ба андозаи муайяне тамоюл ба рушди мусбат доранд. Дар мавриди дигар ҳаҷми содирот дар соли 2018 нисбат ба солҳои қаблӣ коҳиш ёфтааст, ки боиси нигаронӣ мебошад. Қобили зикр аст, ки ҳаҷми содирот бештар аз ҳисоби корхонаҳое зиёд гардидааст, ки бо иштироки сармоягузории хориҷӣ фаъолият менамоянд. Яъне, дар рушди нишондиҳандаҳои ҳаҷми содирот ҳиссаи шарикии стратегӣ баръало мушоҳида мешавад.

**Ҷадвали 8. Содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи гурӯҳҳои молҳо**
**Table 8. Exports of the Republic of Tajikistan by groups of goods**

**(млн. доллар)**

| **Гурӯҳҳои молҳо** | **2013** | **2016** | **2017** | **2018** | **2013/ 2018 %** |
|---|---|---|---|---|---|
| Чорвои зинда ва махти чорвопарварӣ | 0,4 | 0,4 | 0,6 | 0,9 | **2,2 маротиба** |
| Маҳсулоти растанӣ | 53,2 | 28,3 | 25,9 | 20,1 | **-62,2** |
| Чарбу, равғани растанӣ ва чорво | 0,1 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | - |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Маҳсулоти саноати хӯрокворӣ | 1,2 | 4,1 | 5,0 | 3,8 | **3,1 маротиба** |
| Маҳсулоти маъданӣ | 174,1 | 307,1 | 487,1 | 544,4 | **3,1 маротиба** |
| Маҳсулоти саноати кимиё | 1,0 | 2,2 | 2,8 | 8,0 | **8 маротиба** |
| Пластмасса ва маснуоти он | 0,3 | 0,5 | 0,8 | 0,5 | **166** |
| Пӯсти хом, чарм, мӯина | 3,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | **-28,5** |
| Чӯбу тахта ва масснуоти чӯбу тахта | 0,3 | 0,2 | 0,4 | 0,2 | **-33,3** |
| Коғаз | 0,8 | 0,1 | 0,1 | 0,9 | **112** |
| Нассоҷӣ ва маснуоти нассоҷӣ | 227,4 | 153,1 | 181,8 | 226,4 | **-0,4** |
| Маснуот аз санг, семент | 0,2 | 0,1 | 0,0 | 0,0 | - |
| Филизоти арзонбаҳо | 388,9 | 225,4 | 229,4 | 235,4 | **-39,4** |
| Мошинаҳо ва қисмҳои онҳо | 27,5 | 18,4 | 14,9 | 10,6 | **-61,4** |
| Воситаҳои нақлиёти заминӣ ва ҳавоӣ | 201,1 | 39,2 | 25,9 | 16,3 | **-91,8** |
| Асбобҳои оптикӣ, асбобҳои мусиқӣ | 3,8 | 16,9 | 6,5 | 0,6 | **-84,2** |
| Молҳои гуногуни саноатӣ | 0,8 | 0,7 | 0,3 | 0,3 | **-62,5** |
| Асарҳои фарҳангӣ | 0,3 | 0,0 | 0,0 | - | - |
| Дигар молҳои маънидоднашуда | 0,0 | 99,5 | 213,8 | 2,0 | - |
| **Ҳамагӣ** | **1161,8** | **898,7** | **1198,0** | **1073,3** | **-7,6** |

**Сарчашма:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ//Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: АОПҶТ, 2019. – С.38-39.

Таҳлили вазъи умумии рушду инкишофи бахши саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гувоҳи он аст, ки шарикии стратегӣ ҳамчунин омили муҳимми таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ боромад мекунад. Дар аксар ҳолатҳои баррасигардида нақши мусбии шарикии стратегӣ дар пешрафти корхонаҳо ва оқибати манфӣ аз вуҷуд надоштани он мушоҳида мегардад. Суоли муҳимми матрахшаванда ин аст, ки то чӣ андоза корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омодаи ба роҳ мондани шарикии стратегӣ дар сатҳҳои мухталиф ҳастанд?

Барои ҷавоб ба ин суол ба таҳлили стратегии бахши саноати кишвар рӯ меорем. Яке аз усулҳои муътамад ҷиҳати таҳлили стратегӣ усули SWOT-таҳлил ба ҳисоб меравад. Усули SWOT-таҳлил имкон медиҳад ҷонибҳои мусбиву манфӣ, имконоту таҳдидҳои фаъолияти корхонаҳои саноатӣ бо таваҷҷуҳ ба вазъияте, ки дар муҳити дохилӣ ва берунӣ ба вуҷуд омадааст, арзёбӣ гарданд.

**Ҷадвали 9. SWOT-таҳлили фаъолияти корхонаҳои саноатӣ бо таваҷҷуҳ ба авомили муҳити дохилӣ ва хориҷӣ**
**Table 9. SWOT - analysis of the activities of industrial enterprises with attention to internal and external environmental factors**

| ТАРАФҲОИ МУСБӢ | ТАРАФҲОИ МАНФӢ |
|---|---|
| - зарфияти бузурги табииву захиравии кишвар бо таваҷҷуҳ ба канданиҳои фоиданок ва фаровонии ашёи хом; | - сатҳи пасти рушди навовариҳои муосир дар корхонаҳои саноатӣ;<br>- вобастагии шадид ҷиҳати ворид кардани қисмҳои эҳтиётӣ аз хориҷи |

| | |
|---|---|
| - имкониятҳои фаровони табииву иқлимӣ, мусоид будани фаъолият дар ҳама фаслҳои сол;<br>- инфрасохтори нисбатан пешрафтаи истеҳсолӣ;<br>- таваҷҷуҳи махсуси мақомоти давлатӣ ва сохторҳои иқтисодӣ ба рушду инкишофи корхонаҳои саноатӣ;<br>- яке аз самтҳои стратегии рушди кишвар шинохта шудани рушди индустриалӣ ва аграрӣ;<br>- муҳити мусоиди фаъолият дар минтақаи Осиёи Марказӣ;<br>- вуҷуди шартномаҳои ҳамкорӣ бо кишварҳои мухталиф ҷиҳати хамкорӣ дар бахши саноат;<br>- қабул ва дар марҳилаи иҷро қарор доштани санадҳои ҳуқуқиву меъёрии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, азҷумла корхонаҳои муштарак;<br>- қабул ва дар марҳилаи иҷро қарор доштани санадҳои ҳуқуқиву меъёрии ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ;<br>- фаъол будани 5 Минтақаи озоди иқтисодӣ дар минтакаҳои мухталифи кишвар;<br>- нерӯи арзони корӣ, имкони дар хориҷа омода кардани кадрҳои баландихтисос;<br>- фазои устувори сиёсӣ, мавҷуд будани фишангҳои зарурӣ ҷиҳати танзими фаъолияти корхонаҳои саноатӣ. | кишвар;<br>- дар сатҳи поён қарор доштани имконоти техникии корхонаҳо;<br>- гаронии нархи сӯзишворӣ, равғанҳои молиданӣ ва лавозимоти мавриди ниёзи мошинаҳо ва таҷҳизотҳо;<br>- мушкилоти молиявии корхонаҳои саноатӣ бо таваҷҷуҳ ба ноустувории иқтисодӣ дар бозори ҷаҳонӣ;<br>- камбуди захираҳои молиявӣ бо таваҷҷуҳ ба фаъолияти ғайриқаноат-бахши системаи бонкӣ дар кишвар;<br>- гаронии меъёри андоз аз навъҳои мухталифи фаъолият, меъёри боҷи гумрук ҷиҳати ворид намудани лавозимоти истеҳсолӣ ва ашёи хом;<br>- рушди нисбатан поёни инфрасох-тори бозор, дар сатҳи поён қарор доштани муносибатҳои рақобатӣ;<br>- сатҳи поёни карор доштани дараҷаи тахассусии неруҳои корӣ;<br>- дар сатҳи ғайриқаноатбахш қарор доштани ҳамкории муассисаҳои таълимию касбӣ ва корхонаҳои саноатӣ ва ғ.<br>- дар сатҳи поён қарор доштани менеҷменти корхонаҳои саноатӣ;<br>- сохторҳои идоракунии корхонаҳои саноатӣ, ки аксаран ба талаботҳои муҳити тағйирёбанда мувофиқ нестанд. |
| **ИМКОНИЯТҲО** | **ТАҲДИДҲО** |
| - истифодаи оқилона ва самараноки аз қобилияти бузурги табииву захиравии кишвар бо таваҷҷуҳ ба канданиҳои фоиданок ва фаровонии ашёи хом;<br>- рушду инкишофи инфрасохтори истеҳсолӣ, таҷдиди роҳҳо ва зеристгоҳои истеҳсолӣ;<br>- дастгирии молиявӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ барои рушди бахши саноат;<br>- бастани шартномаҳои ҳамкорӣ бо кишварҳои мухталиф ҷиҳати ҳамкорӣ | - сар задани бухронҳои иқтисодиву молиявӣ дар минтақа ва ҷаҳон;<br>- ноором гардидани муҳити сиёсии минтақа;<br>- пуркувват гардидани рақибоне, ки дар бозорҳои хориҷӣ фаъолият мекунанд;<br>- воруди молҳои арзон ва босифат ба бозор;<br>- паст нашудани нархи сӯзишворӣ ва қисмҳои эҳтиётии мошинолот;<br>- коста гардидани таваҷҷуҳи сармоягузорони хориҷӣ; |

| | |
|---|---|
| дар бахши саноат;<br>- ташкили кластерҳои саноатӣ, таҷдиди сохтории корхонаҳо;<br>- тақвият бахшидан ба ҳамкориҳои корхонаҳои саноатӣ бо муассисаҳои таълимию илмӣ;<br>- имкони дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ сохтани корхонахои нави саноатӣ бо иштироки сармояи хориҷӣ;<br>- тақвият бахшидан ба равандҳои таъсиси корхонаҳои муштарак;<br>- ба роҳ мондани маъракаи таблиғотии густарда ҷиҳати таъсиси корхонаҳои нави муштарак;<br>- коркарди консепсияи миллии рушду инкишофи шарикии стратегии корхонаҳои саноатӣ;<br>- ҷустуҷӯи усулҳои нави шарикии стратегӣ ва дар амал татбиқ намудани он. | - тарк намудани кишварм аз тарафи кадрҳои соҳибихтисоси соҳаи саноат;<br>- ба нокомӣ дучор гардидани лоиҳаҳоии инвеститсионии инкишофи бахши саноат;<br>- дар ҳаёт татбиқ нашудани барнома ва стратегияҳои давлатии рушду инкишофи саноат;<br>- ба тадриҷ фалаҷ гардидани низоми бонкдорӣ;<br>- дар сатҳи боло боқӣ мондани таваррум;<br>- маҳдуд гардидани имконоти давлат ҷиҳати дастгирии молиявии бахши саноат. |

Чунонки аз натиҷахои таҳлил бармеояд, бахши саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои потенсиали бузурги рушду инкишоф мебошад. Яке аз бартариятҳои муҳимми кишвар дар ин самт, ба андешаи мо, зарфияти бузурги табииву захиравии кишвар бо таваҷҷуҳ ба канданиҳои фоиданок ва фаровонии ашёи хом, имкониятҳои фаровони табииву иқлимӣ, мусоид будани фаъолият дар ҳама фаслҳои сол мебошад. Аммо дар робита ба тарафҳои манфӣ бахши саноат бештар ба камбуди нававариҳои таъсирбахш, рушди на он қадар хуби менеҷменти корхонаҳо, ба таҷдиди куллӣ ниёз доштани сохторҳои идоракунии корхонаҳо ва норасоии кадрҳо аҳамият бояд дод [3, с.48]. Имкониятҳо, албатта, хеле фаровонанд. Вале, ба андешаи мо, эҷоди ангезиш (муҳайё кардани шароит) ҷиҳати дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ сохтани корхонаҳои нави саноатӣ бо иштироки сармояи хориҷӣ, тақвият бахшидан ба равандҳои таъсиси корхонаҳои муштарак, ба роҳ мондани маъракаи таблиғотии густарда ҷиҳати таъсиси корхонаҳои нави муштарак, коркарди консепсияи миллии рушду инкишофи шарикии стратегии корхонаҳои саноатӣ, ҷустуҷӯи усулҳои нави шарикии стратегӣ ва дар амал татбиқ намудани он аз самтҳои афзалиятноки рушди соҳа ба ҳисоб меравconfigured. Аммо таҳдидҳои бахши саноат бештар характери нисбӣ дошта аз сар задани ин ё он ҳолатҳои ғайричашмдошт вобаста мебошанд.

Ҳамин тавр, вазъи умумии рушду инкишофи бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистонро баҳо дода истода, бояд кайд кард, ки он баъд аз ба истиқлолият расидани кишвар дар марҳиллаи барқароршавӣ карор дорад. Муваффақиятҳои минбаъда дар бахши саноат аз самаранокии ҷалби сармоягузориҳои мустақим ба ташкил намудани бартариятҳои рақобатӣ вобастагии зич дорад, ки яке аз роҳҳои ноил гардидан ба он вусъат бахшидан ба шарикии стратегӣ мебошад. Шарикии стратегӣ метавонад тавони рақобатии ширкатҳои ватаниро бо маротиб боло барад. Барои ин таваҷҷуҳи бештари мақомотҳои дахлдор, дастгирии ҳамаҷонибаи давлат ва ҳавасмандии соҳибкорони ватанӣ тақозо карда мешавад.

**Адабиёт:**

1. Аминов Д.Г. Наращивание экспортного потенциала промышленности Республики Таджикистан/Д.Г. Аминов//Научное обозрение. Серия 1: Экономика и право. –М. 2013. - № 3-4. – С.115-119.
2. Карзанова И.В. Совершенствование механизма развития экспортного потенциала промышленности Республики Таджикистан/И.В. Карзанова, Д.Г. Аминов//Сегодня и завтра Российской экономики. –М. 2015. - № 69. – С. 45-52.
3. Комилов С.Д. Основы институционализации инновационного развития промышленности Республики Таджикистан/С.Д. Комилов, Д.Р. Рахмонов//Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). –Душанбе, 2013. - № 2 (41). – С. 48-57.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат" (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон, с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 272).
5. Маҳмадуллоев А.С. Таҳлили вазъи муосири фаъолияти корхонаҳои муштарак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/А.С. Маҳмадуллоев, Э. Миршарипов//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. - №1. – С. 152-157.
6. Маҳмадуллоев А.С. Ҷанбаҳои назариявии инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ/А.С. Маҳмадуллоев, Д.А. Ҳодиев, Ҳ. Давлатов//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. - №4. – С. 87-93.
7. Маҳмадуллоев А.С. Тамоюлҳои асосии рушди корхонаҳои муштарак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/А.С. Маҳмадуллоев//Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи "Саноатикунонии кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодиёт" (27 – уми феврали соли 2020), Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, - Душанбе, 2020. –С. 406-411.
8. Низомова Т.Д. Самтҳои калидии таъмини самараноки тарбия ва бозомӯзии кадрҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон//Т.Д. Низомова/Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – Душанбе, 2018. - № 4 (63). – С.191-199 с.
9. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ//Агентии омори назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон.– Душанбе: АОПҶТ, 2019. – 94 с.
10. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. -№392. -103 с.
11. Ходиев Д.А., Саидова Х.У. Регулирование рынка труда и занятости населения в трудоизбыточном регионе. Монография. – Душанбе: «СИНО», 2018. -190 с.

# ОЦЕНКА РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННОГО СЕКТОРА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С АКЦЕНТОМ НА РАСШИРЕНИЕ СТРАТЕГИЧЕСКОГО ПАРТНЕРСТВА

**МАХМАДУЛЛОЕВ АХМАДДЖОН САИДДЖОНОВИЧ,**
докторант PhD кафедры менеджмента и маркетинга
Таджикского национального университета,
734025, город Душанбе, проспект Рудаки 17.
Тел: (+992) 988-88-83-37; E-mail: dass_ahmadjon@mail.ru
**КОСИМОВА ЗАРИНА СУХРОБОВНА,**
докторант PhD кафедры менеджмента и маркетинга
Таджикского национального университета,

734025, город Душанбе, проспект Рудаки 17.
Тел: (+992) 907-17-05-94; E-mail: lady.zara@inbox.ru

*В статье анализируются различные аспекты деятельности промышленных предприятий Республики Таджикистан с учетом развития стратегического партнерства. Подчеркивается важность стратегического партнерства в обеспечении конкурентоспособности промышленных предприятий. При этом с учетом нынешнего состояния экономических отношений в современном мире, важность такого подхода к экономической деятельности растет. В нашей стране, в зависимости от сложившихся условий в процессах хозяйственной деятельности, применение основных принципов стратегического партнерства является залогом успеха промышленных предприятий.*

*Анализ текущей ситуации в промышленном секторе показывает, что предприятия часто работают в тесной связи с внешней средой, и эта зависимость требует эффективного использования основных принципов стратегического партнерства.*

*По мнению авторов, в тех секторах, где стратегическое партнерство не налажено, т.е. отечественные производители не имеют взаимовыгодного сотрудничества с зарубежными партнерами, темпы роста ниже. Кроме того, анализ сильных и слабых сторон, возможностей и угроз показывает, что в ближайшем будущем ключом к развитию отечественных предприятий станет стратегическое партнерство. В этой связи необходимо в срочном порядке предпринять необходимые шаги для принятия эффективных мер, направленных на укрепление стратегического партнерства.*

***Ключевые слова:*** *промышленность, предприятие, стратегическое партнерство, анализ, конкуренция, производство, динамика, экспорт, импорт.*

## ASSESSMENT OF THE DEVELOPMENT OF INDUSTRIAL SECTOR OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH A FOCUS ON THE EXPANTION OF STRATEGIC PARTNERSHIP

**MAHMADULLOEV AHMADJON SAIDJONOVICH,**
PhD doctoral student of Management and Marketing Department
of Tajik National University
734025, Dushanbe, 17, Rudaki Avenue
Phone: (+992) 988-88-83-37; E-mail: dass_ahmadjon@mail.ru
**KOSIMOVA ZARRINA SUROBOVNA,**
PhD doctoral student of Management and Marketing Department
of Tajik National University
734025, Dushanbe, 17, Rudaki Avenue
Phone: (+992) 907-17-05-94; E-mail: lady.zara@inbox.ru

734067, Dushanbe, 64/14, Nakhimov ave.,
Phone: (+992) 987-39-01-00; E-mail: muhammadhusaynov05@gmail.com

*The article studies the essence and nature of commercial enterprises based on research of scientific resources. It should be noted, that commercial enterprise emerged in the prosess of transition to market economy in the forms of limited responsibility societies, joint stock companies, trading centers, food, industrial and other product markets, that carried out activities based on various forms of ownership. They have legal independence and carry out economic activities aimed at profit earning and meet the needs of consumers.*

*In the context of transition to market economy relations have a significant impact for the developing of commercial enterprises, economic situation of the country, state policy of economy regulation and other factors.*

*The author analyzes the role of commercial enterprises in the solving of problems of limitation of financial resources on the base of statistic materials and comes to a conclusion, that development and progress of commercial enterprises makes a positive effect for effectiveness of national economy of the Republic of Tajikistan.*

***Key words:*** *macroeconomics, modeling, final product, payment, independence, information, reforms, social, external factors, main business conditions, property, effectivity, economic entities.*

**УДК: 336.(575,3)**

# ВОПРОСЫ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ЗАЩИТЫ И РЕГУЛИРОВАНИЯ РАЗВИТИЯ МАЛОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**СУЛТАНОВ ЗУБАЙДУЛЛО СУЛТОНОВИЧ,**
профессор кафедры финансов и кредита
Таджикско-Славянского университета, доктор экономических наук
г. Душанбе, п. М.Турсунзода 30.
Тел.: (+992) 935-20-28-70;
**ШАРИФОВ ХАЙРУЛЛО АЗИЗОВИЧ,**
старший преподаватель кафедрой
экономического анализа и статистики
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан
г. Душанбе, п. С. Носир,33.
Тел: (+992) 988-41-54-12; E.mail: dostiev68@mail.ru

*В статье рассматриваются вопросы государственной защиты и регулирования развития малого предпринимательства в Республике Таджикистан. Было отмечено, что для дальнейшего развития малого предпринимательства в Республике Таджикистан целесообразна разработка положений о государственном регулировании и государственной поддержке данного вида бизнеса. А также было отмечено, что самой существенной проблемой развития предприниматели особенно выделяют недостаток финансовых имущественных ресурсов, отсутствие действенной финансово – кредитной системы поддержки предпринимательства. В настоящее время в ряде регионов республики главной проблемой, сдерживающей развитие предпринимательства, является недоступность для малых предприятий кредитно-финансовых ресурсов.*

***Ключевые слова:*** *малое предпринимательство, финансовые ресурсы, государственная защита и регулирование, финансово – кредитная система, экономическое развитие.*

Предпринимательство в республике как сфера частного рыночного хозяйствования, имеющая специфические закономерности функционирования и управления, стало активно развиваться в начале 90 -х годов, после принятия 22 декабря 1991 г. Закона РТ «О предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан». Так, на начало 1992 года число действующих предприятий, занятых предпринимательской деятельностью составило 2573 единиц и это произошло за счет моссового преобразования кооперативов в малые предприятия и выделением структурных единиц из состава объединений и предприятий была довольно сложной, в значительной степени зависела от решения местной администрации.

В первые годы приобретения государственной независимости процесс формирования и развития малого предпринимательства активизировался во всех регионах.

Преобладающей формой собственности в сфере малого предпринимательства стали частные предприятия. Однако, образование, становление и развитие предпринимательства в республике происходило с трудностями и проблемами и мощный стартовый эффект для подъема малого предпринимательства оказался весьма

неустойчивым и непродолжительным. Уже начиная с 1992 года развитие малого предпринимательства в стране характеризуется появлением целого ряда достаточно негативных тенденций, влияние которых привело к снижению темпов развития предпринимательства. Причины сокращения числа предприятий, занимающихся предпринимательством наряду с другими – отсутствие институциональной поддержки развития предпринимательства в этот период. В результате, уже к концу 1996 года, темпы прироста количества предприятий малых форм (кооперативов и малых государственных предприятий) и новых «индивидуалов» резко сократилось. Тенденция сокращения числа малых предприятий и предпринимательства продолжалось до 2002 года. Это очень беспокоило руководство республики. Даже Постановление Правительства Республики Таджикистан «О мерах по усилению Государственной поддержки малого предпринимательства в Республике Таджикистан» (1998г.) и «Государственная программа поддержки и развития малого предпринимательства в Республике Таджикистан» существенно не поправили положение в этом секторе экономики. В 2001 г. количество малых предприятий по сравнению с 1991 г. сократилось на 1392 единиц (более чем в два раза).

**Развитие малого предпринимательства в Республике Таджикистан**

Малый бизнес в Таджикистане перестал прогрессировать, число малых предприятий постоянно сокращалось. Рентабельность продукции предприятий малого бизнеса из-за коррупции, неоправданных проверок, значительно падала, снизилась платежеспособность малых предприятий. Отраслевая структура предпринимательства практически не изменилась. В структуре малого предпринимательства, как правило, преобладают предприятия торговли и общественного питания. Устойчивое сохранение наибольшего удельного веса предприятий торговли и общественного питания наблюдается в течение всего периода (около 40%). Удельный вес занятых в общей численности работников МП стабильно остается около 25%. Удельный вес предприятий таких важных отраслей экономики, как промышленность, строительство и сельского хозяйства в общем количестве МП до 2002г. (начало года оживления предпринимательской деятельности) составил около 30 % а численность занятых – 35%. Предпринимательство в республике после долгого застоя начало развиваться, начиная с 2002г., когда был принят Закон РТ «О государственной защите и поддержке предпринимательства в Республике Таджикистан». Законом были определены следующие направления государственной защиты и поддержки предпринимательства, усовершенствование нормативной правовой и законодательной базы для развития предпринимательской деятельности, создание льготных условий считающихся необходимыми Правительством республики; создание благоприятных налоговых, таможенных и инвестиционных условий; установление упрощенного порядка налогообложения, регистрации, лицензирования или выдачи патента для предпринимательской деятельности, сертификации производственной или ввезенной продукции и представление статистической и бухгалтерской информации; предоставление земельных участков и государственного имущества на упрощенных условиях;

Содействие созданию фонда поддержки предпринимательской деятельности; Закон РТ «О государственной защите и поддержке предпринимательства в Республике Таджикистан» и другие мероприятия Правительства РТ по ослаблению коррупции и других негативных явлений в сфере бизнеса, способствовали приостановлению снижения темпов и дальнейшему росту предпринимательства в республике. Только в

2002г. число малых предприятий увеличилось на 34 единицы, в 2003г. – на 141 единицу, в 2004г. на 302 единицы и в 2005г. на 488 единиц по сравнению с 2001г., а в 2010г. число малых предприятий достигло 2865 единиц, или на 1320 единиц больше чем в 2002г. В последующие годы число предприятий малого бизнеса стало расти и к 2015 году достигло 5176 единиц, а затем снова сокращение (к началу 2018г. функционировали 4455 малых предприятий или на 721 единиц меньше, чем в 2015г.)

В середине 1990-х годов рост числа малых предприятий приостановился, и в течение некоторого времени наблюдалось даже снижение их общего количества, что видно из таблицы.

Таблица 1.

**Динамика общего числа действующих предприятий, занятых предпринимательской деятельностью**

| | 1991 | 1995 | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Всего по республике на конец года | 2573 | 3390 | 1342 | 1669 | 2865 | 5176 | 4455 |
| В том числе по регионам: | | | | | | | |
| Хатлонская область | 461 | 65 | 75 | 76 | 81 | 257 | 204 |
| Согдийская область | 678 | 1945 | 597 | 421 | 645 | 1366 | 1070 |
| ГБАО | 15 | 5 | 2 | 7 | - | 5 | 18 |
| РРП | 494 | 357 | 91 | 162 | 303 | 716 | 790 |
| г.Душанбе | 925 | 1018 | 577 | 1003 | 181 | 2832 | 2373 |

Несмотря на некоторое оживление и рост производства продукции, работ и услуг в сфере предпринимательства, его вклад в производство валовой внутренней продукции республики явно не отражает потенциал предпринимательства, что подтверждают данные таблицы.

Таблица 2

**Основные показатели деятельности малых предприятий, занятых предпринимательской деятельностью и имеющих статус юридического лица**

| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Число действовавших малых предприятий занятых предпринимательской деятельностью, на конец года | 3367 | 3890 | 4810 | 5394 | 5394 | 5176 | 4455 |
| Численность работавших, тыс.человек | 18,7 | 19,6 | 27,5 | 30,2 | 28,4 | 21,4 | 22,2 |
| В том числе: совместителей, тыс.человек | 4,1 | 4,0 | 5,1 | 6,7 | 6,8 | 4,1 | 3,3 |
| Фонд оплаты труда (включая совместителей), млн сомони | 133,3 | 177,9 | 249,4 | 318,5 | 329,1 | 216,5 | 218,8 |
| Выручка от реализованной | 2363,2 | 2849, | 4271 | 5501 | 6171 | 3793 | 4351, |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| продукции (работ,услуг) за год, млн, сомони | | 9 | | | | | 7 |
| В том числе реализовано непосредственно населению, млн. сомони | 31,4 | 38,3 | 100,8 | 447,0 | 280,3 | 260,2 | 154,4 |

Отсутствие существенной динамики в показателях развития предпринимательства в стране свидетельствует о наличии определенных факторов, ограничивающих реализацию больших потенциальных возможностей развития предпринимательства, имеющихся в стране и в ее регионах, по этому в современном Таджикистане этот важнейший сектор экономики не оказывает столь существенного влияния на социальное и экономическое развитие общества. Далее, в таблице 3 приведена отраслевая структура и показатели развития малого предпринимательства в республике.

Таблица 3

**Основные показатели деятельности малых предприятий, имеющих статус юридического лица по видам экономической деятельности.**

На 1 января 2018года

| | Число малых предприятий | Среднесписочная численность работающих (без совместителей людей всего, в том числе женщины | Выручка от реализованной продукции (работ, услуг) тыс. сомони | Фонд заработной платы, тыс. сомони |
|---|---|---|---|---|
| Всего по видам деятельности | 4455 | 189 16 | 4351785,6 | 218859,3 |
| Сельское хозяйство, охота и лесоводство | 77 | 279 21 | 30771,4 | 2377,1 |
| Горнодобывающая промышленность и разработка | 37 | 156 21 | 16938,8 | 1945,9 |
| Карьеров | | | | |
| Обрабатывающая промышленность | 405 | 1780 325 | 131708,4 | 17782,1 |
| Электроснабжение, газ и водоснабжение | 3 | 8 | 159,9 | 30,1 |
| Строительство | 495 | 1932 251 | 579078,5 | 43260,7 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Оптовая и розничная торговля, ремонт автомобилей, мотоциклов, бытовых, товаров и предметов личного пользования | 1713 | 7026 1190 | 3010728,8 | 61900,2 |
| Гостиницы и рестораны | 207 | 1221 363 | 74567,6 | 9362,8 |
| Транспорт, складское хозяйство и склад | 318 | 1288 307 | 133016,3 | 14402,5 |
| Финансовое посредничеств о | 46 | 158 6 | 51647,0 | 5046,9 |
| Операции с недвижимым имуществом, аренда, коммерческая деятельность | 616 | 2420 518 | 236334,7 | 40864,3 |
| Образование | 149 | 749 284 | 25216,8 | 5860,2 |
| Здравоохранен ие и социальные услуги | 181 | 1068 440 | 30907,1 | 9004,7 |
| Прочие коммунальные и персональные услуги | 208 | 831 161 | 30710,9 | 7021,9 |

Отличительной особенностью предпринимательства в республике продолжает оставаться высокая доля «теневого» сектора. По оценкам специалистов она составляет от 30 до 40% от реального оборота субъектов предпринимательства, при этом значительная часть используемых «теневыми» предпринимателями ресурсов оказывается незадействованной для решения общегосударственных задач.

В настоящее время, (в 2018 году) на каждого из 10000 населения республики приходиться 5,0, в том числе: в Согдийской области 4,1; в Хатлонской области 0,63; в районах республиканского подчинения – 3,8; в г. Душанбе – 28,51; в Горно – бадахшанской автономной области – 0,8 малых предприятий.

Слабое развитие малого предпринимательства в республике имеет свои причины. Как показывают результаты социологических опросов, собственники малых предприятий продолжают жаловаться на уровень налогообложения, сложность и нестабильность налоговый системы, проблемы и противоречия в законодательстве, нехватку финансовых ресурсов и бюрократическое давление, которое по их мнению, являются основными препятствиями при создании и развитии малых предприятий. Самой существенной проблемой развития предприниматели особенно выделяют недостаток финансовых имущественных ресурсов, отсутствие действенной финансово – кредитной системы поддержки предпринимательства. В настоящее время в ряде регионов республики главной проблемой, сдерживающей развитие предпринимательства, является недоступность для малых предприятий кредитно-финансовых ресурсов. Возможности малых предприятий получить банковский кредит ограничены в силу более жестких требований к малым предприятиям по представлению гарантий возврата кредита, ввиду отсутствия у последних достаточно длительной кредитной истории. Фонд поддержки предпринимательства, ввиду ограниченности финансовых средств, не имеет возможности оказывать широкомасштабную финансовую помощь субъектам предпринимательства. Кроме того, недостаточная активность Фонда в финансировании предпринимателей обусловлена неспособностью многих предпринимателей составить грамотный бизнес-план, обосновать инвестиционный проект, при этом не создано достаточных условий для привлечения частных отечественных и иностранных инвестиций в сферу предпринимательства, а государственная поддержка бизнеса, которая осуществляется в соответствии с республиканскими программами развития предпринимательства, базирующимся на Законе РТ «О государственной защите и поддержке предпринимательства в РТ», осуществляется недостаточно. Закон не отражает условий экономической жизни регионов, качественного уровня развития предпринимательства и того опыта, во многом негативного, который был накоплен государственными органами и структурами поддержки предпринимательства в регионах. Одной из причин слабой работы этого Закона является и то, что на поддержку и развитие малого предпринимательства из года в год выделяются недостаточные объёмы государственных финансовых средств.

Другой финансовый метод, призванный поддержать развитие предпринимательства – страхование в сфере малого бизнеса, которое в республике, особенно в регионах, недостаточно развито. Такое положение обуславливает снижение надежности хозяйственной связей, увеличение числа банкротств, которое снижает мотивации к инвестициям и инновациям.

Повышенный риск инновационных проектов, отсутствие системы страхования и гарантирования реализации проектов, является тормозом в развитии производственного предпринимательства. Эта проблема усугубляется отсутствием в республике внутреннего рынка лизинга оборудования, как нового вида бизнеса.

На развитие малого бизнеса отрицательно влияет неупорядоченность государственного контроля над деятельностью предпринимателей. Несовершенство законодательства приводит к дублированию полномочий органов исполнительной власти, осуществляющих функции контроля и надзора, к необоснованным проверкам хозяйствующих субъектов. Закон РТ «О государственном финансовом контроле в Республике Таджикистан» не учитывает специфику малого предпринимательства. Поэтому отсутствие подзаконных актов, определяющих конкретные подходы

государства к вопросам контроля в условиях рыночных отношений, негативно отражается на деятельности субъектов предпринимательства. Важным финансовым методом поддержки предпринимательства является система налогообложения. Несмотря на предпринимаемые государством меры по совершенствованию налогового законодательства, налоговая нагрузка на предпринимательскую деятельность все еще остается тяжелым. Налоговое законодательство все еще противоречивое и сложное. Недовольство предпринимателей вызывает не только количество уплачиваемых налогов, платежей и сбросов, но и размеры их ставок, а также частые изменения в налоговом законодательстве.

Действующая налоговая система не способствует эффективной работе малых предприятий на долгосрочную перспективу, ведет к переориентации их на отрасли с быстрым оборотом капитала, в частности, торгово-посредничеству, никак не стимулируя вложения средств в развитие производственного предпринимательства.

В настоящее время главным и реальным финансовым методом поддержки развития малого предпринимательства является самофинансирование. Финансовая поддержка развития малого бизнеса из бюджетов разных уровней не осуществляется, а государственные программы поддержки предпринимательства не совершенны и имеют такие недостатки, как неполнота мер, предусматриваемых для достижения желаемых результатов; нечеткость определения конечных целей; неопределенность мер поддержки; необоснованность сроков реализации мер и несогласованность логистики связанных мер по сроком выполнения; необеспеченность программ ресурсами.

В заключение можно отметить, что развитие малого предпринимательства связана и с кадровым обеспечением этого сектора экономики. В республике отсутствует эффективная система подготовки населения к предпринимательской деятельности, повышения квалификации предпринимателей. В общеобразовательных школах не изучают основы предпринимательства, высшие учебные заведение не готовят преподавателей (учителей) для школ по преподаванию основ экономики.

Государственная служба занятости населения не практикует проведение мероприятий по оказанию содействия в организации и реализации предпринимательской инициативы. Одним из них могло бы стать обучение официально числящихся безработными, основам бизнеса. Однако такая работа не проводится. Отсутствие профессиональных знаний в области экономики и управления у предпринимателей снижает эффективность работы предприятий сферы бизнеса, а дефицит квалифицированных государственных служащих, осуществляющих управленческие функции в отношении субъектов предпринимательства, снижает результативность реализации государственной политики поддержки и развития предпринимательства.

Известно, что основными целями социально – экономического развития нашей республики является повышение уровня жизни населения, вложение инвестиций в человеческий капитал, создание экономических условий, предпринимательского климата, позволяющих за счет собственных доходов обеспечить более высокий уровень жизни и потребления социальных услуг для трудоспособного населения страны. Достижение этих стратегических целей социально экономического развития зависит также от активизации и эффективной работы институтов поддержки и развития малого предпринимательства при Правительстве Республики Таджикистан, торгово-промышленной палаты, ассоциаций (союзов) предпринимательства.

**Литература:**

1.Воспитание предпринимательского духа в научном дискосе. Коллективная монография под редакцией Йозеф Аффа и Рихарда Фортмюллера. Вена, 2013,-236 с.

2.Алимома Т. Малые предприятия в экономике Россия (статистический анализ). Предпринимательство в России.1998г.43-56с.

3.Архипова М.Ю., Лотош Я. М. Малый бизнес в России: потенциал, инновационная активность //Вопросы экономики. 2202,-5,-74-80с.

4.Малое предпринимательство на Дальнем Востоке//ЭКО.-2003,-7,41-48с.

5.Султанов З, Миразизов А. Финансирование малого и среднего предпринимательства. Душанбе,-2012,142ст.

6.Султанов З. Сайисмонов Р., Кадыров Н. Повышение финансовой грамотности населения. Душанбе.-2012. 112ст.

7. Султанов З., Султанова Г. Модуль «Финансирование» (учебно-методический материал). Душанбе.-2013г.109с.

## МАСЪАЛАҲОИ ҲИМОЯИ ДАВЛАТӢ ВА ТАНЗИМИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ХУРД ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**СУЛТОНОВ ЗУБАЙДУЛЛО СУЛТОНОВИЧ,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи
Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон
ш. Душанбе, маҳ. М. Турсунзода 30.
Тел.: (+992)935-20-28-70; E.mail: dostiev68@mail.ru
**ШАРИФОВ ХАЙРУЛЛО АЗИЗОВИЧ,**
муаллими калони кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, к. С.Носир, 33.
Тел.: (+992) 988-41-54-12; E.mail: dostiev68@mail.ru

*Дар мақола масъалаҳои ҳимояи давлатӣ ва танзими рушди соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд. Қайд карда шуд, ки барои рушди минбаъдаи тиҷорати хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба танзими давлатӣ ва дастгирии давлатии ин намуди тиҷорат мувофиқи мақсад аст. Инчунин қайд карда шуд, ки мушкилоти муҳимтарини рушди соҳибкорӣ, махсусан норасоии захираҳои моликияти молиявӣ, набудани системаи самарабахши молиявӣ ва қарзиро барои дастгирии соҳибкорӣ таъкид мекунанд. Дар айни замон, дар як қатор минтақаҳои ҷумҳурӣ мушкилоти асосие, ки ба рушди соҳибкорӣ халал мерасонанд, дастнорасии захираҳои қарзӣ ва молиявӣ барои корхонаҳои хурд мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *соҳибкории хурд, захираҳои молиявӣ, ҳифз ва танзими давлатӣ, низоми молиявию қарзӣ, рушди иқтисод.*

## ISSUES OF STATE PROTECTION AND REGULATION OF THE DEVELOPMENT OF SMALL BUSINESSES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**SULTANOV ZUBAIDULLO SULTANOVICH,**

Professor of the Department of Finance and Credit,
Doctor in Economics,
Russian-Tajik (Slavonic) University,
Dushanbe, 30, M. Tursunzoda str.,
Phone: (+992) 935-20-28-70;
**SHARIFOV KHAYRULLO AZIZOVICH,**
Senior Lecturer Department of Economic Analysis and Statistics.
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 918 11 96 48; E.mail: dostiev68@mail.ru

*The article examines the issues of state protection and regulation of small business development in the Republic of Tajikistan. It was noted that for the further development of small business in the Republic of Tajikistan, it is advisable to develop regulations on state regulation and state support for this type of business. It was also noted that the most significant problem of development, entrepreneurs especially highlight the lack of financial property resources, the lack of an effective financial and credit system to support entrepreneurship. Currently, in a number of regions of the republic, the main problem that hinders the development of entrepreneurship is the inaccessibility of credit and financial resources for small enterprises.*

***Key words:*** *small business, financial resources, state protection and regulation, financial and credit system, economic development.*

УДК: 332.1

# ВАЗЪ ВА РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ ДАР НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ СОҲАИ МАОРИФ ДАР ДАВРАИ ПАНДЕМИЯ

**ҚОСИМЗОДА МИРЗОКАРИМ ФАХРУДДИН,**
докторант (Ph.D)-и кафедраи идоракунии молияи давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, кучаи Саид Носир 33,
Тел: (+992) 927-40-48-99; E-mail: mirzo.k95@mail.ru

*Дар мақола мушкилоти иқтисоди рақамӣ дар давраи пандемияи коронавирус дар соҳаи маориф баррасӣ гардидааст. Аз он ҷумла, қайд гардидааст, ки вазъи мавҷуда метавонад омили муҳимми рушди босуръати илм ва маориф гардад, зеро пандемияи коронавирус ва буҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ мутахассисонро маҷбур кард, ки дар муддати кӯтоҳ пешгӯиҳои худро дар бораи иқтисодиояндаи рақамӣ таҷдиди назар кунанд.*

*Муайян карда шудааст, ки дар ин давра барои рақамикунонии иқтисодиёт таҷрибаи Ҷумҳурии Қазоқистон, ки лоиҳаҳои гуногун оид ба автоматикунонии хадамоти давлатӣ дар соҳаи маориф бомуваффақият татбиқ карда мешаванд, мувофиқи мақсад аст.*

*Самтҳои рушди минбаъдаи рақамикунонии иқтисодиёт, аз он ҷумла рақамикунонии соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ зарурати ҳарчи бештару зудтар тайёр намудани кадрҳои дорои маълумоти техникӣ ва баланд бардоштани малакаи кории шаҳрвандон ба рақамикунонӣ бояд баррасӣ гардад.*

***Калидвожаҳо:*** *иқтисодиёт, рақамикунонӣ, Тоҷикистон, Қазоқистон, раванди рақамикунонӣ, соҳаи маориф, омӯзиш, пандемияи Covid-19, ҷомеа, низоми фосилавии таҳсил.*

Пандемияи коронавирус ва буҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ дар як муддати кӯтоҳ коршиносонро маҷбур кард, ки пешгӯиҳои худро барои ояндаи иқтисоди рақамӣ таҷдиди назар кунанд. Александр Чулок, директори Маркази пешгӯии илмӣ ва технологии ISSEK ба RBC гуфт, ки чӣ гуна чолишҳо ва таҳдидҳои глобалӣ раванди рақамикуниро тезонданд ва пеш аз ҳама, тағйироти зиёдро дар самтҳои зерин эҳсос кардан мумкин аст.

“Афзалияти рақобати зеҳни сунъӣ, воқеияти виртуалӣ ва дигар технологияҳои муосир дар гӯшаҳои гуногуни ҷаҳон ба одамон имкон медиҳанд, ки дар танҳоӣ таҳсил ва кор кунанд”[1]. Маълум шуд, ки раванди рақамикунонии иқтисодӣ дар баробари дарёфти ваксинаи доруи зидди коронавирус аз муҳиммоти аввалиндараҷаи рӯзгори башарист. Бешубҳа, инкишофи иқтисоди рақамӣ барои баркарор кардани иқтисоди рукудкардаи як қатор кишварҳо заминаи асосӣ мебошад.

Дар ин раванд нақши муҳимро тафаккур ё тарзи тафаккур иҷро мекунад ва ин як навъ низоми арзишҳои дохилӣ ва омодагӣ ба мутобиқшавии раванди рақамикунонист. Дар даврони таҳаввулоти ҷаҳонӣ ба мисли имрӯза, қобилияти зуд мутобиқ шудан ба шароити ғайриоддӣ яке аз малакаҳои асосии ояндаи мо хоҳад буд. Қобилияти мутобиқшавӣ ва пайдо кардани роҳҳои ҳалли муассири афзалиятноки рақобатпазирӣ дар саросари ҷаҳон боиси устувории раванди густариши илм ва маориф мегардад.

Дар маҷмӯъ, шароити ҳозира метавонад як омили муҳим барои инкишофи босуръати соҳаи илм ва маориф бошад. Рақамикунонии соҳаи маориф ба тамоми зинаҳои таълим аз он ҷумла: донишгоҳҳо, омӯзишгоҳҳои касбӣ ва ғайрикасбӣ, мактабҳои махсус, мактабҳои миёна ва кӯдакистонҳо метавонад таъсири махсуси худро расонад.

Бо боварии комил гуфта метавонем, ки дар оянда рақобатпазирии муассисҳои таълимиро дар бозори меҳнат инкишофи технологияҳои рақамӣ муайян мекунад. Дар ояндаи наздик шояд мо шоҳиди он гардем, ки мавҷудияти дастрасии вертуалӣ ё моделҳои воқеияти вертуалии ҳама гуна ашё шарти зарурӣ хоҳад гашт.

Пандемияи коронавирус ба ҷомеаи имрӯза тағйироти ҷиддие овард. Ба назари мо, агар бозгашт ба амал ояд ҳам, он гоҳ, бешубҳа, ин ба ҳамон сатҳе қарор мегирад, ки қаблан буд. Масалан, таҳсилоти ғайрирасмӣ (онлайнӣ) дар шароити кунунӣ ба мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ шудааст. Чунки қисме аз муассисаҳои таълимӣ ва таҳсилкунандагон бо технологияи замонавии таҳсил муҷаҳҳаз нестанд. Шароити кунунӣ зарурат пеш овард, ки муассисаҳои таълимӣ ба формати фосилавӣ гузаранд, донишҷӯён, муаллимон ва волидон бояд фавран раванди азхудкунии донишҳоро ба талаботи имрӯза мувофиқ намоянд. Шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият намедиҳад, ки донишҷӯён дарсҳои худро пурра тариқи онлайнӣ гузаронанд. Дар баъзе мактабҳои олии кишвар қисме аз дарсҳоро тариқи фосилавӣ мегузаронанд, ки ин хеле фисади кам мебошад. Яке аз мушкилиҳое, ки барои дастрасӣ пайдо кардан ба шабакаи интернетӣ монеа мегардад, кӯҳсор будани кишвар аст.

Одамоне, ки ҷои корашонро аз даст додаанд, ё мехоҳанд вақти холии худро барои азхуд кардани донишҳои нав истифода баранд, ба курсҳо ва барномаҳои онлайнӣ диққат медиҳанд. Аммо дақиқ гуфтан душвор аст, ки ин таваҷҷуҳи махсуси одамон ба омӯзиши онлайнӣ пас аз ба итмом расидани пандемия боқӣ мемонад ё не.

Бисёре аз коршиносон хотимаи таҳсилоти офлайниро дар давоми 30 соли оянда пешгӯӣ мекарданд ва ҳоло ин муҳлат ба таври возеҳ наздик мешавад. Аён аст, ки мо метавонем бидуни тарки хона ба осонӣ дониш гирем. Ғайр аз ин, мо метавонем тариқи онлайнӣ курсҳои донишгоҳҳои пешрафтаи дунёро омӯзем.

Чуноне ки мебинем, ҳамаи давлатҳо, аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рақамикунонии соҳаи маориф талошҳои назаррасеро ба анҷом расонида истодааст. Ин мавзӯъ дар бисёр ҷаласаҳои Ҳукумат ва ҳатто дар Паёмҳои Президент баррасӣ карда шудааст.

Моро зарур аст, ки раванди татбиқ намудани рақамикунонии соҳаи маорифро бо суръати бесобиқа тезонем, зеро ин барои дар сатҳи баланд дониш андӯхтани донишомӯзон замина фароҳам меорад. Дар ин замина, зарурати мутобиқгардонии инфрасохторҳои таълимӣ пеш омадааст. Инчунин, яке аз мушкилиҳои бузург барои рақамикунонии соҳаи маориф норасоии кадрҳои дорои дониш, қобилият ва малакаи рақамидошта мебошад ва барои расидан ба ин мақсад мутобиқ будани таълим ва инфрасохторҳои таълимӣ ба талаботи нав зарур аст. Дар соҳаи маориф зарур аст, ки равишҳои нав ба омӯзиш, ба таври куллӣ таҳия ва амалӣ карда шаванд, ки дар оянда сатҳи баланди саводнокии аҳолиро таъмин мекунанд.

Насли нави ҷомеаи имрӯза дар муҳити рақамӣ зиндагӣ мекунад, ки онро технологияҳои рақамӣ ташкил медиҳанд, аз ҷумла технологияҳои рақамии аз ҷиҳати маърифатӣ муҳим: технологияҳои телекоммуникатсионӣ, зеҳни сунъӣ, технологияҳои бесими коммуникатсионӣ, технологияҳои воқеияти виртуалӣ, технологияҳои рақамӣ барои мақсадҳои махсуси таълимӣ, Интернет ва ғайраҳо.[4]

Рақамикунонии соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ моро водор месозад, ки барои ҳарчи бештару зудтар тайёр намудани кадрҳои дорои маълумоти техникӣ ва баланд бардоштани малакаи кории шаҳрвандон ба рақамикунонӣ кӯшиши бештар намоем. Дар ин раванд таҷрибаи яке аз кишварҳои Осиёи Марказӣ - Қазоқистон оид барномарезиҳоро вобаста ба рақамикунонии соҳаи маорифро дида мебароем.

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон барои амалӣ намудани раванди рақамикунонии соҳаи маориф якчанд барномаҳо тарҳезӣ гардидаанд ва дар амал татбиқ гардида истодаанд. Дар моҳи июни соли равон дар яке аз ҷаласаҳои Ҳукумати Қазоқистон Сарвазири ин кишвар Аскар Мамин гуфт, ки "ҳамаи қазоқистониҳо бояд тавонанд дар платформаҳои рақамӣ кор кунанд ва ба хизматрасониҳои электронӣ дастрасӣ дошта бошанд." Дар робита ба ин, чунин дастур дод: «Ман ба Вазорати маориф супориш медиҳам, ки дар якҷоягӣ бо Вазорати рушди рақамӣ ва мақомоти маҳаллӣ оғози микёси калони барномаи таълими рақамиро таъмин кунанд. Бояд барномаҳои таълимӣ, малакаҳои рақамӣ, омӯзиш ва бозомӯзии мутахассисони ТИ таҳия карда шаванд. Таҷрибаи донишгоҳҳои пешрафтаро дар соҳаи омодасозии мутахассисони ТИ барои донишгоҳҳо ва коллеҷҳои минтақавӣ васеътар намоянд. Таҷриба ва пешниҳодҳои Маркази байналмилалии Нур-Султон (Остона) ба инобат гирифта шуда, корҳо оид ба таҷдиди барномаҳои таълимӣ мутобиқи стандартҳои нави касбӣ пурзӯр карда шаванд». [2]

Ин, бешубҳа, нишонаи дарки амиқи зарурати рақамикунонии соҳаи маориф аз ҷониби ҳукумати Қазоқистон мебошад. Дар давоми суҳбаташ Сарвазир қайд мекунад, ки "ҳамзамон, ба Вазорати рушди рақамӣ (цифрового развития) лозим аст, ки маҷмӯи тадбирҳои барномаи давлатии "Қазоқистони рақамӣ" -ро таҷдид кунад. Якҷоя бо операторони телекоммуникатсионӣ таъмини дастрасии номаҳдуд ба манбаъҳои таҳсилотро таҳия намоянд."[2] Чунин шароитҳо имкон медиҳанд, ки дар як давраи муайян ва бо суръат раванди рақамикунонии соҳаи маориф тезонда шавад. Ба мо маълум аст, ки дар Ҷумҳурии Қазоқистон қабл аз пандемия низ ин раванд дар ҳоли рушд буд ва то ҷое муваффақ ҳам гардида буданд. Бисёре аз донишгоҳҳои шаҳрҳои бузурги Қазоқистон кайҳо боз дар низоми ягонаи автоматикунони фаъолият мекунад ва натиҷаи хуб ҳам додааст.

Соли таҳсили 2020-2021 бинобар вазъияти баамаломадаи эпидемиологӣ таҳсилро дар мактабҳои миёнаи Ҷумҳурии Қазоқистон аз 1 сенятбр тариқи фосилавӣ барои синфҳои 1-11 оғоз намуданд. Ба истиснои мактабҳои дурдасте, ки ба шароити зарурӣ муҷаҳҳаз нестанд ва бо риояи қатъии беҳдошти дарсҳо дар ҷамъи хонандагон гузаронида мешаванд. Дар ин замина, аз тарафи Ҳукумати ин кишвар супориш дода шуда буд, ки методологияи омӯзиши фанҳои таълимӣ коркард карда шаванд. Дар навбати аввал аз ҷониби Ҳукумат 500 ҳазор компютерҳо барои омӯзиши дарсҳо ба кӯдакони оилаҳои ниёзманд расонида шуд. То оғози соли таҳсил ҳамаи омӯзгорон бо васоит ва маводи таълимии низоми нави таҳсил таъмин гардиданд. Инчунин, маводи таълимӣ дар шакли коғазӣ ва электронӣ ба омӯзгорон ва хонандагон дастрас гардида буданд. Инчунин, барои бо сифати баланд таъмин намудани дастрасӣ ва устувории кори таълимгоҳҳо суръати интернет боло бурда шуд.

Дар муассисаҳои таълимие, ки бо низоми қаблӣ дарс мегузаранд ва ин ҳамагӣ 4%-и умумии хонандагон дар соли таҳсили 2020-2021 мебошанд, қоидаҳои махсус ҷорӣ карда шуданд. Санҷидани ҳарорати бадани хонандагон ҳангоми ворид шудан ба муассиса, ба гурӯҳҳо тақсим шудани хонандагон на бештар аз 15 нафар. Як қисми муайяни дарсҳо тариқи фосилавӣ гузаронида мешаванд.

Ҷумҳурии Қазоқистон дар як муддати кӯтоҳ тавонист, ки қисми зиёди муассисаҳо, омӯзгорон ва хонандагонро ба низоми фосилавии таҳсил гузаронад. Раванди ба низоми муқаррарии таҳсил гузаштани мактабҳои миёна ба вазъи эпидемиологии Қазоқистон вобаста аст. Дар рафти таҳлилҳо маълум гашт, ки барои ба низоми фосилавӣ гузаштани муассисаҳои таълимӣ кори саҳл набуда, хароҷоти зиёдеро талаб менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ин раванд пешравиҳои назаррасе дорад. Қариб ҳамаи муассисаҳои олии кишвар имконияти гузаронидани дарсҳои фосилавиро доранд, чунки қисми зиёди муассисаҳои олӣ дар пойтахт қарор доранд. Аммо қисми зиёди донишҷӯёни мо имкони ба тариқи онлайнӣ гузаронидани дарсҳои худро надоранд, чунки дастрасӣ ба интернети босуръат дар ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистон бинобар кӯҳсор будан, имконнопазир аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мазкурро ҳамаҷониба дарк намуда, барои беҳбуд бахшидани раванди таълим дар муассисаҳои таълимӣ тадбирҳои бетаъхирро андешидааст. Қобили зикр аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо олимони кишвар дар моҳи марти соли равон чунин қайд карда буданд: “Талаботи рӯз чунин аст, ки рушди илмҳои дақиқ бояд таъмин карда, натиҷаи корҳои илмӣ дар истеҳсолоти ватанӣ ҷорӣ ва таҷрибаҳои инноватсионӣ татбиқ гарданд ва дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ихтисосҳои вобаста ба манбаъҳои таҷдидшавандаи неру, яъне “энергияи сабз”, “иқтисоди сабз” ва “иқтисоди рақамӣ” таъсис дода шаванд.”[5] Ин яке аз супоришҳои Президенти кишвар доир ба рақамикунонӣ мебошад. Роҳбари давлат қариб дар ҳамаи баромадҳои худ зарурати ба ҷомеаи имрӯза ҳамрадиф будани моро таъкид менамоянд. Шароити имрӯзаи ҷаҳонӣ зарурати тайёр намудани кадрҳои ботаҷрибаро дар самтҳои ТИ ва илмҳои дақиқ талаб менамояд. Инчунин, таваҷҷуҳ кардани Роҳбари давлат ба натиҷаи корҳои илмӣ, ки дар истеҳсолоти ватанӣ бояд ҷорӣ карда шаванд, беасос нест.

Ташкили ихтисосҳои ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ яке аз супоришҳои Роҳбари давлат мебошад, ки дар раванди амалӣ намудани рақамикунонии соҳаҳои гуногун заминаи асосӣ мебошад. Президенти кишвар зимни ироаи Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ ду сол қабл зарурати рақамикунонии соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодии кишварро таъкид карда буданд ва дар баромади худ чунин қайд карданд: “Бо дарназардошти равандҳои муосир, мо бояд корро ҷиҳати татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ва дар соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ҷорӣ кардани технологияҳои рақамӣ вусъат бахшем.[3] Бешубҳа, ба технологияи рақамӣ гузаштани соҳаҳои иқтисоди иҷтимоии кишвар раванди ташаккули онҳоро метезонад. Алалхусус, соҳаи маориф, чунки омода намудани кадрҳои ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ вазифаи асосии ин соҳаи муҳимми давлатӣ мебошад.

Зарурати баланд намудани сатҳи саводнокии рақамии аҳолӣ дар шароити имрӯзаи ҷаҳонӣ ба миён омадааст. Ҳатто дар баъзе кишварҳо, хусусан, дар Ҷумҳурии Қазоқистон саводнокии рақамии аҳолиро то соли 2025 ба 87% расониданианд ва барои ноил гардидан ба мақсадҳои худ барномаҳоро дар ин самт ҷорӣ намуда истодаанд. “Дар навбати худ, ҳукуматҳои минтақавӣ бояд хариди иловагии таҷҳизоти муосири компютерӣ, муҷаҳҳазгардонии синфхонаҳо бо технологияи замонавӣ, омода намудани методологияи нави таълими илм ва техникиро барои мактабҳо мутобиқи талаботи таълими рақамӣ таъмин намоянд”. [6]

Айни замон, дар Ҷумҳурии Қазоқистон лоиҳаҳои гуногун оид ба автоматикунонии хадамоти давлатӣ дар соҳаи маориф бомуваффақият татбиқ карда мешаванд.

Ҷумҳурии Қазоқистон лоиҳаи озмоишии таҳсилоти рақамӣ - Платформаи миллии таҳсилоти кушод роҳандозӣ намуда истодааст, ки он ҳамчун як маҷмааи бузурги таълимӣ аз низомҳои таълими фосилавӣ, конференсияҳои онлайнӣ, курсҳои таълимӣ, маҷмӯи дарсҳои онлайнӣ, барномасозии ба объект нигаронидашуда, робототехника, 3D-моделсозӣ ва чопӣ, таҳвили фосилавӣ ва қабули имтиҳонҳо иборат аст.

Низоми таълими фосилавӣ дар платформаи meet.mail.kz асос ёфтааст, ки имкон медиҳад, дар як вақт якчанд синфҳо пайваст шуда, аз фанҳои гуногун дар шакли фосилавӣ дарс гузаранд. Муҳим нест, ки муаллим аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дар шаҳри дигар ҷойгир аст, ё донишҷӯ бо ягон сабабе дар дарс ҳузур дошта наметавонад. Вежагии низом дар пахши яквақтаинаи маводи таълимӣ ва методӣ, тахтаи интерактивӣ, синфхона ва камераҳои интеллектуалии баландсифат иборат аст, ки омӯзгор метавонад мавқеи ҷойгиршудаи донишҷӯро бинад. Чунин низом имкон медиҳад, ки видеоконфронсҳо, дарсҳои кушод ва имтиҳонҳо тариқи онлайн баргузор карда шаванд.

Ба раванди таълим ҳам тавассути Интернет (тавассути манбаи media.mail.kz дар режими stream) ва ҳам тавассути барномае, ки бо он ба низоми ягона пайваст мешавад, ворид шудан мумкин аст. Дастрасӣ ба сабти раванди таълимро ҳар лаҳза ба даст овардан ва онро барои назорати сифати таълим ё такрори маводи қаблӣ ё нақшаҳои методӣ истифода бурдан мумкин аст.

Интегратсияи курсҳои таълимӣ ва барномаҳои таълимӣ ба иваз кардани муаллим дар сурати набудани ӯ кумак хоҳад кард, ё илова ба маводи омодакардаи омӯзгор хоҳад шуд ва низоми таълими фосилавӣ фаъолияти синфи виртуалиро сабт хоҳад кард: барои муаррифии маводи таълимӣ чӣ қадар вақт сарф шуд, фаъолияти шунавандагон чӣ гуна аст, чӣ қадар вақт барои саволдиҳии донишҷӯён сарф шуд, кӣ аз ҳама фаъолтар буд ва шумораи ҷавобҳои дуруст чанд аст? Чунин таҳлилҳо танзимшаванда мебошанд.

Лоиҳаи дуввум Феҳристи хатмкунандагон аст. Лоиҳа имконият медиҳад, ки ҳуҷҷати шахсӣ дар бораи хатми таҳсилоти олӣ ва баъд аз муассисаи олии таълимӣ онлайн тасдиқ карда шавад, ки сифати таҳсилотро тавассути пешниҳоди аҳолӣ бо маълумоти муътамад дар бораи хатмкунандагон беҳтар менамояд. Дар ҳолати ошкор нашудани маълумот, фаъолияти модул имконият медиҳад, ки ба муассисаи таълимӣ, ки ҳуҷҷати таҳсилотро додааст, дар бораи ворид кардани маълумот дар бораи диплом дархост фиристад ва агар хатое дар маълумоти хатмкунанда пайдо шаванд, интихоби фиристодани дархост барои ислоҳи маълумот низ вуҷуд дорад. Низом қобилияти ҷустуҷӯи маълумотро дар бораи хатмкунанда бо ду роҳ таъмин менамояд: аз ҷониби хатмкунанда ва ҳуҷҷат, ки сатрҳои муайянро бо маълумот барои дархост (РМА, номи пурраи донишгоҳ, ихтисос ва ғ.) дарбар мегирад.

Лоиҳаи Феҳристи хатмкунандагон дар мубориза бо истеҳсол ва истифодаи дипломҳои қалбакӣ тавассути дастрасии осон, кам кардани ҳуҷҷатҳо ва таъмини сарфаи дахлдори буҷа, ба шуъбаҳо ва корфармоён додани маълумоти боэътимод дар бораи тахассуси довталабон нақши муҳим мебошад.

Афзалиятҳои рақамии таҳсилот фарқияти сифатро дар байни хонандагони мактабҳои деҳот ва шаҳр коҳиш дода, дастрасии баробар ба таълимро таъмин мекунанд.

Дар баробари пешравии ҷомеаи имрӯза моро зарур аст, ки дар кишвар ба кор андохтани платформаи ягонаи ин соҳаи ҳаётан муҳимро дар мадди аввал гузорем. Мувофиқи пешгӯиҳо муайян карда шудааст, ки то соли 2036 то 50% тамоми равандҳои кор автоматӣ карда мешаванд, ки ин боиси коҳиш ёфтани шумораи ҷойҳои корие мегардад, ки тахассуси миёна ва кори ҷисмониро талаб мекунанд. Дар ҳалли масъалаи таъмини соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа бо кадрҳои дорои донишҳои замонавӣ, марказҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳо нақши махсус доранд. Онҳо ба мутахассисони ширкатҳо ва корхонаҳои мамлакат малакаҳои нав меомӯзонанд, ки дар раванди ташкили таълим, таҳия ва санҷиши технологияҳои нави рақамӣ мустақилона амал кунанд.

Дар ҳалли вазифаҳои афзалиятноки рушди рақамии соҳаҳо ва барои зудтар қарор қабул кардан оид ба масъалаҳои асосии рушди рақамии соҳаҳо, ташкили платформаҳои доимии муколама байни намояндагони соҳаҳо бо якдигар ба мақсад мувофиқ аст. Ин ҳамкорӣ самарабахштар ва оқилтар хоҳад буд, агар он бо иштироки намояндагони муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ баргузор шавад.

Ҷомеаи муосир ба маҷмӯи тадбирҳое ниёз дорад, ки ба рафъи нобаробарии рақамӣ, дастрасии баробар ба инфрасохтори асосӣ, хидматҳо ва доираи васеи хадамоти рақамӣ, аз қабили таълими фосилавӣ равона карда мешавад, ки он имконияти гирифтани таҳсилоти босифат аз ҷониби ҳар сокини кишвар новобаста аз ҷои истиқомат таъмин менамояд.

**Адабиёт:**


1. Риск утечки данных катастрофически растет [Электронный ресурс]://URL://https://trends.rbc.ru/trends/futurology/5eceaa729a7947e787005a02 (дата обращения: 10.11.2020)
2. Программу «цифровое образование» запустят в Казахстане [Электронный ресурс]://URL://https://vlast.kz/novosti/40527-programmu-cifrovoe-obrazovanie-zapustat-v-kazahstane.html (дата обращения: 25.10.20)
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]://URL://http://prezident.tj/node/19088 (таърихи муроҷиат: 15.09.2020)
4. Пахомова Татьяна Евгеньевна // Формирование ИКТ-компетентности студентов педагогического колледжа с учётом междисциплинарной интеграции в условиях цифровизации образования// дисс. на соис. уч. степени канд. пед. наук. 12 с.
5. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо олимони кишвар [Манбаи электронӣ]://URL://http://prezident.tj/node/22643 (таърихи муроҷиат: 12.11.2020)
6. Цифровизация в образовании: новые технологии в помощь процессу обучения [Электронный ресурс]: //URL: //https:// www. inform. kz/ru/cifrovizaciya-v-obrazovanii-novye-tehnologii-v-pomosch-processu-obucheniya_a3477335 (дата обращения: 25.11.20)


## СОСТОЯНИЕ И РАЗВИТИЕ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ В СИСТЕМЕ УПРАВЛЕНИЯ СФЕРЫ ОБРАЗОВАНИЯ В ПЕРИОД ПАНДЕМИИ

**КОСИМЗОДА МИРЗОКАРИМ ФАХРУДДИН,**
докторант (PhD) кафедры государственного финансового менеджмента

Академия государственного управления при
Президент Республики Таджикистан
Душанбе, улица Саида Носира, 33,
Тел: (+992) 927-40-48-99; E-mail: mirzo.k95@mail.ru

*В статье рассматриваются проблемы цифровой экономики в сфере образования в период пандемии коронавируса. В том числе, было отмечено, что нынешняя ситуация может стать важным фактором стремительного развития науки и образования, поскольку пандемия коронавируса и мировой экономический кризис вынудили экспертов в которкий срок пересмотреть свои прогнозы относительно будущего цифровой экономики.*

*Определено, что в этот период для цифровизации экономики целесообразен опыт Республики Казахстан, где успешно реализуются различные проекты по автоматизации государственных органов в сфере образования.*

*Следует учитывать направления дальнейшего развития цифровизации экономики, включая оцифровку социально-экономических секторов, необходимость большего и ускоренного обучения персонала с техническим образованием и повышения рабочих навыков граждан в области оцифровки.*

***Ключевые слова:*** *экономика, цифровизация, Таджикистан, Казахстан, процесс цифровизации, сфера образования, обучение, пандемия Covid-19, общество, система дистанционного образования.*

## THE STATE AND DEVELOPMENT OF THE DIGITAL ECONOMY IN THE EDUCATION MANAGEMENT SYSTEM DURING THE PANDEMIC

**QOSIMZODA MIRZOKARIM FAKHRUDDIN,**
doctoral student (PhD) of the Department of Public Financial Management
Academy of Public Administration under
President of the Republic of Tajikistan
Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone: (+992) 927-40-48-99; E-mail: mirzo.k95@mail.ru

*The article discusses the problems of the digital economy in the sphere of education during the coronavirus pandemic. In particular, it was noted that the current situation could be an important factor for the rapid development of science and education, as the coronavirus pandemic and the global economic crisis have forced experts in the short term revise their forecasts about the future of the digital economy.*

*It is determined that in this period, the experience of the Republic of Kazakhstan where various projects on automation of public services in the field of education are successfully implemented is appropriate for the digitization of the economy.*

*Areas for further development of the economy digitization, including the digitization of socio-economic sectors, the need for more and faster training of personnel with technical education and improving working skills of citizens in digitization should be considered.*

***Key words:*** *economy, digitalization, Tajikistan, Kazakhstan, digitalization process, education field, training, Covid-19 pandemic, society, distance education system.*

**УДК: 330.1**

# ҶАНБАҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ИҚТИДОРИ СОДИРОТИИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТИИ ТОҶИКИСТОН

**РАҲМОНОВ ДИЛОВАР РАҲМОНОВИЧ,**
муаллими калони кафедраи идоракунии молияи давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Саид Носир, 33.
Тел: (+992) 931-80 -63-11; E-mail:dilik_tj@bk.ru

*Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои институтсионалии иқтидори содиротии комплекси агросаноатии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Устуворсозии иқтидори Комплекси агросаноат дар нуқтаи меҳварии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шуда якчанд имтиёзҳоро баҳри ҷомаи амал пушидани мақсадҳои гузошта шуда, дода шудааст. Дар доираи Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафҳои стратегии зерин, ки Стратегияи милли рушд то соли 2030 муайян кардааст, амалӣ карда мешаванд. Бояд қайд кард,ки Комплекси агросаноатӣ. Мувофиқи арзёбии коршиносон дар ҷаҳон иқтидори калонтаринро моҳӣ ва маҳсулоту равғану чарбу (равғани растанӣ), инчунин маҳсулоти тайёри озуқаворӣ (маҳсулоти қаннодӣ, нӯшокиҳои спиртӣ, маҳсулоти тамоку, маҳсулоти меваю сабзавот, шакар, орд ва ғ.) доранд. Инчунин яке аз масъалаҳои мубрам ва меҳвари ин воридотивазкуниро маҳз дар соҳаи кишоварзӣ ба мавқеи аввал мебарорад. Дар бобати воридотивазкунӣ дар доираи қоидаҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо афзалият дар рушди истеҳсоли дохилии Тоҷикистон бояд маҳз ба истеҳсоли озуқаворӣ дода шавад: гӯшт (гӯшти гов, гӯсфанд, мурғ), тухм, маҳсулоти ширӣ (твороги беравған, кефир, био-йогуртҳо), маҳсулоти ордӣ (анвои нон), маҳсулоти қаннодии шакардор, конфетҳои шоколадӣ, макарон ба ҳисоб меравад. Ҳамин тавр бо содирот, яке омилҳои назарраси таъсир ба рушди иқтисодӣ миллӣ ва ба даст меорад потенсиали содиротӣ, аз ҷумла, қобилияти ниҳонӣ расидан ба ҳадафи гузошташударо таъмин кунанд ва ҳалли як масъалаи муайяни ҷамъиятӣ рушд ин ҳамгироии кишвар дар иқтисоди ҷаҳонӣ нишон медиҳад.*

***Калидвожаҳо***: *иқтидори содиротӣ, имтиёзҳо, боҷ, имтиёзҳои гумрукӣ, Комплекси агросаноатӣ, кишоварзӣ, содирот, воридот, барномаи давлатӣ, рушд бахши кишоварзӣ, афзалиятҳои миллӣ, гардиши савдои хориҷӣ, истеҳсоли моли ватанӣ, стратегияи миллии рушд, иқтидори истеҳсолию содиротӣ*

Дар шароити муосири иқтисодӣ ва сиёсӣ нақши рушд бахши кишоварзӣ дар кишвар меафзояд. Давлат дастгириро барои қонеъ гардонидани талаботҳои дохилӣ ба соҳаи кишоварзӣ равона карда шудааст.Дар ин маврид аҳамияти арзёбии иқтидори комплекси агросаноатӣ низ меафзояд.

Тоҷикистон аз ҷиҳати қобилияти таъмини ғизо амнияти кишвар ва бо мақсади муайян намудани иқтидори содиротӣ,сиёсати воридот ивазкунанда ва ба содирот нигаронида шударо мусоидат намуда шароит фароҳам меорад. Афзоиши истеҳсоли ватании ашёи хоми кишоварзӣ, маҳсулоти хӯрокворӣ, таъсиси корхонаҳои нав, ташкилотҳо фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ғайраҳо аз он шаҳодат медиҳад.

Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 (минбаъд-Барнома) ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид ба амалишавии сиёсати давлатии иқтисодии хориҷӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ таҳия гашта, ба афзун гардонидани ҳаҷми содирот, коҳиш додани ҳиссаи молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ дар ҳаҷми умумии воридот равона гардидааст. .[1]

Ҳамин тариқ барои ноил гардидан ба он дар доираи Барнома иҷрои вазифаҳои стратегии зерин, ки дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 муайян гардидаанд, оғоз карда шудааст,ки нигаронида шудааст ба:

☑ таъмини болоравии истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва воридотивазкунанда тавассути андешидани тадбирҳо дар самтҳои пешниҳоди механизми самараноки дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагон ва содиркунандагони молҳои ватанӣ ва гузаронидани ислоҳоти зарурӣ дар бахшҳои воқеӣ;

☑ таъсис додани марказҳои муосири логистикӣ ва васеъ кардани долонҳои байналмилалии коммуникатсионӣ, нақлиётӣ ва иқтисодӣ;

☑ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ кардани хизматрасонии хатсайрҳои роҳи оҳан, автомобилӣ, ҳавоӣ ва намудҳои дигари нақлиёт;

☑ таъмин намудани болоравии истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва воридотивазкунанда тавассути андешидани тадбирҳо ҷиҳати мусоидат ба содиркунандагону сармоягузорони эҳтимолӣ, инкишофи ҳамкорӣ, занҷирҳои арзиши иловашуда ва гурӯҳбандӣ.

☑ ба таври назаррас кам кардани вобастагӣ аз маҳсулоти воридотии асосии ниёзи мардум;

Инчунин бо мақсади расидан ба афзалиятҳои миллӣ тавассути рушди минтақаҳои кишвар, баланд бардоштани иқтидори истеҳсолию содиротии мамлакат ва дар ин раванд ҷалби ҳарчи бештари сармояи хориҷӣ ба ҶумҳурииТоҷикистон ба чор минтақаи озоди иқтисодӣ таъсис дода шудааст.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон бо мақсади таъмини шароити мусоид барои суръатбахшии рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла барои мақсадҳои таъмини аҳолӣ бо ҷои кор, рушди бемайлони иқтисодиёт дар асоси технологияи инноватсионӣ, истифодаи таҷрибаи пешқадами хориҷӣ, муттаҳидсозӣ ва истифодаи маҷмӯии сармояи давлатӣ, тиҷоратӣ ва хориҷӣ, санҷиши усулҳои нави хоҷагидорӣ, ки ба омезиши шаклҳои гуногуни моликият асос ёфтаанд, дар иқтисодиёт ҷорӣ намудани ихтироот ва коркарди илмию техникии ватаниву хориҷӣ бо истифодаи минбаъдаи онҳо дар дигар ташкилотҳои ҷумҳуриявӣ: густариши истеҳсоли молҳои истеъмолӣ ва хизматрасониҳо, афзун намудани содироти маҳсулот ва ҳалли дигар вазифаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ такшкил шудаанд. .[2]

Чуноне, ки аз ҷадвали мазкур маълум гашт, молҳои озуқаворӣ 145,2 ҳазор тонна дар соли 2018 ва дар соли 2019 бошад, 131,8 ҳазор тонна содирот карда шудааст. Масалан: қанду шакар ва маҳсулоти қаннодӣ 0,05, шир ва маҳсулоти ширӣ 0,02, чой 0,1 картошка 0,03, сабзавот 84,5, меваҷот ва бехмеваҳо бошад 18,5 ҳазор тонна. Воридоти молҳои озуқаворӣ бошад 1623,7 ҳазор тонна дар соли 2018 ва дар соли 2019 бошад 1849,6 ҳазор тонна молҳои зерин: гандум 1018,9 ҳазор тонна дар соли 2018 ва 1090,2 ҳазор тонна дар соли 2019, орд 47,2, 85,8, қанду шакар 116,7, 162,6, макарон, угро, макарони кучқорак ва ғайра 13,4, 17,4, равғани растанӣ 80,9, 100,5, шир ва маҳсулоти ширӣ 8,2, 8,3, тухм 34,4, 40,3 млн. донна, чой 5,1, 5,8 ҳазор тонна, картошка нисбатан кам 32,2, 3,7 ҳазор тонна, сабзавот низ нисбатан камтар, яъне 39,5, 10,7 ҳазор тонна [3, с.21].

Ҳарчанд ки таъмини маҳсулоти озуқаворӣ ватанӣ нисбати солҳои 1997-1998 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2019 хеле пеш рафтааст, вале ҳоло ҳам ҳиссаи баъзан маҳсулоти озуқаворӣ воридотӣ аз меъёр зиёд ба назар мерасад.

Дар шароити бухрони иқтисодии давлатҳои таъминкунандаи озуқаворӣ бояд диққат оид ба барқарор намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии худӣ рӯй оварем.

Зарурияти дар Тоҷикистон ташкил намудани механизми танзими давлатии КАС, ки дар худ чораҳои комплексии таъсири давлат ба системаи муносибатҳои иқтисодӣ, ки аз ҷой ва нақши ин сектор дар иқтисоди бозорӣ мебарояд, дохил мекунад. Комплекси агросаноатӣ дар шароити бозор мақоми махсусро ишғол менамояд, нисбатан даромаднокии пасти соҳаи кишоварзӣ аз омилҳои табиӣ-иқлимӣ вобаста буда, дорои хислати истеҳсоли мавсимии даври равшанифодашуда, дар нақшаи технологии соҳа дар муқоиса бо саноат қафомондатар мебошад. Дар натиҷаи ин гузориши маблағ ба он фоидаи кам меорад. Ғайр аз ин зиёдкунии ҳаҷми истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ дар натиҷаи талаботи ғайри чандирӣ ба пастшавии нархҳои аслии он меорад ва боиси камшавии даромадҳои молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ мегардад. Талаботи харидории пасти аҳолӣ имконият намедиҳад, ки маҳсулоти кишоварзиро бо нархҳои баланд истеҳсол намоем. Бояд қайд кард, ки соҳаи кишоварзӣ истеҳсолкунандаи асосии маҳсулоти саноатӣ ба ҳисоб меравад.

Бо назардошти таъсири бӯҳрони иқтисодӣ ва молиявии ҷорӣ масъалаи ҳалли амалии худтаъминкунии маҳсулоти озуқаворӣ яке аз муҳимтарин дар таъмини амнияти миллӣ ба шумор меравад. Шароити муосири рушди соҳаи кишоварзӣ ва саноати хӯроквории ватанӣ таҳияи усулҳои нави назариявӣ ва принсипҳои ташкили истеҳсолот, ки бояд имконияти боз ҳам бомуваффақияти ҳалли масъалаи бехатарии озуқавориро ба роҳ монад зарур медонад.

Саноати хӯрокворӣ, фарогири соҳаҳои истеҳсолкунандаи мол барои истеъмоли ниҳоӣ аз ҷониби аҳолӣ, унсури марказӣ дар таъмини маҳсулоти озуқаворӣ мардум мебошад. Дар робита ба ин, аҳамияти фавқулоддаро оиди сифат, назари оқилонаи меъёрҳои тиббӣ ва ғизои бехатарро ба ӯҳда мегирад. Сифати маҳсулоти озуқаворӣ, бехатарии он барои кишвар бояд ба афзалияти миллӣ, андешаи миллӣ табдил гардад.

Дараҷаи пасти даромаднокии истеҳсолоти кишоварзӣ ва нархҳои баланди маҳсулоти саноатӣ имконият намедиҳад, ки корхонаҳои доираи кишоварзӣ маҳсулоташонро дар дараҷаи шиддатнокии оқилона ба амал дароранд. Ва дар охир миқдори зиёди воридоти озуқаворӣ нисбатан арзон ва рақобатнопазирии истеҳсолоти ватанӣ сабаби асосии пастшавии истеҳсолоти худӣ дар солҳои охир, ташкили хатари ҷиддӣ барои бехатарии озуқаворӣ ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳолатҳои дар боло зикршуда пеш аз ҳама боиси зарурияти танзими давлатии бозорҳои кишоварзӣ бо мақсади таъмини корхонаҳои кишоварзии дигар соҳаҳои кишоварзӣ шароити мусоид барои ба амалбарории васеи азнавистеҳсолкунӣ ва зарурияти аз ин ҳисоб соҳиби фоида ва даромаднокии истеҳсолот мегардад.

Бо назардошти ин ҳолатҳо дар бисёр мамлакатҳо бо иқтисодӣ бозорӣ, системаи танзими давлатии тараққикарда ва дорои таърихи тулонидошта амал мекунад. Мақсад ва вазифаи асосии онҳо нигоҳдории вазъияти устувори иқтисодӣ дар кишоварзӣ, дастгирӣ намудани конюктураи бозорӣ ва даромадҳо дар соҳа, пешгирӣ намудан аз ҷараёни муҳоҷиратӣ, иҷбори таъмини бехатарии

озуқаворӣ, молиякунонии барномаҳои ихтисори истеҳсолот, ёрӣ дар мутобиқшавии бозори дохилӣ кафолати иштироки рақобатпазири молистеҳсолкунандагони миллӣ дар тақсимоти байналхалқии меҳнат ва ғайраҳо.

Марҳилаи кунунӣ дар якҷоягӣ бо афзоиши нишондиҳандаҳои миқдорӣ, қисми муштиколи таъмини маҳсулоти озуқаворӣ, сифат ва бехатарии он низ мадди назар аст. Таъмини маҳсулоти озуқаворӣ, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ, фурӯш, инчунин ҳалли мушкилоти дастрасии ҷисмонӣ ва иқтисодии озуқаворӣ хусусияти системавӣ дорад.

Дар муқоиса бо миқдор ва сифати озуқаворӣ ҷузъи муҳими дастрасии физиологии стандартҳои тавсияшавандаи истеъмол дастрасии иқтисодии маҳсулоти хӯрокворӣ мебошад, ки ба аҳолӣ имконият медиҳад, ки имконияти дастрасии маҳсулоти озуқаворӣ мувофиқи меъёрҳои тиббии озуқаворӣ бо нархҳои мавҷуда, сатҳи даромади аҳолӣ ва сатҳи таваррумро медиҳад.

Масъалаи мазкурро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфи назар нанамуда, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолӣ меъёрҳои тавсиявӣ муқаррар карда шудааст, ки мо онро дар ҷадвали 2 муфассал шарҳ додаем.

**Ҷадвали 2**

**Меъёрҳои тавсиявии физиологии истеъмоли маҳсулоти асосии озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018**

**Physiological recommendation of basic food products per capita in the Republic of Tajikistan**

| № | Номгӯи маҳсулот | Грамм дар як шабонарӯз | Килограмм дар як моҳ | Килограмм дар як сол |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Нон ва маҳсулоти нонӣ, ярмаҳо, лӯбиёгиҳо | 404,7 | 12,1 | 147,7 |
| 2 | Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | 111,9 | 3,4 | 40,8 |
| 3 | Моҳӣ ва маҳсулоти моҳигӣ | 24,6 | 0,7 | 9,0 |
| 4 | Шир ва маҳсулоти ширӣ | 316,0 | 9,5 | 115,3 |
| 5 | Тухм (дона) | 0,5 | 15,0 | 180,0 |
| 6 | Равған (растанӣ, чарбу) | 46,2 | 1,38 | 16,6 |
| 7 | Қанд | 54,8 | 1,6 | 20,0 |
| 8 | Сабзавот ва полезиҳо | 455,0 | 13,7 | 166,1 |
| 9 | Мева ва буттамева | 340,0 | 10,2 | 124,1 |
| 10 | Картошка | 252,0 | 7,6 | 92,0 |
| 11 | Чой | 5 | 0,15 | 1,8 |

**Сарчашма: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2018, №451.**

Дар баробари ин, ҳангоми муайян намудани вазъи бехатарии озуқаворӣ масъалаҳои зерин низ бояд ба назар гирифта шаванд: ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ватанӣ, ашёи хоми ватанӣ, талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ тибқи меъёрҳои Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ муқарраршуда, сатҳи худтаъминкунӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ тибқи меъёрҳои илман исботшуда бо дарназардошти шароити табиӣ ва иқтисодии макони зист [3, с.31].

Таъмини маҳсулоти озуқаворӣ, сифат ва бехатарии он, ташаккули иқлими иҷтимоии кишвар мониторинги мунтазам, баҳодиҳии доимии вазъияти иқтисодӣ

бо назардошти меъёрҳои муайян ва нишондиҳандаҳо талаб карда мешавад.

Барои фаҳмиши созанда оид ба меъёрҳои таъмини маҳсулоти озуқаворӣ зарур аст, ки системаи давлатии озуқаворӣ ҷорӣ карда шавад, ки ду сатҳи норасоии маҳсулоти озуқаvotorии аҳолиро дар бар мегирад: кифоя будан, ки барои ҳисобҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар шароити мӯътадил истифода бурда мешавад ва ҳадди ақал барои кафолати таъмин намудани аҳолӣ дар ҳолатҳои фавқулоддаи ҳолати озуқаворӣ зарур аст. Дар баробари ин бояд пайваста амалҳои зер ҳал карда шаванд:

- дар асоси талаботҳои аҳолӣ ба маҳсулоти хӯрокворӣ муайян намудани меъёри сатҳи даромад ва нархҳо барои таъмини дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти хӯрокворӣ тибқи меъёрҳои тиббии актуалӣ дар шароити нархҳои бозорӣ;

- дар асоси моделҳои фаъолияти комплекси агросаноатӣ, муайян намудани арзиши аслии истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ, чорводорӣ, коркард ва нархҳои ҳадди ақал барои кори фоиданокии агробизнес;

- дар асоси модели воридоти маҳсулоти хӯроквории блоки системаҳои иқтисодии хориҷӣ муайян намудани низоми тарифҳои гумрукӣ ва квотаҳо, ки аз як тараф сатҳи муътадили муҳофизати аграрӣ ва аз тарафи дигар дигаргунии рақобатпазирии маҳсулоти воридотӣ таъмин карда мешавад;

- дар асоси моделҳои банақшагирии давлатӣ ва модели умумӣ дар бозори аграрӣ стратегияи дастгирии давлатии истеҳсолоти агросаноатӣ, аз ҷумла системаи субсидияҳо, субсидияҳо, субвенсияҳо, ғ., таъмини тавозуни таъминот ва талабот дар минтақаи иҷозатдодашудаи кафолати бехатарии озуқаворӣ бо ҳадди ақали хароҷотҳои давлатӣ.

Дар шароити кунунӣ, бояд аз муносибатҳои пешқадами маъмулӣ ва маъбадҳо дасткашӣ намуда, аз мавқеи воқеӣ ва ақли солим ҳалли мушкилоти бартарафсозии бӯҳронро ёфтан зарур аст. Ва на аз ҷониби тарк ислоҳоти иқтисодӣ, балки бо идомаи онҳо, аммо ҳамчун воситаи баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёт ва баланд бардоштани зиндагии мардум. Барои ин дигаргун тадриҷани шаклҳои мавҷудаи фаъолияти иқтисодӣ ва муассисаҳои иқтисодӣ дар самти иқтисоди бозаргонӣ бо дарназардошти нигоҳ доштани нақши муҳими давлат зарур аст.

Ҳамин тавр, метавон қайд кард, ки барои ҳалли масоили бехатарии озуқаворӣ амалӣ намудани маҷмӯи чораҳо лозим мебошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад зарур аст, ки ҳамкории давлатӣ-хусусӣ мустаҳкам гардад, ҳамчунин ислоҳоти институтсионалии бо рушди иқтидори инсонии мамлакат алоқаманд гузаронида шаванд ва пеш аз ҳама дар натиҷаи истифодаи самарабахши заминҳои корам ва истифодаи технологияҳои муосир дар соҳаи комплекси агросаноатӣ вобаста мебошад.

**Адабиёт:**

1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ , Душанбе - №4-2019 с., 170 С.

2. Вазъи иҷтимоию иқтисодӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, январ – декабр. Душанбе – 2020. – С. 24-25.

3. Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон /Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти ҶТ. – Душанбе, 2019 с.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» санаи истифодашуда: 28.12.2012 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, №643, 18 05 2009 с., Душанбе 2016г. саҳ. 6-9.

5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26.12.2018

6. Солеҳзода, А.А. Ҷабҳаҳои стратегии таъмини бехатарии озуқаворӣ дар Тоҷикистон / А.А.Солеҳзода, И.С. Фасеҳзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дар шумораи илмҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва умумӣ. Душанбе, 2018. №3.- С. 3-8.

7. Солехзода А.А. Факторы, влияющие на уровень продовольственной безопасности / А.А.Солехзода, И.С.Фасихов // Научные исследования: Ключевые проблемы III тысячелетия (Россия, Москва). - 8 (9). – 2016. - С.15-23.

8. Фасихов И.С. Формирование стратегии экономической безопасности в условиях трансформации национальной экономики (на примере продовольственной безопасности Республики Таджикистан). Монография / И.С.Фасихов.- Душанбе: “Ирфон”, 2016. 150 с.

9. Фасеҳзода (Фасихов) И.С. Зарубежный опыт и его применение в процессе формирования стратегии продовольственной безопасности // И.С.Фасихов Экономика, №1 (26), 2016, с.94-101 0,3 п.л., г.Бишкек, КР.

## МЕХАНИЗМЫ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ И ИХ УПРАВЛЕНИЕ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**САЙДАЛИЕВ ХУРШЕД АМИРХОНОВИЧ,**
докторант (PhD) кафедры экономической теории
Таджикского государственного финансово-экономического университета.
734067. Республика Таджикистан г. Душанбе, пр. Нахимова 64/14,
Тел.: (+992) 93.446.99.90; E-mail: khurshed1992@mail.ru

*В данной статье рассматривается вопрос обеспечения населения Республики Таджикистан сельскохозяйственной продукцией. Определенно в какой степени население страны производит сельскохозяйственную продукцию или импортирует ее из-за границы.*

*В статье определены физиологически рекомендуемые нормы потребления основных продуктов питания на душу населения Республики Таджикистан.*

*Представлены вопросы, которые должны быть решены в стратегии, включая физический и экономический доступ к продовольствию, защиту окружающей среды и эффективное управление, соблюдение агротехнических стандартов и, в целом, правильное использование земельных ресурсов и приоритеты страны в производстве экологически чистых продуктов.*

*Был сделан вывод, что продовольственное обеспечение страны - это экономическая ситуация, в которой существует продовольственная независимость, гарантируется доступ к продуктам питания, и только реализация государственных программ по продовольственной безопасности приносит прямую пользу обществу, будет способствовать достижению целей Правительства Республики Таджикистан в обеспечении устойчивого развития национальной экономики.*

***Ключевые слова:*** *Продовольственный рынок, продовольственная безопасность, рынок сельхозпродукции, управление, агропромышленный комплекс, обеспечение*

*населения страны отечественной продукцией, импорт, экспорт отечественной продукции.*

## MECHANISM OF FOOD SUPPLY AND ITS MANAGEMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**SAYDALIEV KHURSHED AMIRKHONOVICH,**
doctoral student (PhD) of the Department of Economic Theory of
Tajik State Finance and Economics University
734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14, Nakhimova Ave.
Phone: (+992) 934-46-99-90; E-mail: khurshed1992@mail.ru

*The article deals with the issue of provision of the people of the Republic of Tajikistan with food, especially, food security. It is defined in what extent the country population produces agricultural products or imports them from abroad.*

*The article defines physiologically recommended norms of consumption of basic food products per capita of the Republic of Tajikistan.*

*Issues that should be solved in the strategy including physical and economic access to food, environmental protection and effective management, implement agrocultural standards, and in general, correct use of land resources and the priorities of the country in the organic products production are presented in the article.*

*It was conclused that the country's food provision is the economic situation,in which exist food suppling independence, guarantees access to food products and only implementation of state food security programs brings direct benefits to society, will contribute to the achievement of goals of the Government of the Republic of Tajikistan in ensuring sustainable development of the national economy.*

***Key words:*** *Food market, food security, agricultural market, management, agro-industrial complex, providing the country's population with domestic products, import, export of domestic products.*

УДК: 338.43.02(470.12)

# ХУСУСИЯТҲОИ ТАНЗИМИ ЗИДДИИНҲИСОРИИ СУБЪЕКТОНИ САНОАТИ МИЛЛӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**АЛИХОНЗОДА ШОҲРУХ,**
асситенти кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17
Тел.:(+992( 988-988-922; E-mail: shohrux002@mail.ru

*Дар мақола масъалаҳои такмили танзими зиддиинҳисорӣ дар соҳаи саноат дар асоси фарққунии арзёбии мавқеи ҳукмронии корхонаҳои саноатӣ ва ҷудо намудани “монополияҳои муваққатӣ”-и корхонаҳое, ки бартарии беназири рақобат доранд дида баромада шудаанд. Ҳамчунин, аз тарафи муаллиф нақш ва мавқеи сохторҳои зиддиинҳисорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ муайян карда шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки корхонаҳое, ки бартариҳои беназири рақобатпазир доранд, ки аз рӯи хусусияти таъсири худ ба фаъолияти хоҷагӣ бо сабабҳои пайдоиши монополияҳои табиӣ монанд мебошанд.*

*Мушкилоти асосӣ дар ин ҳолат тафриқаандозии корхонаҳое мебошад, ки тавассути афзалиятҳои рақобатпазир ва тавассути иштироки фаъолона дар равандҳои рақобат ба мавқеи бартаридошта ноил гаштаанд ва корхонаҳое, ки бартариҳои беназири рақобатӣ доранд, аз ҷиҳати хусусияти таъсир ба фаъолияти иқтисодӣ бо сабабҳои пайдоиши монополияи табиӣ шабеҳият доранд.*

*Равиши пешниҳоднамудаи муаллиф имконият фароҳам меоварад, ки фаъолияти хадамоти зиддиинҳисорӣ дар самти танзими зиддиинҳисории фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ба низом дароварда шавад ва дар навбати худ соҳаҳои сатҳҳои стратегӣ ва тактикии танзими зиддиинҳисорӣ аз ҳамдигар фарқ карда шаванд.*

***Калидвожаҳо:*** *рақобат, танзими зиддиинҳисорӣ дар саноат, монополияи муваққатӣ, афзалияти беназири рақобат, корхона, танзими давлатӣ, бозор, фаъолияти иқтисодӣ, минтақа, афзалият, рақобати солим.*

Пас аз кӯшишҳои назарраси гузаштан аз модели нақшавӣ ба иқтисодиёти бозорӣ, ки рақобат унсури асосии он мебошад, амалигардонии танзими зиддиинҳисорӣ дар байни вазифаҳои идоракунии стратегии саноати кишвар аҳамияти заруриро касб кардааст. Ба гуфтаи Б.А. Рейсберг, яке аз омилҳои муҳими баланд бардоштани самаранокии низоми иқтисоди бозорӣ рақобат мебошад. Ба ақидаи ӯ, рақобат «қавитарин роҳи ҳаяҷонангези субъекти иқтисодӣ, шакли мутамаддини мубориза барои мавҷудият, ҳавасмандгардонии пешрафти иқтисодӣ” мебошад.

Мувофиқи ақидаи Б.А. Рейсберг бинобар гуногунии шаклҳои моликият ва озодии фаъолияти иқтисодӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ, рақобат ба вуҷуд омада, ба таври худкор амал мекунанд. Муҳити бозор аз рӯи хусусияти худ рақобатро ба вуҷуд меорад, ки бинобар он баррасии принсипи рақобат дар чунин шароит асоснок аст.[2, С.171]

Ба андешаи мо, қонунҳои пайдоиш ва рушди равандҳои рақобат бевосита чунин принсипҳои модели бозории менеҷмент, ба монанди иқтисодиёти бисёрсоҳавӣ ва озодии соҳибкориро пешбини менамояд. Дар баробари ин, самаранокии рақобат

ҳамчун механизми рушд ва зарурати тақвияти он дар асарҳои иқтисодшиносони пешрафта аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шудаанд.
Танзими самаранокии қонунгузории зиддиинҳисорӣ бояд мураккаб набошад, бинобар ягонагии диалектикии бартарӣ, нуқсонҳои ташкили монополияҳои бозор барои намудҳои муҳимтарини маҳсулоти саноатӣ, истифодаи бартариҳои мавқеи монополистии корхонаҳои алоҳида, пеш аз ҳама дар шаффофият, хароҷоти нисбатан пасти танзим ва рақобат, кам кардани оқибатҳои манфии фаъолияти инҳисорӣ, дар навбати худ таъсири маҳдудкунанда ва ҳавасмандкунандаи ҳамзамон ба рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ таъмин карда шаванд.

Дар маҷмӯъ, танзими зиддиинҳисорӣ ҳамчун маҷмӯи тадбирҳои иқтисодӣ, маъмурӣ ва қонунгузорӣ, ки аз ҷониби давлат барои таъмини шароити самараноки рақобати бозорӣ ва пешгирии монополияи аз ҳад зиёди он амалӣ карда мешаванд, тасниф карда мешавад. Танзими зиддиинҳисорӣ танзими равандҳои консентратсия ва инҳисори моликият ва гардиш, нигоҳ доштани шароити рақобати одилона ва назорати риояи шартҳои чунин рақобат аз ҷониби корхонаҳо, танзими фаъолияти иқтисодии берунмарзӣ (кушода будани бозор ба рақибони хориҷӣ ё ҳавасманд кардани монополияҳои содиротӣ)-ро дар бар мегирад. [3, С.25]

Дар пайдарпаии зерини мантиқӣ мо метавонем омӯзиши хусусиятҳои танзими зиддиинҳисориро дар саноати кишвар тавсиф намоем:
- муайян кардани танзими зиддиинҳисорӣ дар идоракунии саноати кишвар, ҳадафҳо ва вазифаҳои он;
- хусусиятҳои танзими зиддиинҳисорӣ;
- афзалияти беназири рақобат ҳамчун манбаи монополияи муваққатӣ ва мавқеи бартаридошта дар бозор;
- ишғол намудани мавқеъи софдилона ва беғараз дар бозор;
- пайдарпаии мониторинги зиддиинҳисорӣ дар вазъияти мавқеи бартаридоштаи инҳисороти одилона, назорат ва танзими зиддиинҳисорӣ дар вазъияти монополияи муваққатӣ;
- ҳамгироии танзими зиддиинҳисорӣ ба системаи идоракунии стратегии саноати кишвар.

Танзими зиддиинҳисорӣ бевосита маҷмӯи амалҳои маъмурии дорои хусусияти маҳдудкунанда ва манъкунандаро нисбати субъектҳои зерини танзими зиддиинҳисорӣ пешбинӣ менамояд:
- монополияҳои табиӣ ва ширкатҳои бартаридошта.
- амалҳои мувофиқашуда ва созишномаҳои корхонаҳое, ки рақобатро маҳдуд мекунанд;
- равандҳои консентратсияи иқтисодӣ, ки барои тағйир додани шиддатнокии рақобат дар бозор муҳиманд.

Баъзе соҳаи танзим, ки бештар табиати иқтисодӣ дорад, пешгирии аз байн бурдани рақобат аз ҷониби мақомот, расонидани кӯмаки давлатӣ ва маҳаллӣ аз ҷониби онҳост, ки афзалиятҳои рақобатиро ба субъектҳои муайяни бозор меорад. Дар ин ҳолат, кӯшишҳои ҳамоҳангшудаи мутахассисони Вазорати иқтисод ва рушди савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мақомоти ҳифзи ҳуқуқ заруранд. Чунин зуҳуротро, бештар, рақобати носолим номидан мумкин аст, зеро онҳо ба мавқеи ҳукмрон ва фаъолияти инҳисории корхонаҳои саноатӣ ҳеҷ иртибот надоранд.

Ҳадафҳои асосии танзими зиддиинҳисорӣ дар саноати мамлакати мо бо миқёс ва самти таъсири идоракунӣ, ки бо дараҷаҳои идоракунии иқтисоди миллӣ фарқ мекунанд, муайян карда мешаванд.

Сатҳи стратегии идоракунӣ моҳияти танзими зиддиинҳисориро ҳамчун вазифаи идоракунии соҳаҳо ва маҷмӯаҳо оид ба аудити муҳити рақобат ва муайян кардани монеаҳо пешбинӣ мекунад, имкониятҳои рақобатии истеҳсолкунандагон, миёнаравҳо ва истеъмолкунандагонро дар бозорҳои намудҳои муҳимтарини маҳсулоти саноатӣ маҳдуд менамоянд.

Сатҳи тактикии идоракунии иқтисоди миллӣ танзими зиддиинҳисориро тавассути мониторинг, таҳлил, баҳогузорӣ ва идоракунии равандҳои мустақими рақобат амалӣ мекунанд, ки дар он корхонаҳои саноатӣ ва гурӯҳҳои стратегии онҳо ширкат меварзанд.

Дар сатҳи стратегии танзими зиддиинҳисорӣ дар саноати кишвар, ҳадафҳои асосии чунин фаъолият таҳлил, арзёбӣ ва тасҳеҳи муҳити рақобат ҳамчун омилҳои идорашавандаи равандҳои рақобат дар соҳа омухта мешаванд, ки ноил шудан ба онҳо тавассути ҳалли масъалаҳои зерин имконпазир аст:

- арзёбии ҳаҷм ва сохтори бозори саноатии маҳсулоти саноатӣ ва бахшҳои он;
- интихоб ва таҳлили бахши рақобатпазир дар бахшҳои бозори соҳаи саноат;
- арзёбии стратегии рушди муҳити рақобат (фаъолияти ҷустуҷӯӣ ва рақобатпазир, фаъолияти инноватсионӣ ва рақобатпазир, рақобати ноодилона, амалҳои зидди рақобатӣ);
- аудити муҳити рақобат барои муайян ва таҳқиқи монеаҳои вуруд ва маҳдудиятҳои рақобат;
- таҳияи барномаҳои навсозии муҳити рақобат дар соҳа;

Дар айни замон, ба вазъи рақобат на танҳо шумораи на он қадар зиёди фурӯшандагон дар бозор, балки монеаҳои ворид шудан ба бозор таъсир мерасонанд (монеаҳои вуруд).

Мо чунин мешуморем, ки нуқтаи асосии консепсия оид ба такмили танзими зиддиинҳисорӣ дар саноати кишвар навсозии меъёри муайян кардани мавқеи бартаридошта дар бозор мебошад. Мувофиқи усули мазкур, ҳиссаи бозории як корхонаи мушаххас дар бозор ҳар қадар калонтар бошад, он қадар имкониятҳо барои фаъолияти инҳисорӣ фароҳам оварда мешавад, гарчанде ки ин равиш комилан омили рафтори рақобатпазирии истеъмолкунандагонро ба назар намегирад.

Ғайр аз он, ягон меъёр барои тақсим кардани тамоми бозори муҳимтарин намуди маҳсулоти саноатӣ ба бахшҳои вафодор ва рақобатпазир вуҷуд надорад ва бо нобаёнӣ ҳар як амалиёте, ки дар бозор сурат мегирад, рақобатпазир ҳисобида мешавад.

Аммо, Н.А. Овчаренко ва Т.Е. Глушенко мавҷуд набудани робитаи мустақимро байни андозаи тамоми бозори маҳсулоти саноатӣ ва ҳаҷми муомилоти рақобатӣ дар он аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва аз ҷиҳати амалӣ тасдиқ намуданд [5, С.415].

Аз ин рӯ, вазифаи таъхирнопазири такмил додани танзими зиддиинҳисорӣ дар саноати кишвар фарқ кардани корхонаҳои саноатӣ бо мавқеи бартаридошта ба рақибони солим ва корхонаҳо мебошад, ки мо пешниҳод менамоем, ҳамчун монополияҳои муваққатӣ тавсиф карда шаванд.

Монополияи муваққатӣ корхонаи саноатист, ки дар бозори рақобат фаъолият мекунад ва дар он мавқеи ҳукмфарморо ишғол мекунад (ки ҳиссаи бозораш аз сатҳи низомномавӣ зиёдтар аст). Сабаби ин бартарии беназири рақобат дар дастрасӣ ба

инфрасохтор, ашёи хом, истеъмолкунандагон, технологияҳо, молиявӣ ва дигар намудҳои захираҳои соҳибкорӣ мебошад.

Ин равиш имкон медиҳад, ки қувваи дахолати зиддиинҳисорӣ ба фаъолияти субъектони соҳаи саноат бо мавқеи бартаридошта ба таври возеҳ фарқ карда шавад:

- агар корхонае, ки мавқеи бартариро ишғол мекунад, афзалияти беназири рақобатиро надошта бошад, тавассути бартариҳои боэътимоди рақобат ба мавқеи бартаридошта ноил гаштааст ва мониторинги зиддиинҳисорӣ барои он кифоя аст (гирифтани нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти истеҳсолӣ - хоҷагӣ ва огоҳиномаҳо дар бораи далелҳои муҳими ҳаёти иқтисодӣ);
- агар корхонае, ки мавқеи бартариро ба даст овардааст, тавассути истифодаи афзалияти беназири рақобат ба он ноил шудааст, илова бар мониторинги зиддиинҳисорӣ, аз ҷумла назорати мустақим аз болои нархгузорӣ, инчунин татбиқи барномаҳо, бояд ба он танзими пурраи арзиши зиддиинҳисорӣ, таҷдиди сохтор (тақсимшавӣ) ва дар баъзе ҳолатҳо ва барҳамдиҳии корхонаҳоро татбиқ кардан лозим аст.

Барои тавсифи моҳияти бартарии беназири рақобат ва зарурати танзими зиддиинҳисории фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, тавсифи илмӣ додани корхонаҳои муосири рақобатпазир зарур аст.

Афзалияти беназири рақобат мавҷудияти салоҳияти корпоративиро дар назар дорад, ки он дараҷаи баландтар аз салоҳияти корпоративии корхонаҳои рақобатпазир аст. Сабабҳои бартарии комили рақобатии корхонаҳои саноатӣ метавонанд дастрасии комил ба манбаъҳои ашёи хом, дастрасии пурра ба инфрасохтор, дастрасӣ ба истеъмолкунанда, дастрасии пурра ба технологияҳои саноатӣ, дастрасии беназир ба захираҳои инсонӣ, дастрасӣ ба манбаъҳои молиявӣ ва дастрасӣ ба манбаъҳои ташкилӣ (соҳибкорӣ) бошанд [6, С.67].

Ба андешаи мо, фарқ кардани корхонаҳои саноатӣ, ки дар бозор мавқеи ҳукмронро ишғол мекунанд, аз рӯи меъёри мавҷуд набудани бартарии беназири рақобат мушкил аст, ва дохил намудани корхонаҳо ба монополияҳои муваққатӣ, ки дар нисбати онҳо реҷаи нисбатан сахти зиддиинҳисорӣ татбиқ карда мешавад, ба танзими фаъолияти монополияҳои табиии шабеҳият доранд. Ин имкон медиҳад, ки мақсаднокӣ ва самаранокии танзими зиддиинҳисорӣ тавассути таъсири мақсадноки идоракунӣ ба манбаъҳои нархҳои инҳисорӣ дар бозорҳои намудҳои муҳимтарини маҳсулоти саноатӣ беҳтар карда шаванд, ки тавассути он ба даст овардани самараи системавӣ имконпазир аст, ки дар сарфаи маблағҳои истеъмолкунандагони мобайнӣ ва ниҳоии маҳсулоти саноатӣ ифода ёбад, ки ин ба сатҳи арзиш ва нархи маҳсулоти саноатӣ ва рақобатпазирии онҳо таъсири мусбат мерасонад.

Ҳамаи чизҳои дар боло овардашуда ба мо имконият медиҳанд, ки муҳити вазифаю ухдадориҳои хадамоти зиддиинҳисориро, ки ҳангоми танзими фаъолияти корхонаҳои саноатӣ татбиқ карда мешаванд, беҳтар созем. Равиши омӯзишие, ки мо истифода намудем, ба мо имкон медиҳад, ки фаъолияти хадамоти зиддиинҳисориро дар самти танзими зиддиинҳисории фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ба низом дароварда шавад, соҳаҳои сатҳҳои стратегӣ ва тактикии танзими зиддиинҳисорӣ фарқ карда шаванд, ҳадафҳо, вазифаҳо ва воситаҳои таъсири маъмуриро ба ҳар кадоми онҳо фарқ карда шаванд [7, С.233].

Мо зарур мешуморем, ки танзими зиддиинҳисории фаъолияти монополияи муваққатӣ ба соҳаи мустақили функсионалӣ ҷудо карда шавад, дар ҳоле ки режими танзими зиддиинҳисорӣ барои корхонаҳое, ки дар бозор мавқеи ҳукмфармо доранд,

вале афзалиятҳои беназири рақобатӣ надоранд, яъне барои корхонаҳое, ки рақобати солим доранд. Равиши мо ба дарки муносибатҳои сабабу натиҷа байни афзалиятҳои рақобатии корхонаи саноатӣ ва мавқеи он дар бозор асос ёфта, ба мо имкон медиҳад, ки самаранокии низоми танзими монополияро нисбат ба корхонаҳои саноатии дорои мавқеи бартаридошта дар бозор баланд бардорем.

Дар натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда хулосаҳои зерин бароварда шудаанд:
- танзими самаранoки зиддиинҳисорӣ бояд аз ҳисоби ягонагии диалектикии афзалиятҳо ва нуқсонҳои ташкили монополистии бозорҳо барои намудҳои муҳимтарини маҳсулоти саноатӣ хусусияти мураккаб дошта бошад ва бояд ба истифодаи бартариҳои мавқеи монополияи корхонаҳои алоҳида, ки пеш аз ҳама дар шаффофияти фаъолияти онҳо, хароҷоти нисбатан пасти танзим ва пешгӯии муҳити рақобат ва кам кардани оқибатҳои манфии фаъолияти инҳисорӣ нигаронида шудаанд, равона карда шаванд;
- мутобиқи равишҳои методологии ҳозира, агар корхонаи саноатӣ бо сабаби стратегияи рақобатии солим ва амалҳои фаъол дар бозори рақобат мавқеи ҳукмронро ба даст оварда бошад, он бояд инчунин объекти танзими зиддиинҳисорӣ гардад, яъне давлат ба корхонаҳои саноатии дорои рақобати солим ва рақобатпазири калон диқати зиёдтар медиҳанд. Дар баробари ин, маҳдудияти асосӣ сарфи назар карда мешавад, ки он аз бисёр ҷиҳат самаранокии истеҳсолоти саноатиро дар сатҳи корпоративӣ ва соҳавӣ муайян мекунад - миқёси ҳадди ақали самаранoки иқтисодӣ, таваҷҷӯҳи беасос монанди назорати тиҷорати хурд дар саноат бидуни назардошти хусусиятҳои соҳавӣ нодурустанд;
-ба андешаи мо бояд меъёри муайян кардани мавқеи ҳукмфармо дар бозор тавассути фарқ кардани корхонаҳое, ки тавассути татбиқи афзалиятҳои рақобатпазир ва тавассути иштироки фаъолона дар равандҳои рақобат ба мавқеи ҳукмфармо ноил гардидаанд, навсозӣ карда шавад;
- агар корхонае, ки мавқеи ҳукмфармо дорад, онро тавассути истифодаи афзалияти беназири рақобат ба даст овардааст, он бояд ба ғайр аз мониторинги зиддиинҳисорӣ, танзими пурраи зиддиинҳисорӣ дошта бошад, ки дар навбати худ назорати мустақим аз болои нархгузорӣ, инчунин татбиқи барномаҳои таҷдид (тақсимшавӣ) ва дар баъзе ҳолатҳо ва барҳамдиҳии корхонаҳоро фаро мегирад.

**Адабиёт:**


1. Алихонзода Ш., Амирхочаев Б.Х. Антимонопольное регулирование: Основные проблемы и направления его развития.// Материалы международной научно – практической конференции на тему «Индустриализация страны и обеспечение устойчивого развития экономики» (Душанбе, 27 февраль 2020 года).- Душанбе - 2020.- С.288-291
2. Алихонзода Ш., Рахимов Б. Нақш ва аҳамияти сиёсати зиддиинҳисорӣ дар танзими иқтисоди миллӣ.// Нақши мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини амният ва рушди иқтисодӣ. Маводҳои конфренсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 31-уми марти соли 2020).-Душанбе -2020.-С.170 -175
3. Васильева, К. С. Государственный контроль за монополистической деятельностью [Текст]: учебник / К.С. Васильева. – М.: 2016. – 214 с.
4. Глущенко И.В. Антимонопольное регулирование как инструмент формирования конкурентного рынка / И.В. Глущенко // Вестник Института комплексных исследований аридных территорий. -М. 2010. -Т. 2. -№ 2 (21). -С. 11-16.

5. Жигалюк Е.К. Антимонопольное регулирование экономики РФ / Е.К. Жигалюк // NovaInfo.Ru. -М. 2017. -Т. 3. -№ 58. -С. 414-418.
6. Изюмникова С.А., Плужникова И.И. Антимонопольное регулирование в России как механизм формирования конкуренции / С.А. Изюмникова, И.И. Плужникова // Экономика и бизнес. Взгляд молодых. -М. 2016. -Т. 1. -№ 1. -С. 68-70.
7. Курбонов А.К., Ҳафизов Му.А.Д. Мукаммалгардонии механизми иқтисодии идоракунии устувори обӣ дар Осиёи Марказӣ / А.К. Курбонов, М.Д. Ҳафизов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2019. -№ 10-2. -С. 231-235.
8. Мананникова В.В. Антимонопольное регулирование рынка электроэнергетики в условиях цифровой экономики / В.В. Мананникова // Теория и практика современной науки. -М. 2018. -№ 9 (39). -С. 179-184.
9. Хвалько А.А. Антимонопольное регулирование новых рыночных структур современной экономики / А.А. Хвалько // Экономика и управление. -М. 2008. -№ 6 (38). -С. 177-180.
10. Ходаринова Н.В. Проблемы и особенности организации антимонопольного регулирования деятельности современных промышленных предприятий / Н.В. Ходаринова // Экономика и предпринимательство. -М. 2013. -№ 6 (35). -С. 365-371.
11. Шишкин, М.В. Антимонопольное регулирование [Текст]: учебное пособие / М.В. Шишкин. – М.: 2016. – 59 с.

# ОСОБЕННОСТИ АНТИМОНОПОЛЬНОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ СУБЪЕКТОВ НАЦИОНАЛЬНОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**АЛИХОНЗОДА ШОХРУХ,**
ассистент кафедры информационных систем в экономике
Таджикского национального университета,
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17
Тел.: (+992) 988-988-922; E- mail: shohrux002@mail.ru

*В статье рассматриваются вопросы совершенствования антимонопольного регулирования в промышленном секторе на основе различий в оценке доминирующего положения промышленных предприятий и выделения «временных монополий» предприятий, обладающих уникальными конкурентными преимуществами. Автор определяет роль и положение антимонопольных структур в рыночной экономике. Он отмечает, что предприятия, обладающие уникальными конкурентными преимуществами, имеют схожий характер по своему влиянию на экономическую деятельность в связи с возникновением естественных монополий. Основная проблема в этом случае - дифференциация предприятий, которые заняли доминирующее положение за счет конкурентных преимуществ и активного участия в конкурентных процессах, а предприятия, обладающие уникальными конкурентными преимуществами, по своей природе схожи с влиянием естественных монополий. Предложенный автором подход дает возможность упорядочить деятельность антимонопольной службы в сфере антимонопольного регулирования промышленных предприятий и в свою очередь разграничить стратегический и тактический уровни антимонопольного регулирования.*

***Ключевые слова:*** *конкуренция, антимонопольное регулирование в промышленности, временная монополия, уникальное конкурентное преимущество, предприятие, государственное регулирование, рынок, экономическая деятельность, регион, преимущество, добросовестная конкуренция.*

## NATURE OF ANTI-MONOPOLY REGULATION OF NATIONAL INDUSTRIES SUBJECTS IN MODERN CONDITIONS

**ALIKHONZODA SHOKHRUKH,**
assistant of the Department
Information Systems in Economy of
Tajik National University,
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17, Rudaki Ave.
Phone: (+992) 988-988-922, E-mail: shohrux002@mail.ru

*The article examines the issues of improving antimonopoly regulation in the industrial sector on the basis of differences in assessing the dominant position of industrial enterprises and the allocation of "temporary monopolies" of enterprises with unique competitive advantages. The author also defines the role and position of antimonopoly authorities in the market economy conditions. The author notes that enterprises with unique competitive advantages have a similar nature in their impact on economic activity due to the emergence of natural monopolies.*

*The main problem in this case is the differentiation of enterprises that have taken a dominant position due to competitive advantages and by active participation in competitive processes and enterprises with unique competitive advantages by their nature to affect economic activities are similar to the emergence of natural monopolies.*

*The approach proposed by the author makes it possible to streamline the activities of the antimonopoly service in the field of antimonopoly regulation of industrial enterprises and, in turn, to distinguish between the strategic and tactical levels of antimonopoly regulation.*

***Key words****: competition, antimonopoly regulation in industry, temporary monopoly, unique competitive advantage, enterprise, state regulation, market, economic activity, region, advantage, fair competition.*

УДК:63.1.57(57.3)

# СИЁСАТИ ИҶТИМОИИ ДАВЛАТ ВА РУШДИ СОҲАИ ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛӢ ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

**МАЛОҲАТИ РАҶАБАЛӢ,**
докторант (PhD)-и кафедраи назарияи иқтисодии
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14.
Тел.: (+992) 935-08-08-84; E-mail: rajabali_mr@mail.ru

*Мақола дар асоси таҳлилҳои илмӣ ва дурнамои адабиётҳои иқтисодӣ, моҳият ва нақши сиёсати иҷтимоӣ, инчунин, пайдоиш ва марҳилаҳои инкишофи намудҳои сиёсии ("танзимкунанда", "интервенсионалист" ва "универсалӣ"), муайян кардани он ва тавсифи сиёсати иҷтимоӣ омода карда шудааст. Муаллиф зарурати тағйироти системавиро дар институтҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва муносибатҳо дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорї собит мекунад. Диққати бештар ба таҳлили моделҳои сиёсати иҷтимоӣ, ки айни замон дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон истифода мешаванд, равона гардидааст. Тавре ки дар мақола нишон дода шудааст, раванди гузариш аз модели патриархаливу сотсиалистӣ ё баробарҳуқуқӣ ба модели ҳадафноки сиёсати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арафаи анҷомёбист. Муаллиф инчунин вобастагии татбиқи сиёсати иҷтимоиро ба таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ асоснок кардааст.*

***Калидвожаҳо:*** *дурнамои адабиётҳои иқтисодӣ, сиёсати иҷтимоӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, моделҳои давлати иҷтимоӣ, масъалаҳои иҷтимоии иқтисодӣ.*

Зери сиёсати ичтимоии таъсирангезии мақсадноки давлат, иттифоқи касаба ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба низоми мавҷудаи муносибатҳои ҷамъиятӣ фаҳмида мешавад, ки мақсади он беҳтар сохтани шароити маишӣ ва меҳнати табақаҳои васеи аҳолӣ, бартараф намудани нобаробарии ичтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳи маънавии халқ мебошад.

Сиёсати ичтимоии давлат пеш аз ҳама дар соҳаи қонунгузорӣ зоҳир гардида, ба ҳифзи манфиатҳои аҳолии кишвар равона мегардад [9]. Яке аз самтҳои аҳамиятноке, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ пеш гирифтааст, ин давра ба давра гузарониданиислоҳот дар соҳаи ҳифзи ичтимоии аҳолӣ мебошад.

Ҳуқуқи иҷтимоии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус ҳуқуқи аҳолӣ ба таъминоти ичтимоӣ дар қонуни асосии кишвар– Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст. Ҳамаи ин ҳуқуқҳо аз ҷониби низоми иқтисодию сиёсии ҷомеа кафолат дода шуда, дар амал татбиқ кардани онҳо ғамхории ҳақиқиро дар бораи инсон инъикос менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми иқтисодию сиёсии ҷаҳонӣ яке аз он чанд давлате ба шумор меравад, ки тибқи Конститутсияи худ давлати ичтимоӣ эълон шуда, низоми иқтисодии он дар асоси ичтимоиёт ва дурнамои ичтимоӣ ба роҳ монда шудааст. Ҳамин нукта муҳимтарин ва волотарин комёбиҳои инсондӯстонаи ҷомеаи мо ба шумор меравад. Дар як давраи начандон тӯлонӣ, баъди соҳибистиқлол гаштани ҷумҳурӣ дар соҳаи таъминоти ичтимоӣ, аниқтараш ҳифзи ичтимоии аҳолӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гашта истодааст: қариб 600 ҳазор шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нафақаю кӯмакпулиҳо таъмин гардида, ба оилаҳои серфарзанд ва бесаробон монда ёрии амалии ҳаматарафаю назаррас расонида шуда, соҳаи

хизматрасонии иҷтимоии нафақахӯрон ва маъюбон зина ба зина инкишоф ёфта истодааст. Диққати бештар ва ғамхории ҳамарӯза ба шаҳрвандони куҳансол собиқадорони ҷангу меҳнат ва маъюбон зоҳир мешаванд. Онҳо яке аз гурӯҳҳои асосии аҳолии моянд, ки ба эшон низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мунташир гаштааст.

Хизматрасони иичтимоӣ яке аз шохаҳо ва самтҳои асосӣ ва хеле муҳими Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мебошад. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳамчун воҳиди ягонаи ҳукумат ва субъекти инфраструктураи иҷтимоии давлат, сиёсати иҷтимоии онро дар соҳаи таъминоти нафақаи шаҳрвандон ва хизматрасонии иҷтимоии аҳолӣ, ба хусус бамаъюбон, собиқадорони ҷангу меҳнат, оилаҳои камбизоат ва кӯдакони ятимонда, инчунин дигар шаҳрвандоне, ки бакӯмакҳои иҷтимоӣ аз ҷониби давлат мӯҳтоҷанд, дар ҳаёт татбиқ менамояд.

Мувофиқи мақсад ва босамар истифодабурдани маблағҳои буҷетӣ, ки ба таъминоти иҷтимоии аҳолӣ, мукаммал сохтани сиёсати нафақа, инкишоф додани муассисаҳои иҷтимоӣ, пардохти ҷубронпулҳои дахлдор барои иштирокчиёну маъюбони ҷанг, собиқадорони меҳнат ва дигар кӯмакпулиҳо аз тарафи фонди мазкур дуруст бароҳ монда шудааст. Ҳамзамон қайд кардан зарур аст, ки дар чунин шароит нақши ҳалкунандаро дар таҳия ва тадвини сиёсати иҷтимоӣ роҳбари давлат–ҳамчун симои роҳбарикунандаи кишвар мебозад.

Роҳбари давлат дар ташаккулёбии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бо роҳи тавассути ҳукумат ё шахсан дида баромадани масъалаҳои рӯзмарраи ҳифзи иҷтимоӣ ва аз рӯи онҳо қабул намудани қарору фармонҳои дахлдор таъсири бевосита мерасонанд. Имрӯзҳо дар баробари фармонҳои призиденти мамлакат, инчунин дастурҳои ӯ оид ба масоили иҷтимоӣ ва даъват ба накӯкорию хайрандешӣ нисбати эҳтиёҷмандон ва ятимон даст гирӣ ёфта аз тарафи кормандони фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ зина ба зина амали шуда истодааст. Сиёсати таъминоти иҷтимоии аҳолиро дар минтақаҳо ҳукуматҳои маҳаллӣ (вилояти ва шаҳрию ноҳиявӣ) татбиқ менамоянд. Идораҳои вилояти ва шӯъбаҳои шаҳрию ноҳиявии ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҳукуматҳо дар ҳамдастӣ ва таҳти роҳбарии раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо тибқи қонунгузории ҷорӣ ва мактубу дастурамалҳои методию ҳамоҳангсозии фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ доир ба хизматрасонии иҷтимоӣ корҳои муайянеро анҷом медиҳанд. Дар баробари таъин ва пардохти нафақаю кӯмакпулиҳо мақомоти дар маҳалҳо будаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ вазифадор ҳастанд, ки ба масъалаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ, аз ҷумла ёрии иҷтимоӣ ба маъюбон ва барқарорсозии қобилияти меҳнатии онҳо, фароҳам овардани шароити мусоиди фароғату табобати курортӣ, хизматрасонӣ ба куҳансолони барҷомонда ва ғайраҳоро хуб бароҳ монанд. Баҳри бечуну чаро амалӣ гардонидани чунин тадбирҳо тавассути мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ тамоми чорабиниҳои лозимаро ба нақша гиранд.

Таъминоти иҷтимоии аҳолӣ иборат аз 3 – усул ё принсип: суғуртаи иҷтимоӣ, таъминот ва ғамхорӣ мебошад.

Ба принсипи якум вақте сарукор мегирем, ки ҳаққи суғуртаҳои иҷтимоӣ аз муассисаҳои дахлдор ба монанди хазинаи ҳифзи иҷтимоӣ ворид мешаванд. Принсипи дуюм нисбати як гурӯҳи муайяни аҳолӣ дар қонун муқарар карда шуда мавриди амал қарор дода мешавад. Принсипи сеюм маъмулан ба табақаҳои камбизоати аҳолӣ, хусусан маъюбон , таалluқ дорад. Ин принсип ҳамчун усули ёрии иловагии иҷтимоӣ ва кафолатдиҳандаи ҳадди ақали зиндагонии осудаҳолона ба роҳ монда шуда, асосан аз ҳисоби маблағҳои буҷаҳои маҳаллӣ, воситаҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ, корхонаву муассисаҳо, хайрияҳои шахсони алоҳида ва ғайра татбиқ мегарданд. Табақаҳои дар

боло зикршуда, албатта ҷанбаҳои асосии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолиро пурра инъикос мекунанд.

Яке аз шаклҳои тараққикарда ва хеле маъмули хизматрасонии аҳолӣ фаъолияти марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ ба шумор меравад. Гардиши солонаи хизматрасониҳои аҳолӣ дар ин марказҳо 14 500 нафар нафақахӯронро ташкил медиҳад. Ин шакли хизматрасонӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанду Истаравшан, Исфара ва ноҳияҳои Бохтар, Ғончӣ фаъолона истифода карда мешаванд. Марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ, муассисаи соҳавии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мебошанд, ки дар ҳудуди шаҳр ё ноҳия ба нафақахӯрони куҳансол, маъюбон ва дигар табақаҳои аҳолии бадастгирии иҷтимоӣ мӯҳтоҷ фаъолиятҳои ташкилоти ва амали аз рӯи расонидани намудҳои ёрии иҷтимоӣ ба амал меоранд. Марказҳои минтақавӣ барои хизматрасонии тибби, фарҳангии нафақахӯрон ва маъюбон, ташкили истироҳати онҳо пебини шуда барои хизматрасонии на камтар аз 25 нафар ташкил дода мешаванд. Ба бахши мазкур нафақахӯрону маъюбони яккаву танҳо ва камбизоат вобаста ба вазъи оилавиашон, лаёқати худхизматрасонӣ ва ҳаракати фаъоли онҳо, дар асоси аризаи шахсӣ вамаълумотномаи муассисаи тибби, мувофиқи тартиби муқараршуда қабулкарда мешаванд. Шӯъбаҳои ёрии иҷтимоии шаҳру ноҳияҳо барои хизматрасонии иҷтимоӣ маишии доимиё муваққатӣ (то 6 моҳ) дар шароити хонагии нафақахӯрони куҳансол ва маъюбоне, ки дар натиҷаи қисман аз даст додани лаёқати худхизматрасонӣ ба ёрии дигарон мӯҳтоҷ гаштаанд, созмон дода мешаванд.

Дар сохтори Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ инчунин хона–интернатҳои доимоамалкунанда ҳастанд, ки ба хизматрасонии статсионарии пиронсолони яккаву танҳо ва маъюбон машғул мебошанд. Чунон чӣ ду хона интернати беморони рӯҳи дар ноҳияҳои Восеъ ва Ҳисор барои 400 ҷой, хона интернатҳои шакли умумӣ барои пиронсолон ва маъюбон дар ноҳияҳои Турсунзода ( шаҳраки Ботош) , Ҷаббор Расулов (ҷамоати Деҳмой), Ёвон, шаҳрҳои Ваҳдат ва Хуҷунд. Дар маҷмӯъ дар ин муассисаҳо зиёда аз 2600 нафар нигоҳубин карда мешаванд. Ҳамин гунна хона интернатҳо дар шаҳри Панҷакент (барои 200 ҷой бо бахши кӯдакона) ва ноҳияи Мӯъминобод (барои 100 нафар ҷой) таъсис дода шуданд. Дар шаҳри Душанбе хона интирнати кӯдакони ноқисулақл барои 100 ҷой ва дар хона интирнатҳои Деҳмой, Ёвон ва Ваҳдат бахшҳои кӯдакона низ амал мекунанд.

Дар шароити барқароршавии муносибатҳои бозорӣ ва бунёди давлати соҳибистиқлолу дунявӣ ҷанбаҳои гуногуни хизматрасонии иҷтимоӣ низ такмил ва инкишоф меёбанд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати зиёде ба нафақахӯрону маъюбон, ятимон ва оилаҳои кабизоат, собиқадорони ҷангу меҳнат дода барои беҳтар гардонидани зисту зиндагии онҳо кӯшиш намуда, ҳама тарафа дастгирӣ менамояд.

Дараҷаи таъминоти моддии шахсоне, ки бо сабабҳои воқеӣ меҳнат карда, зисту зиндагии худро таъмин карда наметавонад, аз дараҷа ва сатҳи фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ вобаста мебошад. Таъмину ғамхорӣ оид ба он гурӯҳи одамоне, ки қобилияти меҳнатии худро гумм кардаанд, аз ҷамъият талаб менамояд, ки як қисми маҷмӯи маҳсулоти миллиро барои нигоҳубини онҳо давлат сарф намояд. Дараҷа ва сифати ғамхорӣ нисбат ба онҳо дар мадди аввал аз имкониятҳои иқтисоди миллӣ вобаста аст. Ҳифзи иҷтимоӣ, махсусан бо нафақа таъмин намудани аҳолӣ шакли дар амал татбиқ намудани ҳуқуқҳои конститутсионии инсон дар мавриди пиронсолӣ, маъюбӣ, маҳрумшудан аз сарпарастии волидайн, барои хизматҳо дар назди ҷамъият ва ғайра мебошад. Дар аксари давлатҳои муосир ҳаҷми манобеи молиявии барои нафақа истифодашаванда аз ҳисоби МММ, ё худ даромади миллӣ ташкил карда мешавад.

Ҳаҷм ва меъёри вай асосан ба сатҳу дараҷаи омилҳои демографӣ ва иқтисодӣ вобаста мебошад. Омили демографӣ бештар ба хусусиятҳои ҷисмонию маънавии инсон, хусусан таввалуд, фавт, миқдори аҳолӣ, дараҷаи солимӣ, пирӣ, давомнокии умр ва ғайра сару кор дорад. Омилҳои иқтисодӣ ҳамчун меъёрҳои ҳуқуқи оид ба таъиноти нафақа тибқи ҳаҷм ва меъёрҳои шакл ва меъёрҳои музди кор ба назар гирифтани давомнокии собиқаи корӣ, шароити зараpнокии кор, ҳадди ақали нафақа ва ғайра баромад мекунанд. Нафақаи иҷтимоӣ ҳамчун пардохти ҳармоҳаи кафолатнок мувофиқи нишондоди Конститутсияи мамлакат тавсиф карда мешавад. Ба мақсади муайян ҷамъоварӣ ва андӯхтани воситаҳои субъектҳои иқтисодӣ бо ёрии пардохти суғурта дар суратҳисоби фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ташкил мегардад. Вобаста ба талаботи фонди ҳифзи иҷтимоӣ ва буҷети он аз суратҳисоби фонд барои пардохти нафақа маблағ ҷудо карда мешавад, ки он аз ҷониби Амонатбонк ба роҳ монда мешавад. Дар шароити бозор асосан аз ду навъи нафақа – нафақаи суғуртавӣ ва нафақаи иҷтимоӣ истифода мешавад.

Ба тариқи суғуртавӣ ҷамъоварӣ намудани маблағ ба буҷет ва дар суратҳисоби махсуси хазинавӣ нигоҳ доштани онҳо, ба фонди суғуртаи иҷтимоӣ имкон медиҳад, ки масъалаҳои ҳифзи иҷтимоиро сари вақт ҳал кунад.

Имрӯз Фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар сатҳи чунин сохторҳое, ки дар кишварҳои мутараққии дунё амал доранд, тақрибан ҳамрадиф гардидааст ва итминони комил дорам, самтеро, ки Фонд дар рушди ҳифзи иҷтимоӣ пешгирифтааст чун сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои начандон тӯлонӣ намунаи ҷаҳониён хоҳад гардид. Даромадҳо ва хароҷотҳои буҷети Фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чанд соли охир рӯ ба густариш ниҳодааст. Агар буҷети Фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2010 аз рӯи даромад ва хароҷот ба маблағи 728,7 млн. сомониро ташкил диҳад пас ин нишондиҳанда дар соли 2018 –ум 3156,8 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки нисбати соли 2010 4,33 маротиб зиёд мебошад [7].

Ин нишондиҳандаҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чанд соли охир барои ҷудо намудани маблағ ба Фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ диққати махсус медиҳад.

Бо мақсади татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат дар бахши сиёсати иҷтимоӣ то имрӯз як силсила барномаҳои мушаххас қабул карда шудаанд ва муваффақона амалӣ гардида истодаанд. Пеш аз ҳама татбиқи самарабахши тадбирҳои “ Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2010 – 2012” ба рушди устувори иҷтимоию иқтисодии кишвар мусоидат намуд ва сатҳии камбизоатӣ тибқи ҳисобҳо дар асоси рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар нафари аҳолӣ 38,5%-ро ташкил дод.

Амали гаштани «Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015» дар доираи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015» имконият фароҳам овард, ки сатҳии камбизоатӣ дар ҷумҳурӣ то 35,2% коҳиш ёбад (расми 1).

**Расми 1**

**Тамоюли паст гардидани сатҳи камбизоатӣ, (%)**




Дар Барномаи миёнамӯҳлати рушди Ҷумҳури Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 дар назардошта шудааст, ки дар соли 2020 сатҳи камбизоатӣ то 20 фоиз коҳиш дода мешавад.

Паст гардидани сатҳи камбизоатӣ дар ин солҳо аз бисёр ҷиҳат ба рушди иқтисодӣ алоқаманд буда, дар натиҷаи таъмини суботи макроиқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар кишвар ба даст омадааст.

Бояд қайд кард, ки сиёсати иҷтимоии давлат на танҳо ҳифзи иҷтимоии аҳолиро дарбар мегирад. Вай бидуни он ба ҳалли муаммоҳои рушди соҳаҳои бахши иҷтимоӣ, ки зиндагии шоистаи шаҳрвандонро таъмин менамояд, равона карда мешавад.

Ба бахши иҷтимои иқтисодиёти миллӣ, тибқи таснифоти буҷетӣ дохил мешаванд: маориф, тандурустӣ, суғуртаи иҷтимои ва ҳифзи иҷтимои, фарҳанг ва варзиш [6]. Соҳаҳои мазкур дар шароити давлати иҷтимоӣ ҳамчун соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб рафта, ба рушди онҳо ҳаҷми маблағгӯзории буҷетӣ то рафт зиёд мегардад (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1**

**Таркиби хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаҳои бахши иҷтимоӣ дар солҳои 2010- 2017 ( млн. сомонӣ)**

| Номгӯи соҳаҳои бахши иҷтимоӣ | Солҳои тақвимӣ | | | | | | | | | 2018/2010 раз |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | |
| Бахши иҷтимоӣ | 2747,7 | 3604,8 | 4449,6 | 5651,2 | 6891,4 | 79716,0 | 88651,0 | 97960,0 | 10296,5 | 3,75 |
| аз он ҷумла | | | | | | | | | | |
| Маориф | 1068,3 | 1363,4 | 1540,6 | 2130,8 | 2516,9 | 2539,3 | 3093,8 | 3581,0 | 3702,6 | 3,47 |
| Чорабиниҳои фарҳанги-оммавӣ ва | 213,7 | 294.2 | 443.6 | 439.0 | 586.3 | 574,3 | 591,6 | 822,1 | 744,1 | 3,48 |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| солимгардонӣ | | | | | | | | | | |
| Нигоҳдории и тандурустӣ | 403,9 | 592,8 | 683,4 | 910,7 | 1099,2 | 1037,2 | 1159,5 | 1440,8 | 1538,1 | 3,81 |
| Ҳифзи иҷтимоии аҳоли | 728,7 | 1061,8 | 1354,5 | 1782,0 | 2689,0 | 2637,4 | 2733,9 | 3249,3 | 3156,8 | 4,33 |
| Хоҷагии манзилию коммуналӣ | 377,4 | 686,8 | 585,4 | 1083,2 | 1331,3 | 1183,4 | 1286,3 | 702,8 | 1154,9 | 3,06 |
| Ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ | 6712,6 | 8662,0 | 9107,9 | 12268,0 | 14143,0 | 16277,4 | 18294,3 | 19863,2 | 24187,4 | 3,60 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе,2019.- С.425-446.;

Афзоиши ҳаҷми маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба соҳаҳои бахши иҷтимоию фарҳангӣ ба болоравии сатҳи некӯаҳволи халқ таъсири мусбат бахшида истодааст. Музди миёнаи меҳнат дар 20 соли охир 60 баробар ва андозаи миёнаи нафақа 85 баробар афзуд. Ҳамаи ин боиси се баробар паст шудани сатҳи камбизоатӣ гардид. Дар даврони истиқлолият аҳолӣ ҳамасола дуюним фоиз афзоиш ёфта, 1,66 баробар зиёд шуда, яъне аз панҷуним миллион ба 9 миллиону 126 ҳазор нафар расид, вале дар баробари ин, сатҳу сифати зиндагии мардум хеле беҳтар гардида, дарозумрии миёнаи шаҳрвандон то 75,0 сол боло рафт [6].

Самтҳои баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолии кишвар дар заминаи рушди минбаъдаи иқтисодиёти миллӣ ва соҳаҳои бахши иҷтимоӣ дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030» инъикос ёфтааст. Барои ноил шудан ба сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии бо кишварҳои сегменти миёна бо даромади миёнаи муқоисашаванда, дар Стратегияи мазкур чунин вазифаҳо гузошта шуданд:

- нигоҳ доштани суръати устувори рушди иқтисодӣ ҳамасола дар сатҳи 7-8%;
- 3 маротиба ва аз ин зиёдтар афзоиш додани ММД-и кишвар;
- 2,5 маротиба афзоиш додани сатҳи ММД ба ҳар нафар аҳолӣ;
- зиёда аз 2 маротиба паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва аз байн бурдани фақри шадид;
- ба таври назаррас баланд бардоштани хароҷоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ[2].

Дар бахши иҷтимоӣ равандҳои таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва таҳкими шуғли аҳолии кишвар, рушди неруи инсонӣ, баланд бардоштани сифати таълим, тавсиаи дастрасии баробар ба хизматрасониҳои баландсифати тиббӣ, дастрасии аҳолӣ ба оби ошомиданӣ, таъмини ҳифзи муҳити зист ва рушди устувор, инчунин таъмини баробарии гендерӣ татбиқ хоҳанд гардид.

Сиёсати муосири иҷтимоии давлат ба афзоиши босуръат ва устуворонаи синфи миёнаи аҳолии кишвар дар асоси рушди иқтисодиёт ва коҳиш ёфтани камбизоатӣ нигаронида шудааст, зеро афзоиши устувори табақаи миёна дар мамлакат ин кафолат ва тасдиқи суботи иқтисодию иҷтимоӣ, идоракунии самаранок, пешбурди самтҳои муосири ислоҳот ва татбиқи афзалиятҳои миллӣ ва стратегии кишвар

мебошад. Бо гирифтани мақоми намояндаи табақаи миёна мардум барои пасандоз кардан, гирифтани маълумоти миёнаву олӣ ва умуман, баланд бардоштани маърифатнокии худ кӯшиш мекунанд. Зимнан, дастгирии ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби ин синф, волояти қонун, ҳуқуқи моликият ва инчунин, инфрасохтору маорифи пешрафта ва иқтисодиёти устувор таъмин мегардад.

**Адабиёт:**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.(ш.Душанбе,26 декабри соли 2019).- Душанбе,2020.
2. Стратегияи миллӣ рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе,2016.
3. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020.
4. Аганбегян А.Г. О неотложных мерах по возобновлению социально-экономического роста // Проблемы прогнозирования. – 2019. – № 1.
5. В.А. Валова. Управление социальной защитой населения региона (на примере Хабаровска: автореф. дис..канд. экон. наук / В.А. Валова. – Хабаровск, 2009.
6. «Гурӯҳбандии даромад ва хароҷоти буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон», Душанбе: 2012.
7. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе,2019.
8. Суханова Т.В. Экономический рост и социальное неравенство – глобальные проблемы современности // Экономика труда. – 2018. – № 4. – с. 925-934. – doi: 10.18334/et.5.4.39540 .
9. Хамидуллин Н.Р., Галимуллина Р.Р. Социально-экономические аспекты формирования государственной политики социальной защиты населения России// Вестник ОГУ №9 (158)/сентябрь`2013



**МАЛОХАТИ РАДЖАБАЛИ,**

докторант (PhD) кафедры экономической теории

Таджикский государственный финансово-экономический университет,

734067, ш. Душанбе, улица Нахимова, 64/14.

Тел .: (+992) 935-08-08-84; Электронная почта: rajabali_mr@mail.ru



*Статья основана на научном анализе и перспективах экономической литературы, сущности и роли социальной политики, а также на возникновении и этапах развития политических форм («регулирующих», «интервенционистских» и «универсальных»), их определении и описание социальной политики. Автор подчеркивает необходимость системных изменений социальных, экономических, политических институтов и отношений при переходе к рыночной экономике. Большое внимание уделяется анализу моделей социальной политики, используемых в настоящее время в разных странах мира. Как показано в статье, процесс перехода от патриархально-социалистической модели или равноправия к целевой модели социальной политики в Республике Таджикистан близится к завершению. Автор также обосновывает зависимость реализации социальной политики от обеспечения устойчивого развития национальной экономики.*



***Ключевые слова:*** *перспектива экономической литературы, социальная политика, социальная защита, модели социального государства, социально-экономические проблемы.*

# SOCIAL POLICY OF THE STATE AND DEVELOPMENT OF SOCIAL PROTECTION OF POPULATION FIELD DURING STATE INDEPENDENCE

**MALAKHATI RAJABALI,**
doctoral student (PhD) f the Department of Economic Theory
Tajik State University of Finance and Economics,
734067, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14.
Phone.: (+992) 935-08-08-84; Email: rajabali_mr@mail.ru

The article is based on a scientific analysis and perspectives of economic literature, the essence and role of social policy, as well as on the emergence and stages of development of political forms ("regulatory", "interventionist" and "universal"), their definition and description of social policy. The author emphasizes the need for systemic changes in social, economic, political institutions and relations during the transition to a market economy. Much attention is paid to the analysis of social policy models currently used in different countries of the world. As shown in the article, the process of transition from the patriarchal-socialist model or equality to the target model of social policy in the Republic of Tajikistan is nearing completion. The author also substantiates the dependence of the implementation of social policy on ensuring sustainable development of the national economy.

***Key words***: perspective of economic literature, social policy, social protection, models of the welfare state, socio-economic problems.

**ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ - ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ**

**УДК: 340.13**

# ОИД БА ҲАДАФҲО (МАҚСАДҲО)-И ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ ФАЪОЛИЯТИ ГУМРУКӢ

**СОИБОВ ЗАЙНИДДИН МАҲМАДШАРИФИВИЧ,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
декани факултети идоракунии давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. С. Носир 13,
Тел. (+992) 985 11 66 99; E-mail: zayniddin.soibov.92@mail.ru

*Дар мақола масъалаи ҳадафҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ баррасӣ гардидааст. Дар он муаллиф ҳадафҳои идоракунии давлатии номбурадро бо назардошти андешаҳои илмӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ таҳлил намудааст. Ба назари муаллиф ҳадафҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ мазмунан ба ҳадафҳои умумӣ ва махсус ҷудо мешавад. Хусусан, таваҷҷуҳ ба ҳадафҳои махсуси он дода шудааст, ки инъикосгари мазмун ва моҳияти чунин намуди идоракунии давлатӣ аст.*

***Калидвожаҳо:*** *идоракунии давлатӣ, фаъолияти гумрукӣ, Консепсия, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳадаф, қонунгузорӣ, Кодекси гумрук, фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, давлат.*

Дар марҳилаи муосир Ҷумҳурии Точикистон бобати расидан ба ҳадафҳои олӣ ва дар маҷмуъ ҳамчун давлат иҷрои рисолати худ ҳадафҳои калидӣ ва стратегиро дар назди худ муайян намудааст. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити кунунӣ чор ҳадафи стратегӣ мақсаднок муайян шудааст, ки иҷро ва расидан ба онҳо устувории тамоми соҳаҳои ҷамъиятиро таъмин менамоянд. Инҳо расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бумбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар мебошанд, ки ба амалишавии роҳи пешанамудаи тараққиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон равона мегарданд.

Ҳадафҳои давлатҳо, хусусан ҳадафҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути вазифаҳои дар пеш гузошташуда амалӣ мегардад. Вазифаҳои давлат моҳиятан маҷмуи масъалаҳо ва масоилҳое (проблемаҳое) мебошанд, ки дар назди давлат дар марҳилаи муайян гузошта шудааст. Яъне, тавассути ҳалли вазифаҳои дахлдор давлат ба ҳадафҳои худ мерасад. Дар фарқият аз вазифаҳо, ҳадафҳои давлати муосир хусусияти умумӣ, хаёлӣ ва васеъро доро мебошад.[3;32] Дар шароити имрӯза давлатҳо дорои вазифаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, идеологӣ ва ғ. мебошанд, ки бо назардошти соҳаҳои мавҷудаи ҳаёти ҷамъиятӣ муайян гардидаанд. Чуноне дар боло зикр гардид, ҳадафҳои давлат тавассути вазифаҳои он амалӣ мегардад ва вазифаҳои давлат низ тавассути механизми муайян, ки функсияҳои давлат мебошанд, амалӣ гардида мешаванд. Ҳадафҳо, вазифаҳо ва функсияҳои давлат ба мисли занҷирае мебошанд, ки бо ҳамдигар пайвастагии ногусастанӣ доранд. Функсияҳои давлат дар таносуб бо ҳадафҳо ва вазифаҳои давлат, моҳиятан хусусияти амалӣ дошта, инъикосгари фаъолияти давлат мебошад. Аниқтараш, функсияҳои давлат – самтҳои асосии фаъолияти он мебошад, ки ифодагари моҳият ва таъйиноти иҷтимоии давлат оид ба ҳалли вазифаҳои дар назди давлат гузошташуда мебошад. [5;43]

Ҳадафҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар шароити муосир масъалаи ниҳоят муҳим ба шумор меравад. Зеро, яке аз махсусиятҳои идоракунии давлатӣ ва бахусус идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ хусусияти мақсаднокӣ доштани он аст. Яъне, пеш аз он, ки идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ташкил ва ба роҳ монда шавад, бояд мақсади худи он ва роҳандозӣ гардиданаш дар миён гузошта шавад. Беҳуда нест, ки идоракунии давлатиро раванди мақсадноки таъсиррасонӣ иброз мекунанд ва бо ҳамин хотир, яке аз масъалаҳои аввалиндараҷа барои ташкили дилхоҳ намуди идоркунии давлатӣ – ин муайяннамоиии мақсадҳо (ҳадафҳо) мебошад.

Ҳадафҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукиро метавон аз лиҳози ҷанбаҳои гуногун арзёбӣ намуд. Мақсадҳои идоракунии давлатии мазкурро дар иртибот бо ташкил ва табиати худи идоракунии давлатӣ метавон ба мақсадҳои умумӣ ва махсус ҷудо намуд. Мақсадҳои умумии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ он мақсадҳое мебошанд, ки аз мақсадҳои давлат ва хусусан, идоракунии давлатӣ бар меоянд. Чунончи, рушди соҳаҳои мавҷудаи ҷамъиятӣ, аз қабилӣ соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, таъмини некӯаҳволии мардум, таъмини амнияти миллӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва ғ. Албатта, ба мазмуни том мақсадҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар заминаи мақсадҳои номбурда муайян мегарданд. Чунончи, рушди соҳаи иқтисодӣ, ки дар заминаи идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ фаъолияти иқтисоди хориҷӣ танзим ва амнияти иқтисодии кишвар таъмин карда мешавад, ки дар натиҷа ба устуворӣ ва рушди соҳаи иқтисодии мамлакат мусоидат менамояд. Ё ин ки мақомоти гумрук ҳамчун мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ бар зидди ҷинояткориҳо ва дигар қонуншиканиҳо дар раванди интиқоли молу воситаҳои нақлиёт тавассути сарҳади гумрукӣ мубориза мебарад, ки дар маҷмуъ ба таъмини амнияти миллӣ равона мегардад. Бо ҳамин мазмун, мақсадҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар умум аз мақсадҳои дар пеш гузоштаи давлат ва идоракунии давлатӣ бар меояд.

Ҳадафҳои махсуси идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ мақсадҳое ба ҳисоб мераванд, ки дар ҳамбастагӣ бо мақсадҳои фаъолияти гумрукӣ ва сиёсати давлатӣ дар самти мазкур қарор доранд. Мақсадҳои махсуси идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ хусусияти соҳавӣ дошта, мансуб ба фаъолияти гумрукӣ, дар маҷмуъ соҳаи гумрук мебошад. Мақсадҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукиро метавон аз мазмуни ҳуҷҷатҳои амалкунандаи соҳавӣ муайян намуд. Чунончи, яке аз ин ҳуҷҷатҳо Консепсияи рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2008 №525[6] тасдиқ гардидааст. Мутобиқи он мақсади Консепсия муайян намудани роҳҳои самараноки амалисозии вазифаҳо дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ тибқи меъёрҳои байналмилалӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Таҳия ва тасдиқи Консепсияи мазкур маҳсули иродаи давлат буда, дар заминаи сиёсати давлатӣ дар самти рушди мақомоти гумрук ҳамчун мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ тарҳрезӣ гардидааст. Аммо, бояд гуфт, ки Консепсия ба таври мушаххас мақсадҳоро муайян накардааст ва ба мақсадҳои қонунгузории дохилӣ ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон такя намудааст. Бояд зикр намуд, ки дар ягон санади меъёрии ҳуқуқӣ мақсадҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ муқаррар нагардидааст. Дар Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ибораи «мақсадҳои гумрукӣ» дар меъёрҳои зиёди он таҷассум ёфтааст. Аммо, мафҳум ва мазмуни он дар ин Кодекс мустаҳкам нагардидааст. Агар мазмун ва намудҳои алоҳидаи мақсадҳои

гумрукӣ дар Кодекси гумруки Ҷумҳурии Точикистон мушаххасан муқаррар мегардид, заминаи воқеӣ ва меъёрии дарки мазмун ва моҳияти мақсадҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ мегардид. Бинобар ҳамин, қобили қабул дониста мешавад, ки бо назардошти дар меъёрҳои Кодекси номбурда зиёд истифода гардидани ибораи мақсадҳои гумрукӣ, табиати он дар ин санади меъёри ҳуқуқӣ равшан карда шавад. Дар ин сурат метавонад ба фаҳмиши дурусти дигар масъалаҳо, аз он ҷумла мақсадҳои фаъолияти гумрукӣ, мақсадҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, мақсадҳои мақомоти гумрук ва ғ. мусоидат намояд.

Дар адабиётҳои илмӣ мақсадҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукиро бештар бо мақсадҳои фаъолияти гумрукӣ алоқаманд менамоянд. Зеро, фаъолияти гумрукӣ мазманан фаъолияти давлатӣ аст ва аз номи давлат амалӣ карда мешавад. Чуноне дар яке аз адабиётҳои илии Федератсияи Руссия оварда шудааст, ки мақсадҳои фаъолияти гумрукӣ аз мақсадҳои ҳифозатӣ, иқтисодӣ ва ичтимоӣ иборат аст. [1;19] Мутахассиси ҳуқуқи маъмурии давлати номбурда А.Ф. Ноздрачев бошад, бар он назар аст, ки фаъолияти гумрукӣ барои расидан ба мақсадҳои иқтисодӣ, танзимӣ ва ҳуқуқмуҳофизавии давлат равона мегардад. [4;15] Муҳаққиқ И.В. Милшина дар рисолаи илмии худ ҳама намуди мақсадҳои идоракунии давлатӣ аз он ҷумла идоракунии давлатии фаъолияти гумрукиро ба мақсадҳои стратегӣ, тактикӣ ва оперативӣ чудо намудааст. [3;39]

Дар воқеъ мақсадҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ бо мақсадҳои фаъолияти гумрукӣ иртибот дорад, аммо зикр намудан лозим аст, ки идоракунии давлатӣ хусусияти таъсиррасонӣ дорад ва ҳадафҳои он дар заминаи таъсиррасонӣ ҳамчун махсусияти идоракунии давлатӣ амалӣ мегардад. Аз дигар ҷиҳат, мақсадҳои идоракунии давлатии фаъолиятӣ нисбати мақсадҳои фаъолияти гумрукӣ фарохтар буда, метавонад онро дар бар гирад. Чунончи, рушд ва такмили фаъолияти гумрукиро метавон аз ҷумлаи ҳадафҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ номид.

Ҳамин тариқ, бо назардошти табиати идоракунии давлатӣ ва мазмуни фаъолияти гумрукӣ, метавон чунин мақсадҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуд:

- ба танзим андохтани муносибатҳои марбут ба фаъолияти гумрукӣ;
- танзим ва рушди фаъолияти иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таъмини амнияти иқтисодии кишвар ва ҳимояи манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бозори дохилӣ аз ҳама гуна таҳдидҳо;
- таъмини субот ва тартибот дар фаъолияти гумрукӣ;
- мусоидат ба ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисоди ҷаҳонӣ ва ғ.

Ҳамин тариқ, идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ба мисли идоракунии давлатии соҳаҳои дигар раванди мақсаднок аст, пеш аз ташкили он мақсадҳои он муайян мегардад ва тамоми самтҳои баамалбарории он бахри расидан ба мақсадҳои муайян равона мегардад.

**Адабиёт:**

1. Бакаева О.Ю., Матвиенко Г.В. Таможенное право России: Учебник / Отв. ред. Н.И. Химичева. – М. Юристъ, 2003;

2. Кулапов В.Л. Соотношение целей, задач и функций государства // Вестник Саратовский государственной юридической академии. №2 (97). 2014;

3. Мильшина И.В. Организационно-правовые основы государственного управления таможенным делом. Дисс. … к.ю.н. Саратов 2006;

4. Нозрачев А.Ф. Административная организация таможенного дела: Учебно-практическая пособие. – М.: МЦФЭР, 2005;

5. Теория государства и права в вопросах и ответах: учебное пособие, Издание второе, исправленное и доработанное / А.Ф. Колотов, О.С. Вырлеева-Балаева, В.Н. Симонов, И.В. Скуратов, Ю.В. Ярыгина. – Оренбург: ООО ИПК «Университет», 2013;

6. Сомонаи расмии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Реҷаи дастрас: www.gumruk.tj (Санаи муроҷиат: 22.01.2021 с.).

## О ЦЕЛЯХ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ ТАМОЖЕННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬЮ

**СОИБОВ ЗАЙНИДДИН МАХМАДШАРИФИВИЧ,**
кандидат юридических наук, доцент,
декан факультета государственного управления
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
г. Душанбе. ул. С. Носир 13,
Тел. (+992) 985 11 66 99; E-mail: zayniddin.soibov.92@mail.ru

*В статье рассматривается вопрос о целях государственного управления таможенной деятельностью. Автор анализирует цели данного государственного управления с учетом научных идей и официальных документов. По мнению автора, цели государственного управления таможенным делом выделяются в общих и специальных целях. В частности, акцент делается на ее конкретные цели, которые отражают содержание и сущность данного вида государственного управления.*

***Ключевые слова**: государственное управление, таможенная деятельность, концепция, Республика Таджикистан, цель, законодательство, таможенный кодекс, внешнеэкономическая деятельность, государство.*

## ON THE GOALS OF STATE ADMINISTRATION OF CUSTOMS ACTIVITIES

**SOIBOV ZAYNIDDIN MAHMADSHSRIFOVICH,**
Candidate in Law, Associate Professor,
Dean of the Faculty of Public Administration,
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 985 11 66 99; E-mail: zayniddin.soibov.92@mail.ru

*The article deals with the issues of goals of the state administration of customs activities. The author analyzes mentioned goals of public administration, taking into account scientific ideas and official documents. According to the author the objectives of the state administration of customs activities are divided into general and special. In particular, attention is paid to its specific objectives, which reflect the content and essence of this type of public administration.*

***Key words:** Public Administration, customs activity, Concept, Republic of Tajikistan, goal, legislation, Customs Code, foreign economic activity, state.*

УДК: 342.1

# ТАШАККУЛЁБИИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ ДАР НИЗОМИ ИДОРАИ ДАВЛАТИИ ТОҲИРИЁН ВА САФФОРИЁН

**АБДУЛХОНОВ ФАЙЗАЛӢ МАҲМУДОВИЧ,**
н.и.ҳ. дотсент, мудири кафедраи
идоракунии давлатӣ ва худидоракунии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел: (+992) 933339946; E-mail: faiz-7704@mail.ru

*Дар мақола масоили рушди ҳокимияти судӣ ва раванди истеҳсолоти судии дар таърихи давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-X, яъне давлатдории Тоҳириён ва Саффориён таҳлил гардида, муаллиф масъалаи мазкурро дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ ва илмии олимони дохилию хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Аз маводҳои таҳлилнамуда маълум гардид, ки истиқлолиятхоҳӣ ва ташаккулёбии давлатдории тоҷикон дар муддати кӯтоҳ пас аз ҳуҷуми арабҳо сурат гирифтааст. Тоҳириён ва сипас Саффориён тавонистанд истиқлолияти худро аз хилофати Аббосиҳо ба даст оварда, раванди давлатдории худро ба вуҷуд оварданд, ки заминаи асосии бавуҷудоии давлати Сомониён гардид.*

***Калидвожаҳо:*** *Сосониён, Аббосиҳо, Тоҳириён, Саффориён, Сомониён, ҳуқуқи зардуштӣ, ҳуқуқи мусулмонӣ, халифа, қозӣ, ҳокимияти судӣ, истеҳсолоти судӣ, Қуръон, суннат, одатҳои ҳуқуқӣ, давлатдорӣ, иҷмоъ, фатво, қиёс.*

Дар солҳои охир бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ таваҷҷуҳи Ҳукумати кишвар бештар ба арҷгузорӣ ба фарҳангу арзишҳои гузаштагонамон равона карда шуда истодааст. Аз ин ҷост, ки  Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ироаи паёми худ ба Маҷлиси Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки: «Таърихи пурифтихори халқи тоҷик мактаби бузурги худшиносӣ мебошад ва мо вазифадорем, ки ба он арҷ гузорем, саҳифаҳои дурахшони қаҳрамониву диловарии гузаштагони худро омӯзем ва онро ҳамчун асоси ғояи ватандӯстиву садоқат ба Ватан ташвиқ намоем.

Бахусус, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ, ки воридшавии унсурҳои бегонаро ба фарҳанги миллӣ осон гардонидааст, рӯ овардан ба таърих ва огоҳ будан аз аслу насаби хеш барои ҳар як фарди миллат, хусусан, насли наврасу ҷавон зарур ва ҳатмӣ мебошад.

Мо кӣ будани аҷдоду гузаштагони худро бояд донем, ба онҳо арҷ гузорем ва бо насли ориёӣ, яъне ориёитабор будани худ ифтихор кунем.»[6. 12.]

Ҳамчунин Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон дар асари «Чеҳраҳои мондагор» ишора менамоянд: «Сабақҳои ибратомӯзи таърих, гузаштаи пурифтихор, шахсиятҳои тавонову фарзандони бузурги халқ роҳи гузаштаро пешорӯямон қарор дода, чун ҳаками одил гиреҳи бурду бохти силсилаи давлату давлатдориҳои тоҷиконро бароямон мекушояд.»[12. 4.]

Ҳақ ба ҷониби Сарвари давлат аст, ки омӯзиши таърих, бахусус таърихи давлатдории гузаштагонамон як сабақи пурғановатест, ки моро ба раванди давлатсозӣ

ва тамаддунофарии аҷдодонамон ошно месозад. Аз ин рӯ, дар ин мақола масъалаи ташаккулёбӣ ва рушди ҳокимияти судӣ ва истеҳсолоти судӣ дар раванди идоракунии давлатии аввалин давлатҳои тоҷикон пас аз ҳуҷуми арабҳо ба минтақаҳои Тоҷикистони таърихӣ таҳлил мегардад.

Воқеаҳои сиёсиву иҷтимоие, ки пас аз сукути Империяи Сосониён ва инчунин дар тӯли асрҳои VIII-XIII гузашта дар Осиёи Марказӣ ба вуқӯъ пайвастанд, аз оғози давраи нави таҳаввулот дар рушди ҷомеа ва ҳуқуқи тоҷикон - бекор шудани низоми ҳуқуқи зардуштӣ ва ба ҷои он ба сари қудрат омадани низоми нисбатан мукаммал ва бесобиқаи танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, яъне низоми ҳуқуқи исломӣ дарак медоданд.

Мутобиқан ба таҳлили муҳаққиқони таърихи ҳуҷуми арабро ба Тоҷикистони таърихӣ ба ду давра тақсим намудан мумкин аст. Давраи якум аз солҳои 50 -уми асри VII оғоз гардида, соли 704 ба анҷом мерасад: Давраи дуюм аз соли 704 оғоз ёфта, соли 715 ба охир мерасад. Ба андешаи академик Бобоҷон Ғафуров давраи дуюм фосилаи аз соли 701 то соли 750-ро дарбар мегирад. [3.110.]

Бо паҳн гардидани ҳуқуқи исломӣ дар сарзамини Осиёи Марказӣ барои татбиқи додгустарӣ ва анҷом додани фаъолияти судӣ тибқи қонунҳои шариати исломӣ мақоми нави судӣ – қозӣ ташкил карда шуд.

Низоми ҳуқуқи мусулмонӣ, ки усулҳо ва меъёрҳои он дар асоси Қуръон, Суннат ва дигар сарчашмаҳо тадвин ва танзим шуда ва таҳти муҳофизати давлат қарор доштанд, дар тӯли XIII аср дар давлатдории форсу тоҷик ҳамчун низоми ҳукмрони ҳуқуқӣ маҳсуб мешуд.[4.12.]

Раванди густариши ҳуқуқҳои мусулмонӣ ва дар маҷмӯъ дини Ислом дар давлатдории форсу тоҷик асосан дар асрҳои IX-X ба анҷом расид. Дар тӯли ду асри аввали ҳиҷрӣ, ба таври суръатнок мазҳабҳои ҳуқуқи исломӣ ташаккул ёфтанд. Дар он замон, дар ибтидо 500 мазҳабҳои динӣ-ҳуқуқӣ ба вуҷуд омада буданд, вале баъдан аз онҳо даҳ мазҳаб боқӣ монданд, ки обрӯю нуфуз ва пайравони зиёдеро доро буданд. [10. 39.]

Дар таърихи давлатдории форсу тоҷик, мувофиқи андешаи академик Ф.Т. Тоҳиров, низоми ҳуқуқии зардуштӣ барҳам дода шуда, ба ҷойи он дар амалия низоми ҳуқуқи мусулмонии тибқи усулҳо ва меъёрҳои мазҳаби ҳанафӣ танзимшуда дар амал ҷорӣ карда шуд. [9. 44.] Аммо ба ақидаи Э. Б. Буризода таълимоти ҳуқуқии ҳанафия хеле баъдтар ба вуҷуд омадааст. [4. 15.]

Ба андешаи мо ақидаи Э.Б.Буризода нисбатан эътимоднок мебошад, чунки он дар асоси таҳлили муқоисавии маводҳои муътамади таърихӣ, ки ба воқеияти давраи таҳлилшаванда алоқаманд мебошанд, ташаккул ёфтааст.

Бо ташаккул ёфтани хилофати Аббосиҳо ва ҳукмронии зиёда аз якасраи арабҳо ва сиёсати афзалият додан дар тайини вазифа ба арабҳо, новобаста аз мусалмон гаштани аксарияти аҳолӣ, бурдани ҷангҳои зиёд, ҷангҳои дохилидавлатӣ оҳиста - оҳиста императориро аз дохил заиф гардонид. Ин ҳолат ба он оварда расонид, ки аҳолии ғайри араб, ки дорои таърихи пурғановати давлату давлатдорӣ буданд, баҳри бунёди давлатдории миллӣ мубориза оғоз намоянд.

Ин андешаҳо дар давраи Ҳорунаррашид рушд ёфта, бо вафот кардани ӯ мубориза баҳри мансаби Халифа байни писаронаш оғоз гардид. Дар давраи ҳукмронии Ҳорунаррашид оилаи Бармакиён – мансаби вазорат ва чандин дигар масъулияти давлатиро ба зимма дошта, солиёни тӯлонӣ барои устувор гардидани Халифат хизмат мекарданд, вале аз ҷониби Халифа Ҳорунаррашид қатл карда шуданд. [3.112.]

Дар замони хилофати Ҳорунаррашид писари ӯ Маъмун қоиммақоми Хуросон буда, барои ҷорӣ намудани тартибот ва фурӯ нишондани исёнҳо артиши бузурге дошт, ки ба он Тоҳир ибни Ҳусейн сарлашкар буд. Бо вафоти Ҳорунаррашид зиддияти байни писарони ӯ Маъмун ва Амин барои ҳудуд ба ҷое расид, ки ба ҷанг дохил шуданд ва сипоҳсолори Маъмун - Тоҳир тавонист артиши Аминро шикаст дода, ба Бағдод дохил гардад.

Тоҳир соли 813 Бағдодро тасарруф кард ва Маъмунро даъват намуд, ки ба тахти Хилофат нишинад. Маъмун халифа эълон гардид. Барои ин хизмат Тоҳир сарфармондеҳи лашкари хилофат, раиси шуртаи Бағдод ва аз соли 821 қоиммақоми Хуросон таъйин гашт. Бо қоиммақоми Хуросон таъйин гардидан Тоҳир асосан Хуросонро аз Бағдод идора менамуд, дар баробари ин ӯ кӯшиши ташкили девонҳо, артиши мустақил ва истиқлолиятхоҳӣ менамуд. [3. 113.]

Ибтидои давлатдории Тоҳириён аз ба ҳайси қоиммақоми Хуросон таъйин гардидани Тоҳир ибни Ҳусайн аз соли 821 м. оғоз мегардад. Тоҳириён аввалин тоҷиконе ҳастанд, ки дар давраи хилофати араб рӯ ба мустақилияти сиёсиву фарҳанги миллӣ оварданд. Тоҳир ибни Ҳусайн дар як муддати кӯтоҳ пояи давлатдории минтақаи форсизабононро устувор карда, мустақилияти худро расман эълон дошт. Ӯ дар ибтидои соли 822 м. қудрати сиёсии худро ба дараҷае расонид, ки аз бардоштани номи халифа Маъмун аз хутабаи намози ҷумъа наҳаросид. [11. 120.]

Ба андешаи Басворт К. Э. аз хутба бардоштани номи халифа ин худ маънои зидди хилофат баромадан ва мустақилияти давлати худро эълон доштан буд. [2. 143.]

Пас аз вафоти Тоҳир ибни Ҳусайн Аббосиҳо вазифаи қоиммақоми Хуросонро ба писари ӯ Талҳа месупоранд. Ҳарчанд ки Талҳа расман ба мустақилгардонии давлати Тоҳириён амал нишон намедод, вале дар замони ҳукмронии ӯ фаъолияте ба назар мерасад, ки аз пешбурди сиёсати мустақили давлатии Талҳа шаҳодат медоданд. Тоҳириён то соли 873 м. ҳокимияти худро дар минтақаҳои Хуросону Мовароуннахр нигоҳ доштанд. Дар соли 873 м. ҳокимияти Тоҳириён аз ҷониби хонадони дигари маҳаллӣ Саффориён шикаст дода шуда, ибтидои давлатдории дигари миллӣ тоҷику форс сулолаи Саффориён оғоз гардид.

Асосгузори давлати Саффориён бародарон Яъқуб ва Амр ибни Лайс ба ҳисоб меравaнд. Бародарон Яъқуб ва Амр сараввал соли 858 м. дар Сиистон ҳокимиятро ғасб намуда, баъдан шаҳрҳои дигари мулки Хуросон - Бӯстон, Фушанҷ, Ҳирот, Кобул ва Балхро ба зери тасарруфи худ даровbooарданд.

Осиёи Миёна дар давраи ҳукмронии Саффориҳо, расман дар тобеияти онҳо дар давоми солҳои 879-890 то замони сард гардидани муносибати Амр ибни Лайс бо Хилофати Бағдод қарор дошт. Дар ин давра, расман қудрати Саффориҳо аз ҷониби ҳалифа шинохта мешуд, вале корҳои давлатдорӣ комилан аз ҷониби хонадони Сомониён ба роҳ монда мешуд. Сарзамини Тоҷикистони муосир қариб 10 сол таввасути Сомониён ба тобеияти сиёсии Саффориҳо қарор дошт. [11. 122]

Саффориҳо дар муносибат бо хилофат амалҳои зиёди мустақлона доштанд. Дар соли 890 м. ҳангоме, ки нисбатан равобит миёни хонадони Саффориҳо ва Хилофати Бағдод сард мегардад ва хилофат дигар хокимияти Саффориҳоро дар Хуросон эътироф намекунад. Ҷавобан Амри Лайс низ дар хутбаҳо номи халифаро зикр намекунад, ки ин амал аз пеш бурадани сиёсати мустақилонаи онҳо шаҳодат медод.

Мутобиқ ба манобеи таърихӣ дар соли 284 ҳ.қ. мутобиқ ба 897 м. ҳокими Хуросон Рофеъи Ҳарсама бар зидди Халифа исён мебардорад. Аз ин исён Амр ибни Лайс бохабар гардида, бар зидди Рафеъ лашкар кашида, исёнро пахш сохта, Рафеъи Ҳасамаро ба қатл расонида, сари ӯро ба назди Халифаи Бағдод, он ҳангом бар сари

хилофат Ал-Муътазид Биллоҳ қарор дошт, мефиристад. Бо ин амал обрӯ ва нуфузи Амр дар назди Халифа боло меравад. Амр аз ин ҳол истифода намуда, барои забти Мовароуннаҳр тайёрӣ мебинад, ки он замон ин сарзамин дар зери ҳокимияти хонадони Сомониён қарор дошт.

Вақте ки хабари ҳуҷуми Амр ба Моваруннаҳр ба Исмоил Аҳмади Сомонӣ мерасад, ки дар он замон амири Бухоро буд, ӯ низ қувва ҷамъоварӣ намуда, дар назди шаҳри Балх бо Амри Лайс ҷанг карда, ӯро шикаст медиҳад ва соли 287 ҳ.қ. /900 м. Амрро асир гирифта ба Бағдод, назди халифа Муътазид мефиристад. Халифа Амрро ба ҳабс мегирад, ки дар натиҷа ӯ дар зиндон соли 289 ҳ.қ./902 вафот мекунад. Бинобар ин аксари муррихон ҳукмронии сулолаи Саффориёнро то соли 900 м. то замони ба ҳабс гирифтани Амри Лайс медонанд, ки ба андешаи мо низ ин муқаррарот комилан саҳеҳ мебошад.

Умуман, гуфтан мумкин аст, ки ҳукумронии сулолаи Тоҳириён ва Саффориён ва давлати бунёднамудаи онҳо намунаи давлатдории мустақили мардуми тоҷику форс пас аз истилои арабҳо ба ҳисоб рафта, заминаи муносибе баҳри шинохт ва худшиносиву худогоҳии миллии мардумони бумӣ гардид. Муаррихи барҷастаи тоҷик Б. Ғафуров дар ин маврид қайд менамояд, ки «Замони ҳукмронии Абдуллоҳ ва Тоҳир, яъне тоҳириёнро метавон оғози огоҳию эҳёи маданияти маҳаллӣ номид». [5. 442.] Бинобар ин натиҷаи талошҳои ин ду хонадон заминаи бунёди давлати бузурги тоҷику форс давлати Сомониён шуд.

Доир ба раванди истеҳсолоти судӣ дар замони ҳукумронии Тоҳириён (206-260 ҳ.қ.) ва Саффориён (247-288) ҳ.қ. маълумоти комиле дар сарчашмаҳои таърихӣ мавҷуд нест. Умуман маъулм аст, ки дар даврони ҳукмронони сулолаи Тоҳириён дар давлати онҳо ҳамон мақомот ва девонҳое амал менамуданд, ки дар хилофат маълум буданд. Мақомоти додгоҳ тибқи талаботи шариати исломӣ фаъолият менамуд. Чуноне ки аз сарчашмаҳо маълум аст, асосгузори сулолаи Тоҳириён Тоҳир ибни Ҳусайн сардори мақомоти шуртаи шаҳри Бағдодро, яъне раиси нигоҳбони Бағдод ё сардори пулиси шаҳри Бағдод ба уҳда дошт. Бо он ки намояндагони хонадони Тоҳириён бо раванди давлатдории хилофат хуб огоҳӣ доштанд, бинобар ин ҳангоми барпо намудани давлати худ бештар аз тарз ва раванди давлатдории хилофат истифода намуда, низоми мақоми судии худро низ дар заминаи низоми судии хилофат барпо менамуданд.[1. 271.] Ин ҷо бояд қайд намуд, ки он таҷрибаи давлатдорӣ ва низоми судие, ки аз хилофати Аббосиҳо Тоҳириён ва Саффориён истифода менамуданд, баҳри онҳо як раванди давлатдории бегона набуд, чаро ки Аббосиҳо низ давлатдории худро аз рӯи модули давлатдории Сосониён бунёд намуда буданд. Бинобар ин Тоҳириён, Саффориён ва баъдан Сомониён чун меросбарандагони давлати Сосониён давлатдории худро дар заминаи давлатдории аҷдодони гузаштаи худ бунёд намудаанд.

Мутобиқ ба сарчашмаҳои таърихӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ дар давлатдории Тоҳириён дар асоси сарчашмаҳои ҳуқуқи исломӣ ба танзим даровarda мешуд. Бо ҳамин асос раванди истеҳсолоти судӣ низ тибқи шариати ислом амалӣ мегардид. Ба андешаи муҳаққиқи тоҷик Холиқзода А. дар байни сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ва давлатии ин сулола диққати аҳли илмро «Насиҳатномаи Тоҳир ибни Ҳусайн ба писараш Абдуллоҳ ибни Тоҳир» ба худ кашидааст. Насиҳатнома дастури давлатиест, ки дар он Тоҳир ибни Ҳусайн бо тариқи панду насиҳат масъалаҳои давлатдорӣ, муносибат бо мақомоти давлатӣ, бо аҳли илм, усулҳои андозгирӣ ва ғайраро фаҳмонда додааст. Гарчанде ки нома аз нигоҳи илми муосир бо мазмуни насиҳатӣ навишта шуда бошад ҳам, аз мазмуни он бармеояд, ки он дорои меъёрҳои императивӣ буда, баъзан аз

масъалаҳои он чун сарчашмаҳои аниқи ҳуқуқи давлатӣ хусусияти ҳатмиро доранд. [11. 126.]

Дар асоси таҳлили суханони дар «Насиҳатнома» омада ба андешаҳои Холиқзода А. розӣ шудан мумкин аст, зеро ки баъзе аз таъкидоти ин дастур талаботи ҳуқуқии уҳдадоркунандаро мустаҳкам менамоянд.

Аз ҷумла, дар Насиҳатнома оид ба меъёрҳои уҳдадоркунандаи нисбат ба ҳоким омадааст, ки ҳоким бояд:

-аз ҳифзи раъияти хеш ғофил мабошад;

-адолати иҷтимоиро дар муносибат бо бандагон нигоҳ дорад;

-ҳуқуқи онҳоро, ҳифзи саломатиашон, бехатарии ҳаёташон, амнияти роҳҳояшон, ҳаққи меҳнаташонро нигоҳ дорад. [11. 128.]

Ҳамчунин, дар насиҳатнома оид ба қабули шаҳрвандон ва шунидани арзу шикоятҳои онҳо аз ҷониби ҳоким меъёри муайян вуҷуд дорад. Дар ин сарчашма ҳоким уҳдадор гардонида шудааст, ки «Бо мардум ва раъияти хеш бош, мардумонро бисёр бипазир ва чеҳраи хештанро ба онҳо бинамой ва кушкбонони хешро аз онҳо ба як сӯ кун ва ба онҳо тавозӯю хушрӯйӣ кун.» [8. 5689.]

Дар давраи ҳукмронони Саффориён низ додрасӣ фақат мутобиқан бо талаботи меъёрҳои шариатӣ ислом сурат мегирифт. Мансаби олии мақоми додгоҳ қозиулқазот буд, ки дар пойтахт менишаст, вале қозиулқаззот аз ҷониби халифа ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешуд. Қозиёни шаҳрҳои бузург ва шаҳрҳои хурд дар зертобеи қозиулқаззот қарор доштанд. Чунонки зикр гардид, раванди истеҳсолоти судӣ тибқи талаботи шариат сурат мегирифт. Бинобарин, қозиён ҳангоми ҷаласаи додгоҳӣ (мурофиаи судӣ) аз ҷабрдида ё даъвогар шоҳид ё мадраки исботкунандаи даъво талаб намуда, нисбати ашхоси ба ҳайси шоҳид иштирокнамуда таҳқиқ мегузарониданд. Ҷавобгар ё маҳкумшаванда бошад, даъвои нисбати ӯ пешниҳодгардидаро қабул менамуд ва ё оид ба бегуноҳӣ ё қабул надоштани даъво қасам ёд менамуд. Девони додрасӣ аз дафтардор муъдал ва музакӣ ташкил мешуд. Оид ба иҷрои ҷазо қозӣ ҳақ дошт, то ин ки гунаҳкорро ба тарзи ошкор дар ҳузури ҳамаи мардум шахсан худ ҳадди шаръӣ бизанад. Муҳаққиқи барҷаста Саид Нафисӣ дар китоби «хонадони Тоҳириён» аз мақоми дигари додрасӣ ба номи «Нақиб-ул-ашроф» зикр менамояд, ки салоҳияти ин мақом аз таҳқиқ ва баррасии парвандаҳое иборат буд, ки яке аз тарафҳои иштирокчии додрасӣ Саидон ва афроде аз хонадони рисолат буданд [7.323.]. Аммо ин мақом доимамалкунанда набуда, балки дар ҳолатҳои хос ташкил карда мешуд ва хусусияти фаъолияти муваққатӣ дошт.

Дар давлатдории Тоҳириён ва Саффориён мутобиқ ба сарчашмаҳои таърихӣ ниҳоди мазолим амал менамуд. Аз ҷумла дар манбаҳои таърихӣ омадааст: «Яъқуб "... ҳар рӯз бар болои кушки худ менишаст ва ҳар касе ки шикоят ё арзи ҳоле дошт ба пойи кушк нишаста буд, аз дур мардеро дид, ки бар сари кӯй сар бар зону ниҳодааст. Донист, ки он мардро ғаме аст, ба ҳоҷиби худ фармон дод, то ӯро иҳзор кард ва аз ҳоли вай пурсид. Мард гуфт агар амир хилват кунад, шарҳи ҳоли худ бигӯям. Яъқуб амр кард, то ҳозирон берун шуданд. Он мард гуфт: "Эй амир, ҳоли ман сахттар аз он аст, ки ҳикоят битавонам кард. Яке аз сардорони ту ҳар шаб бе иҷозаи ман аз бом ба хонаи ман фуруд меояд ва бар духтари ман чашм дорад ва маро бо ӯ ёрои мухолифат ва ҷанг нест.

Амир Якуб аз гуфтаи ӯ дар аҷаб шуд ва аз ин ки зудтар шикоят накарда, маломаташ кард, сипас ӯро гуфтанд, ки чун он сардори шаб дигар ба хонаи ту фуруд

ояд, ин ҷо ба пояи кушк ой, марде бо сипар ва шамшер бо ту хоҳад омад ва интиқоми ту аз ӯ хоҳад гирифт.

Он мард шаби дигар ба пояи кушк омад, касе бо сипар ва шамшер онҷо мунтазир буд, бо вай ба хонаи ӯ рафт ва он сардор дар хонаи ӯ буд. Он мард шамшер бар кашид ва сардорро ҳалок кард, сипас гуфт чароғе бияфрӯз, соҳибхона чун чароғ барафрӯхт амир Яъқубро дид, ки худ барои иҷрои адолат омада буд. Яъқуб нон ва об хост, бихӯрд ва савганд ёд кард, ки аз он соат, ки ту рози худ ба ман гуфтӣ шарт кардам, ки ҳеҷ нахӯрам, то дили ту аз ин нигаронӣ ва андуҳ бираҳонам. Рӯзи дигар фармон дод, то ҷасади он сардорро дар назари ом ниҳоданд ва мунодӣ карданд, ки сазои ноҳофизон ва табаҳкорон ин аст.» [8. 5691.]

Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки дар аввалин давлатҳои тоҷику форс раванди истеҳсолоти судӣ мутобиқан ба меъёроти шариати ислом амалӣ гардида, низоми ҳокимияти судӣ, чуноне ки дар Хилофати Аббосҳо ташаккул ёфта буд, дар давлатдории Тоҳириён ва Саффориён низ ҳамон низом ва ниҳодҳои ба амалбарорандаи адолати судӣ мавҷуд буданд.

**Адабиёт:**


1. Аббос Иқбол Оштиниёнӣ. Торихи муфассали Ирон (давраи тоърихи Эрон аз оғоз то инқирози Коҷория, Теҳрон.1372. С. 271.
2. Басворт К.Э. Мусульманские династии. –М., 1971. С. 143.
3. Буризода Э.Б. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Душанбе, 2019. С. 110.
4. Буриев И.Б. Действие мусульманского права в дореволюционном Таджикистане. С.12-15.
5. Ғафуров Б. Тоҷикон. Қ.1. Душанбе, 1988. С. 442.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе, 2019.
7. Саид Нафисӣ. Хонадони Тоҳириён. 323.
8. Табарӣ А.М. Таърихи ар-русул вал-мулк. Теҳрон, Ҷ. 13. С. 5689.
9. Тахиров Ф.Т. Становление советского права в Таджикистане. С.44.
10. Хайдарова М.С. Основные направления школы мусульманского права // Мусульманское право (структура и основные институты). М., 1984.С.39.
11. Холиқов А. Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон Душанбе, 2002. С.120.
12. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. Душанбе: «ЭР-граф», 2016. С. 364.


## ФОРМИРОВАНИЕ СУДЕБНОЙ ВЛАСТИ В СИСТЕМЕ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ ПРИ ТАХАРИДАХ И САФАРИДАХ


**АБДУЛХОНОВ ФАЙЗАЛИ МАХМУДОВИЧ,**
к.ю.н., доцент, заведующий кафедрой
государственного управления и самоуправления
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
734003, г. Душанбе, ул. Саида Носира, 33.
Тел.: (+992) 933339946; E-mail: faiz-7704@mail.ru



*В статье анализируется развитие судебной системы и процесс судебного производства в истории таджикской государственности IX-X веков, т.е.*

*государственности Тахаридов и Сафаридов. Автор исследует этот вопрос на основе исторических и научных источников отечественных и зарубежных ученых. Анализ показал, что независимость и становление таджикской государственности произошло вскоре после арабского вторжения. Тохириды, а затем Сафариды смогли обрести независимость от Аббасидского халифата и создать свою государственность, которая стала основой государства Саманидов.*

***Ключевые слова:*** *Сасаниды, Аббасиды, Тохириды, Сафариды, Саманиды, зороастрийское право, мусульманское право, халиф, судья, судебная власть, судебное производство, Коран, Сунна, обычаи, юриспруденция, иджма.*

## FORMATION OF JUDICIAL POWER IN THE SYSTEM OF STATE GOVERNANCE UNDER TAKHARID AND SAFARID

**ABDULKHONOV FAIZALI MAKHMUDOVICH,**
Candidate in Law, Associate Professor,
Head of the Department of Public
Administration and Self-Government of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan
734003, Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone: (+992) 933339946; E-mail: faiz-7704@mail.ru

*The article analyzes the development of the judicial system and the process of judicial proceedings in the history of Tajik statehood in the 9th-10th centuries, i.e. the statehood of the Takharids and the Saffarids, and the author explores this issue based on historical and scientific sources of domestic and foreign scientists. The analysed materials showed that the independence and formation of Tajik statehood took place shortly after the Arab invasion. Takharids and then the Saffarids could gain independence from the Abbasid Caliphate and create their own statehood, which became the main basis of existence of the Samanid state.*

***Key words:*** *Sassanids, Abbasids, Takhirids, Saffarids, Samanids, Zoroastrian law, Muslim law, caliph, judge, judicial power, judicial proceedings, Quran, Sunnah, customs, statehood, ijma, fetva, analogy.*

УДК: 35:316.34 (575.3)

# НАҚШИ ХУДИДОРАИ МАҲАЛЛӢ ДАР НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ИҶТИМОӢ

**ҚОДИРОВ ЗОҲИР ҚОДИРОВИЧ,**
дотсенти кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 907-73-08-85; E-mail: zohir-85@mail.ru

*Худидораи маҳаллӣ ҳамчун намуди ҳокимияти оммавӣ ва институти иҷтимоӣ дар қатори идораи давлатӣ манфиатҳои ҷомеа ва давлатро баробар ҳимоя намуда, фаъолияти онҳоро ҳамоҳанг месозад. Рушди бомуваффақияти ҷомеаи маҳаллӣ аз таносуби мудирияти маъмурӣ ва худидораи маҳаллӣ, робитаи мутақобилаи онҳо дар ҳал намудани масъалаҳои аҳамияти маҳаллӣ ва давлатидошта вобаста аст.*

*Дар мақола масъалаҳо оид ба идоракунии иҷтимоӣ ва тафовути он аз дигар шаклҳои идоракунӣ, доира ва сатҳҳои гуногуни корбурди он, субъект ва объекти идоракунӣ, муносибат ва таъсиррасонии мақсадноки субъект ба объекти идоракунӣ, ягонагӣ ва фарқияти мудирияти маъмурӣ ва худидораи маҳаллӣ баррасӣ карда шудаанд.*

*Таваҷҷуҳи бештар ба худидораи маҳаллӣ дар низоми идоракунии иҷтимоӣ равона гардида, муайян гардид, ки низоми пешрафтаи худидораи маҳаллӣ барои самаранок ва босифат амалӣ шудани мудирияти маъмурӣ мусоидат менамояд. Барои ноил гардидан ба ин ҳадаф зарур мебошад, ки таҷрибаи кишварҳои пешрафта бо назардошти манфиат, талабот, шароити таърихӣ-ҷуғрофӣ ва иқтисодӣ-молиявӣ, шуури ҷамъиятӣ, анъана ва урфу одати миллӣ мавриди омӯзиш қарор дода шавад. Аз рӯйи натиҷаи таҳлил ва омӯзиш намунаи муосири худидораи маҳаллӣ дар низоми идоракунии иҷтимоӣ коркард карда шавад.*

***Калидвожаҳо:*** *интитути иҷтимоӣ, субъект ва объекти идоракунӣ ва идоракунии иҷтимоӣ, мудирияти маъмурӣ, худидораи маҳаллӣ, ҷомеаи маҳаллӣ, масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта.*

Идоракунии ичтимоӣ дар фарқият аз идоракунии биологӣ ва техникӣ ҳама вақт дар худ идоракунии одамонро фаро мегирад, ки дар ташкилотҳои ичтимоии хурд ва бузург (гуруҳҳои ичтимоӣ) муттаҳид шудаанд ва барои мавҷудияти инсонҳо ва қонеъ гардонидани талаботи онҳо заруранд. Ба сифати аломати асосии идоракунии иҷтимоӣ ин таъсиррасонии мақсаднок ба объектҳои ичтимоӣ (гуруҳои ичтимоӣ, ташкилотҳои ичтимоӣ, ҷомеаҳои маҳаллӣ ва ғайраҳо) баромад мекунад. Идоракунии иҷтимоӣ объекти таъсиррасониро устувор нигоҳ дошта, дар ҳолати ба миён омадани мушкилот, ки фаъолияти муътадили онро халалдор месозад, ҷиҳати ҳал намудани он аз ҳама гуна воситаҳо истифода мебарад. Асоси ҳама гуна шаклҳои идоракунии ичтимоиро таъсиррасонии мақсадноки субъект ташкил медиҳад, ки дар доираи соҳа, сохтор ва унсурҳои низоми иҷтимоӣ бо мақсади рушди мунтазам ва устувори он амалӣ карда мешавад. Муносибатҳои субъективӣ ва объективӣ мазмуни низоми идоракуниро ташкил дода, вобаста ба зарурат зиддиятҳоро ба вуҷуд меоранд, ки минбаъд барои рушди муносибатҳо ҳамчун сарчашма баромад менамоянд.

Идоракунии ичтимоӣ дар доираҳои гуногун ва дар сатҳҳои гуногуни ташкилоти ҷомеа амалӣ гардида, ҳамаи паҳлуҳои ҳаёти ҷомеаро фаро мегирад. Вай дар ташаккул ва рушди низоми ичтимоӣ (ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва умумиятҳои иҷтимоӣ), инчунин ба ташаккул ва

инкишофи сифатҳои иҷтимоии фард таъсири амиқро мерасонад. Аҳамияти идоракунии иҷтимоӣ дар он ифода меёбад, ки он на танҳо тартибот ва устувории низоми сатҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, балки ҷомеаро дар умум таъмин менамояд.

Ғайр аз ин, ҳама гуна низоми иҷтимоӣ дар худ дараҷаи муайяни худташкилкуниро доро мебошад, ки бо шарофати фаъолияти муштараки идоракунӣ ва худидоракунӣ ба таври муътадил амалӣ гардонида мешавад.

Худидораи маҳаллӣ аз дигар шаклҳои идоракунии иҷтимоӣ, хусусан идоракунии маъмурӣ (идоракунии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ) тавофут дорад. Гарчанде ки дар бештар мавридҳо ҳар дуи онҳо функсияҳои идоракунии бо ҳам монандро дар ҳудуди мушаххас ба амал мебароранд, аммо моҳиятан онҳо аз рӯйи аломатҳои хосашон аз ҳам фарқ мекунанд. Фаъолияти ҳар дуи ин шакли идоракунии иҷтимоӣ барои қонеъ гардонидани талабот ва манфиатҳои ҷомеаи маҳаллӣ нигаронида шудаанд.

Идоракунии маъмурӣ наметавонад бидуни объект ва субъект ҷой дошта бошад. Ягонагии онҳо дар маҷмӯи низоми мукаммали идоракунӣ ифода меёбад. Низом фарогири фаъолияти ташкилӣ, баамалбарорӣ, истеҳсол ва азнавистеҳсолкунии субъекти идоракунӣ, сохтори равобити мутақобила ва муносибатҳои идоракунӣ мебошад. Ҳаҷм ва мазмуни чунин низомҳо бештар дар хусусияти равобити мутақобила байни субъект ва объекти идоракунӣ муайян карда мешавад [6, 8]. Шакли идоракунии маъмурӣ дорои хусусияти давлатӣ-ҳокимиятӣ буда, равобит ва фаъолияти муштараки тарафҳо дар он аз нигоҳи ҳуқуқӣ ба расмият даровარда мешаванд. Сатҳи идоракунии маъмурӣ дар навбати аввал ҳамеша манфиат, сохтор ва ниҳодҳои  давлатро татбиқ ва таъмин менамояд. Барои дар сатҳи касбӣ ба амал бароварда шудани он ҷой доштани табақаи муайяни идоракунанда:-бюрократҳоро тақозо менамояд, ки ҳокимияти маҳаллиро вобаста ба манфиатҳои давлат амалӣ гардонанд.

Идоракунии маъмурӣ дар сатҳи маҳал ҷиҳати расонидани қарорҳои мақомоти олии ҳокимият ба аҳолии маҳал нақши муҳимро иҷро мекунад. Аҳолии маҳал дар ин маврид бештар вақт нақши ғайрифаъолро ишғол мекунанд. Зеро на ҳамаи шаҳрвандон дар коркард намудани масъалаҳо фаъолона иштирок менамоянд ва ҳатто нисбати қарорҳое, ки манфиатҳои сокинони маҳалро  халалдор месозанд, вокуниш иқдом намоянд. Ноустуворӣ дар зинаи идоракунии маъмурӣ  бештар бо аломатҳои зерин ба монанди паст будани сатҳи ташаббускорӣ, сатҳи баланди бегонашавии сокинони маҳал аз дастгоҳи идоракунӣ, иттилооти нокифоя ва таҳрифшуда, бемасъулиятии роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ ва ғайра зоҳир мегарданд [3, 40].

Чи тавре ки амалияи муосир нишон медиҳад, истисно намудани шакли идоракунии маъмурӣ аз идоракунии иҷтимоӣ ғайриимкон мебошад. Аммо, воқеан ин камбудиҳоро шакли дуввуми идоракунии иҷтимоӣ – худидоракунии маҳаллӣ метавонад бартараф намояд.

Муҳимтарин қисми таркибии раванди мукаммалгардонии низоми иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро азнавсозии механизмҳои ҳокимияти давлатӣ ташкил медиҳад. Механизми сифатан нави идоракуниро худидоракунии маҳаллӣ ташкил медиҳад. Чи тавре ки таҷрибаи аксар кишварҳои пешрафта нишон медиҳанд, худидораи маҳаллӣ унсури асосии низоми демократӣ дар давлати ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад.  Ин ниҳод қариб ҳамаи паҳлуҳои ҳаёти ҷомеаи маҳаллиро фаро гирифта, ҳангоми қабул намудани қарор имконият медиҳад, ки ҳокимияти давлатӣ барои ҳал намудани масъалаҳои аҳамияти маҳалидошта бештари функсияҳои худро ғайримутамарказ мегардонад.

Рушд додани низоми худидораи маҳаллии муносиб метавонад дар амалигардонидани идоракунии маъмурӣ мусоидат намояд. Дар маҷмӯъ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ зарур мебошад, то ки таҷрибаи андӯхташудаи худидораи маҳаллӣ,

манфиат, талабот, афкори ҷомеаи маҳаллӣ ва ғайраҳо ба инобат гирифта шаванд. Рушди бомуваффақияти ҷомеаи маҳаллӣ аз таносуби идоракунии маъмурӣ ва худидораи маҳаллӣ, ҳамчунин аз робитаи мутақобилаи онҳо дар ҳал намудани масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта вобаста аст.

Барои тақвият додани пояҳои давлати ҳуқуқбунёд ва демократикунонии ҷомеа тавозун байни ду шакли идоракунии иҷтимоӣ: идоракунии маъмурӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, муносибии фаъолияти муштараки онҳо хеле муҳим мебошанд. Гарчанде ки мухолифатҳо ва зиддиятҳои байни ин шаклҳои идоракунӣ ҷойдоштаро наметавон пурра истисно намуд. Онҳо дар сатҳҳои гуногун дар кишварҳои Аврупои ғарбӣ ба вуҷуд меоянд. Бинобар дар ҷомеаи мо то ҳол дар сатҳи дахлдор рушд наёфтани анъанаҳои устувори демократӣ, ба таври амиқ аз ҳам ҷудо нагардидани салоҳиятҳои идоракунии маъмурӣ ва худидораи маҳаллӣ мухолифатҳо фаъолияти ин мақомотро мушкил мегардонанд ва ба рафтори иҷтимоии шаҳрвандон таъсири манфӣ мерасонанд. Барои ҷомеа ва кишвари мо баланд шудани мақоми худидораи маҳаллӣ бештар вақт дар даврaҳои буҳронӣ эҳсос мешавад. Дар чунин давра худидораи маҳаллӣ на танҳо иҷроиши ваколатҳои маҳаллӣ, балки ваколатҳои давлатиро дар самти идоракунии иҷтимоӣ бар дӯш мегирад ва имконияти рушд додани ҷомеа ва давлатро дар ҳудуди муайян пайдо мекунад.

Аз чунин мулоҳизаронӣ бармеояд, ки худидораи маҳаллӣ ва идоракунии маъмуриро набояд мутлақ ва ба ҳам муқобил гузошт, чунки дар ҷомеаи муосир унсурҳои ҳар ду шакли идоракунии иҷтимоӣ дида мешаванд. Ба таври дигар агар қайд намоем дар низоми идоракунии иҷтимоӣ ҷой доштани манфиатҳои фардӣ ва ҷамъиятӣ, коллективӣ ва давлатиро ба назар гирифтан зарур аст.

Масъалаи асосие, ки ба таври муносиб барои муайян намудани функсияҳои мақомоти худидораи маҳаллӣ имконият намедиҳад, ин аз як тараф дар шакли аниқ ҷой надоштани маънидодкунии мафҳумҳои «ваколат» ва «салоҳият», аз тарафи дигар бошад, ба таври мушаххас мавҷуд набудани ҳудудгузории фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ мебошад.

Асоси муносибати байниҳамдигарии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидораи маҳаллӣ бояд дар асоси принсипи тақсими дурусти вазифаҳо ва функсияҳо ба роҳ монда шавад. Ҳар як сатҳи ҳокимият бояд доираи муайяни идоракунӣ ва захираҳоро барои ҳал намудани масъалаҳое, ки дар сатҳи мазкур ба вуҷуд меоянд, доро бошанд ва ҳангоми ба таври дахлдор иҷро накардани вазифаҳои худ бояд масъулиятро бар дӯш гиранд.

Тақсими ваколатҳо байни сатҳҳои ҳокимият амалан аз манфиат холӣ нест. Аксарият чунин мешуморанд, ки ягонагии ҳокимият ва идоракунӣ ин маънои ба таври ҳатмӣ ба ҳамдигар тобеъ будани онҳоро дорад. Аммо дар асл ягонагии ҳокимият на дар зинабандӣ (иерархия), балки дар тақсими аниқ ва мантиқан дурусти вазифаҳо аз рӯйи сатҳи ҳокимият ифода меёбад. Ҳар як сатҳи ҳокимият бояд ба таври мушаххас уҳдадориҳо ва имкониятҳои кории худро дар фазои ягонаи ҳуқуқӣ дарк намояд [2, 29]. Ҳар чӣ қадар салоҳиятҳои ҳуқуқии мақомот дуруст ва равшан муайян карда шавад, ҳамон қадари дигар дастгоҳи онҳо мутаносибан кор мекунад [4, 81].

Дар шакли идоракунии давлатҳои муосир худидораи маҳаллӣ яке аз шаклҳои ҳокимияти халқӣ шинохта шудааст ва дар баробари давлат қарор мегирад. Аммо давлат на ҳама ваколатҳоро дар самти ҳал намудани масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта ба ихтиёри мақомоти худидораи маҳаллӣ гузоштааст. Қисме аз ин ваколатҳоро давлат бевосита дар ихтиёри худ нигоҳ медорад. Меъёри муайянкунандаи мазмуни масъалаҳои аҳамияти маҳаллидоштаро метавон барои муайян намудани

масъалаҳое, ки давлат дар сатҳи маҳал ҳал менамояд, истифода намуд. Давлат метавонад ваколатҳои худро дар сатҳи маҳал ба воситаи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ё дар асоси шартнома вогузор намудани ин ваколатҳо ба ихтиёри мақомоти худидораи маҳаллӣ таъмин намояд.

Бояд қайд намуд, ки масъалаи асосӣ дар шароити муосири идоракунии иҷтимоӣ, ин ҳудудгузорӣ намудани ваколатҳо оид ба ҳал намудани масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта байни мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидораи маҳаллӣ дар кишвари мо номуайян боқӣ мондааст.

Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот хусусияти духелагӣ дорад, ки он бештар дар фаъолияти мақомоти он ҳангоми ба амал баровардани ваколатҳояшон дида мешавад. Идоракунии ғайримутамарказ, ки ба худидоракунӣ такя мекунад, ҳамчун механизми устувори мукаммалгардонии ҳама гуна низоми иҷтимоӣ баромад мекунад. Оид ба зарурияти ғайримутамарказгардонӣ дар низоми иҷтимоӣ файласуф Э. Фромм қайд намуда буд, ки «барои он, ки ҳар як фард ва ҳар як гурӯҳи хурди иҷтимоӣ дар идоракунии низом ва назорати пурраи он иштирок карда тавонанд, ғайримутамарказгардонӣ хело зарур мебошад...» [12, 288]. Ғайр аз ин, дараҷаи оқилонаи ғайримутамарказгардонӣ имкониятҳо ва рушди мутаносиби низоми иҷтимоиро таъмин менамояд. Натиҷабахшии қабули қарорҳо на танҳо аз принсипҳои расмӣ, балки аз принсипҳои ғайрирасмии ташкилотҳо, ки ба муносибатҳо ва манфиатҳои умум асос ёфтаанд, вобаста мебошад.

Яке аз заминаҳои рушди устувори низоми худидораи маҳаллиро дар шароити муосири Тоҷикистон ин ҷустуҷӯ намудани усулҳо ва механизмҳои мутаносиби мутамарказгардонӣ ва ғайримутамарказгардонии низоми идоракунӣ ташкил медиҳад. Барои ба ин ҳадаф ноил гардидан, пеш аз ҳама бояд манбаъҳо ва захираҳои худидораи маҳаллӣ дар доираи ояндабинии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, тарҳсозии иҷтимоӣ, баҳисобгирии захираҳои дохилӣ ва омилҳои таъсиррасонии берунӣ омӯзиш ва коркард карда шаванд. Танҳо дар ин маврид, худидораи маҳаллӣ ҳамчун институти иҷтимоӣ имконият пайдо менамояд, ки ба таври худмухтор (ғайримутамарказ) фаъолият намуда, талабот ва манфиатҳои ҷомеаи маҳаллиро қонеъ гардонад.

Ҷойи махсусро дар низоми худидораи маҳаллӣ захираҳои иҷтимоӣ ишғол мекунад. Захираҳои иҷтимоии худидораи маҳаллӣ ин захираҳое мебошанд, ки бевосита ба ҷомеаи маҳаллӣ мансуб буда, дар нерӯ ва имкониятҳои эъҷодии шахсон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ташкилотҳо ифода меёбад ва сатҳи омодагии дохилии онҳоро дар худидоракунӣ фарогир мебошад. Вобаста ба табиаташ захираҳои иҷтимоӣ номаҳдуд мебошанд ва метавонанд зуд арзишашонро аз даст диҳанд ва аҳамияти иҷтимоии худро гум намоянд. Ин омил дар ҷомеаи мо хеле равшан ба мушоҳида мерасад. Самаранок истифода гардидани захираҳои иҷтимоӣ худиддораи маҳаллӣ на танҳо нишондиҳандаҳои сифатӣ ва миқдории худро беҳтар мегардонад балкӣ, ба сатҳи баландтари рушд дар ҷомеа ноил мегардад. Сатҳи пасти худташкилдиҳии аҳолӣ, номуттаҳидӣ ва дигар масъалаҳои иҷтимоӣ имконият намедиҳанд, ки захираҳои иҷтимоии худидоракунии маҳаллӣ дар ҳаҷми пурра истифода карда шаванд. Дар шароити имрӯз метавон қайд намуд, ки ин шакли захираҳо дар ҳолати номукаммал қарор доранд.

Яке аз принсипҳои идоракунии иҷтимоӣ ин ба назар гирифтани манфиатҳои маҳаллӣ ва умумидавлатӣ мебошад. Худидоракунии маҳаллии инкишофёфта имконияти ҳал кардани масъалаҳоро дар ҳамоҳанг сохтани манфиатҳои шахсӣ, ҷамъиятӣ ва давлатиро дар сатҳи маҳал доро мебошад. Худидоракунии маҳаллӣ бояд бо назардошти омилҳои ҷуғрофӣ, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ таъсис дода шавад. Ин омил имконият медиҳад, ки идоракунии иҷтимоӣ дар сатҳи маҳал бо назардошти хусусият ва манфиатҳои ҷомеаи маҳаллӣ ба амал бароварда шавад.

Ба воситаи худидораи маҳаллӣ ҷомеаи маҳаллӣ имконият пайдо менамояд, ки дар идоракунии иҷтимоӣ фаъолона иштирок намояд. Шаклҳои гуногуни иштирок ҷой доранд. Ба табиати худидораи маҳаллӣ бештар шаклҳои бевоситаи ҳокимияти халқӣ, ба монанди раъйпурсӣ, назарсанҷии афкори омма, ҷамъомад ва пешниҳоди ташаббуси шаҳрвандон хос мебошад. Дар Тоҷикистони муосир ҳуқуқи шаҳрвандон ба худидораи маҳаллӣ дар шакли интихоб намудани намояндагони худ ба шӯрои ҷамоати шаҳраку деҳот ва ваколатгузорӣ намудани онҳо ба ҳисоб меравад. Худидораи маҳаллӣ на танҳо манфиат ва ҳолати ҷойдоштаи дохили ҷомеаи маҳаллиро инъикос намояд, балки имконияти қонеъ гардонидани манфиатҳои сокинони маҳалро дошта бошад. Сокинони маҳал идоракунии ҳудиди хешро ба роҳ монда, онро ба воқеияти иҷтимоӣ табдил медиҳанд. Аммо, чунин шакл дар амалияи ҷомеаи Тоҷикистон вобаста ба номукаммалии қонунгузории соҳа ва ҷой доштани масоили иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ташкилӣ ғайриимкон гаштааст. «Ба сифати субъект танҳо онҳое баромад карда метавонанд, қайд мекунад С.С. Андреев, ки агар дар ихтиёр моликият дошта бошанд. Барои он ки қудрат (ҳокимият)- и он зоҳир гардад, моликият бояд дар раванди фаъолияти одамон қарор дода шавад ва вазифаи иҷтимоии худро амалӣ намояд» [13, 95]. Бешубҳа, дар ҷомеаҳои маҳаллии кишварҳои Аврупо ва Америко моликияти мунитсипалӣ афзоиш ёфта, истеҳсолоти маҳаллӣ рушд карда истодааст. Гурӯҳҳои молиявӣ-саноатӣ, корхонаҳои маҳаллӣ, бонкҳо, ширкатҳои суғуртавӣ ба вуҷуд меоянд, нерӯи иҷтимоӣ такмил мeёбанд ва демократикунонии худидораи маҳаллӣ дар заминаи принсипҳои менеҷмент ба роҳ монда шуда, фарҳанг, илм ва таҳсилот рушд мекунанд [11, 119].

Мавҷудияти мақомоти худидораи маҳаллӣ зарурияти ҳаётӣ мебошад. Чунки мақомоти худидораи маҳаллӣ на танҳо институти иҷтимоӣ, балки шакли муайяни ҳокимият низ мебошад. Бидуни ваколатҳои ҳокимиятӣ худидораи маҳаллӣ дар миқёси ягон ҳудуд наметавонад самаранок амалӣ гардонида шавад.

Мавҷуд будани ваколатҳои ҳокимиятӣ дар мақомоти худидораи маҳаллӣ одатан мавҷуд будани ҳуқуқро низ дар идоракунии иҷтимоӣ тақозо менамояд. Худидоракунии маҳаллӣ ҷиҳати ҳал намудани мушкилоти ҷомеаи маҳаллӣ бояд аз ҳаҷми дахлдори ваколатҳои ҳокимиятӣ бархурдор бошад.

Худидораи маҳаллӣ шакли махсуси ташкил ва эъмори низоми идоракунӣ мебошад, ки тавассути он на танҳо тағйиротҳои мусбат дар соҳаи иқтисод ва хоҷагидории сатҳи маҳал бавуҷуд меояд, балки дар заминаи он сифат ва некуаҳволии ҳаёти иҷтимоии сокинони маҳал беҳтар мегардад. Ин омил аз он вобаста аст, ки худидораи маҳаллӣ аз афзоиши манфиат ва талаботҳои ҷомеаи маҳаллӣ бештар таъсирпазир мебошад ва дар муддати кӯтоҳ метавонад аз ҳисоби мавҷуд будани алоқаҳои баргашт ислоҳ шавад.

Худидораи маҳаллӣ ба тамоюлҳои объективӣ ва қонуниятҳои ҳаёти ҷомеаи маҳаллӣ хеле наздик мебошад. Унсурҳои идоракунии онро – дархостҳои рӯзмараи ҷомеа, қонуниятҳои умумӣ-таърихӣ, ниёзҳои воқеӣ, манфиат ва иродаи одамон ташкил медиҳанд. Агар сатҳи идоракунии маъмурӣ аз манфиатҳои оммавӣ (давлатӣ) ба манфиатҳои шахсӣ (манфиатҳои шахсӣ) нигаронида шуда бошанд, пас ин раванд дар худидораи маҳаллӣ шакли баръаксро касб намуда, масъалаҳои маҳаллӣ ва шахсӣ (ҷамъиятӣ) - ро ҳал мекунад. Ба ин восита фаъолияти мўътадили сохторҳои давлатро таъмин менамояд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки дар доираи эълони "Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (2019-2021)" пояҳои институти худидораи маҳаллиро устувор нигоҳ дошта, ба ин ниҳод мустақилияти молиявиро кафолат диҳад ва дар ин самт манфиатҳои ҷомеаи маҳалиро бо манфиатҳои давлатӣ ҳамоҳанг намояд. Таваҷҷуҳ зоҳир намудан ба рушди

худидораи маҳаллӣ имконият медиҳад, ки тамоюлҳои манфӣ бартараф гардида, инкишофи бемайлони инфрасохтори деҳот дар маҷмӯъ таъмин карда шавад.

Ҳамин тариқ, худидоракунии маҳаллӣ ҷойи махсусро дар низоми идоракунии иҷтимоӣ ишғол намуда, ба сифати унсури ҳамоҳангсозанда (муттаҳидкунанда) баромад менамояд ва мустақилияти ҷомеаҳои маҳалиро дар заминаи захираҳои дохилии онҳо (иҷтимоӣ, моддӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва ғ.) таъмин менамояд. Мақсади худидоракунии маҳаллӣ дар низоми идоракунии иҷтимоӣ аз мунтазам такмил ва инкишоф додани амалҳои иҷтимоии ҷомеаи маҳаллӣ, беҳтар гардонидани сатҳи зиндагӣ ва некуаҳволии иҷтимоии шаҳрвандон иборат мебошад. Вобаста ба сатҳи институтгардонӣ худидораи маҳаллӣ мунтазам вазифаҳои навро соҳиб гардида, хусусиятҳои иҷтимоии он мустаҳкам мегарданд.

Дар шароити муосир, ки одамон аз воситаҳои пулӣ ва молӣ, муносибатҳои бозорӣ, сармояи муштарак ва элитаи бюрократӣ вобастагӣ пайдо намудаанд, мақомоти худидораи маҳаллӣ метавонад ба сифати ҳомии устувори табақаи поён баромад намояд. Ин вазифа раванди мураккаб ва зиддиятнок буда, фарогири адолати иҷтимоӣ, эҷодкорӣ, навоварӣ, рушди сармояи иҷтимоӣ ва иҷтимоигардонии шахсият мебошад. Ҳамчун институти иҷтимоӣ ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки бевосита ба воқеияти иҷтимоии ӯро иҳотанамуда таъсиргузор бошанд. Иштироки воқеии шаҳрвандон дар худидораи маҳаллӣ метавонад ба ташаккули муҳити муносиби иҷтимоӣ замина гузорад.

Дар хулоса, метавон қайд намуд, ки моҳияти худидоракунии маҳаллӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ба таври гуногун дарк карда мешавад. Пеш аз ҳама, худидораи маҳаллӣ бештар ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ баррасӣ карда мешавад. Аммо, амалан аз нуқтаи назари сотсиологӣ худидораи маҳаллӣ ҳамчун институти иҷтимоӣ хеле кам мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Худидораи маҳаллӣ наметавонад бидуни ҷомеаҳои маҳаллӣ, шаклҳои гуногуни алоқаҳо, муносибатҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ ҷой дошта бошад. Худидораи маҳаллӣ ҳамчун институти иҷтимоӣ устувории ин алоқаҳо ва муносибатҳоро ба хотири дар сатҳи пурра қонеъ гардонидани талаботи ҷомеаи маҳаллӣ ва аъзоёни он таъмин менамояд.

Худидораи маҳаллӣ ҳамчун институти иҷтимоӣ таърихан шакли устувори фаъолияти муштараки аъзоёни ҷомеаро оид ба истифодабарии захираҳо ҷиҳати фароҳам овардани шароити муносиб барои қонеъ гардонидани муҳимтарин ниёзҳои иҷтимоӣ: рушди «захираҳои инсонӣ» ва таъмини шароити зиндагии арзанда дар ҳудуди муайян бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ шарикии иҷтимоиро устувор нигоҳ медорад.

**Адабиёт:**


1. Актуальные проблемы формирования местного самоуправления в Российской Федерации // Государство и право. 1997. - № 5.
2. Андреев С.С. Теория социального управления, субъект и объект социального управления // Социально-гуманитарные знания. 2001 №1.
3. Атаманчук Г.В. Государственное управление: организационно-функциональные вопросы. - М. 2000.
4. Имомов А.И. Местное самоуправление: становление и конституционно-правовой статус / Актуальные проблемы развития законодательства Республики Таджикистан: история и современность. Вып. 3. - Душанбе, 2003.
5. Ковлер А.И. Кризис демократии. Демократия на рубеже XXI века. - М., 1997.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 августи 2009с., таҳти № 549 «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот » // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2009. - № 7-8.

7. Методологические основы социального управления. Мн., 1977.
8. Мухторов К.Т. Компетенция органов самоуправления поселков и сел в Республике Таджикистан. – Худжанд: Андеша, 2011. – С. 78-79. – 244 с.
9. Мухторов К.Т. Некоторые вопросы совершенствования местного самоуправления в Республике Таджикистан (на тадж.языке) // Некоторые государственные и правовые проблемы современности: сборник. вып. 1. – Худжанд, 2005. – С. 70 – 76. – 100 с.
10. Мухторов К.Т. Социальные ценности и концептуально-правовые основы применения современных методов сотрудничества местных органов власти с институтами гражданского общества (на тадж.языке) // Взаимодействие органов государственной власти и гражданского общества в Республике Таджикистан (Мат. Межд. научно-практической конф. - Душанбе, 2014г.). - Душанбе: «Ирфон». - 2015, - С. 78 - 83. – 174 с.
11. Политико-правовые ценности: история и современность / под Ред. В.С. Нарсесянца. М 2000. С 203. [2] Фромм Э. Бегство от свободы. – М.: 1990.
12. Попов А.И. Специфика самоуправления - в единстве государственного и муниципального управления //Социально-гуманитарные знания. 2001. - №2.
13. Фромм Э. Бегство от свободы. - М ., 1990.

# РОЛЬ МЕСТНОГО САМОУПРАВЛЕНИЯ В СИСТЕМЕ СОЦИАЛЬНОГО УПРАВЛЕНИЯ

**КОДИРОВ ЗОХИР КОДИРОВИЧ,**
доцент кафедры психологии и социологии управления
Академии государственного управления
при Президенте Республики Таджикистан
734003, Душанбе, улица Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 907-73-08-85; E-mail: zohir-85@mail.ru

*Местное самоуправление как вид публичной власти и социальный институт, наряду с государственным управлением, защищает интересы общества и государства и координирует их деятельность. Успешное развитие местного сообщества зависит от соотношения административного управления и местного самоуправления, их взаимоотношений в решении местных и государственных вопросов.*

*В статье рассматриваются вопросы социального управления и его различия от других форм управления, различные сферы и уровни его применения, предмет и объект управления, отношение и целенаправленное воздействие субъекта на объект управления, сходство и различие административного управления и местного самоуправления.*

*Особое внимание было уделено местному самоуправлению в системе социального управления, и определено, что продвинутая система местного самоуправления содействует эффективной и качественной реализации административного управления. Для достижения этой цели необходимо изучить опыт передовых стран с учетом интересов, потребностей, исторических, географических, экономических и финансовых условий, общественного сознания, национальных традиций и обычаев. По результатам изучения и анализа необходимо разработать современную модель местного самоуправления в системе социального управления.*

***Ключевые слова:*** *социальный институт, субъект и объект управления, социальное управление, административное управление, местное самоуправление, местное сообщество, вопросы местного значения.*

## THE ROLE OF LOCAL SELF-GOVERNING IN THE SOCIAL ADMINISTRATION SYSTEM

**QODIROV ZOHIR QODIROVICH,**
associate Professor of the Department of Psychology and Sociology Management of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734003, Dushanbe 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 907-73-08-85; E-mail: zohir-85@mail.ru

*The local self-government as a type of public authority and social institution, protects the interests of society and the state along with public administration, and coordinates their activities. The successful development of the local community depends on the ratio between administrative management and local self-government, their relationship in solving local and state issues.*

*The article deals with the issues of social administration and its differences from other forms of administration, various spheres and levels of its application, subject and object of administration, the attitude and purposeful impact of the subject on the object of administration, the similarity and difference between administrative management and local self-government. .*

*Special attention was paid to local self-government in the social administration system, and it was determined that an advanced system of local self-government contributes to the effective and high-quality implementation of administrative management. To achieve this goal, it is necessary to study the experience of advanced countries, taking into account the interests, needs, historical, geographical, economic and financial conditions, public consciousness, national traditions and customs. Based on the results of the analysis and study, it is necessary to develop a modern model of local self-government in the social management system.*

***Key words:*** *social institution, subject and object of management, social management, administrative management, local self-government, local community, issues of local significance.*

**УДК: 342.7**

# АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ РУШДИ ХУДИДОРАИ МАҲАЛЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ОЛИМЗОДА ДАВЛАТМУРОД АБДУЛХАЙР,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992)939-37-77-72; E-mail: davlat.olimov.1993@bk.ru

*Дар мақола масъалаҳо оид ба амалишавии ҳуқуқи шаҳрвандон ба худидоракунии маҳаллӣ баррасӣ карда шудааст. Дар рафти омӯзиши мавзуи мазкур муайян гардид, ки муқаррароти санадҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳо оид ба худидоракунии маҳаллӣ ба таври мушаххас ҳуқуқи шаҳрвандонро ба худидоракунии маҳаллӣ кафолат нададаанд. Ҷой доштани заминаҳои мукаммали ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва молиявӣ метавонад ба таври самаранок амалишавии ҳуқуқи шаҳрвандонро ба худидоракунии маҳаллӣ таъмин намояд. Яке аз принсипҳои асосии ин давраро тобеъияти пурраи зинаи поёнии идоракунӣ ба зинаи болоӣ ташкил медод.*

***Калидвожаҳо:*** *мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, фаъолияти соҳибкории хурд ва миёна, манбаҳои иқтисодӣ-молиявӣ, масъалаҳои аҳамияти маҳаллӣ дошта, ваколатҳои вогузоркардашуда.*

Инкишофи худидоракунии маҳаллиро дар даврони собиқ ҶШС Тоҷикистон метавон давраи демократияи мутамарказ номид, ки он баъд аз ғалабаи Инқилоби Октябр дар Бухорои Шарқӣ аз соли 1924 оғоз меёбад. Яке аз принсипҳои асосии ин давраро тобеияти пурраи зинаи поёнии идоракунӣ ба зинаи болоӣ ташкил медод. Аз 5 феврали соли 1925 ҳамаи институтҳои кухнаи давлатии Бухорои Шарқӣ барҳам дода шуданд. Бо сабаби мавҷуд набудани коргарони баландихтисоси шӯравӣ дар сатҳи маҳал функсияи Советҳоро муваққатан оқсақол ва амлокдор иҷро мекард. Моҳи апрели соли 1925 ҳамаи институтҳои анъанавии худидоракунии маҳаллӣ ба Советҳои маҳаллӣ иваз шуданд. Советҳо ба низоми ягонаи мақомоти давлатии ҳокимияти Шӯравӣ дохил шуда, ҳамчун намоянда ва иҷрокунандаи иродаи ҳокимияти марказӣ дар маҳал ба шумор мерафт.

Танҳо конститутсияи соли 1936 ИҶШС ин нақшаро қисман тағйир дод. Съезди советҳо барҳам дода шуд. Аз соли 1937 РСС Тоҷикистон, дар баробари дигар республикаҳои иттифоқӣ советҳои маҳаллиро бо роҳи интихоботи бевосита ташаккул медод. Аммо на советҳои олӣ ва на советҳои маҳаллӣ мустақилияти идоракуниро дар мамлакат соҳиб набуданд. Мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатии ИҶШС-ро низоми ягонаи ҳизби давлатӣ ташкил медод. Бе мувофиқаи Ҳизби Коммунистиии Иттиҳоди Шравӣ, советҳо ҳеҷ ягон қарорро новобаста аз муҳимияти он қабул карда наметавонистанд.

Истилоҳи худидоракунии маҳаллӣ бо Советҳои маҳаллӣ як хел нисбат дода мешуд, аммо он ҳаргиз маънои худидоракуниеро, ки дар давлатҳои Аврупо амал мекард, надошт. Советҳои маҳаллӣ дар якҷоягӣ бо ҳамаи дигар Советҳо асосҳои сиёсии давлати сотсиалистӣ ва мақоми ҳокимияти халқиро ташкил медод. Корҳоеро, ки онҳо

иҷро мекарданд, қисман кори давлатӣ буда, онро худи меҳнаткашон, ки аз ҷониби аъзоёни ҷомеа интихоб шуда буданд, иҷро мекарданд. Моҳияти асосии худидоракунии маҳаллӣ танҳо бо аз тарафи аҳолии маҳал интихоб шудани аъзоёни Советҳои маҳаллӣ маҳдуд мегардид. Вобаста ба ин, Советҳои маҳаллиро ҳамчун мақоми худидоракунии маҳаллӣ тавсиф менамуданд, ки аз асли воқеият тамоман дур буд.

Ҳамин тариқ, Шӯрои Олии ИҶШС ва советҳои олии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, аз ҷумла советҳои олӣ ва маҳаллии Тоҷикистон дар кишвар воқеан мустақилияти худидоракуниро надоштанд.

Раванди бавуҷуд омадан ва дар амал татбиқ гардидани принсипҳои асосии демократия дар ИҶШС солҳои 80-ум аз мақомоти асосии ҳокимият - Советҳои олӣ ва маҳаллӣ ворид намудани тағйиротро дар фаъолияти ташкилиашон талаб намуд.

Бояд зикр намуд, ки дар ин давра советҳои маҳаллӣ вобаста ба иҷрои функсияашон ҳам ба сифати мақоми давлатӣ ва ҳам ба сифати мақомоти худидоракунии халқӣ баромад менамуданд.

Яке аз камбудии ҷиддие, ки дар системаи сиёсии он давра ҷой дошт, ин аз ҳад зиёд давлатӣ кунонидани ҳаёти ҷамъиятӣ ба шумор мерафт. Вобаста ба ин, ба таври фаврӣ дар миқёси умумиҷумҳуриявӣ аз 9 апрели соли 1990 қонуни «Дар бораи принсипҳои умумии ташкили худидоракунии маҳаллӣ ва хоҷагии маҳаллӣ дар ИҶШС» [5] қабул карда шуд. Аввалин маротиба дар қонунгузорӣ мафҳуми моликияти коммуналӣ истифода гардида, дар баробари заминаҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ инчунин барои таъмини фаъолияти он заминаҳои моддӣ ва техникӣ низ фароҳам оварда шуд.[8]

Ташаккули институти худидоракунии маҳаллӣ бо қабул гардидани «Эъломияи соҳибихтиёрии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 9 сентябри 1991, ки аз ҷиҳати ҳуқуқӣ Тоҷикистонро ҳамчун давлати мустақил эълон намуд, оғоз мегардад. Бо сабаби оғоз гардидани ҷанги шаҳрвандии солҳои 1991 ва 1997 дар Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқии худидоракунии маҳаллӣ, ки дар солҳои охири мавҷудияти ИҶШС гузошта шуда буданд аз байн рафтанд.

Мазмуни консепсияи худидоракунии маҳаллӣ дар сатҳи қонунгузории кишвар мантиқан баъд аз қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 қисман дар моддаи 78 бо як ҷумла: «Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҷамоат аст…»[1] ифодаи худро ёфт.

Баъд аз қабули конститутсия дар муҳлати кӯтоҳ аз 01.12.1994 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» [2] қабул карда шуд, ки он ҳамчун қонуни асосӣ аввалин бор ба таври равшантар тартиби ташкил ва фаъолияти онро танзим намуд ва аз 05.08.2009 сол бошад, таҳти рақами №549 бо таҳрири нав аз нав қабул карда шуд.

Дар шароити муосири рушди кишвар институти худидоракунии маҳаллӣ ба сифати унсури асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва принсипи муҳими низоми демократӣ баромад менамояд. Дар заминаи барнома ва стратегияҳои рушди маҳал, яке аз ҷойҳои асосиро ташаккул додани унсурҳои худидораи маҳаллӣ ташкил медиҳад. Зеро мақомоти худидоракунии маҳаллӣ тавозуни муайяни ҳокимияти марказиро бо сатҳи маҳал нигоҳ дошта, ҳамчун мақоми наздиктар ба сокинони маҳал масъалаҳои аҳамияти маҳалидоштаро баррасӣ менамояд.[8] Рушди минбаъдаи иқтисодӣ-иҷтимоии давлат аз баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии давлат, хусусан аз худидораи маҳаллӣ низ вобастагии зич дорад. Таҷрибаи гузаронидани ислоҳот дар низоми худидоракунии маҳаллӣ ва воқеан татбиқ намудани принсипҳои асосии ҳокимияти

халқиро аз кишвари ба мо ҳамсоя Ҷумҳурии Қирғизистон бояд мавриди омӯзиш қарор дод.

Эъмори давлати воқеан демократӣ бидуни принсипи тақсимоти ҳокимияти давлатӣ ва ғайримутамарказ гардонидани он ғайриимкон аст. Бо назардошти нерӯи иқтисодӣ-молиявӣ, манфиатҳои аҳолии маҳал, анъана, шароити таърихӣ ва мавқеи ҷуғрофӣ ғайримутамарказ гардонидани ҳокимияти давлатӣ ба рушди худидоракунии маҳаллӣ ҳамчун институти иҷтимоӣ-конститутсионӣ роҳ мекушояд.

Худидоракунии маҳаллӣ на фақат яке аз усулҳои асосии ташкил ва фаъолияти низоми демократии ҳокимияти халқ, балки он дар як вақт бояд ҳуқуқи шаҳрвандонро ҷиҳати бо ташаббуси худ мустақилона идора ва ҳал намудани масъалаҳои аҳамияти маҳаллидоштаро низ таъмин намояд.[8]

Бояд қайд намуд, ки муқаррароти моддаи 78-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» ҳуқуқи шаҳрвандонро ба худидоракунӣ кафолат надодааст. Вобаста ба мазмунашон меъёрҳо бештар ҳуқуқ ва қобилияти амалкунии худи мақомоти худидоракунии маҳаллиро ҷиҳати дар ҳудуди Ҷамоати шаҳрак ва деҳот ба амал баровардани ваколатҳои вогузоркардашудаи ҳокимияти давлатиро ифода мекунанд.

Ба таври пурра ба амал бароварда шудани ҳуқуқ ба худидоракунии маҳаллӣ танҳо дар сурати ҷой доштани заминаҳои мукаммали иқтисодӣ ва молиявӣ имконпазир мегардад. Чунки имкониятҳои иқтисодӣ ва молиявии рушди худидоракунии маҳаллӣ ба беҳтар шудани шароитҳои ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангии сокинони Ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот мусоидат мекунад. Рушди инфрсохтори иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар сатҳи маҳал, ба устувор шудани қисмати даромади буҷети маҳаллӣ замина мегузорад ва ба сифати ҳимоякунандаи манфиатҳои иқтисодии аҳолии Ҷамоати шаҳрак ва деҳот баромад мекунад.

Нерӯи иқтисодии ба амал баровардани худидоракунии маҳаллиро моликияти моддӣ ва молиявии он ташкил медиҳад. Масъалаҳо оид ба ташкил намудани асосҳои молиявии худидоракунии маҳаллӣ бештар аз манбаъҳои маблағгузорӣ шудани он вобаста мебошад. Моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» аз 05.08.2009 сол, таҳти №549 сарчашмаҳои молиявии Ҷамоати шаҳрак ва деҳотро муқаррар намудааст. Гарчанде ки муқаррароти моддаи мазкур озодона ихтиёрдорӣ намудани воситаҳои молиявии аз тарафи давлат маблағгузоришавандаро ба мақомоти худидоракунии маҳаллӣ кафолат додааст, аммо муносибатҳои иқтисодӣ-молиявӣ, ки дар сатҳи худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба вуҷуд меоянд, вобаста ба мазмунашон қариб пурра манфиатҳои умумидавлатро ифода менамоянд ва амалан аз ҳимояи манфиатҳои аҳамияти маҳаллидошта дур мераванд. Бештари ин манбаҳои молиявӣ устувор набуда, характери доимӣ надоранд [10].

Масъалаи асосӣ дар он ҷой дорад, ки Ҷамоати шаҳрак ва деҳот мустақилона ва бо салоҳдиди худ ташкил, тақсим ва истифодабарии воситаҳои молиявии худро бо сабаби надоштани буҷети худӣ надорад.

Институти худидоракунии маҳаллӣ тадриҷан мазмуни худро бо сабаби пайваста дар шакли кумаки молиявӣ ва мусоидати молиявӣ маблағгузорӣ шудани фаъолияти Ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот гум намудааст. Онҳо дар фаъолияташон бештар тобеи ҳокимияти давлатӣ буда, фаъолияташон характери фармоишӣ ва иҷроиши супоришу нақшаҳои аз боло додашавандаро касб намудааст. Лоиҳаи буҷет аз рӯи манбаҳои

даромад ва самтҳои хароҷот мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар шакли сметаи хуроҷот пешниҳод карда мешавад.[8]

Дар шароити нави рушди муносибатҳои иқтисодӣ худидоракунии маҳаллӣ бештар ба худ хусусияти «худидоракунии иҷтимоӣ-иқтисодӣ» - ро касб менамояд ва ҳукумати кишварро зарур мебошад, ки барои амалишавии самараноки он шароитҳои мусоиди ҳуқуқӣ, моддӣ ва молиявиро фароҳам созад.

Бо мақсади вусъат бахшидан ба ҳалли масъалаҳои зикршуда ва бо дарназардошти зарурати инкишофи инфрасохтори деҳот Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси олии кишвар пешниҳод намуданд, ки солҳои 2019-2021 "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карда шавад [11].

Муҳтавои асосии пешниҳоди сарвари давлат низ аз он иборат мебошад, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳал намудани масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии сатҳи деҳот тавваҷуҳ ва нерӯи бештар равона созанд. Чунки, амалишавии бештари ҳуқуқ ва озодиҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии шаҳрвандон дар сатҳи маҳал бевосита ба корҳои ташкилии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот низ зич алоқаманд мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки иштироки фаъоли аҳолии маҳал дар ташкили фаъолияти худидоракунии маҳаллӣ дар самаранок амалишавии сиёсати ҳокимияти давлатӣ мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, пурра ва самаранок амалишавии ҳуқуқи шаҳрвандон ба худидоракунии маҳалӣ ҷой доштани заминаҳои мукаммали ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва молиявиро тақозо менамояд. Ба вуҷуд овардани заминаҳои мусоиди рушди худидоракунии маҳаллӣ дар шароити имрӯз бидуни таҷдиди назар намудани қонунгузории танзимкунандаи соҳа, аниқ муайян намудани моликияти худидоракунии маҳаллӣ, коркард намудани механизмҳои ташкил намудани сарчашмаҳои иловагии буҷети ҷамоат, бе озмоиши пешакӣ ва бе роҳбариву дастгирии методологии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал баровардан ногузир мебошад.

**Адабиёт:**


1. Аминджанов Б.С. Местное самоуправление в Республике Таджикистан. –Худжанд, «Андеша», 2010. – 234с.
2. Васильев В.И. Демократический централизм в системе Советов.М., «Юрид.лит.», 1973. – 232с.
3. Имомов А. Укрепление государственности и создание гражданского общества в Таджикистане. Душанбе: 2003. 88Ст.
4. Кодиров З.К. Формирование местного самоуправления как социального института в Республике Таджикистан. – Душанбе: «Дониш», 2017, - 169с.
5. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016).
6. Қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» аз 5 августи 2009, таҳти № 549 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №7-8, мод.503.
7. Мухамеданов. А. Совет народных депутатов – главное звено социалистического самоуправления // Советы – Органы самоуправления на современном этапе (сборник научных трудов): –М. 1987. - 42с.
8. Олимзода Д.А. \\Асосҳои ҳуқуқии баамалбарории худидораи маҳаллӣ \\ мақ. маҷ. Академии ҳуқуқ.\\ №4.\\ соли 2019.

9. Турсунов Н.О. Сложение и пути развития городского и сельского населения Северного Таджикистана 19 начала 20 вв, «Ирфон»:- Душанбе, 1976. – 544с.
10. Фаньян Д. К истории советского строительства в Таджикистане (1920-1929гг.). Сборник документов.- Сталинабад: таджикгосиздат. 1941.
*11.* http://mihdasht.tj/dar-payomi-peshvoi-millat-solhoi-2019-2021-solhoi-rushdi-dehot-sajyohy-va-hunarhoi-mardumy-elon-karda-shudand.

## ПРАВОВАЯ ОСНОВА РАЗВИТИЯ МЕСТНОГО САМОУПРАВЛЕНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**ОЛИМЗОДА ДАВЛАТМУРОД АБДУЛХАЙР**
ассистент кафедры права и сравнительного правоведения
Академии государсвенного управления при
Президенте Республики Таджикистан
734003, г. Душанбе, улица Саида Носира, 33.
Тел.: (+992)939-37-77-72; E-mail: davlat.olimov.1993@bk.ru

*В статье рассматриваются вопросы о реализации прав граждан на местное самоуправление. В ходе изучения данной темы было определено, что положения законодательных актов, регулирующих правовые отношения местного самоуправления конкретно не гарантировали права граждан на местное самоуправление. Наличие устойчивых правовых, экономических и финансовых предпосылок могут эффективно обеспечить осуществление прав граждан на местное самоуправление.*

***Ключевые слова:*** *органы самоуправления поселков и сел, государственные органы исполнительной власти, местное сообщество, гражданское общество, деятельность малого и среднего предпринимательства, экономические и финансовые источники, вопросы местного значения, делегированные полномочия.*

## LEGAL BASIS OF DEVELOPMENT OF LOCAL SELF-GOVERNMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**OLIMZODA DAVLATMUROD ABDULKHAIR,**
assistant of the Department of Law and Comparative Law of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734003, Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone: (+992)939-37-77-72; E-mail: davlat.olimov.1993@bk.ru

*The article considers issues on realization of the rights of citizens to local self-government. During studying of this subject it was defined that provisions of the legal acts regulating relations on local self-government do not specifically guarantee the rights of citizens to local self-government. Existence of comprehensive legal, economic and financial framework can effectively provide implementation of the rights of citizens to local self-government. One of the main principles of this period was the complete subordination of the lower levels of government to the upper levels.*

***Key words***: *Local Government Authorities of villages and rural, state authorities, civil society, small and medium business activity, economic and financial sources, local issues, delegated authority*

УДК: 347.1

# МАВҚЕИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР НИЗОМИ МАҚОМОТИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**РАҶАБОВА ШУКРОНА МИРЗОҲАМДАМОВНА,**
аспиранти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиноси муқоисавии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992) 985-88-09-99; E-mail: sh.rajabova.sh@gmail.com
**БАЧАМАРДОВ АБУБАКР НАЗРИШОЕВИЧ,**
аспиранти Академияи хоҷагии халқ ва хизмати давлатии назди
Президенти Федератсияи Россия
119571, Россия, Москва, хиёбони Вернадский, 82.
Тел.: (+992) 931-97-12-53; E-mail: abubakr.did@gmail.com

*Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мақоми давлатиест, ки механизми ғайрисудии ҳифзи ҳуқуқи инсон ба ҳисоб рафта, дар низоми мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи махсусро касб намудааст. Махсусияти он дар вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, фаъолият ва робитаи мутақобилаи он бо дигар мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ инъикос меёбад.*

*Ҳангоми баррасии мавзӯъ тафовутҳо байни истилоҳоти "мақомоти давлатӣ" ва "мақомоти ҳокимияти давлатӣ" ба миён омад, ки бо истифода аз сарчашмаҳо ва назари олимон шарҳи илмӣ ва ҳуқуқӣ дода шуда, мавқеи Ваколатдор дар ин низом баррасӣ гардид.*

*Муаллифон ба ҷанбаҳои илмӣ ва ҳуқуқии мавқеи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар низоми мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ намуда, пешниҳоди зарурироо дар ин самт манзур намудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *Ваколатдор, низом, мақомоти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, салоҳияти ҳокимиятӣ, санҷиш.*

Институти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳамчун кафили ҳифзи давлатии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, эҳтиром ва риояи онҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони мансабдор ва хизматчиёни давлатӣ буда, яке аз унсурҳои муҳимми механизми ҳифзи ҳуқуқи инсон маҳсуб гардида, дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҷойи махсусро касб менамояд.

Низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ - маҷмӯи мақомоти ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки бо вазифаҳои давлат, анъанаҳои миллӣ ва ба намудҳои алоҳида тақсим намудани онҳоро таҷассум месозад.

Ҳангоми баррасии масъалаи мавқеи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, бояд ба ду ҷиҳат назар намуд: якум, маънидод кард, ки оё Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳаст ё не; сипас, мақоми онро дар ин низом пайдо намудан лозим мешавад.

Сарфи назар аз таърифи қонунгузории он ҳамчун мақоми давлатӣ, олимон масъалаи ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ё танҳо ба мақомоти давлатӣ мансуб намудани Ваколатдорро ба миён гузоштанд. Баъзе олимон чунин мешуморанд, ки он "мақоми давлатӣ" аст, баъзеи дигар - "мақоми ҳокимияти давлатӣ". Умуман, тақсим намудани мақомот ба "мақомоти давлатӣ" ва "мақомоти ҳокимияти давлатӣ" эътироф гардидааст ё не?

Имрӯз дар низоми ҳуқуқии бисёр давлатҳо якбора ду истилоҳ истифода мешаванд, ки давлатро дар симои онҳо муайян мекунанд, яъне "мақомоти ҳокимияти давлатӣ" ва "мақомоти давлатӣ", ки заминаи номувофиқатиро дар дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ эҷод менамояд.

Аксарияти олимон чунин меҳисобанд, ки ин ду мафҳум яксонанд. Ҳамин тавр, С.А.Авакян чунин мешуморад, ки "... мураккабии нисбатдиҳии мақомот ба шохаҳои ҳокимият ба он оварда расонд, ки дар санадҳои меъёрӣ баъзеи онҳоро одатан мақомоти давлатӣ меноманд". Ин андешаи муаллиф баёнгари он аст, ки истилоҳи “мақомоти давлатӣ” ҳамчун истилоҳи умумӣ ва васеъ истифода гардида, “мақомоти ҳокимияти давлатӣ”-ро низ фарогир мешавад. Муаллиф бо ишораи мавҷудияти ин фарқият дар адабиёти ҳуқуқӣ менависад: «баъзан мафҳуми мақомоти давлатӣ барои зерсохторҳо истифода мешавад, ки вазифаи умумии он таъмини фаъолияти мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки Конститутсияи Федератсияи Россия пешбинӣ кардааст. Мақсади ин гуна меъёрҳо баланд бардоштани нақши зерсохторҳо буда, ҳамзамон он дорои таъиноти сирф хизматӣ ва дар ин робита ҳадафи ёрирасонӣ доранд [3, С. 357]. Ин фарқиятгузорӣ ба муаллиф имкон надодааст, ки хулосаи заруриро дар ин самт бозгӯ намояд.

А.П. Евдошенко Ваколатдорро ҳамчун мақоми давлатӣ эътироф намуда, чунин меҳисобад, ки мавҷуд набудани ҳуқуқи қабули қарорҳои ҳатмӣ дар салоҳияти Ваколатдор маънои надоштани салоҳияти ҳокимиятиро таҷассум намуда, имкон намедиҳад, ки ба низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ворид шавад [6]. Аз ин бармеояд, ки А.П. Евдошенко ҳамаи мақомотро ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ (яъне мақомоте, ки салоҳияти ҳокимиятӣ доранд) ва мақомоти давлатӣ (салоҳияти ҳокимиятӣ надоранд) тақсим мекунад.

Исмоилов Ш.М. ва Сотиволдиев Р.Ш. мафҳуми “мақомоти даватӣ”-ро чунин шарҳ додаанд:“мақомоти давлатӣ - унсури таркибии дастгоҳи давлат буда, аз ашхоси мансабдор иборат аст ва тавассути ваколатҳои ҳокимиятӣ вазифаи муайяни давлатиро иҷро мекунанд. [ 8, С.130]. Ба андешаи онҳо истилоҳи “мақомоти давлатӣ” ва “мақомоти ҳокимияти давлатӣ” ҳаммаъноянд.

Назарияҳои дигар андешаи муаллифонро шояд тасдиқ накунанд, зеро мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳамчун мақоми давлатӣ ба ҳисоб рафта, вазифаҳои ҳокимиятияшон ин мақомотро фарққунанда месозанд. Барои тафовут гузоштани истилоҳоти мазкур ва хулоса ба андешаҳои муаллифон метавон таърифи ҳуқуқии “мақоми давлатӣ”-ро аз қонунгузорӣ истифода намуд. Дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” муқаррар гардидааст: “мақоми давлатӣ – ҷузъи таркибии дастгоҳи давлатӣ, ки тибқи салоҳият ва сохтори муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ваколати давлатию ҳокимиятиро дар шакли ташкилию ҳуқуқии ба худ хос амалӣ менамояд” [2]. Дар ин таъриф ваколати давлатию ҳокимиятӣ истифода шуда, бозгӯи он аст, ки мақомоти давлатие, ки дорои ваколати ҳокимиятӣ мебошанд, онҳоро метавон мақомоти ҳокимияти давлатӣ номид. Ҳамзамон, мақомоти давлатие, мавҷуданд, ки ваколати давлатӣ доранд, вале ҳокимиятӣ не. Дар сурати ба ҷои “ваколати давлатию ҳокимиятӣ” ибораи “ваколати давлатӣ-ҳокимиятӣ” истифода мегардид, он вақт зарур мешуд, ки мақомоти давлатӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатиро ҳамчун мафҳумҳои ҳаммонанд истифода намуд.

Назари умумӣ оид ба ҷудо намудан ва нисбатдиҳии мақомот ба мақомоти давлатӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ то ҳол коркарди пурраи илмӣ нашуда, таҳкими васеи ҳуқуқӣ наёфтааст. Масъалаи тақсимнамоӣ ва ҷудосозии мақомоти

давлатӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар механизми давлат баҳснок боқӣ монда, ба коркарди минбаъдаи назариявӣ ниёз дорад.

Ҳамин тавр, ҷойи баррасӣ нест, ки Ваколатдор мақоми ҳокимияти давлатӣ мебошад, зеро муқаррароти қисми 2 моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” тасдиқ мекунад, ки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахси ҳуқуқӣ буда, дорои суратҳисоб ва дигар ҳисобҳо, мӯҳру бланкҳо бо номи худ ва тасвири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад [1].

Мансубияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ хусусияти дугонаи ин институти сиёсӣ ва ҳуқуқиро тавсиф мекунад. Дар таҷрибаи аксари кишварҳо, Ваколатдор на дар низоми ҳокимияти иҷроия, балки дар низоми ҳокимияти қонунгузор таҷассум меёбад. Дар баъзе кишварҳое, ки таъини Ваколатдор аз ҷониби ҳокимияти иҷроия сурат мегирад институти ҳуқуқии Ваколатдор аксар вақт ба низоми мақомоти ҳокимияти иҷроияи ворид мегардад, ки дар ин ҳолат иҷозат намедиҳад, ки манфиатҳои мардум ва ҷомеаи шаҳрвандиро пурра ифода кунад.

Фикрҳои олимони ҳуқуқшинос дар бораи имкони ба яке аз шохаҳои ҳокимият мансуб донистани Ваколатдор, гуногун мебошанд. Н.В.Корнеева ва муаллифони дигар мансубияти Ваколатдорро ба ҳокимияти давлатии намояндагӣ ишора мекунанд [9, С. 9].

А.А.Безуглов ва С.А.Солдатов ба хулосае меоянд, ки Ваколатдор ба мақомоти ҳокимияти иҷроия тааллуқ дорад. [5, С. 318].

Тибқи андешаи В.Е. Чиркин ва муаллифони дигар, вобаста бо ҷараёни рушди давлат ва механизмҳои дохилии он дар баробари шохаҳои ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, тадриҷан чорумин шохаи мустақили ҳокимият - шохаи назоратӣ ва санҷишӣ шояд ҷудо шуда, ба он низ Ваколатдор дохил шавад [10, С. 309-316].

Ба андешаи онҳо, мақомоти санҷишӣ ва назоратие мавҷуданд, ки дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ вобастагии нисбӣ дошта, ҳамчун мақоми давлатӣ ба низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ворид намешаванд. [4, С. 148-152]. Дар усули боздорӣ ва мувозинати шохаҳои ҳокимияти давлатӣ нақши мобайниро иҷро намуда, ҳамчун мақоми ҳамоҳангсози фаъолияти мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ баромад менамоянд.

Қонуни мазкур низ ба ягон шохаи ҳокимияти давлатӣ тааллуқ надоштани Ваколатдорро муқаррар намудаст, ки тибқи он Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳангоми амалӣ намудани ваколатҳои худ мустақил буда, ба ягон мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат) ва шахсони мансабдор ҳисоботдиҳанда намебошад [1].

Ба назари мо, тамоми мушкилот дар ин самт он аст, ки мақоми мазкур салоҳияти муқарраршудаи ҳатмӣ ва ҳокимиятиро надорад.

Беҳуда нест, ки дар моддаҳои 12 ва 13 Қонуни мазкур мафҳуми «санҷиш» [1]. истифода шудааст, ки салоҳияти Ваколатдорро оид ба нандешидани чораҳои ҳатмӣ мушаххас менамояд.

Дар сурате, ки ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон салоҳияти ҳокимиятӣ дода шуд, он дорои ҳуқуқи назорат ба тамоми оқибатҳои минбаъдаи санҷишро пайдо менамояд. Яъне, масъалаи ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашидани шахсони мансабдорро низ дар миён мегузорад. Дар ин ҳолат, мо метавонем ин институтро ба чорумин шохаи мустақили ҳокимияти назоратӣ ва санҷишӣ, ки муаллифон пешниҳод намудаанд, нисбат диҳем.

Аз таҳлилу баррасии мавқеи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин хулосабарорӣ намудан лозим аст, ки ин мақом дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳамоҳангӣ ва ҳамкориро таъмин намуда, дар тобеият ва ҳисоботдиҳии ягон шохаи ҳокимияти давлатӣ қарор надорад. Ваколатдор ҳамчун мақоми давлатӣ махсуб шуда, барои таҳкими ҳуқуқӣ ва онро ҳамчун мақоми алоҳидаи берун аз шохаи ҳокимияти давлатӣ таҷассум намудан, тағйирот ба қисми 2 моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро рӯзмарра ҳисобида, онро дар шакли зайл "Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мақоми давлатӣ ва шахси ҳуқуқӣ буда, дорои суратҳисоб ва дигар ҳисобҳо, мӯҳру бланкҳо бо номи худ ва тасвири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад", пешниҳод менамоем. Зарурат дар он аст, ки моддаи мазкур Ваколатдорро ҳамчун мақомоти ҳокимияти давлатӣ муқаррар менамояд. Иштибоҳ дар он аст, ки мафҳуми ҷамъбандии "мақомот" истифода гардидааст. Яъне Ваколатдор як мақоми алоҳида давлатӣ аст, на маҷмӯи мақомот, дуюм мақоми давлатӣ ҳаст, на мақомоти ҳокимияти давлатӣ. Бо назардошти ин, тағйири болоро муҳим арзёбӣ намуда, барои мавқеи Ваколатдорро дар низоми мақомоти давлатӣ муайян намудан, замина мегузорад.

**Адабиёт:**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 20 марти соли 2008, № 372 [манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/system/files/Legislation/372_tj.pdf (Санаи муроҷиат: 25.01.2021)
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" аз 5 марти соли 2007, № 233 [манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/system/files/Legislation/233_tj.pdf (Санаи муроҷиат: 25.01.2021)
3. Авакьян С.А. Конституционное право Российской Федерации: учебный курс: в 2 т. 2-е изд., перераб. и доп. М.:Юристъ, 2006. Т. 1 – С.357;
4. Ангел А.С. К вопросу о контрольно-надзорной ветви власти// Новое слово в науке и практике: гипотезы и апробация результатов исследований. Сборник материалов XXIX Международной научно-практической конференции. Под общей редакцией С.С. Чернова. 2017, 148-152 с.
5. Безуглов А. А., Солдатов С. А. Конституционное право России: учебник для юридических вузов: в 3 т. М., 2001. Т. 1 – С. 318;
6. Евдошенко А.П., Место и роль уполномоченного по правам человека в РФ в системе органов государственной власти // Известия РГПУ им. А. И. Герцена. 2009. №110. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/mesto-i-rol-upolnomochennogo-po-pravam-cheloveka-v-rf-v-sisteme-organov-gosudarstvennoy-vlasti (Дата обращения: 11.01.2021).
7. Корнеева Н.В. Конституционно-правовые основы деятельности Уполномоченного по правам человека в Российской Федерации: дис. на соис. учен. степени канд. юрид. наук. СПб., 2002 – С.9;
8. Назарияи ҳуқуқ ва давлат: Китоби дарсӣ барои донишҷуёни соҳаи ҳуқуқ ва иқтисод. / Исмоилов Ш.М. Сотиволдиев Р.Ш. - Душанбе.: Деваштич, 2008. С. 130, 295 - с.
9. Черкасов К.В. К вопросу о соотношении понятий «орган государственной власти» и «государственный орган» // Пробелы в российском законодательстве.

2008. №2. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/k-voprosu-o-sootnoshenii-ponyatiy-organ-gosudarstvennoy-vlasti-i-gosudarstvennyy-organ (дата обращения: 28.01.2021).
10. Чиркин В.Е. Основы сравнительного правоведения. М., 1997 - С. 309-316

## МЕСТО УПОЛНОМОЧЕННОГО ПО ПРАВАМ ЧЕЛОВЕКА В СИСТЕМЕ ОРГАНОВ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**РАДЖАБОВА ШУКРОНА МИРЗОХАМДАМОВНА,**
аспирант кафедры прав человека и сравнительного правоведения
Таджикского национального университета
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.
Тел.: (+992) 985-88-09-99; E-mail: sh.rajabova.sh@gmail.com

**БАЧАМАРДОВ АБУБАКР НАЗРИШОЕВИЧ,**
аспирант Российской академии народного
хозяйства и государственной службы при
Президенте Российской Федерации
119571, Россия, Москва, пр. Вернадского, д. 82
Тел.: (+992) 931-97-12-53; E-mail: abubakr.did@gmail.com

*Уполномоченный по правам человека являясь государственным органом осуществляющим внесудебную форму защиты прав человека, занимает особое место в системе государственных органов Республики Таджикистан. Его особенность вытекает из его конституционно-правового статуса, деятельности и форм взаимодействия с другими государственными органам и институтами гражданского общества.*

*При рассмотрении темы, возник вопрос о разграничении понятий “государственный орган” и “орган государственной власти”, который был проанализирован с научной и правовой точки зрения.*

*Авторы, акцентируясь на научных и правовых основах места Уполномоченного по правам человека в системе государственных органов, выдвинули соответствующие предложения.*

***Ключевые слова**: Уполномоченный, система, государственный орган, орган государственной власти, властное полномочие, проверка.*

## PLACE OF THE HUMAN RIGHTS OMBUDSMAN IN THE SYSTEM OF STATE AUTHORITIES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**RAJABOVA SHUKRONA MIRZOKHAMDAMOVNA,**
postgraduate student of Human Rights and Comparative Law Department
of Tajik National University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17, Rudaki Ave.,
Phone: (+992) 985-88-09-99; E-mail: sh.rajabova.sh@gmail.com
**BACHAMARDOV ABUBAKR NAZRISHOYEVICH,**
postgraduate student of the Russian Academy of National
economy and public service under
the President of the Russian Federation

119571, Russia, Moscow, Vernadsky Ave., 82
Phone: (+992) 931-97-12-53; E-mail: abubakr.did@gmail.com

*Human Rights Ombudsman is a state body carrying out an extrajudicial form of human rights protection, took a special place in the system of state bodies of the Republic of Tajikistan. Its specificity reflected in its constitutional and legal status, its activities and forms of interaction with other state bodies and institutions of civil society.*

*When considering the topic, there arose a difference between the concepts of "state bodies" and "state authority bodies", and there was given a scientific and legal explanation using the sources and views of scholars as well as the position of the Ombudsman in this system was discussed.*

*The authors, focusing on the scientific and legal aspects of the place of Human Rights Ombudsman in the system of state bodies of the Republic of Tajikistan, and made appropriate proposals in this direction.*

***Key words:*** *Ombudsman, system, state bodies, state authority bodies, authority, verification.*

УДК: 340.1

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ МАФҲУМ ВА ИНКИШОФИ ҚОНУНГУЗОРИИ ЭКОЛОГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**РАШИДОВ ҶАМШЕД ҚОСИМОВИЧ,**
унвонҷӯи Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33,
Тел.: (+992) 918-35-51-21; E-mail: rashidzoda86@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур масоили назариявии инкишофи механизми танзими ҳуқуқии муносибатҳои экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти раванди қабули қонунгузории амалкунандаи соҳаи мазкур, мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудааст. Албатта, яке аз масоили мубрами фазои илми ҳуқуқшиносии муосири Тоҷикистон, ин кор карда баромадани механизми ба талаботи ҳозира ҷавобгӯи танзими ҳуқуқии муносибатҳои экологӣ дар кишвар ба ҳисоб меравад.*

***Калидвожаҳо:*** *қонунгузории экологӣ, санад, муҳит, Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифодаи оқилона, табиатистифодабарӣ, сарватҳои табиӣ, давлат.*

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳ ин ҳифзи муҳити зист мебошад, ки аз ҳар ҷиҳат барои ҳаёти минбаъдаи шаҳрвандон аҳамияти бениҳоят калонро соҳиб аст. Халқи тоҷик ҳамчун қадимтарин халқи Осиёи Марказӣ ва мардуми шаҳрнишину зироаткор аз даврони қадим ба ҳифзи табиат эътибори хоса медоданд. Дар заминаи маъхазҳои таърихӣ академик Б. Ғафуров чунин иттилоъ медиҳад “Табиати Бохтар гуногун аст: дар он ҷо токҳои ангур ҳосили пурбор ва ширин медиҳад; оби фаровон замини тафсонро шодоб мекунад; дар заминҳои ниҳоят ҳосилхез ғалла корида, боқимондаи он ба чарогоҳи гову гӯсфандон табдил дода шудааст, вале қисми зиёди замин дашти бесамар мебошад” [4, с. 88].

Аз ин маълумот ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар давраҳои то исломӣ тоҷикон дар заминаи ақида ва арзишҳои миллӣ нисбат ба экология[1] муносибат мекарданд. Модоме, ки дар он давра низоми ҳуқуқ мисли замони муосир чандон инкишоф ёфта набуд, мардум муносибати худро нисбат ба экология дар заминаи анъанаҳои миллӣ, урфу одат ва ақидаҳои динӣ ба амал мебароварданд. Бинобар ин дар давраи қадими таърихи тоҷикон сарчашмаҳои ҳуқуқи экологиро чунин номбар кардан мумкин аст:

- урфу одат;
- анъанаҳои мардумӣ;

[1] Истилоҳи “экология” (аз калимаи юнонии eco – хона, манзил ва logos - илм) аз ҷониби биологи олмонӣ Э. Геккел дар соли 1866 барои ифодаи илми экологӣ дар бораи муносибатҳои ҳамдигарии организмҳои зинда (аз ҷумла инсон) байни худ ва муҳити атроф. Бо гузашти айём мазмуни ин истилоҳ васеъ гардонида, имрӯзҳо он ҷабҳаҳои иҷтимоии муносибатҳои ҳамдигарии ҷамъиятро бо муҳити атроф ифода менамояд. Ҳамин тавр экология – ин илм дар бораи чигунагии қоидаҳои инкишофи табиат. Муфассал ниг.: Ерофеев Б. В. Экологическое право России: учебник для академического бакалавриата / науч. ред. Л.Б. Братковская. – 24-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2016. – с. 13; Экологиогия – илмест, ки муносибати организмаҳои зиндаро (набoтот, ҳайвонот ва микроорганизмҳо) байни худ ва бо муҳити зист, инчунин муносибати инсонро ба биосфера меомӯзад.

- ақидаҳои динӣ.

Дар китоби муқаддаси Зардуштӣ унсурҳои табиат тавсиф ёфта, ақидаҳое тарғиб шудаанд, ки дар хусусӣ муқаддасияти унсурҳои табиат гувоҳӣ медиҳад. Масалан, академик Б. Ғафуров иттилоъ медиҳад, ки дар қисмати "Ясно"-и Авесто оташ, об, бод, замин, ҳаво, равони чорпоён ва ғайра аз ҷониби пайравони ин дин ситоиш мешуданд [4, с. 72].

Баъд аз андак сайри таърихӣ роҷеъ ба сарчашмаҳои ҳуқуқи экологӣ таваҷҷӯҳи бештарро ба вазъи муосири ин масоил равона менамоем.

Албатта яке аз вазифаҳои давлат ва мақомоти марбутаи он ин таъмини ҳифз ва истифодаи самараноки объектҳои табиӣ мебошад. Дар ҳоли ҳозир масъалаи муҳофизати табиат ва дар ҳолати мӯътадил нигаҳдории он на фақат масъалаи дохилидавлатӣ, балки сатҳи ҷаҳониро ба ташвиш гузоштааст. Аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ чорабиниҳои сатҳи байнидавлатӣ оид ба беҳдошти фазои экологии сайёра корҳои муайян дар доираи санадҳои меъёрии байналхалқӣ амалӣ гардонида мешаванд.

Яке аз воситаҳои муҳимтарини ба таври мувозинат нигоҳ доштани сарватҳои табиӣ ва истифодаи самараноки он қонунгузории алоҳида дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амал карда истодааст.

Беҳуда нест, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карданд, ки ҳоло Тоҷикистон тибқи арзёбии созмонҳои байналмилалӣ доир ба истеҳсоли нерӯи барқи аз лиҳози экологӣ тоза дар ҷаҳон ҷойи шашумро ишғол мекунад.

Кишвари мо имконият дорад, ки баъди ба кор андохтани иқтидорҳои нав, аз ҷумла нерӯгоҳи барқии обии "Роғун" аз лиҳози фоизи истеҳсоли нерӯи барқ аз манбаъҳои таҷдидшаванда дар ҷаҳон ба ҷойи дуюм ё сеюм барояд. Ин саҳми Тоҷикистон дар ҳалли яке аз мушкилоти глобалӣ – кам кардани партовҳои гази карбон ба ҳавои атмосфера ва коҳиш додани оқибатҳои манфии гармшавии иқлим хоҳад буд.

Дар робита ба ин, ҳамчунин, зарур аст, ки мо ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист, олами набототу ҳайвонот, вазъи экологӣ ва бо ин мақсад таҷдиди назар кардану такмил додани қонунгузории соҳа ва баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ муносибати ҷиддӣ зоҳир кунем. Хотирнишон месозам, ки ҳифзи муҳити зист, дар айни замон, яке аз роҳҳои асосии ҷалби сайёҳон мебошад" [1].

Дар давоми солҳои истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои муосири фаъолияти қонунгузорӣ таъсис дода шуданд. Дар натиҷаи он, дар як мӯҳлати нисбатан кӯтоҳ беш аз 350 қонун дар соҳаҳои мухталифи қонунгузорӣ таҳия ва қабул карда шуданд. Соҳаҳои асосии қонунгузорӣ ба монанди ҳуқуқи гражданӣ, соҳибкорӣ, оилавӣ, меҳнат, экологӣ, молиявӣ, маъмурӣ, ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, мурофиаи гражданӣ, мурофиаи маъмурӣ ва ғайра таҳия ва аз лиҳози меъёрӣ таъмин карда шудаанд [7, с. 4].

Бо зикри ин нуқта, дар назди давлати навин ва ҷавони тоҷикон дар қатори проблемаҳои ҳалталаби сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ зарурати қабул намудани қонунҳое ба миён омад, ки барои нигоҳ доштани сарватҳои табиӣ ва муҳофизати муҳити табиии атроф зарур мебошад. Зеро ба даст овардани истиқлолият ва воридшавии Тоҷикистон ба фазои иқтисодӣ ва сиёсии озод ва яке аз давлатҳое, ки

дорои боигариҳои фаровони табиӣ мебошад, бе мавҷудияти конунгузории мукаммали экологӣ вазифаҳои дар пеш истодаро иҷро намудан номумкин аст.

Барои танзими муносибатҳои экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгузории алоҳидаи ҷорӣ ба монанди Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» 2.08.2011, №760; Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» 20.07.1994, №983; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳофизат ва истифодаи олами наботот» 17.04.2004, №31; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии биологӣ» 1.03.2005, №88; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳофизати растаниҳо» 16.04.2012, №817 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи олами ҳайвонот» 5.01.2008, №354; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳавои атмосфера” 28.12.2012, №915; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ” 29.12.2010, №673; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи навъи растанӣ» 29.12.2010, №679; Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити экологӣ» 6.12.2011, №785; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мониторинги экологӣ» 25.03.2011, №788; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» 26.12.2011, №788; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооти экологӣ» 25.03.2011, №705; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ» 16.04.2012, №818 ва монанди инҳо қабул карда шудаанд.

Бояд хотиррасон намоем, ки қонунгузории дар боло ишорагардида муносибатҳои экологиро ба таври алоҳида мавриди танзим қарор медиҳад. Сарчашмаи ҳуқуқи экологӣ он санадҳои меъёрии ҳуқуқие хисоб мешаванд, ки дар онҳо меъёрҳои ҳуқуқии банизомдарорандаи муносибатҳои экологӣ ифода шудаанд. Қонунҳо, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии вазорату идораҳо, қарорҳои мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба ҷумлаи сарчашмаҳои ҳуқуқи экологӣ дохил мешаванд.

Маҳуми “сарчашмаи ҳуқуқ” чунин маънидод карда мешавад: якум, ҳамчун “қуввае, ки ҳуқуқро ба вуҷуд меорад” яъне ҳокимияти давлатие, ки тақозои муносибатҳои инкишофёфтаистодаи ҷамъиятиро ба танзим медарорад ва қоидаҳои муайянро қабул менамояд; дуюм, ҳамчун шакли зоҳирии ифодаёбии иродаи давлат, ки дар он қоидаи қабулнамудаи давлат мавҷуд аст. Сарчашмаи нисбатан роҳбарикунандаи ҳуқуқ дар замони муосир санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Вай бешубҳа якчанд афзалиятҳои худро дорад: а) фавран ба тасвиб расида, ҳар як қисмати он метавонад тағйир ёбад ва ба туфайли он саривақт ба танзим даровардани раванди иҷтимоӣ имконпазир аст; б) санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар шакли муаяйн ба низом дароварда шудаанд; в) ба воситаи он меъёри ҳуқуқи мушаххас дарҷ карда мешавад, бинобар ин сиёсати ягонаро ба амал баровардан мумкин аст; г) санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби давлат таъмин карда шуда, бо воситаи андешидани чораҳои муҷозоти нисбати вайронкунандаи он амалӣ карда мешавад [2, с. 29].

Ҳамаи он нишонаҳое, ки ба сарчашмаи ҳуқуқ тааллуқ дорад, дар сарчашмаҳои ҳуқуқи экологӣ ҳам мавҷуданд. Баробари ин, сарчашмаҳои ҳуқуқи экологӣ боз ба худ хусусиятҳои хос ҳам доранд. Дар адабиёти соҳа ҳамчунин ибораи “меъёрҳои ҳуқуқи экологӣ” истифода гардидааст.

Ба ақидаи муҳаққиқони илми ҳуқуқи тоҷик “Меъёрҳои хуқуқи экологӣ гуфта, қоидаҳои рафторе дар назар дошта мешавад, ки бо воситаи онҳо муносибатҳои байни ҷамъияту табиат оид ба истифода ва ҳифзи боигариҳои табиӣ дар назар дошта мешавад” [6, с. 17].

Сарчашмаи ҳуқуқи экологӣ ба маънои маҳдуд барои ҳалли масъалаи сатҳӣ - офаридани санадҳои меъёрии ҳуқуқие равона шудааст, ки аксаран меъёрҳои ҳуқуқии экологӣ доранд. Ба маънои васеъ барои ҳалли масъалаи амал ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии экологӣ равона шудааст (новобаста аз мансубияти намуди санади меъёрии ҳуқуқӣ). Ба акидаи В.В. Петров сарчашмаҳои ҳукуқи экологӣ дорои хусусияти зерин мебошанд: 1. Дар низоми онҳо аксариятро қонун ташкил медиҳад, на дигар шакли ҳуқуқ; 2. Мавҷудияти меъёрҳо ва санадҳои «экологишуда» дар низоми онҳо; 3. Мавқеи муайянро санадҳои байналмилалӣ доранд [8, с. 89]. М.М. Бринчук дар бораи «макон»-и меъёрҳои ҳуқуқии экологӣ дар соҳаҳои гуногун ҳарф задааст. Хислати бартариятии онҳо бояд қайд карда шавад [3, с. 79].

Сарчашмаҳои ҳуқуқи экологӣ гуфта шакли зоҳирии ифодаёбӣ ва мустаҳкамкунии меъёрҳои ҳуқуқи экологиро меноманд. Сарчашмаҳои ҳуқуқи экологӣ он санадҳои меъёрии ҳуқуқие ҳисоб мешаванд, ки дар онҳо меъёрҳои банизомдарории муносибатҳои экологӣ ифода шудаанд.

Сарчашмаҳои ҳуқуқи экологӣ давраҳои асосии инкишофёбии худро дошта, дар замони муосир низоми он аз қонунгузории муҳофизати муҳити табиии атроф ва қонунгузории захираҳои табиӣ манбаъ гирифтааст [9, с. 52-54].

Ба ақидаи Т.И. Макарова “Ҳамон санадҳои меъёрии хуқуқие сарчашмаи ҳуқуқи экологӣ ба ҳисоб меравад, ки дар худ меъёрҳои ҳуқуқие доранд, ки ба воситаи онҳо муносибатҳои экологӣ ба танзим дароварда мешаванд. Онҳо хусусиятҳои хос доранд:

- қисми муайяни меъёрҳои экологӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии кодификатсионӣ, аз ҷумла дар сурате, ки меъёрҳои соҳа мураттаб карда нашудааст ифода мегарданд;

- меъёрҳое, ки ба воситаи онҳо муносибатҳои экологӣ ба танзим дароварда мешавад, дар сарчашмаҳои дигар соҳаҳои хуқуқ мавҷуд аст;

- дар гурӯҳи сарчашмаҳои ҳуқуқи экологӣ мақоми хосаро санадҳои меъёрии байналмилалӣ ишғол менамояд” [2, с. 29].

Дар таърихи инкишофёбии қонунгузории экологӣ ду ҳолат бояд ба ҳисоб гирифта шавад. Ҳолати якум солҳои 1917-1918. Қонунгузории собиқ Иттифоқи Шӯравӣ, бе баҳисобгирии хусусиятҳои ба худ хоси маҳаллӣ инкишоф меёфт. Дуюм, то солҳои 1980-ум қонунгузории экологӣ дар ҳайати қонунгузорӣ оид ба сарватҳои табиӣ инкишоф меёфт. Шаш давраи инкишофёбии қонунгузории экологиро нишон додан мумкин аст:

1) солҳои 1917-1922 - бавуҷудоӣ ва барқароршавии санадҳои қонунгузории муҳофизат ва истифодаи захираҳои табиӣ;

2) солҳои 1922-1957 - инкишофёбии васеи фаъолонаи қонунгузории самти захираҳои табиии умумииттифоқӣ;

3) солҳои 1957-1969 - давраи қабули қонунҳои муҳофизати табиат ҳамчун шакли нави қонунгузорӣ дар ҳамаи Ҷумҳуриҳои Иттифоқии собиқ Иттифоқи Шӯравӣ. Қонуни муҳофизати табиати ҶШС Тоҷикистон 24 октябри соли 1959 қабул шуда буд;

4) Солҳои 1968-1980-ум гузаронидани кодификатсияи қонунгузории умумииттифоқ ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ доир ба замин, маъданҳо, об, ҷангал, олами ҳайвонот, ҳавои фазо. Нисбати ин объектҳо дар миқёси умумииттифоқ - Асосҳои қонунгузорӣ ва дар Ҷумҳуриҳои Иттифоқӣ - кодексҳо ва қонунҳо қабул карда шуд;

5) Солҳои 1985-1990-ум солҳои ҳаракати дигар сохт: муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба муҳофизати табиат ва оқилона истифода бурдани захираҳои табиӣ буд ва дар ин давра қонуни муҳофизати табиат дар Иттифоқи Шӯравӣ кор карда мешуд ва мувофиқи онҳо бояд сохти мақомотҳои ваколатдори махсуси идоракунии табиатистифодабарӣ ва муҳофизати табиати собиқ Иттифоқи Шӯравӣ ва Ҷумхуриҳои Иттифоқӣ дигар карда мешуд. Системаи нави идоракунандаи табиатистифодабарӣ ва муҳофизати табиат ҳам ба як андозае сохта мешавад.

6) Аз солҳои 1990 то ҳол давраи истиқлол, пас аз пошхӯрдани Иттифоқи Шӯравӣ ва давраи аз сари нав сохтани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз он ҷумла, қонунгузории экологӣ. Қабули қонуни муҳофизати табиати Ҷумҳурии Тоҷикистон (1993) Кодекси замин (1996), Кодекси об (2000) ва ғ.

Дар хусуси даврабандии инкишофи сарчашмаҳои ҳуқуқ фикрҳои гуногун мавҷуд аст. Муҳаққиқони ватанӣ Р.Ҷ. Ҷабборов ва И.М. Азизов инкишофи қонунгузории даврони истиқлолияти давлатиро даврабандӣ намудаанд [10, с. 84-85].

Ташаккули қонунгузории экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити таърихии кишвар давра ба давра ва бо суръат такя ба таҷрибаи қонунэҷодкунӣ ва бартараф намудани нуқсонҳои мавҷуда рушт ёфт. Бо назардошти ҷараёни рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ инкишофи қонунгузории экологии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар замони истиқлолият метавон ба се давра ҷудо намуд:

- давраи аввал аз солҳои 1991 то 1994;

- давраи дуюм аз солҳои 1995 то 2000;

- давраи сеюм солҳои 2000 то ба имрӯз.

Дар баробари ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба таври пурра ва ҳамаҷониба асосноку дар асоси принсипҳои умумиэътирофнамуда танзим намудани муносибатҳои экологӣ дарояндаи наздик қабул намудани Кодекси экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон амри воқеист. Ба андешаи мо агар қонунгузории экологии амалкунанда шакли кодификатсиониро гирад, ҳолати мазкур метавонад барои боз ҳам амалишавии мақсаду ҳадафҳои сатҳи давлатӣ барои беҳдошти ҳолати экологӣ заминаи принсипиалӣ гузорад.

Бояд фаромӯш назозем, ки мақсади асосии мавҷудияти қонунгузории экологии амалкунанда барои беҳдошти вазъи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд, ҳифз намудани арзишҳои ғайримоддӣ ва моддӣ, ҳифз ва истифодаи дуруст ва оқилонаи сарватҳои табиӣ, ҳамчунин пешбурди муносибатҳои соҳаи мазкур равона гардидааст. Дар рафти омӯзиш ва таҳлили масоили боло ишорагардида чунин хулосабарориро пешкаш намуданамон мумкин аст:

1. Дар заминаи мураттабгардонии санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи экологӣ бояд Кодекси экологии Ҷумҳурии

Тоҷикистон қабул карда шавад. Чунин иқдом якчанд афзалиятҳоро ба сифати танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҳуқуқи экологӣ ба миён меорад:

- дастрасӣ ба қонунгузории экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон содда мегардад;
- танзими муносибатҳои ҳуқуқи экологӣ сифатан беҳтар ба амал бароварда мешавад;
- мухолифати меъёрҳои ҳуқуқии қононугузории экологӣ бартараф карда мешавад.

2. Ҳангоми ба низом даровардани маҷмӯи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи экологӣ ошкор гардид, ки теъдоди нисбатан назарраси санадҳои қонунгузорӣ дар як вақт ҳамчун сарчашмаи якчанд соҳаҳои ҳуқуқ, муносибатҳои онҳоро ба танзим медарорад. Бинобар ин, мушкилие сар зад, ки ҳангоми ба танзим даровардани муносибатҳои муайяни ҷамъиятӣ бо санадҳои қонунгузории муайян, он ҳамчун матлаби кадом соҳаи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад? Масалан, Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаҳои ҳуқуқи экологӣ ба ҳисоб меравад. Аммо Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон – сарчашмаи ҳуқуқи замин ва Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон – сарчашмаи ҳуқуқи об ба ҳисоб меравад. Агар дар таҷриба барои танзими муносибатҳои муайяни ҷамъиятӣ-ҳуқуқӣ мо Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистонро истифода намоем, пас онро мо ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи об ё ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи экологӣ истифода мебарем?

Барои то андозае равшан кардани ин масоил метавон чунин нуқтаи назарро баён кард, ки сарчашмаҳои ҳуқуқи экологиро ба ду гурӯҳи зерин ҷудо намудан мумкин аст:

- сарчашмаҳои махсуси ҳуқуқи экологӣ (сарчашмаҳои бевоситаи ҳуқуқи экологӣ). Ба ин гурӯҳ, он сарчашмаҳои ҳуқуқие дохил мешаванд, ки бевосита ба танзими ҳуқуқи экологӣ равона гардидаанд. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ”, “Дар бораи аудити экологӣ”, “Дар бораи иттилооти экологӣ”, “Дар бораи ҳифзи муҳити зист”, “Дар бораи мониторинги экологӣ” ва ғ.;
- сарчашмаҳои умумии ҳуқуқи экологӣ (сарчашмаҳои бавоситаи ҳуқуқи экологӣ). Гурӯҳи дуюми сарчашмаҳои ҳуқуқи экологиро ҳамон санадҳои меъёрии ҳуқуқие ташкил медиҳанд, ки барои танзими ҳуқуқии дигар соҳаи ҳуқуқ равона гардидаанд, вале дар меъёрҳои худ қисман муносибатҳои ҳуқуқи экологиро низ фаро мегиранд. Ба гурӯҳи чунин сарчашмаҳои ҳуқуқи экологӣ санадҳои зерини қонунгузориро номбар кардан мумкин аст: - Кодекси фазои ҳавоии ЧТ; Кодекси ҷангали ЧТ; Кодекси оби ЧТ; Кодекси замини ЧТ; Кодекси граждании ЧТ; Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ислоҳоти замин”, “Дар бораи танзими давлатии ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ”, “Дар бораи ассотсиатсияи истифодабарандагони об”, “Дар бораи оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов” ва ғ.

## Адабиёт:

1.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018. шаҳри Душанбе, манбаъ: Нашрияи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҷавонони Тоҷикистон», №52 (9582) аз 27.12.2018 с.

2.Балашенко С.А., Макарова Т.И., Лизгаро В.Е., Лаевская Е.В.

Экологическое право: пособие / Минск: БГУ, 2013. – С. 29.

3.Бринчук М.М. Экологическое право М.: Юристъ, 2003. – С. 79 [Электронный ресурс] // https://www.twirpx.com/file/1374176/ (дата обращение: 03.12.2020 г.).

4.Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна: китоби якум. (Муҳар. Масъул аъзо-корр. АФ Тоҷикистон А. Мухторов. – Душанбе, Ирфон, 1983). – С. 72.

5.Ерофеев Б.В. Экологическое право России: учебник для академического бакалавриата / науч. ред. Л.Б. Братковская. – 24-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2016. – С. 13.

6.Қодиров М.А., Амонов А.Ҷ., Абдураҳмонова М.И., Атаев А.С. Ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Хуҷанд, 2016. – С. 17.

7.Маҷмӯаи мақолаҳои илмии “Форуми дуюми миллӣ оид ба волоияти қонун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, 3.11.2016, ш. Душанбе. – С. 4.

8.Петров В.В. Экологическое право России. – М.: БЕК, 1997. [Электронный ресурс] // https://studopedia.info/5-54256.html, (дата обращение: 03.12.2020).

9.Ҷабборов Р.Ҷ. Ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Диловар, 2004 – С. 52-54.

10.Ҷабборов Р.Ҷ., Азизов И.М. Рушди қонунгузории экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолият // Ҳаёти ҳуқуқӣ (Правовая жизнь). – № 1 (01) 2013. – С. 84-85.

## НЕКОТОРЫЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ КОНЦЕПЦИИ И РАЗВИТИЯ ЭКОЛОГИЧЕСКОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**РАШИДОВ ДЖАМШЕД КОСИМОВИЧ,**
соискатель Академии государственного управления
при Президенте Республики Таджикистан
734003, г. Душанбе, улица Саида Носира, 33,
Тел .: (+992) 918-35-51-21; E-mail: rashidzoda86@mail.ru

*В статье анализируются и исследуются теоретические вопросы развития механизма правового регулирования экологических отношений в Республике Таджикистан с учетом процесса принятия действующего законодательства в этой сфере. Безусловно, одним из наиболее актуальных вопросов в области современной юридической науки в Таджикистане является разработка механизма, отвечающего современным требованиям правового регулирования экологических отношений в стране.*

***Ключевые слова:*** *экологическое законодательство, акты, окружающая среда, Республика Таджикистан, рациональное использование, природопользование, природные ресурсы, государство.*

## SOME THEORETICAL ISSUES OF CONCEPT AND DEVELOPMENT OF ECOLOGICAL LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**RASHIDOV JAMSHED KOSIMOVICH,**
Applicant of the Academy of Public Administration

under the President of the Republic of Tajikistan
734003, Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone: (+992) 918-35-51-21; E-mail: rashidzoda86@mail.ru

*The article analyzes and considers the theoretical issues of the development of the mechanism of legal regulation of environmental relations in the Republic of Tajikistan, taking into account the process of adopting the current legislation in this area. Of course, one of the most important issues in the field of modern legal science in Tajikistan is the development of a mechanism that meets the modern requirements of legal regulation of environmental relations in the country.*

***Key words:*** *environmental legislation, acts, environment, the Republic of Tajikistan, rational use, nature use, natural resources, state.*

УДК: 340.13

# БАЪЗЕ ТАҲЛИЛҲО ОИД БА МАФҲУМИ «САЙЁҲӢ», «САЙЁҲ» ВА «САЁҲАТ»

**САМИЗОДА Ф.Д.,**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ
ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Тел.: (+992) 887-73-95-95; E-mail: samiev_f@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур муаллиф баъзе таҳлилҳо оид ба мафҳуми «сайёҳӣ», «сайёҳ» ва «саёҳат» гузаронида, бо назардошти қонунгузорӣ ва андешаи олимон чунин мафҳумҳоро пешниҳод кардааст: Сайёҳӣ –сафари сайёҳ ба дигар кишвар ё маҳалли ғайр аз ҷойи истиқомати доимӣ бо ягон мақсад, ба истиснои бакортаъминкунӣ; Сайёҳ- истеъмолкунандаи хизматрасонии сайёҳӣ, шахси воқеие мебошад, ки барои хизматрасонии сайёҳӣ шартнома бастааст ва ҳуқуқ дорад тибқи шартнома хизматрасонии сайёҳиро истифода барад; Саёҳат – ин ҳаракати одамон дар вақт ва фазо нововбаста аз ҳадафҳо, самтҳо, воситаҳои нақлиёт ва фосилаи вақт мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *сайёҳӣ, сайёҳ, саёҳат, истеъмолкунанда, шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ, қонунгузории сайёҳӣ, мақсади шахсӣ, фаъолияти пулакӣ.*

Соҳаи сайёҳӣ ҳамчун равзана ба ҷаҳон ба сифати оинаи мамлакат баромад мекунад. Сайёҳӣ маълумотро дар бораи кишвар – табиат, фарҳанг, таърих ва мероси фарҳангӣ, таому нӯшокии миллӣ ва урфу одати мардуми он фаро мегирад. Пешрафти сайёҳӣ ва мароқу рағбати хориҷиҳо ба баланд гардидани таваҷҷуҳи аҳолии маҳаллӣ ба ҷанбаҳои хубу дилкаши манзараҳои гуногуни кишвар мусоидат менамояд. Дар навбати худ, эҳсоси нави ифтихор бо мамлакат ва ё минтақаро тавассути эътироф намудани арзишҳои бузурги он ба вуҷуд оварда, ба рушди сайёҳии дохилӣ ва байналмилалӣ, афзоиши шумораи сайёҳони маҳаллӣ кумак менамояд. Мардуми Тоҷикистон дар ҳудуди ватани худ саёҳат карда, онро бештар меомӯзанд ва қадр менамоянд. Дар аксарияти мамлакатҳо шумораи сайёҳони дохилӣ аз сайёҳони хориҷӣ зиёд аст. Ин барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ шароити муосид фароҳам оварда, ҳамчун воситаи баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии аҳолӣ оид ба мамлакати худ, эътирофи он ва баланд бардоштани ҳисси ифтихори миллӣ баромад менамояд [8].

Дар соли 2030 Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари соҳаи сайёҳиаш устувор ва дар минтақаву сатҳи ҷаҳонӣ эътирофшуда хоҳад шуд. Саҳми сайёҳӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ назаррас буда, сайёҳӣ ҳамчун меҳвари таъсиси ҷойҳои корӣ дар шаҳру минтақаҳои дурдасти мамлакат нақши муҳим дорад. Ҷалби сармояи хориҷӣ ва дохилӣ, имтиёзҳои махсуси андозию гумрукӣ ба рушди инфрасохтори сарироҳӣ, меҳмонхонаҳо, осоишгоҳҳо, маҷмааҳои сайёҳӣ мақсаднок равона шуда, инчунин шароит ва инфрасохтори нақлиётию логистикӣ барои ташаккулёбӣ ва рушди истеҳсоли маҳсулоти ҳунарҳои дастӣ, соҳибкории саноатӣ ва сайёҳӣ дар деҳот ва дар ноҳияҳои дурдасти кишвар, ки дорои иқлим ва табиати беназир мебошанд, фароҳам оварда шудааст. Муҳоҷирати меҳнатӣ коҳиш ёфтааст ва ҷойҳои кори таъсисдодашуда ташаккул ёфтани табақаи миёнаи аҳолиро дар деҳот таъмин мекунанд. Дар давоми

солҳои охир рушди соҳаи сайёҳӣ ҷумҳурии мо аз кишвари саёҳати саргузаштиву экологӣ ва пиёдагардӣ ба кишвари саёҳати таърихӣ, фарҳангӣ, табобатӣ-фароғатӣ, саёҳати саноатӣ, тиҷоратӣ ва саёҳати корӣ табдил ёфтааст. Сатҳу сифати хизматрасонӣ ҷавобгӯ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мебошанд. Мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раддабандии кишварҳои меҳмоннавоз (World Economic Forum), индекси кишварҳои амниятӣ (Institute of Economy and Peace), Шӯрои ҷаҳонии саёҳат ва сафар (World Tourism and Travel Council) дар ҷои намоён қарор дошта, ташкилоти маркетингӣ (Destination Marketing Organization) ҷиҳати муаррифии бренди миллии мавзеъҳои сайёҳии Тоҷикистон фаъолияти фарогир (инклюзивӣ) дорад. Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва меҳмондории Тоҷикистон таъсис ёфтааст ва мутахассисони болаёқати соҳаи сайёҳӣ пешбарандаи фаъолияти соҳа мебошанд. Маҷаллаи махсуси сайёҳӣ, телевизиони сайёҳӣ, рӯзномаи сайёҳӣ таъсис дода шудаанд. Дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои кишвар марказҳои хизматрасонии сайёҳӣ фаъолият мекунанд, маводи таблиғотиву иттилоотӣ бо забонҳои гуногуни хориҷӣ таҳия ва таълиф шудаанд, фитта ва руқъаҳои ҷолиби сайёҳӣ ройгон дар сартосари кишвар ва берун аз он паҳн карда мешаванд.

Барои ноил шудан ба ин ҳадафи олӣ ҳадафҳои зерини стратегии рушд муайян карда шудаанд:

- ташаккули асосҳои институтсионалии рушди соҳаи сайёҳӣ;
- ташаккули инфрасохтори муосири соҳаи сайёҳӣ;
- тақвияти иқтидорҳои сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкили дурусти тарғибу ташвиқи ҳаматарафаи он;
- таъмини рақобатпазирии маҳсулоти сайёҳӣ дар асоси баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ;
- ташаккул ва муаррифии бренди миллии мавзеъҳои сайёҳӣ -маркетинг ва пешбурди маҳсулоти соҳаи сайёҳӣ, ҳифз, инкишоф ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиию рекреатсионӣ ва мероси таърихию фарҳангӣ;
- тақвияти неруи инсонӣ, таъминоти кадрӣ ва шуғли пурмаҳсул дар соҳаи сайёҳӣ;
- мутобиқгардонӣ ба стандартҳои байналмилалӣ ва таъмини бехатарии сайёҳон;
- таъсис ва рушди кластерҳои сайёҳӣ (маҷмӯи минтақаҳои алоҳидаи сайёҳию рекреатсионии иқтисодӣ) ва таъмини инноватсионию сармоягузории рушди соҳаи сайёҳӣ.

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии гузошташуда чунин тадбирҳои асосӣ пешбинӣ мешаванд.

Дар самти ташаккули асосҳои институтсионалии рушди соҳаи сайёҳӣ:

- такмили қонунгузории амалкунанда ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи сайёҳӣ;
- таҳияи санади мукаммал дар соҳаи сайёҳӣ;
- дар амал татбиқ намудани меъёрҳои қабулшудаи байналмилалӣ дар соҳаи сайёҳӣ;
- тақвияти заминаҳои институтсионалии шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи сайёҳӣ.

Ба андешаи мо дар баробари дигар самтҳои ташаккули асосҳои институтсионалии рушди соҳаи сайёҳӣ самти дигар аз нигоҳи ҳуқуқӣ таҳлили истилоҳоти асосӣ, аз қабили «сайёҳӣ», «сайёҳ» ва «саёҳат» ва такмили онҳо боиси рушди соҳаи сайёҳӣ хоҳад гардид.

Дар асоси моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 августи соли 2020, №1718 «Дар бораи сайёҳӣ» сайёҳӣ - саёҳати гуногунҷанбаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, инчунин шуғле, ки бо мақсади солимгардонӣ, шиносоӣ, зиёрат, тиҷорат, варзиш, касбию хизматӣ ва мақсадҳои дигар (ба истиснои ба кори музднок ҷалб шудан) ва будубоши муваққатии берун аз ҳудуди ҷойи истиқомати доимӣ анҷом дода мешавад. Сайёҳ бошад шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки аз ҷойи истиқомати доимӣ ба макони дигари будубоши муваққатӣ бо мақсади солимгардонӣ, шиносоӣ, зиёрат, тиҷорат, варзиш ва мақсадҳои дигари вобаста ба саёҳат сафар мекунанд. Саёҳат ин рафтуомади одамон дар байни маконҳои ҷуғрофӣ аст [3].

Ба андешаи профессор Сангинов Д.Ш. сайёҳӣ ба се маъно фаҳмида мешавад: ҳамчун фаъолияти бевоситаи ширкатҳои сайёҳӣ; ҳамчун раванди истеъмоли хизмат ва мол дар вақти аз истеҳсолот холӣ будан ва берун аз ҷойи зисти доимӣ; ҳамчун муносибат дар ҷамъият оид ба истифодабарии вақти холи одамон берун аз ҷойи истиқомат дар алоқаманди бо шароити истеҳсолоти ҳамаи сатҳи хизмат ва моли барои ин зарур. Аз мафҳумҳои зикршуда чунин аломатҳои асосии сайёҳиро ҷудо намудан мункин аст: 1. Муваққати будани саёҳат (аз 24 соат то 12 моҳ). 2. Баромадан аз ҷойи истиқомати доимӣ. 3. Мавҷудияти мақсадҳои муайяни сайёҳӣ (солимгардонӣ, шиносоӣ, динӣ, тиҷоратӣ, варзишӣ, касбию хизматӣ ва дигар ҳадафҳои воситаҳои саёҳат). 4. Манъ будани машғул гардидани сайёҳ ба фаъолияти фоидаовар дар минтақаи истироҳат. Профессор Сангинов Д.Ш. мафҳуми сайёҳро таҳлил намуда, байён менамояд, ки дар соҳаи сайёҳӣ инсони истеъмолкунанда сайёҳ мебошад. Сайёҳ ин шаҳрванд ва шахсони бешаҳрвандии истифодабарандаи хизматрасонии сайёҳӣ, ки аз ҷои истиқомати доимӣ ба кишвари (макони) дигари муваққатӣ ба мақсади солимгардонӣ, шиносоӣ, зиёрат, варзиш ва дигар мақсадҳои вобаста ба саёҳат сафар мекунад. Сайёҳатро ӯ ҳамчун ҳаракати одамон дар фазо ва замон новобаста аз ҳадаф ифода мекунад. Аз сайёҳат ҳамчун як роҳи ҷудогона ва хеле ҷаззоби зиндагии инсоният сайёҳӣ бавуҷуд омад, ки хусусиятҳои хоси худро дорад [7].

Дар адабиёти илми бо яккатор мафҳумҳои сайёҳӣ рӯ ба рӯ шудан мункин аст:

1. Сайёҳӣ - ҳаракати муваққатии одамон аз ҷои истиқомати доимӣ ба дигар кишвар ё маҳал дар доираи кишвари худ дар вақти холигии худ бо мақсади ба даст овардани лаззат ва истироҳат, амали намудани мақсади саломатӣ, меҳмонӣ, таълимӣ ва ё мақсадҳои касбӣ, аммо бидуни шуғли пулакӣ дар ҷои ҷойгиршавӣ аст [2].

2. Сайёҳӣ як навъи махсуси фаъолияти истироҳати шахс аст, ки диққати муҳаққиқони ихтисосҳои гуногунро ба худ ҷалб мекунад [4].

3. Моҳияти сайёҳиро ба маънои васеъ ва ба маънои маҳдуд барраси намудан мункин аст. Ба маънои васеъ сайёҳӣ соҳаи асосии иқтисодиёт мебошад, ки рушди дигар соҳаҳоро назорат мекунад ва дар ташаккули ММД-и кишвар иштирок менамояд. Ба маънои маҳдуд сайёҳӣ ҳамчун соҳа тавсиф карда мешавад, ки соҳаҳои гуногуни марбут ба хизматрасонии сайёҳиро дар реҷаи ягонаи технологӣ, яъне дар як маҷмааи ягонаи сайёҳӣ мутаҳид менамояд [10].

Оид ба мафҳуми сайёҳ низ андешаҳои гуногунро вохурдан мункин аст:

1. Сайёҳ - шаҳрванде мебошад, ки ният дорад бо мақсади шахсӣ, ки ба фаъолияти пулакӣ ё фоида марбут намебошад ба кишвар ё ҷои будубоши муваққатӣ сафар кунад [9].

2. Сайёҳ - шаҳрванде, ки ба макони будубоши муваққатӣ бо мақсадҳои фароғатӣ, таълимӣ, касбӣ, тиҷорӣ, варзишӣ, динӣ ва ғайра ташриф меорад ва бидуни машғул шудан ба машғулиятҳои пулакӣ дар давоми 24 соат то 6 моҳ пай дар пай ё ҳадди аққал як шабонарӯзро сарф мекунад [9].

Мафҳуми сайёҳат низ баҳсбарангез аст. Маслан ба андешаи Ожегов С.И. ва Шведова Н.Ю. сайёҳат ҳаракати пиёда ба баъзе ҷойҳо, кишварҳо (одатан барои шиносоӣ ё истироҳат) пешниҳод шудааст [6].

Таҳлили қонунгузории давлатҳои хориҷӣ дар соҳаи сайёҳи оид ба мафҳумҳои заминавӣ зарур ва саривақтӣ мебошад. Масалан дар асоси моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 18 июли соли 2019, №ZRU-549 «Дар бораи сайёҳӣ» сайёҳӣ - хуручи (сафари) шахси воқеӣ аз маҳалли истиқомати доимӣ бидуни машғул шудан ба фаъолият вобаста ба гирифтани даромад аз манбаъҳои кишвар (ҷои) будубоши муваққатӣ буда, сайёҳ - шахсе, ки ба кишваре (ҷои) будубоши муваққатӣ бидуни машғул шудан ба фаъолият вобаста ба гирифтани даромад аз манбаъҳои дар кишвар (ҷои) будубоши муваққатӣ, ба мӯҳлати аз бисту чаҳор соат то дувоздаҳ моҳи пай дар пай ташрифоварда меравад ё ҳадди аққал як шабонарӯзро дар кишвар (ҷой) будубоши муваққатӣ мегузаронад. Дар ин Қонун мафҳуми саёҳат дода нашудааст, аммо дар мафҳуми рохат дарҷ гардидааст, ки рохат (тур) - сафар дар масири мушаххас дар доираи мӯҳлати муайян, ки бо маҷмӯи хизмати сайёҳӣ, аз ҷумла ҳадди аққал ду намуди сайёҳӣ пешбинӣ шудааст [12].

Дар Қонуни Ҷумҳурии Беларус аз 25 ноябри соли 1999, № 326-З «Дар бораи сайёҳӣ» муқаррар мегардад, ки сайёҳӣ – сайёҳати сайёҳӣ, инчунин фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ, воқеӣ, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ, барои ташкили он аст. Сайёҳ бошад шахси воқеие, ки ба мӯҳлати аз 24 соат то як сол сафари сайёҳӣ мекунад ё ҳадди аққал як шабонарӯзро дар кишвар (ҷои) будубоши муваққатӣ сарф мекунад. Дар зери мафҳуми сайёҳат (тур) маҷмӯи хизматҳои сайёҳӣ, ки аз ҷониби танзимгари сайёҳӣ барои амалинамоӣ ташкилшуда фаҳмида мешавад, аз ҷумла ҳадди аққал ду намуди хизматҳои зерин: нақлиётӣ, манзилӣ, дигар хизматҳои сайёҳи (хӯрокворӣ, ташкили сафари сайёҳӣ, экскурсионӣ ва дигар хизматҳо)-ро, ки хизматҳои марбут ба ҳамлу нақл ё манзил нестанд ба шумо имкон медиҳад, ки сафари сайёҳӣ намоед [12].

Дар асоси Эъломияи Манил дар бораи сайёҳии байналмилалӣ, ки 27 сентябр - 10 октябри 1980 дар Конфронси ҷаҳонии сайёҳӣ дар Манил (Филиппин) қабул карда шудааст, сайёҳӣ ҳамчун фаъолияте дарҷ гардидааст, ки дар ҳаёти халқҳо аз ҳисоби таъсири мустақимаш ба соҳаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маърифатӣ ва иқтисодии ҳаёти давлатҳо ва муносибатҳои байналмилалии онҳо муҳим дониста мешавад. Рушди сайёҳӣ бо рушди иҷтимоию иқтисодии миллатҳо алоқаманд аст ва аз дастрасии шахс ба истироҳат ва истироҳати фаъол ва озодии ӯ дар доираи сафарҳои фароғатӣ ва истироҳат вобаста аст, ки хусусияти амиқи башардӯстонаи онро ӯ таъкид мекунад. Худи мавҷудияти сайёҳӣ ва рушди он комилан аз таъмини сулҳи пойдор вобаста аст, ки ба он мусоидат кардан мехоҳад [5].

Ҳамин тариқ, ба андешаи мо зарур аст дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 августи соли 2020, №1718 «Дар бораи сайёҳӣ» бар ивази мафҳумҳои мавҷудаи «сайёҳӣ», «сайёҳ» ва «саёҳат» чунин мафҳумҳо дарҷ карда шаванд:

«Сайёҳӣ –сафари сайёҳ ба дигар кишвар ё маҳалли ғайр аз ҷойи истиқомати доимӣ бо ягон мақсад, ба истиснои бакортаъминкунӣ;

Сайёҳ- истеъмолкунандаи хизматрасонии сайёҳӣ, шахси воқеие мебошад, ки барои хизматрасонии сайёҳӣ шартнома бастааст ва ҳуқуқ дорад тибқи шартнома хизматрасонии сайёҳиро истифода барад;

Сайёҳат – ин ҳаракати одамон дар вақт ва фазо новобаста аз ҳадафҳо, самтҳо, воситаҳои нақлиёт ва фосилаи вақт мебошад».

**Адабиёт:**


1. Высочан О.С. Соотношение понятий "путешественник", "посетитель" и "турист": международный учетно-статистический подход// Бизнес информ. 2013. № 3. С. 200-206.
2. Квартальнов В.А. Туризм / В.А. Квартальнов. - М., 2000. - 268 с.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 августи соли 2020, № 1718 «Дар бораи сайёҳӣ»// Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 29.10.2020).
4. Максютина К.Н. Туризм как сфера культурно-досуговой деятельности: основные понятия// Вестник Казанского государственного университета культуры и искусств. 2010. № 4. С. 36-40.
5. Манильская декларация по мировому туризму принятая Всемирной конференцией по туризму в Маниле (Филиппины) 27 сентября - 10 октября 1980 года// http://docs.cntd.ru/document/901813698.
6. Ожегов С. И., Шведова Н. Ю. Толковый словарь русского языка. М.: Азбуковник, 1999. С. 633.
7. Сангинов Д. Ш. Ҳуқуқи сайёҳии (туристии) Ҷумҳурии Тоҷикистон: Васоити таълимӣ. Душанбе: «Эр-граф» 2012. С.74,80.429.
8. Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аз 1 августи соли 2018, № 372// Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 13.02.2019).
9. Фокина Е.Г. Турист и его права//Закон. Право. Государство. 2018. № 3 (19). С. 183-188.
10. Чернякова С.А. Отдельные аспекты правового регулирования туризма в России// Сервис в России и за рубежом. 2019. Т. 13. № 3 (85). С. 87-100.
11. Закон Республики Беларусь 25 ноября 1999 года №326-З «О туризме»// Народная газета от 7 декабря 1999 г., № 239.
12. Закон Республики Узбекистан от 18 июля 2019 года №ЗРУ-549 «О туризме»// Национальная база данных законодательства Республики Узбекистан от 19 июля 2019 года №03/19/549/3446.


# АНАЛИЗ ПОНЯТИЙ «ТУРИЗМ», «ТУРИСТ» И «ПУТИШЕСТВИЯ»


**САМИЗОДА ФД.,**
соискатель кафедры хозяйственного права и школы бизнес-права
Таджикского национального университета,
734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки 17.
Тел .: (+992) 887-73-95-95; E-mail: samiev_f@mail.ru

*В статье автор проводит анализ понятий «туризм», «турист» и «путешествия», с учетом законодательства и мнений ученых и предлагает следующие понятия: «Туризм - путешествие туриста в другую страну или место проживания, кроме трудоустройства»; «Турист - потребитель туристических услуг - физическое лицо, заключившее договор на оказание туристических услуг и имеющее право пользоваться туристическими услугами в соответствии с договором»; «Путешествие - это перемещение людей во времени и пространстве независимо от целей, мест назначения, транспортных средств и временных интервалов».*

***Ключевые слова:*** *туризм, турист, путешествия, потребитель, договор туристического обслуживания, туристическое законодательство, личные целы, оплачиваемая деятельность.*

## SOME ANALYSIS OF THE CONCEPTS OF "TOURISM", "TOURIST" AND "TRAVEL"

**SAMIZODA FD.,**
Applicant of the Department of Entrepreneurial and Commercial Law of Law Faculty of Tajik National University,
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17, Rudaki Ave.
Phone: (+992) 887-73-95-95; E-mail: samiev_f@mail.ru

*The author in the article analyzes the concepts of "tourism", "tourist" and "travel", taking into account the legislation and opinions of scientists, and propose the following concepts: Tourism - a tourist's travel to another country or place of residence for some purpose, except for employment; Tourist - consumer of travel services - an individual who conclude an agreement for the provision of travel services and has the right to use travel services in accordance with the agreement; Travel is the movement of people in time and space, regardless of goals, destinations, vehicles and time intervals.*

***Key words:*** *tourism, tourist, travel, consumer, tourist services agreement, tourism legislation, personal goal, paid activities.*

УДК: 34.03

# ТОВОНИ ЗАРАР АЗ ҶИНОЯТ РАСОНИДАШУДА ҲАМЧУН ВОСИТАИ БАРҚАРОР КАРДАНИ АДОЛАТИ ИҶТИМОӢ

**РАҶАБЗОДА СОРБОН АБДУСАЛОМ**,
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва
ҳуқуқшиносии муқоисавии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17

*Дар мақола муаллиф мақсади ҷазои ҷиноятӣ - барқарор кардани адолати иҷтимоиро дар асоси ақидаҳои олимони соҳа мавриди таҳлил қарор дода, товони зарар аз ҷиноятро ҳамчун воситаи асосии амалишавии он донистааст. Қайд карда шудааст, ки ҷазо ҳамчун аксуламали давлат ба ҷиноят барои самарабахш шуданаш, бояд товони зарари дар натиҷаи ҷиноят расонидашударо низ дар бар гирад. Пешниҳод гардидааст, ки вазифаҳои қонунгузории ҷиноятӣ бояд меъёрҳои ҷуброни пурраи зарари ба ҷабрдидаи ҷиноят расонидашударо низ дар бар гиранд.*

***Калидвожаҳо:*** *адолат, адолати иҷтимоӣ, барқароркунӣ, ҷабрдида, товони зарар, ҷиноят, ҷазо, зарари моддӣ.*

Ягона мақсади ҷазо, ки ба товони зарар ва ҳимояи ҳуқуқи ҷабрдида рабт дорад, барқарор кардани адолати иҷтимоӣ мебошад. Масъала дар бораи он, ки ин мақсади ҷазо то куҷо ҷуброни зарари ба қурбониёни ҷиноят расонидашударо дар бар мегирад, хеле мубрам аст. Умуман омӯзиши мақсадҳои ҷазои ҷиноятӣ яке аз масъалаҳои баҳснок ҳам дар таърихи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳам дар назарияи муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ боқӣ мондааст [13].

Аз нигоҳи ташаккулёбӣ ва инкишофи таърихии институтҳои ҷиноят ва ҷазо муайян мешавад, ки дар давраҳои гуногуни таърихӣ ҷиноятро барои он кирдори зишт меҳисобиданд, ки ин кирдор ба ин ё он қисми ҷомеа, бахусус манфиатҳои инсонҳо ва давлату давлатдорӣ зарари ҷиддӣ меовард. Яъне дараҷаи хавфнокии кирдори ҷиноӣ ба дараҷаи зарари расонидашуда алоқамандии зич дошт. Ҷазо нисбати шахс вобаста ба зарари расонидашудааш татбиқ мешуд. То чӣ дараҷа товон намудани зарари аз ҷиноят расонидашуда, маънои то ҳамон дараҷа бартараф кардани хавфнокӣ ва оқибатҳои кирдори ҷиноиро дошт [1]

Дар адабиётҳои ҳуқуқии ватанӣ “барқароркунӣ” ё ин ки “ҳуқуқбарқароркунӣ” ҳамчун функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва “адолат” ҳамчун принсипи таъминкунандаи баробарии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар назди қонун, маънидод шудаанд [16, с.76].

С.И.Ожегов маънои «барқароркуни»-ро чунин муайян мекунад: «барқароркунӣ - 1. ба ҳолати пешина расонидан; 2. дубора баргардонидани касе ё чизе; 3. ба ҳолати қаблӣ овардани вазъияти касе ё чизе ". Ба ақидаи ӯ "барқароркунӣ" -ро ҳамчун як раванд ё як ҳолати муайяне, ки аллакай ба даст оварда шудааст ё дар оянда ба дастмеовардаро фаҳмидан мумкин аст. С.И. Ожегов мафҳуми адолатро намедиҳад, аммо ӯ изҳор медорад, ки «кирдори одилона – ин 1. бетарафона амал кардан; 2. кирдори қонунӣ ва аз рӯи виҷдон; 3. рост ва дуруст" мебошад [10].

Адолат талаботҳои мувофиқатии байни инсонҳо (гурӯҳҳои иҷтимоӣ) дар ҳаёти ҷомеа ва вазъи иҷтимоии онҳо, байни ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои онҳо, байни кирдор ва аксуламал, фаъолият ва мукофот, ҷиноят ва ҷазо, хизматҳои одамон ва қадрдонии иҷтимоии онҳоро дар бар мегирад. Номувофиқатӣ дар ин таносубҳо беадолатӣ ҳисобида мешавад [9].

Адолат дар адабиёти фалсафӣ бошад ҳамчун категорияи ахлоқӣ-ҳуқуқӣ, инчунин шуури иҷтимоӣ-сиёсӣ ҳисобида мешавад.

Таснифи адолат аз аз ҷониби Арасту, ки он ду шакли адолатро фарқ кардааст: адолати баробаркунанда (ки ба принсипи баробарона дар соҳиб шудани неъматҳо асос ёфта, дар муносибатҳои муомилоти, аз ҷумла дар аҳдҳо, рӯёнидани товони зарар, ҷиноят ва ҷазо истифода мешавад) ва адолати тақсимшаванда (мутобиқи принсипҳои он вобаста ба амалашон яке аз субъектҳо зиёдтар ва дигаре камтар ҳақ мегиранд, аз ҷумла дар пардохти ҳаққи меҳнат ва дигар имтиёзҳо дар байни мардум истифода мешавад) ҳоло ҳам мубрамияти худро аз даст надодааст [20].

Нақши танзимкунандаи адолат дар ҷомеа дар функсияҳои он инъикос меёбад. Тамоми функсияҳои адолат дар алоҳидагӣ амал мекунанд ва ҳамдигарро пурра мекунанд. Аз ҷумла, функсияҳои зерини адолат маъмуланд: 1) муайянкунандаи арзишҳо; 2) танзимкунандаи ҷамъият; 3) барқароркунӣ; 4) баробар кардан; 5) фарқиятгузорӣ; 6) пешгирикунанда.

Мо асосан ба функсияи барқароркунииии адолат таваҷҷуҳ мекунем. Моҳияти ин вазифа аз нигоҳи талаботҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар тамоюли барқарор кардан ва пурра кардани шароити зиндагӣ дар раванди муносибати байни инсонҳо ифода меёбад.

Баъзе олимон функсияи барқароркуниро ба тариқи махсус муайян мекунанд. Ҷуброни ҳатмии зарари моддӣ, ки дар натиҷаи амалҳои ғайриқонунӣ расонида шудааст, ифодаи мушаххаси функсияи барқароркунандаи адолат ва ҳуқуқ мебошад. А.Л. Риженков ва П.М.Филиппов қайд мекунанд, ки ҳар як соҳаи ҳуқуқ институтеро дорад, ки бо ёрии он муносибатҳои ҷамъиятӣ барқарор карда мешаванд. Ҳамзамон, онҳо қайд мекунанд, ки чораҳои муассири барқароркунанда зидди ҳуқуқвайронкунандагон, инчунин дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ истифода мешаванд. Ҷаримае, ки суд таъин мекунад дар як замон ҳам ҷазо мебошад ва ҳам барои барқарор кардани вазъи вайроншудаи муносибатҳои ҷамъиятӣ равона карда шудааст. Мусодираи молу мулк низ бояд то андозае ҳамчун воситаи иҷрои вазифаи барқароркунӣ баҳо дода шавад [13].

Дар қонунгузории ҷиноӣ ҷанбаи баробаркунандаи адолат ифодаи худро дар баробарии шаҳрвандон дар назди қонун, асосҳо ва ҳудуди ҷавобгарӣ ва фардикунонии ҷазо бо назардошти хусусиятҳои объективии кирдор ва шахсияти содиркунандаи он, пайдо мекунад [3]

Дар бораи барқарор кардани адолати иҷтимоӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқии ҷиноятӣ сухан ронда, бояд аввалан ба моддаи 8 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ кунем, ки принсипи адолатро дар худ муқаррар кардааст. Мутобиқи он ҷазо ва чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ, ки нисбати шахси ҷиноят содирнамуда татбиқ мешавад, бояд одилона бошад, яъне ба хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят, ҳолатҳои содир намудани он ва шахсияти гунаҳгор мувофиқ бошанд. Ҳеҷ касро барои як ҷиноят ду маротиба ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест. Адолат дар м. 8 Кодекси ҷиноятии

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мутобиқати ҷазо (дигар чораҳои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ) ба хусусият ва дараҷаи хавфи ҷамъиятии ҷиноят, ҳолатҳои содир шудани он ва шахсияти ҷинояткор фаҳмида мешавад. Принсипи мазкур танҳо ба як субъект муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ-шахси ҷиноятсодирнамуда дахл дорад, ки функсияи баробаркунандаи адолат дар он мушоҳида мешавад. Чи тавре, ки А.И.Сафаров дуруст қайд кардааст: “таҳлили қонунгузории ҷиноятии кишвар нишон медиҳад, ки он барои танзими фаъолияти ҷинояткор равона карда шуда, ҳифзи манфиатҳои ҳуқуқии ҷабрдида қариб ба назар намерасад. Ҳол он, ки ҷабрдида дар баробари ҷинояткор ва давлат субъекти мустақили муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад”[14]. Ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахсоне, ки қурбонии ҷиноят гаштаанд ва товони зарари ба онҳо дар натиҷаи содир кардани ҷиноят расонида шудааст ба ҳадафи дуюминдараҷаи қонунгузории ҷиноятӣ табдил ёфтааст.

Дар мавриди ҷабрдида қайд кардан бамаврид аст, ки адолат барои ӯ на танҳо дар ҷазо додани ҷинояткор тибқи қонунгузорӣ аст, балки барқарор кардани зарари аз ҷиноят ба ӯ расонидашуда (ҷанбаи барқароркунандаи адолат) афзалияти бештар дорад.

Дар моддаи 46 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон се мақсади ҷазо муқаррар шуда, “барқарор кардани адолати иҷтимоӣ” дар навбати аввал гузошта шудааст. Ин ҷобаҷогузорӣ афзалияти барқарор кардани адолати иҷтимоиро нисбати дигар мақсадҳои ҷазо равшан месозад.

Ақидарони атрофи мақсадҳои ҷазо миёни олимони соҳаи ҳуқуқ зиёд аст. Пеш аз ҳама, бояд тазаккур дод, ки мафҳумҳои "ҷуброн", "ҷазо" ва "барқарор кардани адолати иҷтимоӣ" бо ҳам алоқаманданд. Баъзе муаллифон ин мафҳумҳоро ҳамчун муродиф истифода мебаранд, дигарон якеро аз дигаре фарқ мекунанд. Аммо мо ба ақидаи он ки онҳо муродифи якдигаранд розӣ нестем ва ин ақида низ дар адабиётҳои илмӣ баҳсбарангез боқӣ мемонад.

А.А. Жижиленко ҷазоро аксуламали давлат медонад, ки он нисбат ба шахси ҳуқуқвайронкунанда равона шуда, баҳои ҳуқуқӣ оид ба кирдори содиршуда мебошад [4].

Мақсади ҷазоро Н.А. Беляев дар расонидани азият ва маҳдудиятҳо ба ҷинояткор ҳамчун подош барои ҷинояти содиршуда мефаҳмад. Ҷазо аз маҳрумиятҳое иборат аст, ки нисбати шахс барои содир кардани ҷиноят татбиқ шуда, мақсадаш ҷорӣ кардани ҳиссиёти адолат дар ҷомеа мебошад. Ҷинояткор ба ҷомеа ҳар қадар зарари вазнин расонад, ҳамон қадар бояд маҳрумиятҳои вазнин нисбаташ раво дониста шавад, то ӯ дар назди ҷомеа зарари расонидаашро ҷуброн кунад [2, с. 27]. Ба ин ақида, Н.И. Карпетс розӣ нашуда, чунин иброз медорад, ки ҷазо ҳамчун аксуламал нисбати ҷиноят пеш аз ҳама бояд одилона ва мувофиқи кирдори содиршуда таъин карда шавад, на ин ки ба принсипи "бадӣ ба нисбати кирдори бад" эътироф шавад [6].

Олими дигар Б.С. Никифоров менависад: "Татбиқи ҷазо ин тарзу усули барқарор кардани тартиботи вайроншудаи иҷтимоию психологӣ ба ҳолати аввала баргардонидани тартиботи ҷамъиятӣ мебошад" [6]. Дар алоқаманди ба ин ақида В.Г. Смирнов иброз намудааст: «Байни мафҳумҳои ҷазо ва барқарор кардан

робитаи зич ба назар мерасад. Ҳарду мафҳумҳо аз талаботи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноят - барқарор кардани шароити вайроншудаи тартиботи ҷамъиятӣ, барқарор кардани адолат дар ҷамъият бармеоянд »[16].

Камолов З.А. дуруст қайд менамояд, ки муқаррар кардани маҳдудиятҳо ва маҳрумиятҳо ба ҷинояткор ин нишонаҳои ҷазо мебошанд [5, с,19-22.], яъне онҳоро бояд аз мақсади ҷазо бояд фарқ кард.

Гузашта аз ин, ба ақидаи мо ҷазо ҳамчун аксуламали давлат ба ҷиноят барои самарабахш шуданаш, бояд товони зарари дар натиҷаи ҷиноят расонидашударо низ дар бар гирад. Ин ҷабҳа на танҳо ба “барқарор кардани адолати иҷтимоӣ” мусоидат мекунад, балки моҳияти онро ташкил медиҳад.

Ба мавқеи А.В. Наумов розӣ шудан мумкин, ки он доир ба мақсади ҷазои ҷиноятӣ чунин аст: “Ҷазо барои барқарор кардани ҳуқуқ ва озодиҳои ҷабрдида, ки дар натиҷаи содир шудани ҷиноят вайроншуда равона гардидааст, яъне дар ниҳояти кор, бахри барқарор кардани адолати иҷтимоӣ мусоидат мекунад.” Албатта, на ҳама ҳолатҳое, ки дар натиҷаи содир шудани ҷиноят зарар дидаанд, барқарор карда мешаванд. Мусаллам аст, ки ҳаёти қурбонии ҷинояти куштор ё саломатии дар натиҷаи ҷиноят аздастрафтаро барқарор карда ғайриимкон аст. Ҳамин тариқ, барқароркунии адолати иҷтимоиро А.В. Наумов пеш аз ҳама бо барқароркунии ҳуқуқ ва озодиҳои ҷабрдида алоқаманд мекунад, на бо қаноатмандии ҷомеа ва давлат [7].

Дар ҳамин радиф Г.Б. Полубинская барқароркунии адолати иҷтимоиро васеъ дарк намуда, чунин қайд кардааст: «Мақсади барқарор кардани адолати иҷтимоӣ вобаста ба хусусиятҳои намудҳои алоҳидаи ҷазо бо роҳҳои гуногун ба даст оварда мешавад. Ҳамин тариқ, ҷазоҳои дорои хусусияти молумулкидошта (ҷаримаҳо, мусодираи молумулк) зарари аз ҷиноят расонидашударо бештар «ҷуброн» мекунанд. Ҳолатҳое мавҷуданд, ки оқибатҳои ҷиноят барқарор карда намешаванд, масалан, ҳеҷ кас шахси кушташударо ба ҳаёт баргардонида наметавонад ва на ҳама вақт барқарор кардани саломатии шахс имконпазир аст, дар чунин сурат ҷазоҳои вазнин аз қабили маҳрум сохтан аз озодӣ ё ҳукми қатл ҳамчун чораи барқароркунандаи адолати иҷтимоӣ хизмат мекунанд [12].

Баъзе муаллифони дигар низ дар мақсади “барқарор кардани адолати иҷтимоиˮ-и ҷазо паҳлӯи барқароркунандаи онро қайд карда, чунин мешуморанд, ки баргардонидани молумулк ва ҷуброни зарар барои барқарор кардани адолати иҷтимоӣ хидмат мекунанд [19].

Камолов З.А. мафҳуми “барқарор кардани адолати иҷтимоӣ”-ро ҳамчун мақсади ҷазо: а) имконияти ҷуброн ва талофии зарари дар натиҷаи содир шудани ҷиноят ба шахсият, ҷамъият ва давлат расонидашуда; ва б) таъин ва адои ҷазои одилона тибқи принсипҳои Кодексҳои ҷиноятию иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, маънидод мекунад [5, с.29]. Чунин фаҳмиш миёни ақидаҳои олимон бештар маъмул буда, то андозае моҳияти аслии “барқарор кардани адолати иҷтимоӣ”-ро инъикос мекунад, аммо ин фаҳмиши ягона нест.

Чи тавре дар боло қайд кардем таҳлили мақсадҳои ҷазо масъалаи хеле мураккаб ва гуногунҷабҳа буда, то имрӯз олимони соҳа доир ба ин мавзӯъ ба

ақидаи ягона наомадаанд. Дар оянда низ, дар бораи муайян кардани моҳият ва мақсадҳои ҷазо миёни олимони соҳа баҳсҳо ба вуҷуд меояд, чунки ҳалли мушаххас ва дурусти ин масъала бо ташаккули ҷомеа паҳлуҳои нави онро пеш меорад.

Ҳамин тавр, "барқарор кардани адолати иҷтимоӣ" ҳамчун мақсади ҷазо аз ҷониби олимони соҳа бо тарзҳои гуногун маънидод карда мешавад. Се фаҳмиши бештар маъмул оид ба барқарор кардани адолати иҷтимоӣ ҳамчун мақсади ҷазо мавҷуд аст:

1) ҳамчун барқарор кардани муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар натиҷаи содир шудани ҷиноят вайрон шудаанд (тартиботи ҷамъиятӣ, амнияти ҷамъиятӣ, сохти конститутсионӣ ва ғ.);

2) ҳамчун талофӣ, ислоҳ кардан, барқароркунии оқибатҳои нохуш(моддӣ ва ғайримоддӣ)-е, ки дар натиҷаи ҷинояти содиршуда ба вуҷуд омадаанд(аз ҷумла ҷуброн намудани зарари ба ҷабрдида расонидашуда);

3) таъин ва адои ҷазои одилона тибқи принсипҳои Кодексҳои ҷиноятию иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.

Зери ҳошияи олимони соҳа чунин хулоса намудан мумкин аст, ки вазифаҳои қонунгузории ҷиноятӣ бояд меъёрҳои ҷуброни пурраи зарари ба ҷабрдидаи ҷиноят расонидашударо низ дар бар гиранд. Чунин ҷуброн бояд дақиқан ва пурра талофӣ карда шавад - то ҳамаи талаботҳои ҷабрдида қонеъ карда шуда, дар ӯ ҳиссиёти барқарор шудани адолати иҷтимоӣ пайдо гардад. Принсипи ҷуброни пурраи зарари дар натиҷаи ҷиноят расонидашуда консепсияи нави қонуни ҷиноятиро дар замони имрӯза ифода карда, то ҳадди зарурӣ ба бунёди ҷомеаи ҳуқуқбунёд мусоидат мекунад. Зимни амалигардонии "барқарор кардани адолати иҷтимоӣ" ҳамчун ҳадафи ҷазои ҷиноятӣ, бояд ба ҷуброни зарар аз ҷиноят ба қурбониёни кирдори ҷиноятӣ диққати махсус дода шавад, чунки бе барқарор кардани ҳуқуқҳои поймолшудаи зарардидагони ҷиноят, аз пурра барқарор шудани адолат дар ҷамъият сухан гуфтан ғайриимкон аст.

## Адабиёт:


1. Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование. Моног., Душанбе, соли 2015, 367с.
2. Беляев Н.А. Цели наказания и средства их достижения в исправительно-трудовых учреждениях.-Л.,1963. С.27.
3. Гальперин И.М., Ратинов А.Р. Социальная справедливость и наказание // Советское государство и право. 1986.№10. С. 74.
4. Жижиленко А. А. Очерки по общему учению о наказании. - Петроград, 1923. С.108-109
5. Камолов З.А. Система наказаний по уголовному кодексу Республики Таджикистан. Дисс. канд. юр. наук., Иркутск, 2009., с.22
6. Карпец И.И. Наказание. Социальные, правовые, криминологические проблемы. - М., 1973. С. 141.
7. Наумов А.В. Российское уголовное право. Общая часть. Курс лекций. - М., 1996. С. 364.

8. Никифоров Б.С. Наказание и его цели // Советское государство и право. 1981. № 9. С. 67.
9. Новосёлов М. М. О некоторых понятиях теории отношений / Кибернетика и современное научное познание. - М., 1983. С. 253-268.
10. Ожегов С. И., Шведова Н. Ю. Толковый словарь русского языка. - М., 1997. С. 99.
11. Раҷабзода Сорбон Абдусалом- сармутахассиси Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии ДМТ.
12. Российское уголовное право. Общая часть. Учебник / Под. ред. Кудрявцева В.Н. и Наумова А.В. - М., 1997. С. 268.
13. Рыженков А. Я., Филиппов П. М. О возмещении ущерба на предварительном следствии: Лекция. - Волгоград, 1983. С. 4-8, 9.
14. Сафаров А.И. Оид ба баъзе паҳлуҳои мафҳуми ҷабрдида дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ.// Ҳаёти ҳуқуқӣ. Душанбе, соли 2013, №3(03), с.82.
15. Савченко А.Э. Проблемы изучения социальной справедливости и равенства в трудах обществоведов // Социализм: социальная справедливость и равенство. - М., 1988. С. 183.
16. Смирнов ВТ. Функции советского уголовного права. - Л., 1965. С. 85-118.
17. Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. китоби дарсӣ, Ҷ.2, Душанбе, с.639.
18. Сотиволдиен Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат. Китоби дарсї барои донишљўёни факултаи ҳуқуқшиносї. - Душанбе, 2003 с., - с.78.
19. Устинов В.С. Цели наказания и их соотношение с целями уголовного законодательства // В сборнике:Защита личности в уголовном праве. Межвузовский сборник науч. трудов / Под ред. И.Я. Козаченко. - Екатеринбург, 1992. С. 51-54.
20. Ҳуқуқи инсон, китоби дарсӣ, нашри 2-юм, зери таҳрири Маҳмудов М.А.,Холиқов А.Г., Зиёзода Т.Н.,Душанбе, с.2010, с.17-18.,

## ВОЗМЕЩЕНИЕ ВРЕДА ПРИЧИНЕННОГО ПРЕСТУПЛЕНИЕМ, КАК СРЕДСТВО ВОССТАНОВЛЕНИЯ СОЦИАЛЬНОЙ СПРАВЕДЛИВОСТИ

**РАДЖАБЗОДА СОРБОН АБДУСАЛОМ,**
соискатель кафедры прав человека и сравнительного правоведения
Таджикского национального университета
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17

*В статье автор, на основе взглядов ученых в данной области, анализирует цель уголовного наказания - восстановление социальной справедливости и рассматривает возмещение вреда приченненного преступлением как основное средство ее реализации. Отмечается, что наказание, как реакция государства на преступление, чтобы быть эффективным, должно также включать компенсацию вреда, причиненного преступлением. Предлагается, что в задачах уголовного законодательство должны быть нормы для полной компенсации вреда, причиненного жертве преступления.*

***Ключевые слова:*** *справедливость, социальная справедливость, восстановление, потерпевший, возмещение вреда, преступление, наказание, материальный ущерб.*

## COMPENSATION FOR DAMAGE CAUSED BY A CRIME AS A MEANS OF RESTORING SOCIAL JUSTICE

**RAJABZODA SORBON ABDUSALOM,**
Applicant of Human Rights and Comperative Law Department
of Tajik National University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17

*The author in the article analyzes the purpose of criminal punishment - the restoration of social justice based on the views of scientists in this field and considers compensation for damage caused by a crime as the main means of its implementation. It is noted that punishment as a reaction of the state to a crime, must also include compensation for the demage caused by the crime in order to be effective. It is proposed that the tasks of the criminal legislation should include regulations for full compensation of damage caused to the victim of a crime.*

***Key words:*** *justice, social justice, restoration, victim, compensation, crime, punishment, material damage.*

УДК 34.038

# БА НАЗАР ГИРИФТАНИ ХУСУСИЯТ ВА ДАРАҶАИ БА ҶАМЪИЯТ ХАВФНОКИИ ҶИНОЯТИ СОДИРШУДА ҲАНГОМИ ТАЪИНИ ҶАЗО

**АМИНЗОДА ЗОКИРҶОН ТОҲИР**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо
коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, 734025, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Тел: (+992) 928-02-16-16; E-mail:amin-soi@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур масъалаҳои вобаста ба назар гирифтани хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти содиршуда ҳангоми таъини ҷазо баррасӣ шудаанд. Қайд карда мешавад, ки мафҳуми хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ гуногун шарҳ дода шудааст. Назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба ин масъала аз ҷониби муаллиф зери таҳлил қарор гирифтааст.*

***Калидвожаҳо:*** *Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҷиноят, таъини ҷазо, дараҷаи ба ҷамъият хавфнок.*

**Яке аз талаботҳои асосҳои умумии** таъини ҷазо мутобиқи м.60 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҶ ҶТ) ин аз ҷониби судҳо ҳангоми таъини ҷазо ба ҳисоб гирифтани **хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии** ҷинояти содиршуда ба ҳисоб меравад.

Дар б. 2-и Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани асосҳои умумии таъини ҷазо” аз 24 феврали соли 2005 таҳти №1 нишон дода шудааст, ки: “ҳангоми муайян кардани хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда бояд онро ба асос гирифт, ки хусусияти хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда аз объектҳое, ки ба онҳо қасд равона шудаасту суд онҳоро муайян кардааст, шакли гуноҳ ва бо Кодекси ҷиноятӣ ба категорияи дахлдори ҷиноят мансуб донистани кирдори ҷиноятқорона (моддаи 18 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистион) вобаста аст. Дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда бошад, бо ҳолатҳое, ки дар мавриди онҳо кирдори ҷиноии мушаххас содир шудааст(масалан дараҷаи амалӣ намудани нияти ҷиноятқорона, тарзи содир гардидани ҷиноят, андозаи зарар ё вазнинии оқибатҳои баамаломада, нақши судшаванда ҳангоми дар шарикӣ содир намудани ҷиноят) муайян карда мешавад” [11, 109].

Мафҳуми хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ гуногун шарҳ дода шудааст. Аз он ду нуқтаи назар вобаста ба муайян намудани хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда паҳнгашта мебошад. Аз рӯи нуқтаи назари якум, хусусияти ба ҷамъият хавфноки бо дахлдоштани ҷиноят ба ин ё он боби Кодекси ҷиноятӣ ё ба ин ё он намуди гуруҳ мансуб будани ҷиноят, муайян карда мешавад [18, 85; 10, 325-327; 5, 253; 2,33].

Мувофиқи ақидаи А.Д. Соловев “зери мафҳуми хусусияти барои ҷамъият хавфнок, хавфнокии ҷамъиятие фаҳмида мешавад, ки на ба ҷинояти алоҳида, балки ба ҳама ҷиноятҳои намуди мазкур хос мебошад: мисол, хавфнокии ҷамъиятии одамкушӣ, тасарруф..Хусусияти барои ҷамъият хавфнокӣ, пеш аз ҳама, вобаста ба аҳамият ва муҳимияти объекти ҷиноят муайян карда мешавад” [18, 85]. М.И. Бажанов менависад,

ки хусусияти ба ҷамъият хавфнокӣ, ин “аломатест, ки ҳама ҷиноятҳои гурухи муайян ё намуди муайянро тавсиф медиҳад”. [2, 33]

Ба назари мо чунин фаҳмиши барои ҷамъият хавфнокӣ ниҳоят маҳдуд мебошад, зеро он танҳо дар асоси объекти ҷинояти содиршуда муайян карда мешавад.

Мувофиқи нуқтаи назари дуюм, ки ба назари мо дуруст менамояд таҳти мафҳуми хусусияти хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда “ҳолатҳои фарққунанда, махсусият ва сифати хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят (чӣ барои ҷиноятҳои алоҳида ва чӣ гурухи ҷиноятҳо)” фаҳмида мешавад [9, 69; 8, 143].

Агар ақидаи бисёр аз муаллифон бо асоси он, ки хусусияти хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят “ин гуногуншаклии сифатии ҷиноят” мебошад, якхела бошанд ҳам, вобаста ба омилҳое, ки хусусияти хавфнокии ҷамъиятии кирдорро муайян месозанд, гуногунанд.

Масалан, баъзе аз олимон танҳо як омил-объекти ҷиноятро ҷудо намудаанд.

М.А. Скрябин навиштааст, ки “хусусияти хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят - ин махсусиятҳои сифатии кирдор мебошад... Вай тариқи муқаррар намудани объекти ҷиноят муайян карда мешавад” [17, 54].

Бисёрии муҳаққиқон ҳисоб менамоянд, ки хусусияти хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят аз рӯи як қатор омилҳо муайян карда мешавад.

Ба ақидаи Н.Ф. Кузнесова хусусияти барои ҷамъият хавфнокии ҷиноят аз объекти таҷовуз, шакли гуноҳ, мазмуни ангеза ва мақсади ҷиноят, тарзи таҷовуз ва муҳтавои субъект вобаста аст [9, 69-71]. Номгуи монанд (ба истисноии муҳтавои субъект)-ро Г.Л. Кригер овардааст [8, 143]. С.А. Домахин ҳисоб менамояд, ки хусусияти барои ҷамъият хавфноки ҷиноят аз руи объекти таҷовуз, хусусият ва андозаи зарари расонидашуда, гуноҳи субъект ва ба ҷамъият хавфнок будани худи субъект, муайян карда мешавад [4, 170]. Ба ақидаи Т.Ш. Шарипов хусусияти барои ҷамъият хавфноки ҷиноят “пеш аз ҳама аз хусусият ва арзишнокии объекти таҷовуз, шакли гуноҳ ва ба кадом категорияи ҷиноят (м. 18 КҶ ҶТ) мансуб будани кирдор, ки КҶ муайян намудааст, вобастагӣ дорад [21, 134].

Ин ҷо мо на ба ҳама омилҳои номбаршуда ба сифати аломатҳои тавсифдиҳандаи хусусияти ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят розӣ буда метавонем. Масалан, чунин омилҳо ба монандӣ, ангеза ва мақсади ҷиноят, тарзи таҷовуз, андозаи зарари расонидашуда на ба хусусият, балки ба дарҷаи хавфнокии ҷиноят хос мебошанд.

Вобаста намудани хусусияти ҷиноят аз категорияи ҷиноят, чи тавре аз ҷумла дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани асосҳои умумии таъини ҷазо” омадааст, қобили қабул буда, наметавонад. Чунки, мутобиқи м.18 КҶ ҶТ худи категорияи ҷиноят вобаста ба хусусияти ба ҷамъит хавфнокӣ муқаррар карда мешаванд.

Ба андешаи мо хусусияти ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят бояд тавассути объекти таҷовуз ва шакли гуноҳ баҳо дода шавад.

Ба ғайр аз хусусияти хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят, ҳангоми таъини ҷазо суд, инчунин дарҷаи онро бояд ба инобат гирад.

Вобаста ба фаҳмиши “дараҷаи ба ҷамъият хавфнокӣ” дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ низ фаҳмиши ягона нест. Гуруҳи олимон фикр мекунанд, ки хусусияти ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят ин аломатест, ки на ба ҷинояти алоҳида, балки ба тамоми ҷиноятҳои ҳамин намуд дахл дошта, мафҳуми дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят

аломате мебошад, ки кирдорҳои мушаххасӣ ҷиноятиро тавсиф медиҳад [18, 85; 10, 325; 7, 19].

Масалан Ю.Е. Пудовочкин менависад, ки “дараҷаи ба ҷамъият хавфнокӣ-ин нишондиҳандаи хавфнокии ҷинояти мушаххас, фардан муайян ба ҳисоб меравад” [14, 64]. И.М. Агзамов низ, қайд менамояд, ки “дараҷаи ба ҷамъият ҳавфнокӣ ин маҷмуи ҳолатҳое мебошад, ки кирдори мушаххасро тавсиф медиҳад” [1, 58-63].

Аммо ба фикри мо нуқтаи назари паҳнгашта оид ба он, ки хусусияти ба ҷамъият хавфнокӣ - ин тарафи сифатӣ ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокӣ - ин тарафи шуморавии ҷиноят мебошад, дуруст аст [12, 49].

Вобаста ба омилҳои муайянкунандаи дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдор низ фикри ягона ҷой надорад. Мисол, В. Ткаченко танҳо як омилро ҷудо намудааст. Ба ақидаи ӯ, дараҷаи ба ҷамъият хавфнокӣ аз “андозаи зарари ба объекти муайян расонидашуда вобастагӣ дорад” [19, 10].

Вале қисми зиёди муаллифон якчанд омилро номбар намудаанд. Ба ақидаи Н.Ф. Кузнесова дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят аз зиёдии зарари расонидашуда, намуд ва дараҷаи гуноҳ, ангезаи ҷиноят муайян карда мешавад [9, 71-73]. А.В. Наумов ба шумораи омилҳои ба дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят таъсиррасонанада ҳамчунин усул,воситава мақсади содир намудани ҷиноят, хусусияти зарар ё оқибатҳои он,дараҷа ва хусусияти иштироки ҳар яке аз шарикон да ҷиноят, дараҷаи мамлишавии нияти ҷиноятӣ ва ғайраро алоқаманд медонад [20, 61]. Т.Ш Шарипов чунин меҳисобад, ки “дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят дар доираи як ҷиноят аз дараҷаи ба амалбарории нияти ҷиноятқорона, тарзи содиркунии ҷиноят, андозаи зарари расонидашуда, аз дигар аломат ва ҳолатҳои ҷинояти содиршуда вобастагӣ дорад” [21, 134].

Ҳамин тариқ, номгӯи омилҳои баррасишаванда, ки аз ҷониби муаллифони гуногун пешниҳод шудаанд, дар бисёр ҳолат ба ҳам мувофиқ меоянд.

Вобаста ба масъалаи мазкур мавқеи хосро Г.А. Кригер ишғол намудааст. Ба ақидаи вай дар баробари он, ки “дар қонун номгӯи пурраи ҳолатҳои дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноятро тавсифкунанда нишон ҷой дода нашудааст, ҳамчунин пешакӣ дараҷаи таъсири ҳолатҳои алоҳидаи он ба ҷораи ниҳоии ҷазо муайян нагардидааст. Худи суд бояд ин масъалаҳоро бо назардошти ҳамаи хусусиятҳои ҷинояти баррасишаванда ҳал намояд.” [7, 19-20]

Нуқтаи назари охирин ба гумон дуруст бошад. Назариячиёни ҳуқуқи ҷиноятиро мебояд ба судҳо на пешниҳодҳои норавшан, балки омилҳои дақиқро, ки дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноятро муайян мекунанд, ҷамъбаст ва пешниҳод намоянд.

Пленуми Суди Олӣ дар қарорҳои худ чандин маротиба ба судҳо нишон додааст, ки маҳз бо чӣ дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят муайян карда мешавад.

Дар Қарори Пленуми Суди Олии ИҶШС аз 29 июни 1979 сол бо тағйиру иловаҳои баъдина “Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби суд татбиқ намудани асосҳои умумии ҷазо” қайд намудааст, ки “ҳангоми муайян намудани дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти содиршуда бояд аз маҷмуи ҳамаи ҳолатҳои содиршавиии ҷиноят хулоса намуд (намуди гуноҳ,мақсад,тарз, шароит ва давраҳои содиршавии ҷиноят, оқибатҳои ба миёномада, дараҷа ва хусусияти иштироки ҳар яке аз шарикон дар ҷиноят ва ғайра) [16]. Чӣ тавре ки мебинем, номгӯи пешниҳоднамуи Суди Олӣ ҳарчанд то андозае васеъ бошад ҳам, қаноаткунанда нест, аммо пурра нест.

Дар қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2005 таҳти №1 “Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани асосҳои умуми

таъини ҷазо" номгуи маҳдуди омилҳое, ки дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноятро муайян мекунанд: дараҷаи амалинамоии мақсади ҷинояткорона, тарзи содир намудани ҷиноят, андозаи зарар ва ё вазнини оқибатҳои бамиёномада, нақши судшаванда дар содирнамудаи ҷинояти дар шарикӣ, пешниҳод шудааст.

Дар Қарори Пленуми зикршуда дар фарқият аз Қарори Пленуми Суди Олии ИҶШС ба сифати ҳолатҳое, ки ба дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят таъсир мерасонанд, намуди гуноҳ ва мақсади содиркунии ҷиноят ишора карда нашудааст.

Ба назари мо зарур аст, ки ба банди 1. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2005 номгуи омилҳое, ки дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноятро муайян мекунанд, васеъ гардонида шуда, дар он аз ҷумла намудҳои қасд ва беҳтиётӣ, ангезаи ҷиноят, ворид карда шавад.

Вобаста ба ин пешниҳод менамоем, ки б.1 Қарори мазкур ба тариқи зайл ифода гардад: "ҳангоми муайян кардани хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда бояд онро ба асос гирифт, ки хусусияти хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда аз объектҳое, ки ба онҳо кирдори барои ҷамъият хавфнок равона шудааст ва шакли гуноҳ вобаста аст. Дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда бошад, бо ҳолатҳое, ки дар мавриди онҳо кирдори ҷиноии мушаххас содир шудааст (масалан, мақсади ҷиноят, дараҷаи амалӣ намудани нияти ҷинояткорона, тарзи содир гардидани ҷиноят, хусусият ва андозаи зарари расонидашуда, нақши судшаванда ҳангоми дар шарикӣ содир намудани ҷиноят, вобаста ба намудҳои қасд ва беэҳтиётӣ ) муайян карда мешавад".

Бо мақсади таъини ҷазои боадолатона суд дар қисми баёниявии ҳукм бояд ҳолатҳое, ки хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти содиршударо аниқ нишон медиҳанд, дарҷ намояд. Ба назари мо, танҳо дар ҳамин ҳолат тасдиқ намудан мумкин аст, ки суд дар ҳақиқат хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршударо ба инобат гирифтааст.

Танҳо ба таври расмӣ нишон додани он, ки ҷазо бо назардошти хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти содиршуда таъин шудааст, имкон намедиҳад, бо боварии комил гуфт, ки он дар ҳақиқат ба инобат гирифта шуда буд.

Вале, таҳлили ҳукмҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки дар 90%-и ҳукмҳо судҳо танҳо расмиётро ба ҷо оварда нишон додаанд, ки "суд хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдорро ба назар мегирад".

Одатан ҳангоми таъини ҷазо дар ҳукм судҳо танҳо ба қ.3 м.60 КҶ ҶТ ишора намуда, дарҷ месозанд, ки суд "хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, яъне арзиши объектҳои бо қонун муҳофизат шаванда, сабабҳои содир намудани ҷиноят, тарзи амал, шахсияти гунаҳгор, хусусият ва андозаи зарари расонидашуда, ҳолатҳое, ки ҷазоро сабук ва вазнин мекунанд" ба назар мегирад.

Вале, дар ҷӣ ифода ёфтани хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда мушахассан муайян карда намешавад.

Баъзан дар парвандаҳои алоҳида, барои равшан намудани хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда,судҳо танҳо ба объекти ҷиноят ишора менамоянд. Масалан, дар яке аз ҳукмҳо зикр мешавад, ки "вобаста ба хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда бошад, суд муайян намуд, ки ҷинояти мазкур ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ равона шудааст" [3], дар дигар ҳукм "вобаста ба хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда чунин қайд карда мешавад, ки онҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ ва бехатарии ҳаракат, истифодаи нақлиёт равона шудаанд" [3], яъне суд хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии

ҷиноятро аз ҳамдигар фарқ накарда ба ҳар дуи он танҳо тавассути муайян намудани объекти ҷиноят баҳо додаанд.

Дар баъзе мавридҳо судҳо умуман ба хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти содиршуда ишора намесозанд.

Мусаллам аст, ки бо мақсади таъини ҷазои боадолатона судҳо дар қисми баёниявии ҳукм бояд ҳолатҳоеро, ки дараҷаи ба ҷамъият хавфноки ҷиноятро муайян мекунанд, нишон диҳанд. Танҳо дар ҳамин ҳолат бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки суд дар ҳақиқат дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноятро ба ҳисоб гирифтааст, на он ки танҳо расмӣ ба асосҳои умумии таъини ҷазо истинод намудааст.

Гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, қайд намудан мумкин аст, ки хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят ду тарафи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят - сифатӣ ва шуморавии онро инъикос менамоянд.

Ҳангоми асосноккунии интихоби ҷазои ҷиноятӣ дар қисми баёниявии ҳукм, суд бояд на танҳо баҳисобгирии хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнок будани ҷиноят, бояд инчунин маҳакҳои муайянкунандаи онро низ нишон диҳад.

Ҳамин тариқ, ҳангоми ба ҳисоб гирифтани хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят дар доираи м. 60 КҶ, яъне ҳангоми фардикунонии ҷазо, суд бояд "тамоюли дуршавии таҷовузи аниқи ба ҷамъият хавфнокро аз хавфнокии ҷамъиятии намуди дахлдори ҷиноят" [13, 43-46] ба назар гирад. Дар ҳақиқат объекти ҷиноят-ин он маҳакест, ки аз мавқеи он ҷудошавии таркибҳои асосии ҷиноят ва сохтори низоми санксияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба миён меояд. Аз сабаби он,ки арзишнокии махсусияти объект дар умум ва ҷузъҳои он дар бисёр ҳолат дар банду басти ҷиноят инъикос меёбанд, аз ин бармеояд, ки ба дараҷаи вазнинии ҷиноят, ки аз руи қоидаҳои ҳолатҳои кор, ки хусусияти объекти ҷиноятро муаррифӣ мекунад, тасдиқ намудан мумкин аст, ки онҳо набояд такроран ҳангоми фардикунонии ҷазо ба назар гирифта шаванд.

Ҳангоми фардикунонии ҷазо на умуман хавфнокии таҷовуз, балки он хавфнокие, ки барои ин ҷиноят баланд ё паст буда метавонад ба ҳисоб гирифта мешавад, ки дар навбати худ аз он таъини ҷазои вазнин ва ё сабуктар дар муносибат ба ҷазои намунавии дар санксия муқарраршуда вобастагӣ дорад.

**Адабиёт:**


1. Агзамов И.М. Влияние характера и степени общественной опасности совершенного преступления на условие неприменения наказания.// Образование. Наука. Научные кадры - 2011.- № 4. - С.58-63.
2. Бажанов М. И. Назначение наказания по советскому уголовному праву. - Киев, 1980. 216 с.
3. Бойгонии суди н. Исмоили Сомонии ш.Душанбе /Парвандаи №1-326/17
4. Домахин С. А. Курс советского уголовного права. М., 1970. Т. 1. 648 с.
5. Карпец И.И. Наказание. Социальные, правовые и криминологические проблемы. М., 1973. 287 с.
6. Кодекси замини ҶТ аз 21 майи соли 1998. – № 575 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.02.2020).
7. Кригер Г. А. Общие начала назначения наказания //Советская юстиция. - 1980. - № 1. - С.18-20.

8. Кригер Г. Л. Влияние характера общественной опасности преступления на дифференциацию и индивидуализацию уголовной ответственности // Проблемы правосудия и уголовного права. М., 1978. - С. 143-155.
9. Кузнецова Н. Ф. Преступление и преступность. М., 1969. - 232 с.
10. Курс советского уголовного права. В 5 т./ Под ред. Н.А. Беляева, М.Д. Шаргородского. Л., Т 2. Часть Общая, 1970. - 672 с.
11. Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1992-2011). Душанбе, 2011. - 556 с.
12. Наумов А.В. Российское уголовное право. Общая часть: курс лекции.2-изд.,М.,2000. - 590с.
13. Новоселов Г.П. Критерии определения судом меры наказания. Учебное пособие. Свердловск. Свер. юр. ин-т, 1984. - 72 с.
14. Пудовочкин Ю.Е. Понятие, критерии и пределы учета общественной опасности преступления судом. В сборнике: Уголовная политика и правоприменительная практика. Сборник материалов VII-ой Международной научно-практической конференции.2019 - С.57-67.
15. Российское уголовное право: в 2 т.Т.1.Общая часть/ под ред. Л.В. Иногамова-Хегай, В.С. Комиссрова, А.И. Рарога. М.,2003. - 623 с.
16. Сборник постановлений Пленума Верховного Суда СССР и РСФСР. М., 1997. - 283 с.
17. Скрябин М. А. Общие начала назначения наказания и их применение к несовершеннолетним. Казань, 1988. - 125 с.
18. Соловьев А. Д. Вопросы применения наказания по советскому уголовному праву (законодательство и судебная практика). М., 1958. - 204 с.
19. Ткаченко В. Общие начала назначения наказания // Российская юстиция. 1997. № 1. - С. 10-11.
20. Уголовная ответственность и наказание. Учебное пособие для бакалавриата и магистратуры. М, 2019. - 130 с.
21. Шарипов Т.Ш. Условное освобождение от отбывания наказания: проблемы теории, законодательства и практики (по материалам Республики Таджикистан).дисс...докт.юрид.наук. М., 2008. - 563 с.

# ПРИНЯТИЕ ВО ВНИМАНИЕ ХАРАКТЕРА И СТЕПЕНИ ОБЩЕСТВЕННОЙ ОПАСНОСТИ СОВЕРШЕННОГО ПРЕСТУПЛЕНИЯ ПРИ НАЗНАЧЕНИИ НАКАЗАНИЯ

**АМИНЗОДА ЗОКИРДЖОН ТОХИР,**
соискатель кафедры уголовного права и противодействия
коррупции юридического факультета
Таджикского национального университета
г. Душанбе, 734025, проспект Рудаки 17
Тел: (+992) 928-02-16-16; E-mail:amin-soi@mail.ru

*В статье рассматриваются вопросы, связанные с характером и степенью общественной опасности совершенного преступления при вынесении приговора. Отмечается, что в теории уголовного права понятие характера и степени*

*общественной опасности преступления трактуется по-разному. Автором проанализирована теория уголовного права касательно данного вопроса.*

***Ключевые слова:*** *Уголовный кодекс Республики Таджикистан, теория уголовного права, преступление, назначение наказания, степень опасности для общества.*

## TAKING INTO ACCOUNT THE NATURE AND DEGREE OF SOCIAL DANGER OF THE COMMITTED CRIME DURING THE SENTENCING

**AMINZODA ZOKIRJON TOHIR,**
Aspirant of the Criminal Law and Anti-Corruption Department, Law Faculty,
Tajik National University
Dushanbe, 734025, 17, Rudaki Ave.,
Phone: (+992) 928-02-16-16; E-mail:amin-soi@mail.ru

*The article examines the issues related to the nature and degree of social danger of the crime committed during the sentencing. There is noted that the concept of the nature and degree of social danger of a crime is interpreted in different ways in the theory of criminal law. The theory of criminal law related to the given issue was analyzed by the author.*

***Key words:*** *Criminal Code of the Republic of Tajikistan, the theory of criminal law, crime, sentencing, degree of social danger.*

УДК: 346.2

# НЕРУГОҲИ БАРҚИ ОБИИ РОҒУН БАРОИ ГУЗАШТАН БА «ИҚТИСОДИЁТИ САБЗ» ИМКОНИЯТ ФАРОҲАМ МЕОВАРАД

**ХУРРАМЗОДА МУМИНШО ХУРРАМ,**
унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, к. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 111-10-41-43; E-mail: amvol2017@mail.ru

*Муаллиф дар мақолаи худ ҷанбаҳои муҳимми Неругоҳи барқи обии Роғунро дар иртибот ба афзалиятҳои "иқтисодиёти сабз" шарҳу тавзеҳ додааст. Аз ҷумла, Неругоҳи барқи обии Роғунро ҳамчун объекти стратегии мамлакат арзёбӣ намуда, аҳамияти онро дар оянда барои рушди ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ намудааст. Таъмини яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакат - расидан ба истиқлолияти энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикисто маҳз аз Неругоҳи барқи обии Роғун вобастагӣ дорад. Ҳадафи дигари боэътимодии неругоҳи барқи обии Роғун дар он зоҳир гардидааст, ки неруи барқи истеҳсолшудаи он аз ҷиҳати экологӣ тоза буда, ба табиат ягон зарар надорад. Дар оянда барои таъмини «неруи сабз» ва рушди «иқтисоди сабз» заминаҳои боэътимоди иқтисодию илмиро ба вуҷуд меорад.*

*Бинобар ин, яке аз принсипҳои асосии иқтисоди сабз волоияти арзиши истеъмолӣ ва сифат мебошад, ки он ба истеъмолгари ниҳоӣ ва беҳдошти муҳити зист нигаронида шудааст. Дар иқтисоди сабз усулҳои ғайрисамаранок ва исрофкоронаи ташкили ҳама гуна бахши иқтисод ҷоиз нест. Тибқи ин консепсия дар табиат партов вуҷуд надорад, анҷоми як раванд ё ҷараён ин оғози равандҳои дигар мешавад. Яъне, ин чунин маъно дорад, ки партовҳо ба сифр баробар мешаванд.*

*Дар ин мақола дар робита ба афзалиятҳои Неругоҳи барқи обии Роғун, ки он заминагузор ба неруи сабз ва иқтисоди сабз мебошад, назари олимону муҳаққиқон ва сиёсатмадорону иқтисоддонҳо мисол оварда шудааст, бешак ҳадаф ва дурнамои тадқиқоти мавзуъро муайяну мушаххас месозад. Захираҳои алтернативӣ ва дигар имкониятҳои истифоданашудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба рушди иқтисодиёти кишвар ва дар ин замина мушкилоти мавҷудаи дигаргуни иқлим, ки дар баъзан вақтҳо боиси бемориҳо мегардад, мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода шудааст.*

*Мусаллам аст, ки мушкилоти мавҷуда масъалаи як бахши муайяни илм набуда, аз масоили гуногуни маҷмӯии байнисоҳавӣ иборат аст, зеро тағйирёбии иқлим на танҳо ба коҳишёбии пиряххо, соҳаҳои кишоварзию иқтисодӣ, балки ба саломатии одамон низ таъсири манфии зиёд дорад. Хун ва роҳи нафас худро бад ҳис мекунанд. Ҳамчунин, хокбориш ба нашъунамои сабзавот ва сифати меваҷот низ таъсири манфӣ мерасонад.*

***Калидвожаҳо:*** *иқтисодиёти сабз, неруи сабз, ҷараёни ҷаҳонишавӣ ва идустриализатсияшавӣ, муаммоҳои глобалӣ, энергияи алтернативӣ, харобшавии захираҳои табиӣ, неруи аз ҷиҳати экологӣ тоза, бӯҳрони экологӣ, истиқлолияти энергетикӣ, газҳои гулхонагӣ.*

Неругоҳи барқи обии Роғун ҳамчун объекти стратегии мамлакат дар оянда барои рушди ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар заминаҳои боэътимодро фароҳам меовардад, ки асоси онро истеҳсоли барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза ташкил медиҳад. Таъмини яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакат - расидан ба Истиқлолияти энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки он маҳз аз Неругоҳи барқи обии Роғун вобастагӣ дорад. Аз рӯи дурнамои раванди кор, феълан ду агрегати неругоҳи Роғун мавриди истифода қарор дода шудааст, ки он нишонаи таъмини Истиқлолияти комили энергетикӣ дар кишвар мебошад. Ҳадафи дигари боэътимодии неругоҳи барқи обии Роғун дар он зоҳир мегардад, ки неруи барқи истеҳсолшудаи он аз ҷиҳати экологӣ тоза буда, ба табиат ягон зарар надорад. Дар оянда барои таъмини «неруи сабз» ва рушди «иқтисоди сабз» заминаҳои боэътимоди иқтисодию илмиро ба вуҷуд меорад.

Зеро чӣ тавре ки шумо огоҳед, ин неругоҳ барои таъмини мунтазами аҳолӣ ва корхонаву муассисаҳо бо неруи барқ, яъне рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум нақши бисёр муҳим дорад.

Дар баробари ин, обанбори неругоҳ барои пешгирӣ кардани ҳодисаҳои фавқулода мусоидат карда, танзими бисёрсолаи истифодаи манбаъҳои оби минтақаро таъмин менамояд ва барои беҳтар гардонидани ҳолати мелиоративии миллионҳо гектар заминҳои кишоварзиву азхудкунии садҳо ҳазор гектар заминҳои нав имконият фароҳам меорад.

Ҳамчунин, хотирнишон менамоям, ки неругоҳи "Роғун" барои истеҳсоли "неруи сабз", яъне пешгирӣ кардани партовҳои зарарнок ба атмосфера ва риояи меъёрҳои муосири экологӣ имконияти беҳтарин муҳайё месозад [1].

Дар иртибот ба мафҳум ва моҳияти «иқтисодиёти сабз» ва «неруи сабз» назари олимон, сиёсатмадорон, муҳаққиқон ва мутахассисони соҳаҳои ҳифзи муҳити зист, кишоварзӣ, энергетик ва иқтисод ҳамчун такондиҳандаи рушди иқтисоди миллӣ арзёбӣ мегарданд. Консепсияи иқтисоди сабз ғояҳои мухталифи илмҳо иқтисод ва фалсафа, аз ҷумла иқтисоди феминистӣ, иқтисоди захиравӣ, иқтисоди экологӣ, иқтисоди муҳити зист, постмодернистӣ, зиддиистеъмолот, муқобил ба ҷаҳонишавӣ, анархияи сабз, сиёсати сабз ва назарияи муносибатҳои байналмилалиро дарбар мегирад. Ҳамин аст, ки барои амиқан ифода кардани «иқтисоди сабз» то ҳанӯз фаҳмиши ягонаю умумӣ вуҷуд надорад. Бо вуҷуди ин, назарияи иқтисоди сабз аз се аксиома - 1) васеъ намудани майдони таъсир дар фазои маҳдуд ғайриимкон аст; 2) афзоиши бемеъёри талаботҳои қонеъкунанда дар шароити маҳдуди захиравӣ ногузир аст ва 3) ҳама чизҳо дар сатҳи замин бо ҳам алоқаманданд, асос ёфтааст.

Иқтисодиёти сабз иқтисодиётест, ки дар он мафҳуми арзиши мубодилавӣ бо истилоҳи арзиши истеъмолӣ иваз карда мешавад. Дар ин ҷо сухан дар навбати аввал оид ба сифат меравад, на микдор. Дар консепсияҳои стандартии иқтисодиёти капиталистӣ моҳияти боигарӣ ҳама вақт бо ғункунии пул ва неъматҳои моддӣ алоқаманд буд. Ҳама гуна арзиши истеъмолӣ аҳамияти дуюминдараҷа дошт ва воситаи ҳаракат ба мақсади асосӣ ғункунии пул ва неъматҳои моддӣ ба шумор мерафт. Ҷаҳони баъди индустриалии муосир дар навбати аввал сифати иқтисодиётро талаб мекунад, ки дар он пул нақши ҳалкунандаро намебозад. Иқтисодиёти сабз ба қонеъгардонии эҳтиёҷоти одамон бо назардошти алоқамандӣ бо муҳити зист таваҷҷуҳ менамояд [8].

Айни замон ҷомеа моҳияти ибораи иқтисоди «сабз»-ро ба маъноҳои мухталиф фарқ мекунад. Гурӯҳи аввал чунин меҳисобанд, ки ин соҳаи нави иқтисод буда, табиати муҳити зистро беҳтар мегардонад. Тарафи дуюм ин ифодаро ҳамчун технологияи нав ва як навъи экосистема, ки ба кӯмаку фоидаоварӣ ба табиат даъват мекунад, мефаҳманд. Гурӯҳи сеюм чунин мепиндоранд, ки он марҳилаи нави гузариши рушд буда, мақсади асосиаш истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза аст. Дар маҷмуъ, иқтисоди сабз ба технологияи тоза ё «сабз» асос ёфтааст.

Шарҳу тавзеҳи иқтисоди сабз бори дигар исбот месозад, ки маънию ифодаҳое, ки дар боло ба гуруҳҳо ҷудо карда шудааст, дар ҷараёни истеҳсолот зараровар набуда, балки ҷанбаҳои рушди иқтисоди миллиро дар бар мегиранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин неъматҳои бузурги табиӣ орӣ набуда, дорои захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ мебошад ва яке аз кишварҳои асосии истеҳсолкунандаи “энергияи сабз” дар миқёси сайёра ба шумор меравад [2].

Яке аз объекти муҳимми инкишофи иқтисодиёти сабз тавре дар боло қайд карда шуд, НБО-и «Роғун» мебошад. Бунёди неругоҳи “Роғун” имкон медиҳад, ки умри неругоҳи “Норак” садсолаҳо дароз карда шавад. Ин чунин маънӣ дорад, ки ба обанбори “Норак” аз неругоҳи “ Роғун” оби таҳшиншудаи соф дохил мегардад ва обанбори “Норак” аз гилу лой пур намешавад. Барои боз ҳам устувор гардонидани низоми энергетикии кишвар корҳо доир ба татбиқи лоиҳаи минтақавии КАСА-1000 оғоз гардидааст, ки маблағи умумии он қариб 11 миллиард сомонӣ (ҳиссаи Тоҷикистон 3,4 миллиард сомонӣ) буда, соли 2021 ба анҷом расонида мешавад.

Тибқи арзёбии созмонҳои байналмилалӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба истеҳсоли неруи барқи аз лиҳози экологӣ тоза дар ҷаҳон ҷойи шашумро ишғол мекунад. Баъди ба кор андохтани иқтидорҳои нав, аз ҷумла, неругоҳи барқии обии “Роғун” Ҷумхурии Тоҷикистон аз лиҳози фоизи истеҳсоли неруи барқ аз манбаъҳои таҷдидшаванда дар ҷаҳон ба ҷойи дуюм ё сеюм мебарояд.

Қобили зикр аст, ки лоиҳаи неругоҳи “Роғун” ба талошҳои имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳонӣ барои гузаштан ба “иқтисоди сабз”, ки асоси онро истифодаи сарчашмаи энергияи барқароршаванда ташкил медиҳад, мувофиқ буда, татбиқи он имконият медиҳад, ки партофти садҳо ҳазор тонна газҳои карбон ба ҳавои атмосфера кам карда шавад.

Бо дар назардошти ин, мо тасмим гирифтаем, ки ин иншооти ҳаётан муҳимро бо истифода аз технологияҳои беҳтарину навтарин ва мутобиқ ба талаботи стандартҳои байналмилалии сифату бехатарӣ бунёд намоем [3].

Ин саҳми арзандаи Тоҷикистон дар ҳалли яке аз муаммоҳои глобалӣ – кам кардани партови гази карбон ба атмосфера ва коҳиши оқибатҳои манфии гармшавии иқлим хоҳад буд.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо масоҳати 142,6 ҳазор км2 дорои захираи бузурги барқароршавандаи энергия мебошад.

Мувофиқи ҳисобҳои назарӣ иқтидори захираҳои алтернативии энергия дар Тоҷикистон: энергияи обӣ - 527 млрд кВт*ст/сол, энергияи офтобӣ - 3103 млрд кВт*ст/сол, энергияи биомасса - 2 млрд кВт*ст/сол, энергияи бод - 25-150 млрд кВт*ст/сол, энергияи геотермалӣ - 450 млрд кВт*ст/сол мебошад. Ҳатто қисман истифодабарии ин захираи бузурги энергетикӣ ҳама гуна фаъолиятҳои ба энергия эҳтиёҷдоштаи кишварро бо неруи барқ таъмин мекунад ва боқимондааш тавозуни

энергетикию вазъи экологии минтақаи Осиёи Марказиро устувор мегардонад. Маҳз ин иқтидори бузурги энергетикиро ба назар гирифта, созмонҳои байналмилалии соҳавӣ нишон медиҳанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи истеҳсоли «энергияи сабз», яъне неруи аз ҷиҳати экологӣ тоза ба қатори шаш кишвари пешсафи сайёра шомил мебошад. Чунки дар кишвари мо истеҳсоли неруи барқ танҳо аз ҳисоби энергияи обӣ 98%-ро ташкил медиҳад. Тибқи маълумоти Бонки умумиҷаҳонӣ дар Тоҷикистон тайи солҳои 2011-2015 ба ҳисоби миёна 99,56% неруи барқ аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия истеҳсол шудааст.

Ҳамин тавр, истифодаи васеи манбаъҳои таҷдидшавандаи «энергияи сабз» ба рушди иҷтимоиву иқтисодии тамоми кишварҳо ва ташаккули «иқтисоди сабз» дар онҳо мусоидат менамояд. Ҳамчунин, истифодаи босамари партовҳои истеҳсолӣ ва экологикунонии ҷараёни истеҳсолот низ яке аз самтҳои амалисозии «иқтисоди сабз» маҳсуб ёфта, дар якҷоягӣ бо мутобиқ намудани соҳаҳои фаъолият ба тағйирёбии иқлим барои рушди устувор заминаи бунёдию шароити мусоидро таъмин менамояд [6].

Баробари рушди иқтисоди сабз тарафдорони он низ сол аз сол зиёд мегарданд, ки Мюррей Букчин (ҷомеашиноси иртиҷоии амрикоӣ), Ҷейн Ҷекобс (нависандаи канадагӣ-амрикоӣ), Эрнст Шумахер (иқтисоддони британӣ), Рейчел Карсон (биологи амрикоӣ), Дэвид Кортен (профессори тиҷорат), Роберт Костанса (иқтисоддони экологии амрикоӣ), Линн Маргулис (биологи амрикоӣ), Деннис Медоуз (профессори идоракунии система), Герман Дэйли (иқтисоддони экологии амрикоӣ), Амос Тверски (равоншиноси исроилӣ) ва Светлана Липина (иқтисоддони Русиягӣ) аз аввалинҳо мебошанд. Ҷонибдорони иқтисоди сабз аз соли 2006 инҷониб маҷаллаи International Journal of Green Economics нашр мекунанд ва ҳамзамон, Институти иқтисоди сабзро таъсис додаанд.

Дар баробари ин, мушкилоти мухталифи глобалии экологӣ, амнияти озуқаворӣ, талаботи рӯзафзуни аҳолӣ бо неруи барқ ва ҳоказо тамоми созмонҳои минтақавию байналмилалӣ ва кишварҳоро маҷбур сохтааст, ки барои бартараф кардани ин проблемаҳо, коҳиш додани таъсироти манфӣ ба муҳити зист ва мутобиқ гардонидани шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ ба тағйирёбии глобалии иқлиму баландшавии ҳарорат ҳарчи зудтар ба модели нави иқтисодӣ рӯй оранд. Чунки зарурати коркарди модели нави рушди иқтисодӣ, яъне иқтисоди сабзро афзудани хатарҳои экологӣ ва таъсири манфӣ ба муҳити зист ба миён овардааст. Аз ин рӯ, қисме аз коршиносон иқтисоди сабзро ба маънои васеъ, тарзи фаъолияти хоҷагидорие меҳисобанд, ки ба боло рафтани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ мусоидат намуда, ҳамзамон хатарро ба муҳити зист ва харобшавии табиат коҳиш медиҳад. Ба маънои маҳдуд бошад, ҳамчун технологияи коркард, истеҳсолу истифодабарии таҷҳизот барои назорат ва коҳиш додани партовҳои ифлоскунандаю газҳои гулхонаӣ, мониторинги тағйирёбии иқлим ва инчунин, технологияҳои энергиясарфакунанда ва энергетикаи барқароршаванда маънидод карда мешавад.

Фаҳмиши иқтисоди сабз ба ҳарду маъно, ҳам бо манои васеъ ва ҳам бо маънои маҳдуд истифодаи васеъ дошта, он дар ҳардуи маъно ба самти мутобиқ гардонидани шаклҳои мухталифи хоҷагидорӣ ба тағйирёбии иқлим, коҳиш додани таъсироти манфӣ ба муҳити атроф ва солимии ҷомеа, истифодаи босамари

захираҳои табиию инсонӣ, ҳифз кардани тавозуни биомасса, истеҳсолу истифодаи маҳсулоти аз нигоҳи экологӣ тоза ва рӯй овардан ба манбаъҳои алтернативии энергия нигаронида шудааст.

Барои амалӣ гардидани ин нақшаҳо ва ноил шудан ба аҳдофи гузошташуда дар барномаҳои Созмони Милали Муттаҳид гузариш ба «иқтисоди сабз» («green economy») ва «рушди сабз» («green growth») пешниҳод шудаанд. Ин пешниҳодот аз як тараф барои рушди иқтисоди сабз заминаҳои меъёриву ҳуқуқиро дар саросари ҷаҳон таъмин мекунад ва аз ҷониби дигар тамоми мамолики ҷаҳонро водор менамояд, ки дар марзи худ рушди сабзро тақвият диҳанд. Ва мусаллам аст, ки ҳадафи ягонаю умумӣ ҳифзи табиати сайёра, солимии аҳолӣ ва чун сабзу зебо ба мерос гузоштани хонаи умеди башарият - сайёраи замин ба наслиояндаи инсоният мебошад [6].

Таърих гувоҳ аст, ки дар тақдиру толеи инсоният ҳеҷ гоҳ монанди имрӯз барои рушду инкишоф додани сохтори афкору андеша имконият фаро нарасида буд. Тавре ба назар мерасад, бо вуҷуди он ҳама комёбиҳои беназир, боз як қатор муаммоҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва экологӣ инсониятро ба ташвиш оварда, олимон, мутахассисону сиёсатмадорон барои бартараф намудани онҳо ғояҳои рушдро пешниҳод менамоянд, ки яке аз онҳо маҳз иқтисоди сабз аст. Дар иқтисоди сабз ба фаъолияти он хоҷагидорие афзалият дода мешавад, ки дар баробари таҷдид ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, ба баланд шудани сифати ҳаёт ва беҳбудии муҳити зист мусоидат намояд. Дар ҳуҷҷатҳои расмии кишварҳои мухталиф ҳадафҳои иқтисоди сабз аз ҳам тафовут доранд. Масалан, барои кишварҳои рушдёфта ҳадафи асосӣ - рақобат ва таъмини ҷойҳои корӣ ва дар ҳуҷҷатҳои кишварҳои рӯ ба инкишоф ҳадаф - расидан ба рушди устувор, коҳиш додани масоили камбизоатӣ, масъалаҳои ҳуқуқӣ ва бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Вале дар ягон ҳуҷҷат қазияҳои экологӣ, бахусус маҳдудияти экологии рушд дар мафҳуми иқтисоди сабз ишора нагардидааст. Ин исботи он аст, ки омили асосӣ дар иқтисоди сабз - худи иқтисод ва соҳаи иҷтимоию иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди ин, иқтисоди сабз ба таъминоти талаботҳои инсон бо назардошти алоқамандӣ бо муҳити зист ташаккул меёбад.

Бинобар ин, яке аз принсипҳои асосии иқтисоди сабз волоияти арзиши истеъмолӣ ва сифат мебошад, ки он ба истеъмолгари ниҳоӣ ва беҳдошти муҳити зист нигаронида шудааст. Дар иқтисоди сабз усулҳои ғайрисамаранок ва исрофкоронаи ташкили ҳама гуна бахши иқтисод ҷоиз нест. Тибқи ин консепсия дар табиат партов вуҷуд надорад, анҷоми як раванд ё ҷараён ин оғози равандҳои дигар мешавад. Яъне, ин чунин маъно дорад, ки партовҳо ба сифр баробар мешаванд. Принсипи дигари иқтисоди сабз ба гуногунӣ рабт дорад ва ин мафҳум ба ҳамаи сатҳҳои зиндагӣ (гуногунии намудҳо, экосистемаҳо, минтақаҳо) ва инчунин, гуногунии иҷтимоию экологӣ дахл дорад. Бо экологикунонии ҷомеа ҳудудҳои сиёсию иқтисодӣ аз байн рафта, ба иқтисоди биоминтақавӣ табдил меёбад.

Дар иқтисоди сабз бештар ба рушди устувори соҳаи кишоварзӣ, ба роҳ мондани истеҳсолоти саноати «сабз» ва энергияи барқароршаванда афзалият дода мешавад.

Аз ин рӯ, ҷанбаи тағйироти иҷтимоию экологиро дар консепсияи иқтисоди сабз дар якҷоягӣ дида баромадан мумкин аст. Дар консепсияи рушд ба ягон

бахши ҷамъиятию хусусии иқтисод афзалияти махсус дода намешавад. Чунки, бахшҳои давлатию хусусӣ дар бозор таваҷҷуҳи худро бояд ба арзишҳои иҷтимоию экологӣ равона намоянд. Ва дар ин раванд ҳамкории зич миёни давлат бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо мақсади таҳаввулоти инноватсионӣ вуҷуд дошта бошад. Барои амалӣ кардани ин таҷриба бояд тарҳи нави раванду қоидаҳои иқтисодӣ тартиб дода шаванд ва рафтори экологиро ташаккул дода, дар ҳаёти ҳаррӯзаи иқтисодӣ татбиқ намоянд.

Омили дигари амалӣ шудани иқтисоди сабз барои бартарафсозии камбизоатӣ имкони хуб фароҳам меорад. Зеро байни бартарафнамоии камбизоатӣ ва идоракунии устувори захираҳои табиию экосистемаҳо робитаи мустақим вуҷуд дорад, чунки аз афзоиши сармояи табиӣ барои қишри камбизоати аҳолӣ манфиати бевосита мерасад. Дар баробари ин, тадбирҳои гузариш ба иқтисоди сабз ва дар ҳудуди 2 дараҷа нигоҳдории гармшавии глобалӣ имкон медиҳанд, ки то соли 2030 24 млн ҷойи нави корӣ ташкил мешавад. Бино ба иттилои Созмони байналмилалии меҳнат ҷойҳои нав дар натиҷаи дигаргунӣ дар бахши энергетика ба вуҷуд омада, зарурат ба кормандон дар соҳаҳои тозасозии ҳаво, об, замин ва инчунин, ҳифз аз офатҳои хусусияти табиидошта низ хоҳад афзуд.

Зеро тибқи гузориши Созмони умумиҷаҳонии метеорологӣ зиёда аз 80% талафоти оқибатҳои офатҳои табиӣ дар саросари ҷаҳон ба обу ҳаво, иқлим ва об: тӯфонҳо, обхезиҳо ва хушксолиҳо робита доранд. Давоми 30 соли охир шумораи ин офатҳо се маротиба зиёд гардида, дар натиҷаи ҳодисаҳои фавқулодаи табиии солҳои 90-уми асри XX зиёд аз 600 000 нафар ҷон бохтаанд. Ин боиси зиёдшавии басомади шиддатноки боронҳои сахт, шамолҳои сахт, афзоиши шумораи рӯзҳои беҳад гарм, миқдори ниҳоят баланд ва хеле пасти ҳаҷми маҷро ва ҳамчунин гурӯҳи коншиносони байниҳукуматӣ оид ба тағйирёбии иқлими Созмони умумиҷаҳонии метеорологӣ тасдиқ менамояд, ки ин тамоил дар оянда низ идома меёбад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 93%-и ҳудуди онро кӯҳҳо ишғол мекунанд, ҳолатҳои фавқулода хусусияти табиидошта ба соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ таъсироти манфии зиёд мерасонанд ва ҳадафҳои рушди устуворро коҳиш медиҳанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар Тоҷикистон ҳолатҳои фавқулода аз ҳама бештар дар Бадахшон ва Зарафшон ба вуҷуд меоянд. Масалан, аз шумораи умумии офатҳои табиии дар тамоми ҷумҳурӣ 6,5%-и онҳо ба Зарафшон рост меояд.

Мувофиқи маълумотҳои Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент обхезии калонмиқёс соли 2012 ба қайд гирифта шуд, ки хисороти иқтисодии он 4,66 млн доллари ИМА буд. Дар ноҳияи Айнӣ чунин ҳолат соли 2002 бо зарари иқтисодии зиёда аз 3 млн доллари ИМА мушоҳида гардид. Ё бар асари офатҳои табиии соли 2005 баамаломада дар ноҳияи Ҳамадонӣ 266 хонаи истиқоматӣ хароб гардида, 2025 нафар бесарпаноҳ монданд. Ва ё 16.07.2015 дар ноҳияи Шуғнон сел 6 мағоза, роҳу хатти барқ ва 41 хонаро вайрон карда, 56 оиларо аз манзил маҳрум сохт. Ё ин ки дар натиҷаи номусоид омадани обу ҳавои солҳои 2007-2008 беш аз 40 ноҳияи Тоҷикистон дучори офатҳои табиӣ гардиданд, ки хисороти иқтисодии ин офатҳо беш аз 100 млн доллари ИМА-ро ташкил дод.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналхалқӣ барои густариши ҳадафҳои иқтисодиёти сабз саҳми арзанда гузошта истодааст. Муҳиммият ва зарурати гузариш ба иқтисодиёти сабзро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбарҳои байналмилалӣ чандин маротиба иброз кардаанд. Аз ҷумла дар Конференсияи СММ "Рио+20" оид ба рушди устувор дар Рио-де – Жанейро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин қайд карданд: "Истифодаи самаранок ва эҳтиёткоронаи захираҳои табиӣ, ки таркиби асосии иқтисодиёти сабз мебошад, инкишофи соҳаҳои иҷтимоӣ ва ҳифзи экосистемаҳо, ташкили механизмҳои дурусти идоракунӣ ва дастгирии муҳити бозорӣ чун як қисми самти ислоҳот дар Тоҷикистон баромад мекунад, ки ба мақсадҳои рушди устувор мутобиқи Декларатсияи Ҳазорсолаи СММ нигаронида шудааст" [7]

Дар боробари ҳолатҳои фавқулода яке омилҳои асосие, ки раванди тағйирёбии иқлиму мушкилоти оби нӯшокиро тезонида, барои расидан ба ҳадафҳои рушди устувор монеагӣ эҷод мекунад, обшавии пиряхҳо ва коҳиш ёфтани майдони яхбандиҳо мебошад. Ин раванд дар навбати аввал боиси серобии дарёҳо, шусташавии соҳил ва харобшави киштзор гардида, баъдан ба хушкшавии рӯдҳои хурд, хушксолиҳо ва норасоии об барои киштзорҳо оварда мерасонад. Зеро мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки давоми солҳои 1970-2015 камшавии майдони пиряхҳо ва афзудани шумораи офатҳои табиӣ бештар ба назар мерасид ва маҳз дар ин давра масоҳати пиряххои кӯҳҳои Помиру Олой 11-16% ва ҳаҷмашон соле аз 12 то 17% кам шудааст. Агар ин вазъ ба чунин тарз ифдома ёбад, то соли 2050 тахмин 30%-и пиряхҳои Тоҷикистон аз байн раванд.

Тоҷикистон аз рӯи партовҳои қиёсии дуоксиди карбон ($CO_2$) дар ҷаҳон ҷойи 135-умро ишғол менамояд.

Ҳаҷми партовҳои газҳои парникӣ (гулхонавӣ) дар кишвари мо соле то як тонна ба сари ҳар як нафари аҳолӣ рост меояд ва ҳиссаи кишвар дар минтақа камтар аз се фоизро ташкил медиҳад.

Дар нигоҳ доштани сатҳи пасттарини партовҳои зараровар ба атмосфера ба мо дар бисёри маврид истифодаи васеи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, бахусус гидроэнергетика, ки яке аз манбаъҳои асосии тавлиди энергияи "сабз" ба ҳисоб меравад, мусоидати ҷиддӣ менамояд.

Дар неругоҳҳои барқи обӣ, ки асоси сектори энергетикии кишварро ташкил медиҳанд, 98 фоизи қувваи барқи мо истеҳсол мешавад.
Аз рӯи ин нишондиҳанда Тоҷикистон дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои аввалро ишғол мекунад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, ҷиҳати дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилоти вобаста ба тағйирёбии иқлим мехостам пешниҳодҳои зеринро ироа намоям:

1) Истифодаи васеи манбаъҳои энергияи таҷдидшаванда, ки заминаи мусоидро барои рушди иқтисоди "сабз" мегузорад, дастгирии ҳамаҷониба ёбад [4 ].

Мусаллам аст, ки мушкилоти мавҷуда масъалаи як бахши муайяни илм набуда, аз масоили гуногуни маҷмӯии байнисоҳавӣ иборат аст, зеро тағйирёбии иқлим на танҳо ба коҳишёбии пиряхҳо, соҳаҳои кишоварзию иқтисодӣ, балки ба саломатии одамон низ таъсири манфии зиёд дорад. Ба андешаи доктори илмҳои тиб, профессор Абдулҳамид Қаюмов, дар натиҷаи гармшавии иқлим хатари паҳншавии бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла табларза, меафзоянд ва бемориҳои гузаранда ба мавзеъҳое паҳн мешаванд, ки қаблан дар он ҷо ба назар

намерасиданд. Зиёдшавии намнокӣ бошад, боиси афзоиши дарди буғумҳо ва бемории диққи нафас мешавад. Илова бар ин, солҳои охир дар натиҷаи гармшавии иқлим ва кам боридани борон дар фасли тобистон зуд-зуд хокбориш рӯй медиҳад, ки дар ин ҳолат беморони дилу рагҳо, фишори хун ва роҳи нафас худро бад ҳис мекунанд. Ҳамчунин, хокбориш ба нашъунамои сабзавот ва сифати меваҷот низ таъсири манфӣ мерасонад.

Дар бораи сабабҳои тағйирёбии иқлим фикру ақидаҳои хеле гуногун ҷой мавҷуданд. Масалан, як гурӯҳи олимон зиёдшавии гази карбонатро дар ҳаво сабаби гармшавии иқлим меҳисобанд. Тарафдорони ин фарзия ақида доранд, ки дар натиҷаи сол то сол зиёд сӯхтани газ, нафту ангишт ихроҷи гази карбонат ба ҳаво зиёд мешавад ва бадин сабаб соле зиёда аз 20 млрд тонна оксиген нобуд шуда, ҳаҷми гази карбонат зиёд мешавад. Ба ақидаи гурӯҳи дигари олимон омилҳои маҳаллӣ метавонанд сабаби гармшавии иқлим гарданд. Масалан, аз соли 1912 то соли 2007 ҳаҷми пиряххои кӯҳи Килиманҷаро (Танзания) 85% кам шуда, чоряк ҳиссаи он ба давраи аз соли 2010 ба ин ҷониб рост меояд. Сабаби босуръат коҳиш ёфтани майдони пиряхии Килиманҷаро буридани ҷангалзор бо мақсади бунёди қаҳвазору бананзор мебошад. Дар натиҷаи буридани дарахтони сӯзанбарг намнокии ҳаво кам шуда, гармсел пиряххоро об намудааст.

Чунин ҳолатро дар мисоли баҳри Арал низ метавон мушоҳида кард, ки солҳои ҳокимияти Шӯравӣ бо мақсади гирифтани ҳосили зиёди пахта заминҳои асрҳо бекорхобидаи Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон ба майдони кишти пахта тадбил дода шуданд. Оби дарёҳои Амударё ва Сирдарё ба пахтазору шолизори ин ҷумҳуриҳо ҷорӣ шуда, то баҳри Арал намерасид. Дар натиҷа, чорумин кӯли калонтарини ҷаҳон ба хушкшавӣ сар кард. Соҳили баҳр аз шаҳри Муйнаки Ӯзбекистон 100 км қафо рафт. Яъне, масоҳати 100 км ба биёбони сӯзони пур аз таҳшини заҳрхимикату намакҳо табдил ёфт. Охири солҳои 80-уми асри XX сатҳи оби Арал кам гардида, баҳр ба ду қисмат: Арали хурд (шимол) ва Арали калон (ҷануб) ҷудо шуд. То соли 2007 ҳаҷми Арали калон аз 708 км3 то ба 75 км3 кам шуда, шӯрнокии об аз 14 то ба 100 г/литр расид. Ҳангоми вазидани тундбод миқдори зиёди чангу ғубор ва заррачаҳои намаки масоҳати холишудаи баҳри Арал ба фазо бархеста, ба сари як қисм сокинони Осиёи Марказӣ мерезад ва заррачаҳои намак боиси зуд об шудани пиряххои Тоҷикистону Қирғизистон мегарданд.

Яке аз роҳҳои мубориза ба ин хатари бузург ва мутобиқ намудани соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ ба тағйирёбии иқлим кам кардани партовҳои саноатию маишӣ, афзун намудани ҷангалзорҳо, гузариш ба манбаъҳои алтернативии энергия ва истеҳсолу истифодаи маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ба шумор меравад. Ба андешаи директори Маркази омӯзиш ва тадқиқи манбаъҳои барқароршавандаи энергияи Институти физикаю техникаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои техникӣ Қурбонҷон Кабутов, дар Тоҷикистон истифода бурдани энергияи офтобу шамол, дарёҳои хурд ва биогаз дурнамои хуб дорад. Мисол, истифодаи обгармкунаки офтобӣ дар шаҳру деҳот боиси сарфаи ҳезуму барқ мешавад. Аз поруи чорво ба ҷои таппак кардан метавон биогаз ҳосил кард, ки самараи он даҳчанд аст. Ва ё тавассути бунёди неругоҳҳои барқи обии хурд метавон чанд хонаводаро тамоми сол бо барқи арзону тоза таъмин кард.

Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ яке аз кишварҳои риоякунандаи принсипҳои «энергияи сабз» эътироф мешавад. Дар мавриди истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия Тоҷикистон дар ҷаҳон ҷойи шашумро ишғол менамояд ва аз рӯи захираҳои оби тозаи ошомиданӣ низ ҷойгоҳи пешсафро дорост.

Дар ҳудуди Тоҷикистон тақрибан 13 000 пирях ва 1 000 дарё мавҷуд аст, ки сарчашмаи ташаккули тақрибан 60 дарсади захираҳои оби Осиёи Марказӣ мебошанд.

Мавҷудияти ин захираҳо барои рушди «иқтисоди сабз» замина фароҳам меоваранд.

Истифодаи муштараки иқтидори бузурги гидроэнергетикии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки сатҳи таъминоти кишварҳои минтақа бо неруи барқ ба таври назаррас баланд гардад, хароҷоти истеҳсоли он коҳиш дода шавад, таҳдид ба муҳити зист ва ҳаҷми партобҳои гази карбон ба атмосфера кам карда шавад.

Мо барои ҳамкорӣ дар ин самт ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар истифодаи ин иқтидорҳо омода ҳастем.

Аз худ кардани беш аз 400 кони канданиҳои фоиданоки дар Тоҷикистон иктишофшуда барои рушди самарабахши саноати маъданҳои кӯҳӣ, металлургияи ранга ва истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ замина мебошанд. [5]

Марказ барномаи давлатии «Барномаи комплексии мақсаднок доир ба истифодабарии васеи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, ба монанди энергияи дарёҳои хурд, офтоб, шамол, биомасса, энергияи манбаъҳои зеризаминӣ барои солҳои 2007-2015»-ро иҷро карда, дар доираи он давоми солҳои 2009-2010 се лоиҳаро дар ноҳияҳои Ш.Шоҳин, Муъминобод ва Ховалинг амалӣ намуд.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо масоҳати 142,6 ҳазор км$^2$ дорои захираи бузурги барқароршавандаи энергия мебошад. Мувофиқи ҳисобҳои назарӣ иқтидори захираҳои алтернативии энергия дар Тоҷикистон: энергияи обӣ - 527 млрд кВт*ст/сол, энергияи офтобӣ - 3103 млрд кВт*ст/сол, энергияи биомасса - 2 млрд кВт*ст/сол, энергияи бод - 25-150 млрд кВт*ст/сол, энергияи геотермалӣ - 450 млрд кВт*ст/сол мебошад. Ҳатто қисман истифодабарии ин захираи бузурги энергетикӣ ҳама гуна фаъолиятҳои ба энергия эҳтиёҷдоштаи кишварро бо нерӯи барқ таъмин мекунад ва боқимондааш тавозуни энергетикию вазъи экологии минтақаи Осиёи Марказиро устувор мегардонад. Маҳз ин иқтидори бузурги энергетикиро ба назар гирифта, созмонҳои байналмилалии соҳавӣ нишон медиҳанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи истеҳсоли «энергияи сабз», яъне неруи аз ҷиҳати экологӣ тоза ба қатори шаш кишвари пешсафи сайёра шомил мебошад. Чунки дар кишвари мо истеҳсоли неруи барқ танҳо аз ҳисоби энергияи обӣ 98%-ро ташкил медиҳад. Тибқи маълумоти Бонки умумиҷаҳонӣ дар Тоҷикистон тайи солҳои 2011-2015 ба ҳисоби миёна 99,56% неруи барқ аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия истеҳсол шудааст.

Ҳамин тавр, истифодаи васеи манбаъҳои таҷдидшавандаи «энергияи сабз» ба рушди иҷтимоиву иқтисодии тамоми кишварҳо ва ташаккули «иқтисоди сабз» дар онҳо мусоидат менамояд. Ҳамчунин, истифодаи босамари партовҳои истеҳсолӣ ва экологикунонии ҷараёни истеҳсолот низ яке аз самтҳои амалисозии «иқтисоди сабз» маҳсуб ёфта, дар якҷоягӣ бо мутобиқ намудани соҳаҳои

фаъолият ба тағйирёбии иқлим барои рушди устувор заминаи бунёдию шароити мусоидро таъмин менамояд.

**Адабиёт:**


1. Суханронӣ дар вохӯрӣ бо роҳбарон ва кормандони муҳандисиву техникии неругоҳи барқи обии «Роғун» 10.05.2017, www. president.tj
2. Суханронӣ дар мулоқот бо бунёдкорони неругоҳи барқи обии Роғун 14.10.2020, www. president.tj
3. Суханронӣ дар маросими иваз кардани маҷрои дарёи Вахш, 29.10.2016
4. Суханронӣ дар 40-умин ҷаласаи Конфронси Генералии ЮНЕСКО дар масъалаҳои вобаста ба тағйирёбии иқлим 12.11.2019 www. president.tj
5. Суханронӣ дар мизи мудаввар дар доираи Форуми дуюми байналмилалии «Як камарбанд, як роҳ» 27.04.2019 www. president.tj
6. Номвар Қурбонов. Табиатшинос. https://ravshanfikr
7. Баромади Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон дар Конференсияи СММ «Рио+20» оид ба рушди устувор дар Рио-де-Жанейро (Бразилия)//http://www.news.tj/ (санаи мурочиат 31.01.2019)
8. Кучеров А.В., Шибилева О.В. Концепция зеленой экономики: основные положения и перспективы развития //Ежемесячный научный журнал «Молодой учёный». -126с.


## ГИДРОЭЛЕКТРОСТАНЦИЯ РОГУН ДЕЛАЕТ ВОЗМОЖНОСТЬ ПЕРЕХОДА В «ЗЕЛЕНУЮ ЭКОНОМИКУ»


**ХУРРАМЗОДА МУМИНШО ХУРРАМ,**
соискатель кафедри политологии и связей с общественностью
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан
Душанбе, ул. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 111-10-41-43; E-mail: amvol2017@mail.ru



*В своей статье автор объясняет важные аспекты Рогунской ГЭС с точки зрения преимуществ зеленой экономики. В частности, он рассмотрел Рогунскую ГЭС как стратегический объект страны и ее важность для будущего развития всех секторов национальной экономики, обеспечение одной из стратегических целей страны - достижение энергетической независимости Республики Таджикистан. Еще одна надежная цель Рогунской ГЭС - обеспечить, чтобы вырабатываемая ею электроэнергия была экологически чистой и не наносила вреда окружающей среде. В будущем это создаст надежную экономическую и научную основу для обеспечения «зеленой энергии» и развития «зеленой экономики»*

*Таким образом, одним из основных принципов зеленой экономики является превосходство потребительской ценности и качества, которое нацелено на конечного потребителя и улучшение окружающей среды. В «зеленой» экономике недопустимы неэффективные и расточительные методы организации какого-либо сектора экономики. Согласно этой концепции, в природе нет отходов, конец одного процесса или процесса является началом других процессов. То есть это означает, что отходы нулевые.*

*В этой статье цитируются мнения ученых, исследователей, политиков и экономистов о преимуществах Рогунской ГЭС, которая является основой зеленой энергетики и зеленой экономики, и четко определены цели и перспективы исследований по этой теме. Изучаются и анализируются альтернативные ресурсы и другие неиспользованные возможности Республики Таджикистан в связи с развитием экономики страны и, на этой основе, существующие проблемы изменения климата, которые иногда приводят к заболеваниям. Очевидно, что текущая проблема - это проблема не определенной отрасли науки, а различных междисциплинарных вопросов, поскольку изменение климата оказывает значительное негативное влияние не только на сокращение ледников, сельское хозяйство и экономику, но и на здоровье человека. плохое самочувствие крови и дыхательных путей. Почва также отрицательно влияет на рост овощей и качество фруктов.*

***Ключевые слова**: зеленая экономика, зеленая энергетика, глобализация и индустриализация, глобальные проблемы, альтернативная энергетика, истощение природных ресурсов, экологически чистая энергия, экологический кризис, энергетическая независимость, парниковые газы.*

## ROGUN HYDROELECTRIC POWER PLANT MAKES IT POSSIBLE TO TRANSFER TO THE "GREEN ECONOMY"

**KHURRAMZODA MUMINSHO KHURRAM,**
unvonchu of Political Science and Public Relations of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan
Dushanbe, st. Said Nosir, 33.
Тел.: (+992) 111-10-41-43; E-mail: amvol2017@mail.ru

*In his article, the author explains the important aspects of the Rogun Hydropower Plant in terms of the benefits of a green economy. In particular, he considered the Rogun hydropower plant as a strategic object of the country and its importance for the future development of all sectors of the national economy. Ensuring one of the strategic goals of the country - achieving energy independence in the Republic of Tajikistan. has. Another reliable goal of the Rogun hydropower plant is to ensure that the electricity generated by it is environmentally friendly and does not harm the environment. In the future, it will create a reliable economic and scientific basis for the provision of "green energy" and the development of a "green economy".*

*Takim obrazom, odnim osnovnых prinцipov zelenoj ekonomiki javljaetsja prevosxodstvo potreвitelьskoj цennosti kacestva, kotoroe naцeleno konecnogo potreвitelja ulucşenie okruƶajuщej sredы. В zelenoj ekonomike nedopustimы neeffektivnыe rastocitelьnыe metodы organizations kakogo-liвo sektora ekonomiki. Soglasno etoj konцerцii prirode net otxodov, koneц odnogo proцessa or proцessa javljaetsja nacalom drugix proцessov. Estь eto oznacaet, cto otxodы nulevыe.*

*This article cites the views of scientists, researchers, politicians and economists on the benefits of the Rogun Hydropower Plant, which is the foundation of green energy and the green economy, and clearly defines the purpose and prospects of research on the subject. Alternative resources and other untapped opportunities of the Republic of Tajikistan in*

*connection with the development of the country's economy and on this basis the existing problems of climate change, which sometimes lead to diseases, are studied and analyzed.*

*It is obvious that the current problem is not a problem of a certain branch of science, but of various interdisciplinary issues, as climate change has a significant negative impact not only on the reduction of glaciers, agriculture and economic, but also on human health.*

*blood and airways feel bad. Soil also has a negative effect on vegetable growth and fruit quality.*

***Key words:*** *green economy, green energy, globalization and industrialization, global problems, alternative energy, depletion of natural resources, environmentally friendly energy, environmental crisis, energy independence, greenhouse gases.*

УДК: 340.1

# СУБЪЕКТИВНЫЙ СОСТАВ ДОГОВОРА ПОРУЧИТЕЛЬСТВА

**ОДИНАЕВА НИЛУФАР МУХАМАДИЕВНА,**
преподаватель кафедры предпринимательского права
Российско – Таджикского (славянского) университета
734025, Республика Таджикистана, г. Душанбе, ул. М. Турсунзаде 30
Тел.: (+992 37) 223-04-60; E-mail: nilufar.odinaeva93@gmail.com

*В статье рассматриваются некоторые существенные проблемы субъективного состава договора поручительства с точки зрения теории гражданского права и судебной практики. Делается вывод относительно обязательного участия должника при заключении договора поручительства, как важнейшего условия данного договора. По мнению автора основная проблема учения о поручительстве проявляется уже в определении действия, которое должен совершить поручитель. Как следствие, противоречиво квалифицируются последствия исполнения поручителем соответствующей обязанности.*

***Ключевые слова:*** *поручительство, договор поручительства, субъекты, должник, кредитор, гражданское законодательство, судебная практика.*

Субъектами договора поручительства традиционно являются лицо, выступающее в качестве кредитора по основному обязательству (активная, управомоченная сторона), и поручитель (пассивная, обязанная сторона). Должник по основному обязательству не участвует в правоотношениях поручительства. Гражданское законодательство отводит особую роль должника для заключения договора поручительства. По этому поводу существуют разные точки зрения. Некоторые авторы высказывали мнения о том, что с юридической позиции в договоре поручительства нет места для участия в нем главного должника, по крайней мере, участия непосредственного и прямого, оно может быть лишь косвенным, посредственным, предшествуя самому установлению поручительства.

О.С. Иоффе кратко, но достаточно четко описал роль должника в возникновении правоотношения поручительства. По его мнению, роль должника заключается в том, что он: «подготавливает заключение этого договора, подыскивает поручителя и получает его согласие на поручительство, но участником договора не становится, ибо и без того несет обязанность по уплате долга как субъект основного обязательства» [1. с. 178].

Существуют противоречивые взгляды других цивилистов, например И.М. Тютрюмов указывает, что «…можно принять на себя поручительство и без предложения со стороны того, за кого поручительство дается, и даже без его ведома» [2. с.79-80]. Современные банковско-кредитные отношения полностью противоречат данному вышеприведенному утверждению. Гражданско-имущественные отношения строятся на диспозитивных началах, а согласие является юридическим гарантом исполнения обязательства по договору поручительства. Как утверждает Г.Ф. Шершеневич «Поручительство основывается на договоре, заключаемом по обоюдному соглашению... между поручителем и кредитором, даже без участия должника, так как на его положение поручительство не оказывает влияния» [3, с. 4].

Отношения между кредитором и должником регулируются кредитным договором. Согласно договору поручительства, поручитель обязуется перед кредитором отвечать за исполнение должником своего обязательства полностью или в части (ст. 392 ГК РТ).

Соответственно предоставление поручительства без согласия должника не влияет как на действительность договора поручительства, так и по общему правилу на отношения между должником и поручителем. Однако, анализ судебной практики показывает, что иногда такое поручительство без согласия должника устанавливается во вред должнику, с целью ущемить его права и создать дополнительные преимущества для кредитора.

Противодействие таким ситуациям и было выработано ВАС РФ в Постановлении Пленума о поручительстве.

Во-первых, высшая судебная инстанция предписывает анализировать поведение поручителя с точки зрения добросовестности и выявлять случаи злоупотребления правом. Последствием будет отказ в защите права обратного требования поручителя к должнику. Это означает, что суд может признать несостоявшимся переход прав к исполнившему поручителю.

Во-вторых, для типичных случаев недобросовестных действий поручителя и кредитора в Постановлении Пленума о поручительстве установлены специальные правила, касающиеся противодействия манипулированию с подсудностью и заключению поручительства с целью обойти договорный запрет на уступку.

Таким образом, судебная практика, которая в настоящее время основывается прежде всего на буквальном толковании законодательства, отражает мнение, что нет необходимости обязательного включения в договор поручительства, наряду с традиционными кредитором и поручителем, еще и должника.

В юридической литературе принято выделять три варианта отношений покрытия, которые складываются между должником и поручителем. Так, «первый вариант имеет в своей основе обязательственную связь поручителя и должника, второй - корпоративную связь между ними, а третий вариант связан с отношениями, которые лежат вне хозяйственной сферы и не регулируются правом» [4, с. 160], здесь, например, можно говорить о дружбе.

Зарубежные страны выработали и применяют на практике подходы, при которых поручителю в такого рода поручительстве предоставляется защита, то есть учитываются отношения покрытия. При этом, законодательные решения европейских правопорядков по вопросу регулирования поручительства различны. Так, например, ряд стран (Дания, Греция, Эстония) выделяют профессиональное и непрофессиональное поручительство, интересным представляется подход, при котором действие потребительского законодательства распространяется на непрофессиональных поручителей (Франция, Австрия). Основаниями для признания недействительности договора поручительства могут являться как заблуждение относительно природы договора, так и неисполнение кредитором информационных обязанностей, нарушение прав потребителя, семейных или конституционных прав [5, с. 87].

Правила, которые устанавливают специальную защиту поручителя- потребителя, предусмотрены в Проекте общей системы координат европейского частного права. Они защищают поручителей - физических лиц, которые заключают договор

поручительства для целей, не связанных с профессиональной предпринимательской деятельностью, то есть являются потребителями.

Современное гражданское законодательство такого подхода не разделяет. Это подтверждается имеющейся судебной практикой. Однако, представляется, что полностью отвергать значение отпадения отношений покрытия для развития и функционирования института поручительства нельзя, так как это будет вступать в противоречие с экономической идеей обеспечения одним лицом обязательств другого лица.

Если же на стороне кредитора выступает профессиональный участник предпринимательской деятельности, а поручителем является физическое лицо то, думается, необходимо исследовать отношения покрытия и перекладывать риски оспаривания договора по причине выдачи поручительства вследствие ненадлежащего мотива, на кредитора. В данном случае проявляется судебный контроль за справедливостью договорных условий и защита слабой стороны договора.

Таким образом, из анализа судебной практики следует, что суды не рассматривают возможность применения к отношениям поручителя и кредитора норм закона «О защите прав потребителей». Обоснованием такой правовой позиции, как правило, является толкование определения термина «потребитель». Суды приходят к выводу о том, что «отношения между банком и поручителем не могут оцениваться как действия, направленные на получение поручителем услуги для удовлетворения личных, семейных, домашних и иных нужд гражданина соответственно, и, следовательно, к этим отношениям не могут применяться положения Закона «О защите прав потребителей» [6.].

В качестве универсального способа контроля за справедливостью договорных условий следует рассматривать ст. 10 ГК РФ, которая не допускает осуществления гражданских прав исключительно с намерением причинить вред другому лицу, действия в обход закона с противоправной целью, а также иного заведомо недобросовестного осуществления гражданских прав.

Широко распространены случаи, когда поручители ссылаются на заблуждение при заключении договора. Анализ судебной практики показывает, что в большинстве случаев заявления поручителей о заблуждении при заключении сделки отвергаются судами по причине недоказанности.

Рассматривая субъектный состав правоотношения, которое возникает из договора поручительства, возникает вопрос о том, кто может являться поручителем? Гражданское законодательство не содержит специальных требований, которые бы предъявлялись к лицу, выступающему в качестве поручителя. Из этого следует, что «способность вступать в правоотношения по договору поручительства связывается законодателем с наступлением общегражданской дееспособности у граждан и с возникновением правоспособности для юридических лиц».

Дееспособный поручитель осознает, что не исключается вероятность возможных имущественных претерпеваний в случае неисполнения (ненадлежащего) исполнения обязательства должником. Представляется, что у поручителя должна быть и психологическая готовность к возможному наступлению для него неблагоприятных последствий, и финансовые возможности лишиться имущества в случае наступления определенных юридических фактов, таких как неисполнение или ненадлежащее исполнение обязательств должником перед кредитором.

Профессор Д.М. Генкин указывал на то обстоятельство, что «должник является ответственным за неисполнение обязательства, если будет признано, что исполнение было невозможно уже в момент заключения договора, и должник знал об этом обстоятельстве, но умолчал о нем и вступил в обязательство» [7, с. 110].

Рассматривая субъектный состав договора поручительства, следует отметить, что помимо физических лиц на стороне поручителя может находиться и юридическое лицо.

В настоящее время судебная практика исходит из того, что первоначальная невозможность исполнения договора поручительства ввиду отсутствия у поручителя материально-финансовых средств, не влияет на его действительность.

Таким образом, можно сделать вывод о том, что проблема данного договора заключается в возможности поручителя взять на себя ответственность и полноценно претерпеть имущественные последствия. Ведь назначение договора поручительства - обеспечить надлежащее удовлетворение интересов кредитора, что возможно лишь в случае, если поручитель будет финансово сильнее должника, или его материальное положение будет эквивалентно должнику.

Нормы материального права не ставят возможность заключения договора поручительства в зависимость от платежеспособности поручителя либо наличия у него имущества, достаточного для исполнения такого обязательства. Это не может быть основанием для признания договора поручительства недействительным. Кроме того, действующим законодательством не предусмотрена обязанность кредитора проверять финансовое положение (платежеспособность) поручителя и его возможность отвечать по обязательствам заемщика. В соответствии с действующим законодательством для действительности договора поручительства не имеет значения финансовое положение поручителя и даже изначальное отсутствие возможности исполнить обязательство, поскольку законом возможность принятия тем или иным лицом на себя поручительства не поставлена в зависимость от указанных обстоятельств. Это обстоятельство подтверждается имеющейся судебной практикой.

Суды исходят из того, что при заключении договора поручительства поручитель принимает на себя обязательства по погашению задолженности другого лица перед основным кредитором, тем самым принимает на себя риск невозврата денежных средств от должника.

Примером является постановление Третьего арбитражного апелляционного суда который указал, что в силу положений статьи 421 Гражданского кодекса Российской Федерации граждане и юридические лица свободны в заключении договора, его условия определяются по усмотрению сторон. Заключая договор поручительства, поручитель действует на свой страх и риск, и, поскольку поручительство выдается добровольно, с учетом принципа свободы договора, именно на поручителе лежит обязанность оценки степени риска заключения договора поручительства. Данный вывод соответствует правовой позиции, изложенной в Определении Верховного Суда Российской Федерации [8].

В юридической литературе есть точка зрения о том, что возможность выступать поручителем должна быть предусмотрена только для тех юридических лиц, в учредительных документах которых такая возможность прямо установлена. Такой вывод обосновывается тем, что «правоспособность юридического лица по российскому законодательству носит специальный характер: юридическим лицам разрешается приобретать только такие права и нести только такие обязанности, которые

соответствуют целям их деятельности. Поскольку принятие обязанности поручителя не может соответствовать цели какой-либо деятельности, следует признать, что юридические лица могут поручаться за кого-либо только в случае, если такая возможность предусмотрена в их учредительных документах».

Представляется, что данная позиция не является обоснованной, так как поручительство не рассматривается действующим гражданским законодательством в качестве определенного вида деятельности, а является одним из способов обеспечения исполнения обязательств, следовательно, утверждать, что поручителями могут являться исключительно юридические лица, в учредительных документах которых такая возможность прямо закреплена, не имеет под собой достаточных правовых оснований.

Следовательно, субъективный состав договора поручительства зависит от объёма и статуса имущества гражданского оборота и срока исполнения обязательства. Согласия поручителя и обязательное участие должника при заключении договора поручительства уменьшает риск судебного разбирательства и надлежащего исполнения обязательства со страны должника.

**Литература:**

1. Гражданский кодекс Республики Таджикистан от 30 июня 1999 г., № 802. Ч. 1 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. - 1999. - №6. - Ст. 153; 2001. - № 7. - Ст. 508; 2002. - №4, ч. 1. - Ст. 170; 2005. - №3. - Ст. 125; 2006. - №4. - Ст. 193; 2007. - №5. - Ст. 356; 2010. - №3. - Ст.156; 2010. - №12. - Ст.802.

2. Определение Верховного Суда РФ от 24.11.2015 N 89-КГ15-13 [Электронный ресурс] // КонсультантПлюс: справ. правовая система. Версия Проф. М., 2017. Доступ из локальной сети Науч. б-ки Том. гос. ун-та.

3. Бевзенко Р.С. Новеллы судебной практики в сфере поручительства. Комментарий к Постановлению Пленума ВАС РФ от 12.07.2012 г. № 42 «О некоторых вопросах разрешения споров, связанных с поручительством» [Электронный ресурс] // КонсультантПлюс : справ. правовая система. - Версия Проф. - Электрон. дан. - М., 2017. - Доступ из локальной сети Науч. б-ки Том. гос. ун-та.

4. Генкин, Д.М. К вопросу о влиянии на обязательтсво невозможности исполнения // Статьи по гражданскому и торговому праву : [сборник]. М., 1915. С.110.

5. Иоффе О.С. Избранные труды. Обязательственное право. Т. 3. СПб., 2004. С. 221

6. Ламова М.В. Поручитель, требующий защиты как потребитель: европейский взгляд на проблему [Электронный ресурс] // Вестник ВАС РФ. 2014. N 7. Электрон. версия печат. публ. Доступ из справ. правовой системы «КонсультантПлюс».

7. Апелляционное определение Забайкальского краевого суда от 30.10.2012 по делу N 33-3501-2012 [Электронный ресурс]; Кассационное определение Верховного суда Республики Бурятия от 23.01.2012 по делу N 33-208 [Электронный ресурс] // КонсультантПлюс: справ. правовая система. Версия Проф. М., 2017. Доступ из локальной сети Науч. б-ки Том. гос. ун-та.

8. Петрова Н.Ф. Участие должника в договоре поручительства [Электронный ресурс] // Журнал российского права. - 2009. - № 4 (148). - С. 67-71. - Электрон. версия печат. публ. - Доступ из науч. электрон. б-ки «eLIBRARY.RU».

9. Тютрюмов И.М. Законы гражданские с разъяснениями Правительствующего Сената и комментариями русских юристов. Кн. четвертая М., 2004. С. 79-80.

# ТАРКИБИ СУБЪЕКТИВИИ ШАРТНОМАИ КАФИЛ

**ОДИНАЕВА НИЛУФАР МУҲАММАДИЕВНА**
муаллимаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкории
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. М. Турсунзаде 30
Тел.: (+992 37) 223-04-60; E-mail: nilufar.odinaeva93@gmail.com

*Дар мақолаи мазкур яке аз масъалаҳои назаррасӣ ҳуқуқи граждани̅, яъне ҳайати субъектонӣ шартномаи кафил, аз нуқтаи нигоҳи назария ҳуқуқи гражаднӣ ва таҷрибаи судӣ, баррасӣ шудааст. Хулоса барори карда шудааст, ки дар вақти бастани шартномаи зомӣ қарздор ҳатман бояд ҳузур дошта бошад, ки ин яке аз шартҳои бастани шартнома ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи муаллиф мушкили асосии таълимот дар бори зомӣ дар он ифода меёбад, ки кадом амалҳоро бояд иҷро кард зомӣ ва дар натиҷа амалҳои зомӣ ба таври номуайян бандубаст кард мешавад, ки дар натиҷа мушкилиҳои амалиро ба миён меоварад.*

***Калидвожаҳо:*** *кафил, шартномаи кафил, субъектон, қарздор, кредитор, қонунгузории гражданӣ, таҷрибаи судӣ.*

# SUBJECTIVE COMPOSITION OF THE SURETY AGREEMENT

**ODINAEVA NILUFAR MUKHAMADIEVNA,**
Lecturer at the Department of Entrepreneural Law of
Russian - Tajik (Slavonic) University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 30, M. Tursunzade str.
Phone: (+992 37) 223-04-60; E-mail: nilufar.odinaeva93@gmail.com

*The article examines some significant problems of the subjective composition of the surety agreement from the point of view of the theory of civil law and judicial practice. There is made conclusion regarding the obligatory participation of the debtor during concluding a surety agreement, as the most important conditions of this agreement. According to the author, the main problem of the doctrine of surety is apper already in the determination of the action that the guarantor must perform. As a result, the consequences of the performance of the corresponding obligation by the guarantor are considered contradictory.*

***Key words:*** *sureties, surety agreement, subjects, debtor, creditor, civil legislation, judicial practice.*

УДК: 341.1

# НАҚШИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ВОБАСТА БА ОБ ДАР ҶАҲОН

**НОСИРЗОДА МУҲАММАДИ БЕГИҶОН,**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Саид Носир, 33.
Тел: (+992)918-20-19-91; E-mail: nexus-tj91@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур нақш ва мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои вобаста ба оби сайёра матраҳ гардидааст. Муайян гардид,ки ташаббусҳои созандаи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ пазироӣ гардида, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари пешкор дар ҳалли масъалаҳои обии ҷаҳон шинохта шудааст. Ин буд, ки чор ташаббус ва пешниҳоди Тоҷикистон вобаста ба масъалаҳои об аз ҷониби созмони бонуфузи сатҳи байналмилалӣ эътироф гардида, Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун кишвари инсондӯсту ташаббускор ва дорандаи захираҳои бойи обӣ дар минтақа муайян сохт, ки мақоми кишвари моро дар арсаи ҷаҳон мустаҳкам намуд.*

***Калидвожаҳо:*** *об, сарчашмаҳои обӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, мавқеъ ва нақши Тоҷикистон, Созмони Милали Муттаҳид, созишнома, қатъънома, форуми байналмилалӣ,оби тозаи ошомиданӣ, даҳсола, захираҳои обӣ, асосҳои ҳуқуқӣ, ҳадафҳои созанда.*

Тағйирёбии босуръати иқлим имрӯз ҷомеаи ҷаҳониро дучори як қатор мушкилот намудааст, ки муҳимтарини онҳо, гармшавии аз ҳад зиёд буда, ба обшавии пряххо, хушкшавии дарёҳо ва умуман коҳиш ёфтани захираҳои обӣ оварда расонида истодааст. Ғайр аз ин, бояд қайд намуд, ки гуногунии сатҳи замин ва нобаробар ҷойгиршавии сарватҳои табиӣ дар он имкон намедиҳад, ки то об ҳамчун як сарвати муҳими табиӣ дастраси ҳамагон гардад. Ин раванд дар самти нигоҳдории захираҳои обӣ ва таъмини аҳолии ҷаҳон бо оби тозаи ошомиданӣ мушкилотҳоеро пеш овардааст, ки ҳалли онҳо аллакай хусусияти универсиалиро ба худ касб намуда, дар алоҳидагӣ бартараф намудани он кори як давлат буда наметавонад. Маҳз баҳри амалинамоии ин масъала Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як давлати инсондӯсту ташаббускор ва соҳибихтиёру иҷтимоӣ дипломатия ва муносибати ҳамгироӣ ва судманди худро доир ба бартарафнамоӣ ва посдории захираҳои обӣ сафарбар намуд, ки дастовардҳои беназиреро то ҳол барои ҷомеаи ҷаҳонӣ ба бор оварда истодааст.

Воқеан ҳам об ин манбаи нахустин ва сарчашмаи ногузири қонеъ гардонидани талаботи асосии инсон, пеш аз ҳама барои ҳифзи саломатӣ, таъминоти ғизои безарар, тозагӣ ва нигоҳ доштани экосистемаҳо дар сайёраи олам мебошад ва он манбаи ҳаёт ва сарчашмаи асосии рушди устувор ба шумор меравад. Бинобар ин, зарур аст, ки об ҳамчун манбаи ҳаёти инсон ва истифодаи захираҳои об ҳамчун омили муҳимтарини рушди устувори иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор гирад ва дар чорчӯбаи ниёзҳои мавҷуда ва воқеияти имрӯзаи иҷтимоиву иқтисодӣ мавриди кору ибтикори ҳар як мамлакат қарор дода шавад.

Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, яъне дар заминаи бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ кишвари мо ба созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ аъзо гардид ва дар баробари дигар давлатҳои

пешрафтаи ҷаҳон ибтикороти наҷиберо роҳандозӣ намуд ва онҳо аз ҷониби кулли кишварҳои ҷаҳон ба некӣ пазируфта шуданд. Айни замон яке аз созмонҳои бонуфузи сатҳи байналмилалӣ, ки дар доираи он масъалаҳои муҳими умумибашарӣ баррасӣ ва ҳаллу фасл мегарданд ин Созмони Милали Муттаҳид ба шумор меравад, ки ҷумҳурии мо аз соли 1992 узви вобастаи он мебошад ва дар ҳалли масъалаҳои байналмилалӣ дар самти захираҳои обӣ нақши аввалиндараҷаро мебозад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чандин маротиба аз минбарҳои баланди ин созмони бонуфуз иқдомҳои наҷиберо пешниҳод намудааст, ки онҳо бо тарафдории аксарияти давлатҳои аъзои созмон пазирой гардидаанд.

Аз тарафи дигар, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо роҳбарии Асосгузору сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин баланд бардоштани мавқеи кишвари мо дар арсаи байналмилалӣ ва ташаббусу пешниҳодҳо ҷиҳати баррасӣ ва ҳалли мушкилоти байналмилалӣ ташкил медиҳад. Аз ҷумлаи чунин мушкилоти байналмилалӣ, ки имрӯз ба яке аз масъалаҳои ҷаҳонӣ табдил ёфтаасту боиси нигаронии ҷомеаи байналмилалӣ гардидааст, ин масъалаи таъмин намудани аҳолии курраи замин бо оби тоза аст. Ташаббусҳои Пешвои миллат дар ин самт маҳз баҳри беҳдошти сифати оби нӯшокӣ ва вусъат бахшидан ба ҳамкории байналмилалӣ оид ба масъалаи таъмини аҳолии замин бо оби тоза мебошад [4].

Бояд зикр намуд, ки нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои вобаста ба захираҳои оби сайёра бевосита дар шакли ташаббускорӣ ба роҳ монда шудааст. Нахустин ташаббуси Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ доир ба масъалаи об ин эълон гардидани соли 2003 «Соли байналмилалии оби тоза» мебошад, ки моҳи октябри соли 1999 дар иҷлосияи 54 СММ пешниҳод карда шуда, аз ҷониби 148 давлати ҷаҳон дастгирӣ ёфт, ки ин нахустин иқдоми асри нав дар соҳаи об ба ҳисоб мерафт. Натиҷаи асосии ин ташаббус ба он равона гардида буд, то ки аҳолии ҷаҳон бо оби тозаи ошомиданӣ дастрасӣ пайдо намоянд. Бо ҳамин мақсад, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2003 дар Форуми байналмилалии кушодашавии соли оби тоза суханронӣ карда, аз ҷумла изҳор намуданд, ки «мақсади оби тоза эълон кардани соли 2003 ин дастрасгардонии аҳолии ҷаҳон бо оби тозаи ошомиданӣ мебошад, аммо дар тули як сол расидан ба ин ҳадаф ғайриимкон аст» [10].

Баъдан, роҳбари кишвар пешниҳод намуданд, ки аз соли 2005 то соли 2015 «Даҳсолаи байналмилалии оби тоза» эълон карда шавад. Даҳсолаи мазкур баҳри он ҳадаф сафарбар карда шуда буд, ки то соли 2015 сатҳи нафароне, ки ба оби тозаи ошомиданӣ дастрасӣ надоранд, бояд ду баробар коҳиш дода мешуданд. Ҳамин тавр, ташаббуси нави роҳбари кишвар аз ҷониби СММ пазируфта шуда, аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ низ дастгирӣ ёфт.

Баҳри татбиқи ин даҳсола Ҳукумати Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо СММ якчанд чорабиниҳои байналмилалиро дар шаҳри Душанбе баргузор намуданд. Ба монанди Конфронсҳои гуногуни байналмилалии сатҳи баланд вобаста ба татбиқи даҳсолаи мазкур, аз ҷумла солҳои 2010, 2013 ва 2015. Ҳамаи ин конфронсҳо, махсусан конфронси соли 2015 ба масъалаи натиҷагирӣ аз татбиқи даҳсола нигаронида шуда буд, ки фаъолият дар самти амлинамоии ҳадафҳои даҳсола муваффақиятҳои назаррас ва дастовардҳои мусбиро ба бор овард.

Бояд қайд намуд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста дар баромадҳои худ, чӣ дар дохил ва чӣ дар хориҷи кишвар ҷомеаи байналмилалиро ба

муҳокимаи созандаи масъалаҳои об даъват менамояд ва дар ин раванд муттаҳид гардонидани ҳадафҳои созандаи давлатҳои узви ҷомеаи байналмилалиро баҳри расидан ба яке аз ҳадафҳои рушди устувор дар самти татбиқи сиёсати обии сайёра муҳим мешуморад.

Ҳамчунин, талошҳои собитқадамонаи Тоҷикистон сабаб гардид, ки Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид соли 2013-ро Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об эълон намуд.

Дар ҳамин замина бояд қайд намуд, ки масъалаҳои беҳтар намудани сифати оби ошомиданӣ, самаранокии истифодаи захираҳои об ва ба роҳ мондани мудирияти ҳамгироёнаи онҳо, ҳамчунин ҳифзи низоми экологии об ва дигар масъалаҳои марбут ба об имрӯз ба Рӯзномаи нави ҷаҳонии рушд ворид гардидаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои зиёди меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба об қабул шудааст, ки ҳадафи асосии онҳо самаранок ва мақсаднок истифода бурдани захираҳои обӣ ва ҳифзи объектҳои обӣ махсуб меёбад [8, с.78].

Ташаббус ва иқдоми наҷибе, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро кишвари пешкор дар ҳалли масъалаҳои об муаррифии амиқ кард, ин пешниҳоди чоруми роҳбари кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Форуми 7-ум дар Ҷумҳурии Корея бо баёни мушкилотҳои ҷойдошта ва таҷрибаи баланди корӣ дар соҳаи об даҳсолаи нав «Даҳсолаи байналмилалии амал об барои рушди устувор, солҳои 2018- 2028» мебошад, ки аз ҷониби 177 кишвар дастгирӣ ёфт.

Баъдан 21 декабри соли 2016 зимни ҷаласаи пленарии Маҷмаи Умумии СММ қатънома таҳти унвони «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028, ки бо ташаббуси Тоҷикистон ва ҳаммуаллифии 177 кишвари аъзои СММ дар Кумитаи дуюми Маҷмаи Умумии СММ пешбарӣ шуда буд, тасдиқ гардид.

Мутобиқи қатъномаи қабулшуда, Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» рӯзи 22 марти соли 2018 (Рӯзи байналмилалии захираҳои об) оғоз ёфта, 22 марти соли 2028 ба анҷом мерасад. Даҳсолаи мазкур дар рушди устувор ва мудирияти ҳамгироёнаи захираҳои об, татбиқ ва пешбарии лоиҳаҳо ва барномаҳо дар соҳаи об, таҳкими ҳамкорӣ ва ширкат ҷиҳати татбиқи аҳдофи рушди устувори марбут ба захираҳои об мусоидат намуда, масъалаҳои таҳкими самаранокии истифодаи захираҳои об, ғизо, энергия ва муҳити зистро фаро мегирад.

Бояд тазаккур дод, ки барои иҷрои муваффақонаи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» моҳи январи соли 2016 механизми нав – Панели сатҳи баланд доир ба масъалаҳои об таъсис ёфт, ки Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси поягузори ҳама ташаббусу иқдомҳои байналмилалӣ дар соҳаи об ба узвияти он пазируфта шуданд. Панели сатҳи баланд доир ба масъалаҳои об бо ташаббуси Муншии умумии СММ ва Президенти Бонки ҷаҳонӣ таъсис шуда, танҳо 11 нафар сарони Ҳукумат ва кишварҳо аъзои он мебошанд. Дар доираи ин Панел тамоми масъалаҳои марбут ба об дар сатҳи байналмилалӣ мавриди баррасӣ ва пайгирӣ қарор мегиранд [2].

Қобили зикр аст, ки баҳри татбиқи даҳсолаи болозикр ва ҳадафу вазифаҳои он, доир намудани конференсияҳои байналмилалии сатҳи баланд дар ҳар дусола ба нақша гирифта шудааст. Дар оғози даҳсолаи мазкур яке аз чунин конференсияҳои сатҳи баланд санаи 20-22 июни соли 2018 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (шаҳри Душанбе) доир карда шуд, ки дар он намояндагони мухталифи ташкилотҳои милливу байналмилалӣ ва давлатҳои мутараққии ҷаҳон ширкат варзиданд.

Барои тақвият бахшидан ба ин раванд ва нигоҳ доштани сатҳу эътибори кишвар дар арсаи байналмилалӣ Ҳукумати Тоҷикистон, сохторҳои давлатӣ, аз ҷумла, Вазорати корҳои хориҷӣ, Вазорати энергетика ва захираҳои об, намояндагиҳои ҶТ дар созмонҳои умумиҷаҳонӣ ва минтақавӣ, ҳамчунин дипломатҳои кишварро мебояд бо ҳисси ифтихор ва масъулият ҷиҳати ҷалби бештар ва фарогири ҷомеаи ҷаҳонӣ ба зарурати татбиқи ибтикороти глобалии Тоҷикистон саъю талош варзанд. Кишвари мо тайи Даҳсолаи гузашта якчанд ҳамоиши байналмилалиро бо иштироки кишварҳои узви СММ, намояндагони созмонҳои байналмилалӣ, ниҳодҳои ҷаҳонии молиявӣ, аҳли илму адаб аз тамоми гӯшаҳои олам мизбонӣ кардааст. Дар сатҳи миллӣ низ чунин чорабиниҳо баргузор гардиданд ва баҳри татбиқи даҳсолаи нав низ ба роҳ монда мешаванд [5].

Дар маҷмӯъ, бояд қайд намуд, ки ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бобати бартарафнамоии мушкилоти об ва посдории захираҳои обӣ беназир буда, ҷомеаи ҷаҳониро ба натиҷаҳои дилхоҳ оварда расонида истодааст.

Аз ҷониби дигар қайд мебояд кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми ҷанубию шарқии Осиёи Марказӣ ҷойгир буда, тахминан 93% қаламрави онро кӯҳсор ташкил дода, дорои захираҳои бузурги оби ошомиданӣ мебошад. Тоҷикистонро зиёда аз 600 сарчашмаи дарёҳо ва обҳои муваққатӣ фарогиранд. Тоҷикистон дар ҳавзаи дарёҳои Амӯ ва Сир ҷойгир буда, тахминан 55,4% обҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар қаламрави он ташкил мешаванд. Тоҷикистон дорои захираҳои бойи гидроэнергетикӣ буда, ҳаҷми он тахминан 527- 600 млрд. кВ/с.-ро дар як сол ташкил медиҳад. Аммо масъалаи истифода ва муҳофизати об дар кишвар муҳиму баҳсталаб буда, ба ҳалли одилона ниёз дорад [3].

Муносибати ғайриоқилона ба табиат, рушди соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ, сол аз сол зиёд гардидани шумораи аҳолӣ, тағйирёбии иқлими саросарии олам боис гардидаанд, ки захираҳои оби нӯшокӣ кам шуда, тибқи маълумоти СММ то соли 2025 аз се ду ҳиссаи аҳолии мамлакатҳои ҷаҳон аз нарасидани оби ошомиданӣ танқисӣ хоҳанд кашид. Ҳар як мамлакати дунё роҳ ва усулҳои ҳифзи манфиатҳои обии худро дорад, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон. Аммо мақсад ва ҳадафҳои созандаи Тоҷикистон дар самти дуруст ба роҳ мондани захираҳои обӣ ва посдории онҳо баҳри қонеъгардонии аҳолии сайёра бо яке аз боигарии табиат дар оянда равона гардидааст.

Яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ баҳри баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои истифодаи самараноки захираҳои об, кам кардани талафоти он, беҳтар гардонидани сифати об ва пешгирии ифлосшавии манбаъҳои он равона карда шуда, аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт тадбирҳои мушаххас роҳандозӣ карда шудааст. Аз ҷумла, баҳри расидан ба комёбиҳои нав дар ин самт Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 30 декабри соли 2015, №791 қабул гардидааст [1]. Ҳамчунин, баҳри муайян намудани дурнамои рушди масъалаҳои вобаста ба об дар Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба сифати яке аз қисматҳои асосии он ҳадафҳои рушди устувори марбут ба об пешбинӣ гардидааст.

Аз дигар ҷониб, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди масъалаҳои вобаста ба об ва муайянсозии ҳадафҳои минбаъдаи Тоҷикистон дар ин самт зимни тадқиқотҳои илмӣ амиқ мегарданд, ки аз ҷониби олимони ватанӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст [7].

Мавриди зикр аст, ки ин ташаббусу ҳадафҳои созанда дорои заминаҳои бунёдӣ ва ҳуқуқӣ буда, дар заминаи асосҳои ҳуқуқии муайян ба вуҷуд омадаанд. Ба сифати асосҳои ҳуқуқӣ доир ба ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи

об махсусан қатъномаҳо баромад менамоянд, ки аз инҳо иборатанд: Қатънома доир ба «Соли байналмилалии оби тоза, соли 2003»; Қатънома доир ба «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт», солҳои 2005-2015»; Қатънома доир ба «Соли 2013 - соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об»; Қатънома доир ба «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028».

Ҳамчунин, асосҳои ҳуқуқӣ-миллӣ ва байналмилалиро дар соҳаи об чунин санадҳо ташкил менамоянд: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон; Қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ; Оинномаи СММ аз 26 июни соли 1945; Созишнома байни Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Туркманистон «Дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи идораи муштараки истифода ва муҳофизати захираҳои оби сарчашмаҳои байнидавлатӣ» аз соли 1992; Созишнома оид ба принсипҳои асосии ҳамкорӣ дар соҳаи истифодаи оқилона ва муҳофизати объектҳои обии фаромарзии давлатҳои иштирокчии ИДМ аз соли 1998; Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи экология ва муҳофизати муҳити табиӣ аз соли 1998 ва ғайра.

Воқеан ташаббусҳои Тоҷикистон дар самти истифодаи мақсадноки захираҳои обӣ созанда буда, нақш ва мавқеъи онро дар арсаи байналмилалӣ муайян ва мустаҳкам кард. Ин аст,ки чор ташаббуси бевоситаи Тоҷикистон дар самти масъалаҳои вобаста ба оби сайёра пазироӣ гардида, соҳибмавқеъ будани ҷумҳурии моро нишон дод. Имрӯз ва дар оянда низ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускор оид ба масъалаҳои об ба шумор меравад ва баҳри ҳалли чунин мушкилоти арсаи ҷаҳон пайваста саъю талош менамояд ва масъалаҳои обро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати дохиливу хориҷии худ мешуморад. Боварӣ аст, ки дар партави ҳадафҳои бузурги Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд низ дар ҷодаи таъмини дастрасии аҳолии ҷаҳон бо оби тозаи ошомиданӣ тамоми ташкилотҳои милливу байналмилалӣ ва давлатҳои ҷаҳон дар ҳамшарикӣ ва ҳамбастагӣ чораҳои арзишмандро ба роҳ мемонанд.

**Адабиёт:**


1. Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 30 декабри соли 2015, №791 тасдиқ гардидааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 11.01.2021).
2. Выступление Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона на церемонии открытия симпозиума высокого уровня по шестой цели устойчивого развития и целевым задачам «Достижение всеобщего доступа к воде и санитарии» 9 августа 2016 года, Душанбе, Таджикистан // Межгосударственная Координационная Водохозяйственная Комиссия Центральной Азии. Бюллетень. - 2016, № 2 (71). – С. 4-10.
3. Ҷабборов Ф.Н. Нақши меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар рушди қонунгузории соҳаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. «Қонунгузорӣ», №1 (25), 2017.
4. Насриддинзода Э. С. Мушкилоти обии сайёра ва нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли онҳо. Ҳаёти ҳуқуқӣ. (Правовая жизнь), № 3 (27), 2019.

5. Раҷабов С.А. Механизмҳои имплементатсияи даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028». «Қонунгузорӣ», №1 (25), 2017.
6. Раҳмон Д.С. Дурнамои инкишофи низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити тақвиятёбии тамоюлҳои муосири ҳуқуқӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. - 2016. - № 3 (03). – С. 30-34;
7. Саидов Х. М. Основные вопросы питьевого водоснабжения граждан в частноправовом регулировании: дис. ... канд. юрид. наук/12.00.03. – Душанбе, 2018. – 190 с.;
8. Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2017. – С. 78.
9. Соҳибов М.М. Баъзе аз масъалаҳои ҳуқуқҳои экологии инсон ва ҳифзи муҳити зист дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар // Поси ҳуқуқи инсон чун дастоварди умумибашарӣ. //Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба муносибати 65- умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи башар // Зери таҳрири н.и.ҳ. Сафаров Б.А. – Душанбе, 2014. – С. 112-117.
10. Суханронӣ дар маросими кушодашавии Форуми байналмилалӣ оид ба масъалаҳои оиби тоза аз 30 августи соли 2003. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node/13739 (санаи муроҷиат: 17.01.2021 с.).


## РОЛЬ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В РЕШЕНИИ ВОДНЫХ ВОПРОСОВ В МИРЕ


**НОСИРЗОДА МУХАММАД БЕГИЖОН,**
соискатель кафедры права наук и сравнительного правоведения
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе ул. Саид Носир, 33.
Тел: (+992) 918-20-19-91; E-mail: nexus-tj91@mail.ru



*В статье обсуждается роль и положение Республики Таджикистан в решении вопросов, связанных с водой планеты. Было установлено, что конструктивные инициативы Таджикистана на международной арене были приняты, Республика Таджикистан признана как ведущая страна в решении водных проблем мира. Было отмечено, что четыре инициативы и предложения Таджикистана по водным вопросам признаны авторитетной организацией международного уровня. Республика Таджикистан как гуманистическая, инициативная и обладательница богатых водных ресурсов в регионе.*



***Ключевые слова:*** *вода, водные ресурсы, международные организации, место и роль Таджикистана, Организация Объединенных Наций, соглашения, резолюция, международные форумы, чистая питьевая вода, десятилетие, водные ресурсы, правовая основа, конструктивные цели.*


## THE ROLE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN ADDRESSING WATER ISSUES IN THE WORLD

**NOSIRZODA MUHAMMAD BEGIJON,**
applicant of Law and Comparative Law Department
of Academy of Public Administration under
the President of the Republic of Tajikistan,
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe st. Said Nosir, 33.
Phone: (+992) 918-20-19-91; E-mail: nexus-tj91@mail.ru

*The article discusses the role and position of the Republic of Tajikistan in addressing issues related to the water in the world. It was established that constructive initiatives of Tajikistan in the international arena were accepted, and the Republic of Tajikistan is recognized as a leading country in solving water problems of the world. It was noted that four initiatives and proposals of Tajikistan on water issues were recognized by authoritative organization of the international level,and the Republic of Tajikistan was recognized as a humanist, proactive and owner of rich water resources in the region, which strengthened the status of our country on the world arena.*

***Key words:*** *Water, water sources, international organizations, position and role of Tajikistan, United Nations, agreements, resolution, international forum, clean drinking water, decade, water resources, legal framework, constructive goals;*

**ИЛМҲОИ СИЁСӢ - ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ**

**УДК: 323.2**

# САМАРАНОКИИ ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТИРОНӢ ДАР НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ

**КОМИЛБЕК АМИД ЁРБЕК,**
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент,
нoиби ректор оид ба илм ва инноватсияи
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 935-57-58-55. E-mail: amid.komilbek@mail.ru
**УМАРЗОДА АМРИДДИН САИДАҲМАД,**
унвонҷӯи Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 938-38-38-39; E-mail: amid.komilbek@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур оид ба ташаккули ҳукумати электроӣ ва самараи он дар низоми идоракнии давлатӣ, таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон ва раванди ташаккули он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода шудааст.*

*Дар ҷаҳони муосир технологияи коммуникатсионӣ босуръат рушд кардааст, ки иқтидори бузурги таъсиррасонӣ дар раванди идоракунии давлатӣ дорад. Инкишофи навъҳои гуногуни воситаҳои иттилоотӣ дар ҷаҳон имконият додаст, ки ҷомеаи иттилоотӣ рушд кунад.*

*Бо назардошти ҳамаи ин масъалаҳо зурур аст, ки дар низоми идоркунии давлат бояд аз технологияи коммуникатсионӣ - иттилоотӣ васеъ истифода карда шавад. Технологияи иттилоотии муосир дар худ имконияти бузурги идоракунӣ дорад. Бинобар ҳамин, яке аз кисматҳои асосии ташкили ҷомеаи иттилоотӣ дар кишварҳои тараққикарда ташаккули ҳукумати электиронӣ мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *низом, идоракунии давлатӣ, ҳукуматӣ электронӣ, технологияи коммуникатсионӣ, интернет, хизматрасонӣ, хизматрасонии давлатӣ, ҷомеаи иттилоотӣ, таъсиррасонӣ.*

Дар раванди сиёсии муосир, ки пур аз ихтилофу таззод аст, низоми идоракунии давлатӣ низ хосияти мураккаб касб намудааст. Идоракунии давлатӣ низоми муайян мебошад, ки дар тӯли асрҳо арзи ҳастӣ намуда, мувофиқи зомон такмил меёбад. Доир ба ин масъала мутафаккирону олимон аз замонҳои қадим то имрӯз афкор ва консепсияҳои гуногунро пешниҳод карданд ва баъзеи онҳо дар амал татбиқ шуданд.

Дар замони муосир, ки онро баъзе коршиносон «замони иқтисоди номуайн» унвон мекунанд ва бӯхрони молявии чахонӣ, зухуротҳои чахонишавӣ ба фаъолияти идоракуннии давлатӣ таъсир худро мерасонанд.

Омили дигар, ки ба раванди рушди ҷомеаи муосир таъсири амиқи худро мерасонад технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мебошад. Дар ҷаҳони муосир технологияи коммуникатсионӣ бо суръат рушд кардааст, ки иқтидори бузурги таъсиррасонӣ ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла ба раванди идоракунии давлатӣ дорад. Инкишофи навъҳои гуногуни воситаҳои иттилоотӣ дар ҷаҳон имконият додаст, ки ҷомеаи иттилоотӣ рушд кунад.

Бо назардошти ҳамаи ин масъалаҳо зурур аст, ки дар идоркунии давлат бояд аз технологияи коммуникатсионӣ - иттилоотӣ васеъ истифода карда шавад. Технологияи иттилоотии муосир дар худ имконияти бузурги идоракунӣ дорад. Бинобар ҳамин як аз кисматҳои асосии ташкили ҷомеаи иттилоотӣ дар кишварҳои тараққикарда ташаккули ҳукумати электиронӣ мебошад.

Мафҳуми «ҳукумати электронӣ» падидаи нав буда, дар охири солҳои навадум дар давлатҳои Ғарб ба вуҷуд омад. Он шакл ва усули фаъолияти дастгоҳи давлатӣ бо истифода аз дастовардҳои навини технологияи рақамӣ ва коммуникатсионӣ мебошад. Яъне, дар фаъолияти мақомоти давлатӣ истифодаи васеъ аз технологияи коммуникатсионӣ-компютерӣ мебошад, на дар фаҳми он ки ҳукумат дар шакли нав. Ин тарҳи (модел) нави идоракунии давлатӣ дар асоси имконоти технологияи иттилоотии муосир коркард карда шудааст. Ю.А. Нисневич менависад: “мақсади асосии “ҳукумати электронӣ” ҳалли тамоми масъалаҳои давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиати шаҳрвандон ва иштироки васеи онҳо дар раванди идоракунӣ мебошад. Дигаргунии куллӣ дар муносибати мутақобилаи давлат ва шаҳрвандон дар раванди идоракунӣ, расондани хизмати босифат ба шаҳрвандон аз ҳисоби технологияи иттилоотӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷо мақомоти давлатӣ фаъолияти худро мисли хизматрасонӣ ва таъмини шароити мусоид барои шаҳрвандон дар ҳаёту фаолияти онҳо бо харҷи нисбатан кам дар шакли электронӣ ба роҳ мемонанд. Мақсади асосии он таъсири мутақобилаи давлат ва ҷомеа ба воситаи шабакаи интернет ва дастгоҳҳои коммуникатсионӣ мебошад. [2: с.600-601]

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки стратегияи асосии ба роҳ мондани низоми “ҳукумати электронӣ” ин баланд бардоштани сифати идоракунии давлат мебошад. Дар ин ҷо на фақат дар шакли электронӣ ба роҳ мондани фаъолияти мақомоти давлатӣ, балки тағйир додани сифати муносибати давлат ва ҷомеа, тағйирдиҳии тарзи фаъолияти мақомот дар идоракунии давлатӣ мебошад. Тамоми мақомоти давлатӣ бояд дар шакли электронӣ фаъолиятро ҷоннок намуда, ба таври худкор ва босифат хизмат расонда тавонанд. Барои ба роҳ мондани чунин муносибат давлат мисли ширкат бояд хизматрасонии босамарро пешкаши шаҳрвандон намояд. Дар мисоли он, ки дар соҳаи бизнес ширкат барои қонеъ гардондани талаботи умум, доим самаранок фаъолият мекунад. Моҳияти асосӣ ин ҷо дар он аст вақте, ки давлат мисли сохтори хизматгузор дарк карда шавад дар идоракунии он прадигмаи нав бояд ворид карда шавад. Яъне, дар равзанаи техналогияи иттилоотӣ портали мақомоти давлатӣ ташкил карда шавад ва дастрасӣ ба он то ҷое, ки зарур аст, шаҳрвандон бояд дошта бошанд. Давлат стратегияи махсусро ташкил мекунад, ки метавонад тамоми намуди хизматрасониро дар шакли электиронӣ ба роҳ монад. Фаъолияти “ҳукумати электронӣ”-ро бо чунин самтҳо тавсиф кардан мумкин аст:

- дар хати ҳукумат-тиҷорат (бизнес) ($G_2B$) - ёрӣ расондан дар таъмини иттилоот барои тиҷорат, ташкили майдони электронии савдо, таъмини электронии механизми дуҷонибаи андозу молия, гумрук, пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, боҷи давлатӣ;
- дар хати ҳукумат-шаҳрвандон ($G_2C$) - давлат бояд дар маълумотнокии шаҳрвандон ва имконияти иштироки васъи онҳо дар идоракунӣ, фаҳмондан ва ба роҳ мондани пардохти маблағҳои ҳар гуна хизматрасонӣ ба тариқи электронӣ ва ғайра саҳмгузор бошад;
- дар хати ҳукумат-ҳукумат ($G_2G$) давлат ҷавобгари мувофиқ кардани муносибати мутақобилаи мақомоти давлатӣ ба тариқи электронӣ, ташкили гардиши ҳуҷҷат ба таври электронӣ, ягонасозии системаи иттилоотӣ ва стандарти он, ин чунин

мутобиққунии мубодилаи иттилоот ҳастанд. Дар амал татбиқ шудани ин нақша ҳам фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳам ба фаъолияти субъетҳои дигари ҷомеа босамару шаффоф мешавад. [1: с.255-258]

Трансформация советской (представительской) модели управления сначала в президентскую, а потом в парламентскую была связана с необходимостью достижения мира и согласия, создания сильной исполнительной власти на всех уровнях. Как отмечает Основоположник мира и национального согласия-Лидера нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон: - «Новый поворот истории возложил на плечи нашего молодого независимого государства сложные, ответственные и трудные задачи: прежде всего, положить конец гражданской войне, вернуть беженцев на Родину, обеспечить единство и неделимость нации и всех жителей Таджикистана, сохранить целостность государства, укрепить политическую, экономическую и культурную независимость и решить ряд других неотложных проблем. Политика национального примирения и единства, которая была поддержана передовыми силами общества, стала особенно серьезным шагом на пути к прогрессу государства» [3. С.211]. В данный период ставилась задача ускоренной реорганизации местных органов власти и управления, при соблюдении принципа обязательности решений вышестоящих органов для нижестоящих, обеспечивающего координацию внедрения рыночных механизмов и системы социальной защиты населения.

Проведение в те годы реформ системы управления, несмотря на трудности и гражданское противостояние, имели огромное значение. По существу, в это время произошла кристаллизация политико-правового и институционального каркаса современного общественного строя в Таджикистане, были осуществлены ключевые реформы, направленные на переход от коммунистической системы к демократическим свободам и многообразию форм собственности в экономике.

Председатель Верховного Совета - Глава государства был наделен дополнительными полномочиями для восстановления утерянных вертикальных связей соподчинения исполнительных органов разных уровней, формирования новых

взаимоотношений главы государства и местных Советов, совмещая функции главы государства и высшей законодательной власти. Наряду с этим, Глава государства также был наделен правом издавать указы о внесении изменений и дополнений в законы Советского Таджикистана с последующим представлением их на утверждение Верховному Совету Республики Таджикистан. В этот период были созданы новые государственные органы. В течение определенного периода продолжилось создание, ранее в республике отсутствовавших, структур, а теперь необходимых Таджикистану, как независимому государству: Таможенный комитет при Правительстве Республики Таджикистан, Налоговый комитет при Правительстве Республики Таджикистан и т.п.

К 1994 году гражданская война, социально - экономический кризис и кризис государственной системы в целом достиг своего пика и требовал безотлагательного конституционного разрешения. Страна готовилась к проведению всенародного референдума для принятия новой Конституции суверенного Таджикистана и выбора Президента республики.

**Развитие и укрепление системы государственного управления в условиях президентской республики**.

6 ноября 1994 года путем проведения всенародного референдума была принята новая Конституция Республики Таджикистан и был избран Президент страны. Новая Конституция страны, юридически закрепила сложившуюся к этому моменту систему государственного управления в рамках президентской республики.

Таджикистан был провозглашен суверенным, демократическим, правовым, светским и унитарным государством. Кроме того, было объявлено о том, что Республика Таджикистан, являясь социальным государством, создает условия, обеспечивающие достойную жизнь и свободное развитие каждого человека.

Право выступать от имени всего народа Таджикистана возлагалось на Президента Республики в пределах его конституционных полномочий.

В соответствии со ст. 6 Конституции РТ, в Таджикистане народ является носителем суверенитета и единственным источником государственной власти, которую осуществляет непосредственно или через своих представителей. Высшим непосредственным выражением власти народа являются общенародный референдум и выборы.

Согласно конституции, ни одно общественное объединение, политическая партия, группа людей или отдельная личность не вправе узурпировать государственную власть. Узурпация власти или присвоение ее полномочий запрещаются.

Право выступить от имени всего народа Таджикистана принадлежит только Президенту, Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистана на их совместном заседании.

Статья 8 Конституции гласит, что в Таджикистане общественная жизнь развивается на основе политического и идеологического плюрализма.

Идеология ни одной партии, общественного и религиозного объединения, движения или группы не может быть признана как государственная. Общественные объединения и политические партии создаются и действуют в рамках Конституции и законов. Религиозные организации отделены от государства и не могут вмешиваться в государственные дела» [5, 27].

Создание и деятельность общественных объединений и политических партий, пропагандирующих расовую, национальную, социальную и религиозную вражду или

призывающих к насильственному свержению конституционного строя и организации вооруженных групп, запрещаются.

Государственная власть осуществляется на основе ее разделения на законодательную, исполнительную и судебную. Таким образом закреплялся принцип разделения государственной власти в Республике Таджикистан на законодательную, исполнительную и судебную, которые считаются признаками правового государства.

В экономической сфере провозглашено многообразие форм собственности, её неприкосновенность. Основу экономики Таджикистана составляют различные формы собственности. Государство гарантирует свободу экономической и предпринимательской деятельности, равноправие и правовую защиту всех форм собственности, в том числе частной. Государство обеспечивает равенство перед законом всех субъектов собственности.

В соответствии со ст. 27 Конституции, гражданин имеет право участвовать в политической жизни и государственном управлении непосредственно или через представителей. Граждане имеют равное право на государственную службу.

Глава третья Конституции посвящена функционированию Парламента страны - Маджлиси Оли. Парламент Республики Таджикистан является высшим представительным и законодательным органом Республики Таджикистан, который состоит из двух Маджлисов – Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон.

Президент Республики Таджикистан в соответствии со ст. 64 Конституции РТ, является Главой государства и исполнительной власти (Правительства).

Президент является гарантом Конституции и законов, прав и свобод человека и гражданина, национальной независимости, единства и территориальной целостности, преемственности и долговечности государства, согласованного функционирования и взаимодействия государственных органов, соблюдения международных договоров Таджикистана.

В соответствии со ст. 70 Конституции Республики Таджикистан, Президент в пределах своих полномочий может издавать указы и распоряжения, информирует о совместном заседании Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон, о положении в стране, вносит на рассмотрение совместного заседания Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон вопросы, которые считает важными и необходимыми.

В результате внесения изменений и дополнений в Конституцию Таджикистана в сентябре 1999 года на смену однопалатному, пришел профессиональный двухпалатный Парламент: Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон, которые составляют высший законодательный орган Маджлиси Оли Республики Таджикистан. Двухпалатная структура высшего представительного органа в наибольшей мере отвечает интересам законодательной политики и достижению национального единства в стране.

Основоположник мира и национального согласия – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон отметил: «Мы уверены, что референдум, прошедший 26 сентября 1999 года о внесении изменений и дополнений в Конституцию Таджикистана, проведение выборов Президента и профессионального парламента приведет к процессу установления мира и национального согласия к конечной точке и создадут надежную основу для полного единства и сплоченности народа». [1, 134].

В соответствии со ст. 73 Конституции Республики Таджикистан Правительство республики обеспечивает эффективное руководство экономической, социальной и культурной сферами, а также исполнение законов, совместных постановлений

Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон, постановлений Маджлиси милли, постановлений Маджлиси намояндагон, указов и распоряжений Президента Таджикистана.

Ст. 74 Конституции гласит, что Правительство, в соответствии с Конституцией и законами республики издаёт постановления и распоряжения, исполнение которых на территории Таджикистан обязательно.

В соответствии со ст. 5 Конституционного закона Республики Таджикистан «О Правительстве Республики Таджикистан», Председателем Правительства Республики Таджикистан является Президент Республики Таджикистан. Председатель Правительства Республики Таджикистан осуществляет руководство деятельностью Правительства Республики Таджикистан и принимает меры для эффективного осуществления Правительством Республики Таджикистан своих полномочий. Правительство Республики Таджикистан подотчётно Президенту Республики Таджикистан.

Премьер-министр и другие члены Правительства Республики Таджикистан назначаются и освобождаются от должности Президентом Республики Таджикистан и указ об этом направляется на утверждение совместного заседания Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан. Правительство Республики Таджикистан руководит работой министерств, государственных комитетов и иных органов государственного управления и ведет контроль за их деятельностью.

Согласно Конституции и Конституционному закону Республики Таджикистан «О местных органах государственной власти» , местный представительный орган государственной власти – Маджлис народных депутатов избирается избирателями и в пределах своих полномочий решает вопросы местного значения.

Местная структура центрального органа исполнительной власти – единица центральных органов исполнительной власти, которая в соответствующих административно-территориальных единицах, в пределах своих полномочий выполняет функции центрального исполнительного органа.

Согласно ст. 3 Местные органы государственной власти состоят из местных представительных органов государственной власти и местных исполнительных органов государственной власти.

Местные представительные органы государственной власти состоят из Маджлиса народных депутатов.

Местные органы государственной власти содействуют органам самоуправления поселка и села в выполнении своих функций и, в соответствии с нормативными правовыми актами Республики Таджикистан, оказывают им финансовую и экономическую помощь. Местные органы государственной власти могут возложить некоторые свои полномочия на органы самоуправления поселка и села (Джамоаты). Местный исполнительный орган возглавляет раис (председатель) соответствующей административно-территориальной единицы, являющийся представителем Президента и Правительства Республики.

Введение института президентства, готовность к самостоятельному функционированию ряда ключевых производств позволили добиться устойчивости власти и управляемости государством в сложнейших условиях; вернуть страну в русло эволюционного развития и последовательно провести фундаментальные институциональные реформы.

В условиях независимости, в результате достижения мира и согласия в стране когда, год от года, укрепляется суверенитет Таджикистана, несмотря на имеющиеся трудности и преграды, наша страна достигла больших успехов в развитии экономики, культуры и социальной политики. Мир и национальное единство, установившиеся сегодня в Таджикистане, являются главными достижениями периода независимости [7, 53].

Таким образом, Конституция привела к кардинальному изменению конфигурации системы государственной власти. Конституция Республики Таджикистан 1994 года закрепила формы и методы функционирования системы государственного управления, свойственные сильной президентской республике. Принятие Конституции обозначило завершение начального этапа становления независимости Таджикистана и задало старт системным реформам во всех сферах жизни общества.

**Литература:**


1. Эмомали Рахмонов. Независимость Таджикистана и возрождение нации. Том третий.-Душанбе: «Ирфон», 2006, 460 с.
2. Эмомали Рахмонов. Таджики в зеркале истории. Книга первая от арийцев до Саманидов, London & flint river editions,Great Britain, 2000, 228с.
3. История таджикского народа. Под ред. Академика Р.М. Масова, Том V. (новейшая история 1917-1941), Душанбе, 2004г. 752с.
4. Эмомали Рахмонов. Политика мира и созидания в Таджикистане, Душанбе, «Ирфон», 2001.- С.80.
5. Конституция и конституционные законы Республики Таджикистан. Душанбе, 2005.-406с.
6. Послание Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 20 апреля 2011г. // Народная газета, №17(19778) от 22 апреля 20011г.
7. Ализода Б.П. Государственная политика Республики Таджикистан по формированию национального единства в стране: достижения и перспективы // Вестник Академии управления при Президенте Кыргызской Республики. №14, Бишкек, 2011.С.- 49-53.


## АЗ ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ ТАЪРИХӢ ВА МУОСИР


**АЛИЗОДА Б. П.,**
ходими пешбари Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии
идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади филология, дотсент
7340025, Душанбе, кӯч. Саид Носира, 33.
Тел.: (+992 37) 228 91 51; E-mail: b.p.alizoda63@mail.ru



*Дар мақола масъалаҳои ташаккул ва рушди идоракунии давлатӣ дар Тоҷикистони таърихӣ ва муосир таҳлил гардидааст. Муаллиф қайд менамояд, ки шаклҳои нави идоракунии давлатӣ дар ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон ва Бадахшон дар*

*натиҷаи ҳамроҳкунии Осиёи Марказӣ ба Ҳукумати подшоҳии Россия ва ташкили Кишвари Туркистон ба вуҷуд омада, то соли 1917 амал кард.*

*Дар Аморати Бухоро, ки ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистони имрӯза дохил мешуданд, тартиботи феодалии идоракунии давлатӣ то шикасти низоми амирӣ дар моҳи сентябри соли 1920 давом карданд.*

*Дар давраи пасазинқилобӣ идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Осиёи Марказӣ дар асоси усули идоракунии давлатии Шӯравӣ ташаккул ёфт. Моҳи ноябри соли 1924 мақомоти нави идоракунии ҶМШС Тоҷикистон ташкил карда шуданд. Баъд аз ташкили ҷумҳурии мустақили иттифоқии ҶШС Тоҷикистон дар моҳи октябри соли 1929 кулли мақомоти идоракунии давлатӣ аз нав ташкил карда шуданд. Дар мақола қайд гардидааст, ки дар солҳои баъдиҷангӣ ва рушди Давлати Советӣ самтҳои асосии фаъолияти макомоти идоракунии давлатӣ такмил дода шуданд ва асосан мақомоти идоракунии Тоҷикистони Шӯравӣ бо баъзе тағйирот то ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ амал мекарданд.*

*Дар замони Истиқлол дар натиҷаи ислоҳоти конститутсионӣ ва таҷдиди сохтори идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиротҳои ҷиддӣ ба вуҷуд омад ва мақомоти идоракунии давлатӣ ба талаботи замон мутобиқ гардонида шуданд.*

***Калидвожаҳо****: Тоҷикистони таърихӣ, ҳокимияти Шӯравӣ, ҶШС Тоҷикистон, идоракунии давлатӣ, хизмати давлатӣ, мақомоти идоракунӣ, истиқлолият, идоракунии президентӣ, ислоҳоти конститутсионалӣ, рушди идораи давлатӣ.*

## FROM THE HISTORY OF THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF PUBLIC ADMINISTRATION IN THE TERRITORY OF HISTORICAL AND MODERN TAJIKISTAN

**ALIZODA B. P.,**
leading researcher at the Research Institute of Public Administration and Civil Service of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan,
Candidate of Philology, Associate Professor
7340025, Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone: (+992 37) 228 91 51; E-mail: b.p.alizoda63@mail.ru

*The article deals with the history of formation and perspective development of public administration and civil service in Tajikistan. The author emphasizes that new forms of public administration in the northern regions of Tajikistan and in Badakhshan arose as a result of the annexation of Central Asia to Tsarist Russia and the formation of the Turkestan region, in which they remained until 1917. In the Bukhara Emirate, which consist of the central and southern regions of present-day Tajikistan, the old feudal order of public administration continued until the fall of the regime in September 1920.*

*In the post-revolutionary period, public administration and civil service in the territory of Central Asia were formed on the basis of the Soviet method of public administration. New governmental bodies of the Tajik ASSR were established in October 1924. After the establishment of independent Tajik SSR in October 1929, all government*

*bodies were formed and reorganized, and with some changes existed since the independence of Tajikistan.*

*The article notes that in the post-war years and during the development of the Soviet state, the main directions of the activities of the governmental bodies were improved, and with some changes this form of public administration and civil service in Tajikistan continued since the independence.*

*Significant changes took place in the system of public administration of Tajikistan as a result of the constitutional reform during the independence and the governing bodies were brought into line with the times.*

***Key words:*** *historical Tajikistan, Soviet power, Tajik SSR, public administration, civil service, governmental bodies, independence, presidency, constitutional reform, public administration development.*

УДК: 32.019.5

# СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ КАДРӢ ДАР ДАВРАИ СОВЕТӢ

**ЗОКИРОВ ГУЛМАХМАД НОЗИМОВИЧ,**
доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи сиёсатшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
**НУРИДДИН ПАРВИН РАЙМАЛИХОН,**
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи муносибатҳои байналхалқии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992) 989-99-72-95; E-mail: panurama@mail.ru

*Таҳқиқи пайдоиши давлатдории Иттифоқи Советӣ, сиёсати кадрҳо ва хизмати давлатии замони советӣ барои дарку фаҳмиши масъалаҳои муосири идорӣ дарк ва роҳҳои такмили минбаъдаи он пешгӯӣ карда шаванд. Ин, махсусан, барои давлатҳои тозатаъсиси мустақил дар ҳудуди собиқ Давлати Советӣ муҳим аст, то ин ки дар амалӣ намудани чунин ҷузъи сиёсати давлатӣ, монанди масъалаи кадрӣ ба иштибоҳот роҳ надиҳанд. Ҳамзамон, таҳқиқи масъалаи сиёсати кадрии Иттифоқи Советӣ ба осори доираи маҳдуди муаллифон асос ёфтааст, чунки таваҷҷуҳи аксарият коршиносони Иттифоқи Советӣ, асосан ба тамоюлоти умумӣ ва ҷараёни таҳаввулот дар сиёсати дохилии Иттифоқи Советӣ тамаркуз ёфта буд. Бояд қайд кард, ки равишҳои назариявӣ–методологӣ ва илмӣ дар даврабандии сиёсати кадрҳои Иттифоқи Советӣ вобаста аз мавзӯъ ва нуктаҳои иҷтимоию сиёсии муҳаққиқи мушаххас тағйир ёфтаанд.*

*Пайдоиш ва таҳаввули сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд аз нигоҳи ду марҳалаи бузурги таърихӣ баррасӣ карда шавад: марҳалаи Иттифоқи Советӣ ва марҳалаи ташаккул ва инкишофи давлатҳои нави миллӣ. Чунин даврабандӣ шартӣ аст, аммо он имкон медиҳад, ки шаклгирии сиёсати давлатии кадрҳо ба низом ояд ва давраҳои асосии инкишофи Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гиранд.*

***Калидвожаҳо:*** *кадрҳо, сиёсати давлатӣ, Иттифоқи Советӣ, Тоҷикистон, идоракунии давлат, хизмати давлатӣ ва ғ.*

Олами муосир ба таври сартосарӣ хосияти сиёсиро касб намудааст. Тамоми раванду ҳодисаҳои ҷамъиятӣ дар шароити инкишофи бухронӣ ҷанбаи сиёсӣ пайдо менамоянд. Чунин хусусиятҳо моҳияти онҳоро ташкил менамоянд. Дар чунин маврид нақши омили сиёсӣ авҷ гирифта, сиёсатро ба сифати иштирокчии бевоситаи муносибатҳои пуршиддати олами муосир муаррифӣ менамояд. Зиёда аз ин, сиёсат, дар нисбати раванду ҳодисаҳои мухталиф нақши муайянкунандагиро соҳиб мешавад. Аз ин ҷост, ки таваҷҷуҳи одамон ва махсусан, маъмурону менеҷерҳо аз ҳарвақта дида ба он бештар мегардад. На танҳо сиёсати бузург, балки навъҳо ва шаклҳои мухталифи он дар низоми муносибатҳои байниҳамдигарии инсону ҷомеа ва давлат нақши пешбарро касб намудаанд. Дар доираи чунин муносибатҳо сиёсати давлатии кадрӣ низ аҳамияти бештареро пайдо намудааст. Он ҳамчун қисми таркибии сиёсати давлатӣ ба муқаррароти ҷамъиятию меъёрӣ асос ёфтааст.

Ҳадаф аз таҳия ва амалӣ намудани сиёсати давлатии кадрӣ низ дар ҳар гуна ҷомеа танзим ва такмилу таҳкими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ташаккулу рушди ҷомеаи босубот ва таъмини инкишофи мавзуни он мебошад. Яъне, ташаккул ва инкишофи

низоми таъсиррасониҳое ҳамчун вазифаҳои муҳимми инкишофи давлатӣ дониста мешаванд, ки ба соҳаҳои дигари ҳаёти ҷомеа дигаргуниҳо ворид месозанд. Аз ҷумла, навъҳо ва шаклҳои мухталифи сиёсат ба соҳаҳои дигари ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла, иқтисодиёт, иҷтимоиёт, фарҳанг таъсири муассир мерасонанд. Моҳияти сиёсат низ ҳамчун шакли махсуси фаъолияти инсонӣ дар чунин ҳолат зоҳир мегардад.

Чунонки таҷрибаи кишварҳои гуногун нишон медиҳанд раванди ташаккул ва инкишофи сиёсати кадрӣ ҳамчун шакли зуҳури сиёсати давлатӣ вобаста ба махсусиятҳои режими сиёсӣ ба амал меоянд. Дар ҷомеаи мутамаддин ва либералӣ сиёсати кадрӣ одатан дар доираи манфиатҳои миллию давлатӣ ба амал омада, хусусиятҳои фаъолияти неруҳои сиёсиро дар худ инъикос мегардонанд. Дар ҷомеаи ғайрисистемавӣ ба таҳаввулоти сиёсати кадрӣ аксар вақт ҳангоми ивазшавии роҳбарони давлат ва тағйири самти рушди он таъсир мерасонад. Масалан, муҳаққиқ В. Л. Колесников таъкид менамояд, ки «сиёсати давлатии кадрҳо чун самти сиёсии синфи ҳукмрони ҷомеаи мазкур ва табақаи иҷтимоӣ ва баъзан, шахси алоҳида тавсиф мешавад».[4]

Таҳқиқи пайдоиш ва инкишофи давлатдории советӣ, сиёсати кадрҳо ва хизмати давлатии замони советӣ барои дарку фаҳмиши масъалаҳои муосири идоракунии давлатӣ ва дарёфти воситаҳо ва роҳҳои такмили минбаъдаи он пешбинӣ мешавад. Ин махсусан барои давлатҳои тозатаъсиси мустақил дар ҳудудҳои ҷомеаи советӣ муҳим аст. Он дар амалӣ намудани бахшҳои сиёсати давлатӣ, ба монанди масъалаи кадрӣ мақоми хосае пайдо менамояд ва дар самти гуногуни инкишофи давлатҳои миллии муосир истифода мегарданд.

Таҳқиқи масъалаи сиёсати кадрии давлатдории советӣ ба осори доираи маҳдуди муаллифон асос ёфтааст. Чунки таваҷҷуҳи аксарияти коршиносони Иттифоқи Советӣ, асосан ба тамоюлоти умумӣ ва ҷараёни таҳаввулот дар сиёсати дохилии давлат мутаваҷҷеҳ гардида буд. Зиёда аз ин, масъалаи мазкур чандон хосияти кушода надошт. Ба он доираи маҳдуди муҳаққиқон муроҷиат менамуданд. Хонандаи муосир бояд дарк намояд, ки сиёсати кадрии ҳизбӣ асоси сиёсати кадрии давлатӣ ва мақомоти мухталифи онро ташкил менамуд ва на ҳар олим ва ё пажӯҳишгаре қудрати дар бораи он ибрози назар намуданро дошт.

Барои таҳқиқи масъалаи ташаккул ва рушди сиёсати давлатии кадрҳои ин давра мо асарҳои сиёсатшиносон, ҷомеашиносон, файласуфон ва муаррихонро, ки ба масъалаҳои пайдоиши муассисаҳои давлатӣ ва идоракунии давлатии даврони советӣ машғул буданд, мавриди истифода қарор додаем: В. Г. Игнатов, А. В. Понеделков, Е. М. Трусова, С. А. Кислисин, Ф. И. Поташев, А. М. Старостин, В. Н. Сергеев, В. Н. Смирнов, А. Г. Данилов, В. Ф. Патракова, В. А. Рогозин, Л. Л. Хоперская, В. В. Черноус ва ғайра.[18] Хизмати муаллифони мазкур аз он иборат аст, ки онҳо масъалаи ба давраҳо тақсимкунии пайдоиш ва таҳаввули сиёсати давлатии кадрҳои давраи Иттифоқи Советиро таҳқиқ кардаанд.

Бояд қайд кард, ки равишҳои назариявию методологӣ ва илмӣ дар даврабандии сиёсати кадрҳои Иттифоқи Советӣ вобаста аз мавзӯъ ва нуктаҳои иҷтимоию сиёсии муҳаққиқони алоҳида тағйир ёфтаанд.

Пайдоиш ва инкишофи сиёсати давлатии кадрӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд аз нигоҳи баҳисобгирии ду марҳалаи бузурги таърихӣ баррасӣ шавад: марҳалаи таъсис ва мавҷудияти Иттифоқи Советӣ ва марҳалаи навин, ки Тоҷикистони соҳибихтиёрро муаррифӣ менамояд. Чунин даврабандӣ шартӣ аст, аммо он имкон медиҳад, ки шаклгирии сиёсати давлатии кадрҳо низоми хосаро пайдо намояд. Он

шароит ва имкониятҳоро барои таҳлилу таркиби давраҳои асосии инкишофи Тоҷикистон муҳайё мегардонад.

Тавре ки В. П. Мелников таъкид менамояд, идоракунии давлатӣ яке аз шартҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсию ҳуқуқӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад.[7] Аз ин хотир, дар раванди мазкур дарёфт ва ё муайян намудани ҷойгоҳи сиёсати давлатии кадрӣ ва интихобу ҷобаҷогузории маъмурон ва менеҷерҳои замони муосир аҳамияти муҳим пайдо менамоянд.

Омӯзиши маҷмӯии таҷрибаи советии таъсиси низоми кадрҳо ва таҳаввули ниҳодҳои сиёсати давлатии кадрҳо дар таҳқиқи масъалаи амалисозии он дар ҷумҳуриҳои собиқи Иттифоқи Советӣ муҳимтарин нақшро бозӣ мекунад. Дар омӯзиши манбаъҳои ташаккули ниҳодҳои сиёсати давлатии кадрҳо ҷойгоҳи назаррасро таҷрибаи таҳаввулоти он ишғол менамояд. Бо дарназардошти давраи гузариши сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон, сиёсати давлатӣ такмили минбаъдаи сиёсати давлатии кадрҳоро ба мақсади тақвияти муассирии танзими идоракунии давлат талаб менамояд.

Ҳангоми таҳқиқи ниҳодҳои сиёсати давлатии кадрҳои даврони советӣ усулҳои илмии таҳлили муқоисавиро истифода мегарданд. Омӯзиши муқоисавии таҷрибаи гузашта ва имрӯза дар ин соҳа, ошкор намудани ҷанбаҳои мусбат ва манфии он дар алоқамандӣ бо арзёбии низоми сиёсати давлатии кадрҳои Тоҷикистони Советӣ имкон медиҳад, ки як силсила омилҳои умумӣ ва фарқкунанда дар ташаккул ва такмили сиёсати давлатии кадрҳои давраҳои гуногуни давлатдории Иттифоқи Советӣ равшан шаванд.

Истифодаи методи муқоисавию таърихӣ дар раванди таҳқиқот имкон медиҳад, ки ниҳодҳои асосии таълимоти кадрӣ ҷудо карда шаванд, хулосаҳо шаклбандӣ гарданд, ки метавонанд дар ҷараёни тарҳрезии сиёсати давлатии кадрҳои муносиб ва таъсиси ниҳодҳои хизмати давлатӣ ба назар гирифта шаванд.

Иттифоқи Советӣ чун яке аз марказҳои пешбари ҷомеаи ҷаҳонӣ таҷрибаи махсуси микёснок ва бисёрҷонибаи ташкилии хизмати давлатиро андӯхта буд. Бинобар ин, таҳлили таърихии таҷрибаи идоракунии давлатии Иттифоқи Советӣ имкон медиҳад, ки дар он бисёр чизҳои муфид ошкор шавад. Дар сурати муносибати эҷодкорона, таҳлили он барои инкишофи сиёсати давлатии кадрҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле ҷолиб хоҳад буд.

Ба ақидаи аксари коршиносон, ба сиёсати давлатии кадрҳои Иттифоқи Советӣ мероси Россияи подшоҳӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ таъсири ҷиддӣ расонидааст. Зеро Россияи подшоҳи дорои ниҳодҳои зарурии хизмати давлатӣ ва низоми инкишофётаи он буд. Муҳаққиқони масъалаи мазкур (Н. Коркунов ва ғайра[9]) идоракунии давлатии ин давраро чун «хизмат ба подшоҳ ва ба тамоми давлат» тавсиф кардаанд. Ба ақидаи ин коршиносон, сиёсати давлатии кадрҳои Иттифоқи Советӣ дар он зоҳир мешуд, ки масъалаҳои амалисозии ҳадафҳо ва ҳалли вазифаҳои давлатро хизмати давлатӣ ба уҳда гирифта буд.

Тавре ки таҷрибаи аксари кишварҳои олами муосир нишон медиҳад, ба сиёсати давлатии кадрҳо идеологияи давлатӣ таъсир мерасонад, ки ба он ҳамеша ҳокимият ва низоми идоракунии давлатии ғайрилибералӣ эҳтиёҷ доранд. Бинобар ин, назария дар бораи хислати ҳокимият ва идоракунии муайянкунандаи мазмуни назарияи давлатии кадрҳо аз нигоҳи илмӣ ва назариявӣ таҳия ва аз нигоҳи қонунӣ асоснок гардонида мешуданд. Аз ҷумла, дар Иттифоқи Советӣ низ чунин вазъият ҳукмфармо буд. Ҳолати мазкур дар моддаи 6-уми Конститутсияи Иттифоқи Советӣ хосияти легитимӣ гирифта буд.

Идеологияи давлатӣ бояд қонунмандии ҳокимият ва идоракунӣ, ба мақсад мувофиқ будани воситаҳои амал ва муассирии онҳоро таъмин менамуд. Дар айни замон, хизмати давлатӣ имкони азим ва воситаҳои истиқрори идеологияи давлатиро ҳамчун маҷмӯи арзишҳои муайяни ифодакунандаи манфиатҳои гурӯҳҳои иҷтимоии дар ҳокимият мавҷударо аз даст додааст. Зеро ҷомеаи мутамаддин, ки ба арзишҳои либералӣ асос ёфтааст мақоми идеологияи давлатиро истисно мегардонад. Аз ҷумла, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамин қоида мавриди истифода аст. Идеология дар ҳар гуна ҷомеа амал менамояд, вале на ҳамчун унсури ҳокимияти давлатӣ, балки ба сифати шакли афкори ҷамъиятӣ.

Барои муносиб шудани таҳлили масъалаи ташаккул ва таҳаввули сиёсати кадрҳои Иттифоқи Советӣ зарурат ба ҷудо намудани марҳалаҳои асосии инкишофи он пайдо гардидааст. Марҳалаи аввали сиёсати давлатии кадрҳои Иттифоқи Советӣ аз ғалабаи Инқилоби Бузурги Сотсиалистии Октябр оғоз гардида, то вафоти бунёдгузори давлати Советӣ В. И. Ленин идома ёфт. Марҳалаи мазкур бо омадани «болшевикон»– тарафдорони В. И. Ленин ба сари қудрат алоқаманд аст. Бинобар ин, онро метавон чун давраи ленинии ташаккул ва амалисозии сиёсати кадрӣ тавсиф кард. Муҳимтарин вазифаи сиёсати кадрҳои болшевикон таъмини ягонагии низоми ҳокимияти давлатӣ дар тамоми кишвар ба ҳисоб мерафт.

То оғози соли 1918 мақомоти идоракунии давлатии кӯҳна барҳам хурданд ва дар ҷои онҳо комиссариатҳои халқӣ таъсис ёфтанд. Асоси ҳуқуқииислоҳоти болшевикҳоро Конститутсияи РСФСР ташкил дод, ки миёнаи соли 1918 қабул гардида буд.

Сиёсати кадрии болшевикҳо усулҳои зерини ташкилии дастгоҳи давлатиро ба инобат мегирифт:

— яккасардорӣ ва дастаҷамъӣ будан;
— роҳбарии ҳизбӣ;
— назорат ва тафтиши иҷро;
— сентрализми демократӣ;
— такмили мунтазами дастгоҳи хизмати давлатӣ ва ғайра.

Дар марҳалаи аввали бунёди давлати сотсиалистӣ неруҳои асосӣ ба мутобиқати идоракунии давлатӣ бо усулҳои идеологӣ сафарбар шуда буданд. Заминаи асосии идеологияи коммунистиро бартарии нуқтаи назари синфӣ, пролетарӣ ба раванду ҳодисаҳо ташкил медод, ки ин боиси мутлақияти аҳамияти равишҳо ва усулҳои ҳизбию маъмурӣ дар ҳалли вазифаҳо гардид. В. И. Ленин навишта буд: «Ба вазифаҳои роҳбарикунандаи ҳизбӣ бояд ашхоси бешубҳа, боэътимод, пешбарӣ карда шаванд, ки тавони ишғоли мансаб чун намояндагони тамоми синфро дошта бошанд».[6]

Хусусияти дигари сохтмони давлатии ин давра афзоиши нақши мақомоти иҷроияи ҳокимият бар зарари демократияи намояндагӣ ва бевосита буд. Дастгоҳи давлатии шадидан маъмуришуда мавқеи новобаста аз мақомоти конститутсиониро ишғол карда, тамоми унсурҳои таъсирбахши ҳокимиятро ба даст овард. Чунин вазъ то андозае натиҷаи дар амал татбиқ намудани сиёсати кадрҳо аз тарафи роҳбарони бонуфузи Иттифоқи Советӣ буд.

Ба ақидаи И. А. Исаев, ҳадафи сиёсати кадрии болшевикон бо шакли нави давлатдорӣ мутобиқ кардани дастгоҳи кӯҳнаи давлатӣ ва аз байн бурдани маъмурияти мансабдорон – мероси системаи кӯҳнаи идоракунии давлатӣ буд. Дар айни замон, зарур буд, ки дастгоҳи идоракунӣ бо дарназардошти усулҳои ташкилии илмии меҳнат ва асосҳои конститутсионии ҳокимияти давлатӣ бозсозӣ шавад.[3]

Дар марҳалаи мазкур ташаккул ва амалӣ намудани меъёрҳои нави конститутсионии ҳокимият ва идоракунии ба афзоиши нақши шӯроҳо мусоидаткунанда дар тамоми сатҳҳо оғоз гардид.

Марҳалаи дуюми сиёсати давлатии кадрҳои Иттифоқи Советӣ бо тарҳрезӣ ва амалӣ намудани сиёсати нави иқтисодӣ алоқаманд аст. Т. П. Коржихина ва А. С. Сенин менависанд, ки ниҳодҳои сиёсати кадрҳои давраи сиёсати нави иқтисодӣ акнун ба асосҳои конститутсионии дар Кодексҳои гражданӣ, ҷиноятӣ, тартиботи мурофиаи судӣ, Кодекси меҳнат ва ғайра дарҷшуда, ки дар соли 1922 вориди амал шуданд, такя мекарданд.[5]

В. И. Ленин низоми қатъӣ ва хосияти оммавии идоракунии советиро таъкид намуда, дар моҳҳои охири ҳаёташ ҳамеша иброз менамуд, ки «муҳимтарин вазифаҳои давлатиро ҳизби аз ҳокимият дур анҷом надиҳад».[6]

Марҳалаи сеюми сиёсати давлатии кадрҳои Иттифоқи Советӣ аз давраи ба сари қудрати сиёсӣ омадани И. В. Сталин оғоз гардид. Асосҳои сиёсати кадрҳои И. В. Сталин ҳанӯз қабл аз ба сари қудрат омадани ӯ ташаккул ёфта буд. Масалан, ӯ дар суханронии худ ҳангоми ифтитоҳи Ҷаласаи I умумироссиягии кормандони масъули зиёиёни коргарӣ–деҳқонӣ дар таърихи 15-уми октябри соли 1920 ба идоракунии кишвар аз тарафи роҳбарони дастгоҳи иҷроияи давлат ишора намуда буд. Барои идоракунӣ «бояд намояндаҳои ботаҷрибаро на танҳо дар он ҷойҳое, ки масъалаҳо ва қарорҳо баррасӣ мешаванд, балки дар он ҷойҳое, ки қарорҳо дар ҳаёт татбиқ мешаванд, дошта бошем».[19]

Муҳаққиқи низоми идоракунии Иттифоқи Советӣ М. С. Восленский зимни муқоисаи таълимоти ленинӣ ва сталинӣ, қайд намудааст, ки агар В. И. Ленин ташкилоти мутаҳҳарик, хуб созмонёфтаи инқилобчиёни касбиро бунёд карда бошад, пас, И. В. Сталин дастгоҳи идоракунии Россияро ихтироъ кард.[1]

Асоси низоми идоракунии Иттифоқи Советиро принсипҳо ва методҳои идеологӣ ташкил медоданд. Он низоми маъмурии Иттифоқи Советиро аз усулҳои пешинаи маъмурияти табақавӣ ва ҳамчунин аз низоми хизмати давлатии буржуазӣ фарқ мекунонд.

Ба ақидаи М. С. Восленский И. В. Сталин асоси кадрии дастгоҳи идоракунии шахсиро ташаккул дод, ки барои дурнамо кор мекард. Номзадҳоро ӯ «аз тариқи ғалбери *(элаки)* манфиатҳо ва ҳисоби худ месанҷид ва онҳоро дар сатҳҳои мухталифи дастгоҳи идорӣ таъйин мекард, мисле, ки оҳангсоз бо нота сарукор дорад, ӯ низ мехост, ки симфонияи барояш зарурӣ ба вуҷуд ояд».[1] Афзалият дар низоми кадрҳои сталинӣ ба садоқати ҳизбӣ, баромади (асли) синфӣ, сатҳи шуурнокии инқилобӣ, вафодор будан ба ҳизб, оштинопазирӣ нисбат ба тарзи ҳаёти буржуазӣ ва ғайра дода мешуд. Хизматчиёни давлатӣ бояд нуктаҳои умумии Низомнома ва Барномаи ҳизби коммунистӣ, муқаррароти Бюрои сиёсӣ ва Кумитаи Марказии ҳизбро медонистанд. Чунин муносибат боиси шах шудани тафаккур ва ташаккули ҳамфикрии якҷониба гардид.

Дар низоми сталинӣ сиёсати кадрҳо дар заминаи шаҳрвандӣ–ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ бунёд намешуд, балки комилан аз амрҳои ҳизбӣ, талаботи Низомнома вобаста буд, ки чун асоси меъёрии ҷомеаи ба идеология асосёфта хизмат мекарданд. Ҳамин тавр, масъулият (ҳуқуқӣ, моддӣ) барои қарорҳои иштибоҳнок ҳамчунин аз нигоҳи меъёрҳои ҳизбӣ баррасӣ мешуданд. Агар кумитаи ҳизбӣ лозим медонист, аъзои ҳизбро аз сафи худ хориҷ карда, метавонист ӯро ба дасти маҳкамаи советӣ супорад.

Бад-ин тартиб, на усули умумишаҳрвандӣ, балки низоми дугонаи сиёсати кадрҳо вуҷуд дошт: яке барои аъзои ҳизб ва дигаре барои дигарон.

Марҳалаи чоруми сиёсати давлатии кадрҳои Иттифоқи Советӣ, ки ба соли 1941, яъне ба оғози Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ рост омад, хусусиятҳои хоси худро дошт ва бо хатми ҷанг низ поён ёфт. Тавре ки Т. П. Коржихина қайд менамояд, сиёсати давлатии кадрҳо дар шароити ҷанг ҷанбаи фавқулода ва ғайриодиро гирифт. Сиёсати дохилӣ дар он замон ба усули «тамаркузи роҳбарии сиёсӣ, хоҷагӣ ва ҳарбӣ» асос ёфт.[5]

Марҳалаи панҷум, давраи баъдиҷангии сиёсати давлатии кадрҳо аз соли 1945 оғоз шуда, то соли 1953, яъне то фавти И. В. Сталин идома ёфт. Тамоюлоти асосии сиёсати кадрҳои ин давра ғайриҳарбӣ кардани идоракунӣ, барҳам додани мақомоти ғайриконститутсионии фавқулода, ки мутобиқи талаботи замони ҷанг таъсис ёфта буданд ва қисман демократӣ кардани идоракунӣ буд.

Дастгоҳи хизматии давлатии пас аз ҷанг дар назди сиёсати кадрӣ вазифаҳои навро гузошт. Гузаштан ба ҳаёти осоишта тарбияи кадрҳо ва мутахассисони навро талаб мекард, ки бояд малакаи кор дар шароити замони осоиштаро медоштанд. Ҳанӯз дар миёнаи солҳои 1940 дар идоракунии давлат падидаҳои бухронӣ зоҳир шуданд. Коҳиши муассирияти хизмати давлатӣ бозсозӣ ва таҷдиди тамоми дастгоҳи сиёсати давлатии кадрҳоро талаб мекард.

То миёнаи асри XX замина барои замонасозии хизмати давлатӣ ва тарҳрезии таълимоти кадрии тағйирёфта гузошта шуд, ки сароғози марҳалаи минбаъдаи рушд гардид. Марҳалаи шашуми сиёсати давлатии кадрҳо аз нуқтаи назари аксарияти муҳаққиқон, даврае буд, ки таълимоти кадрии давлатии Иттифоқи Советӣ ба таълимоти марксистӣ–ленинӣ дар бораи тадриҷан барҳам хурдани давлат зимни рушди кишвар ба давраи коммунистии ҷамъиятию иқтисодӣ такя мекард. Дар марҳалаи аввали бунёди давлати сотсиалистӣ нукта дар бораи ҳуқуқи ҳар як шаҳрванд барои иштирок дар идоракунии давлат матраҳ шуда, асоснок гардида буд. Аммо ҳаёт дар татбиқи ин нақшаи пешбинишуда тағйирот ворид кард. Табдили давлат ба худидоракунии ҷамъиятӣ имконпазир гардида, идоракунии воқеии давлат пурра дар ихтиёри ҳокимияти ҳизбӣ қарор мегирифт. Дар натиҷа, мулоҳизаҳои мазкур бо андешаи дигар — нақши роҳбарикунанда ва роҳнамои ҳизб табдил ёфт. Давлати аз ҳама муқтадири коммунистӣ натавонист вазифаи усулӣ – таъсиси шакли нави кадриро ҳал намояд. Дар натиҷа хизматчиёни давлатӣ чун махсусияти давлати буржуазӣ, табақаи имтиёзноки ҳукмронии ақаллият бар аксарият боқӣ монданд.

Дар натиҷаи сабабҳои зикршуда, санади махсуси миқёсноки меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи хизмати давлатӣ ва сиёсати кадрӣ дар Иттифоқи Советӣ қабул нашуд. Ниҳоди советии сиёсати давлатии кадрҳо, асосан ба воситаи қонунгузории соҳаи меҳнат танзим шуда, аз ҷониби низоми таъйини мансабҳо назорат мешуд. Дар натиҷа, тахти мафҳуми васеи «хизматчиёни давлатӣ» тамоми кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳамчунин табибон, муаллимон, хизматчиёни муҳандисӣ–техникии муассисаҳои давлатӣ ва бисёр дигар кормандони кори ғайриҷисмонӣ фаҳмида мешуданд.

Марҳалаи ҳафтуми сиёсати давлатии кадрҳо бо фаъолияти роҳбари навбатии ҳизб ва давлати Иттифоқи Советӣ Н. С. Хрушев алоқаманд аст. Ба ақидаи баъзе муҳаққиқон, сиёсати давлатии «нармкунии хрушевӣ» бо сиёсати кадрӣ бар асоси иродаи сарвар, таҷдиди ифротии дастгоҳи давлатӣ, фош намудани шахспарастии И. В. Сталин, такмили низоми идоракунии хоҷагии алоқаманд бо ғайримарказикунонии идораи иқтисод тавсиф карда мешавад. Ҳадафи сиёсати давлатии кадрҳо наздик кардани

мақомоти ҳизбии идоракунӣ ба раванди истеҳсолоти иқтисодӣ буд. Низоми иҷтимоию сиёсии марҳалаи мазкур сиёсати кадрҳои фармонфармоӣ–маъмурӣ буд.

Марҳалаи ҳаштуми сиёсати давлатии кадрҳоро бо омадани Л. И. Брежнев ба роҳбарии ҳизбию давлатӣ алоқаманд менамоянд. Сиёсати давлатӣ, асосан ба тақвияти назарраси усули таъйини мансабҳои ҳизбӣ равона буд. Унсури муҳимтарини низоми кадрҳои ин марҳала дастгоҳи ҳизбӣ гардид, ки вазифаи мақомоти интихобии ҳизбӣ ва советиро ба дӯш гирифт. Дар давраи Л. И. Брежнев ба бисёр ташаббусҳои мусбати И. В. Сталин ва Н. С. Хрушев хотима дода шуд. Асоси сиёсати кадрии Л. И. Брежневро таълимоти «сотсиализми мутараққӣ» ташкил медод.

Дар низоми идоракунии давлат мартабаи хоси сиёсӣ шакл гирифт, ки дар он мақомоти ҳизбӣ, давлатӣ ва советӣ шомил буданд. Тавре ки А. Зиновев таъкид кардааст, дар замони Иттифоқи Советӣ «тамоми низоми ҳокимият як навъ дастгоҳи ҳизбӣ буд».[2] Ҳасти элитаи сиёсии сатҳи гуногунро комитетҳои ҳизбӣ ташкил медоданд. Тавре ки муҳаққиқон қайд мекунанд, дар оғози солҳои 1980 коммунистҳо беш аз 43% кадрҳои роҳбарикунандаро ташкил медоданд, гарчи дар байни тамоми аҳолӣ теъдоди коммунистон 8–9% буд. Зимнан, тамоми раисони Шӯрои Олӣ, Шӯрои вазирони ҷумҳуриҳои советӣ ва мухтор, кумитаҳои иҷроияи вилоятҳо он солҳо ҳатман коммунист буданд. Дар байни вакилони Шӯрои Олии Иттифоқи Советӣ шумораи коммунистҳо 67%, дар байни кормандони комитектҳои ҷавонон (комсомол) 72%, дар таркиби Иттифоқи касаба ва Комиссияи марказии тафтишоти иттифоқҳои касабаи Иттифоқи Советӣ 75% буданд. Ғайриҳизбиён дар байни кадрҳои роҳбарикунанда хеле камшумор буданд.[16] Аз сӯи дигар, дар таркиби мақомоти ҳокимияти ҳизбӣ ҳиссаи кормандони ҳизбии ғайрикасбӣ афзуд. Дар солҳои 30-ум дар таркиби Комитети Марказии Партияи Коммунисти Иттифоқи Советӣ ҷойи муайянро намояндагони мақомоти марказии давлатӣ ишғол мекарданд ва дар солҳои 1980 теъдоди онҳо нисбат ба кормандони ҳизбии дастгоҳи марказӣ се баробар афзуд (тақрибан 30% дар муқобили 11,5%).[17]

Тавре ки А. В. Понеделков менависад, дар натиҷаи ҳамаи ин, дар тарбияи кадрҳо такя ба рушди сифатҳои иҷрокунандагӣ мегардид. Шахсиятҳои дорои мавқеи худ, шоиста ва дорои қобилияти истодагарӣ дар нуқтаи назари хеш маъмулан ба хизмати давлатӣ роҳ дода намешуданд. Ҷойи салоҳиятнокии корманд ва пойбандии он ба дониш ва илмро аксар вақт садоқати ӯ ба роҳбарият ва иҷрои фармонҳою муқаррарот мегирифт.[18] Ин хусусиятҳо ҳанӯз дар замони сталинӣ зоҳир шудан гирифтанд. Баъдтар, дар сиёсати кадрҳо ба касбият ва салоҳияти корманд таваҷҷуҳи бештар дода мешуд.

Ба ақидаи А. Зиновев, «зарурати тамаркузи саъю талош ба барқарорсозӣ ва бозсозии иқтисоди миллӣ (хоҷагии халқ) дар солҳои баъдиҷангӣ равиши хоҷагию техникӣ нисбат ба интихоб ва тарбияи кадрҳои ҳизбиро ташаккул дод, ки ин боиси зуҳури равиши технократӣ дар фаъолияти онҳо гардид. Ва ин тамоюл то солҳои охир давом ёфт».[2]

Марҳалаи нуҳуми сиёсати давлатии кадрҳо аз ба сари ҳокимият омадани М. С. Горбачев оғоз гардид. Он давраи мураккабтарин ва буҳронитарини инкишофи мамлакат мансуб мегардид. Он оқибат на танҳо шакли идоракунии дастгоҳи ҳизбӣ, балки тамоми низоми давлатдорӣ ва сиёсиро шикаст. Худи давлатро аз байн бурд, ки амали мазкур ба таври саросарӣ ҳамчун фоҷиаи геополитикӣ тавсиф мегардад.

Сиёсати давлатӣ дар ин давра бо фаъолияти мақомоти ҳизбӣ ва советӣ оид ба суръатбахшӣ ба рушди иқтисод ва аз байн бурдани воситаҳои боздоранда ва

монеъкунанда тавсиф мешавад. Дар ин давра таҷдиди ҳайратангези элитаи сиёсӣ рӯй дод.

Мутобиқи сиёсати кадрҳо табдили сартосарии кадрҳои роҳбарkунанда амалӣ шуд. Табдили шадиди кормандони номенклатурӣ дар мақомоти ҳокимияти марказӣ ва дар маҳалҳо боиси коҳиши салоҳияти роҳбарони хоҷагӣ ва ҳизбӣ гардид. Тағйироти кадрӣ ва бозсозӣ рушди иқтисодиро таъмин карда натавонистанд. Сабаби асосӣ дар он буд, ки дар ин давра дар кишвар ҳокимияти марказии қавӣ, ки тавонад ислоҳоти васеъю бардавоми иқтисодиро анҷом диҳад, вуҷуд надошт.

Дар шароити шикасти низоми маъмурию фармонфармоӣ ва буҳрони сартосарии сиёсат, ҷомеа ва иқтисод, ҳамзамон мебоист давлати нав ва воситаҳои навини идоракунӣ бунёд мешуд. Дастгоҳи идоракунии давлатӣ ва сиёсати кадрии онро барҳам заданд ва системаи нави муносибатҳоро ташаккул дода натавонистанд.

Тавре ки рӯйдодҳои минбаъда нишон доданд, М. С. Горбачев натавонист гурӯҳи роҳбарикунандагони давлатиро ташкил диҳад ва ӯ унсурҳои асосии идоракуниро аз даст дод. Чунин амалҳо ва фаъолиятҳои президенти СССР муташаккилона ва огоҳона амалӣ мегардиданд. Дар натиҷа, қарор дар бораи барҳам додани Давлати Советӣ қабул гардид, ки дар шикастпораҳои он ниҳодҳои нав ва мустақили сиёсӣ зуҳур намуданд. Дар назди онҳо дар шароити таҳаввулоти сиёсӣ вазифаҳои ҷустуҷӯи сохтори муносиби давлатӣ, гузаштан ба иқтисоди бозорӣ ва усулҳои роҳбарии демократӣ, ҳамчунин ташаккули заминаи меъёрии ҳуқуқии сиёсати нави давлатдорӣ меистод.

Роҳбарони Иттифоқи Советӣ нақш ва аҳамияти сиёсати кадрҳо ва ниҳоди хизмати давлатии мавҷудаи беш аз 100 соларо, ки дар аксарияти кишварҳои европоӣ бомуваффақият амал мекарданд, муддати тӯлонӣ дарк карда натавонистанд. Бинобар ин, пешниҳодҳои сершумори мутахассисон ва таҳиякунандагони лоиҳа ва санадҳои қонунгузорӣ дар бораи сиёсати кадрҳо ва хизмати давлатӣ аз тарафи роҳбарони кишвар ба эътибор гирифта намешуд.

Танҳо пас аз касби истиқлол ва оғози ислоҳот дар давлатҳои нави миллӣ дарку фаҳмиши самараноки таҳияи сиёсати давлатии кадрҳо, истифодаи таҷрибаи таҳаввулоти советӣ ва хориҷии хизмати давлатӣ ба амал омад. Батадриҷ нақши усулҳои умумишаҳрвандӣ ва демократӣ дар созмондиҳии намунаи муосири хизмати давлатӣ дарк шуд.

Баррасии таҷдиди равандҳои кадрҳо дар пасманзари таҳқиқоти муқоисавӣ ва таърихӣ ба ошкор намудани табиат ва устувории онҳо, баҳамалоқамандии тағйироти робитаҳои кадрҳо, ҷараёни вазифаҳои сафарбаркунандаи амал ва рафтори шахсиятҳои ҷалбшуда ба равандҳои кадрҳо мусоидат мекунад.

Ҳамзамон бо ҷиҳатҳои мусбат, таҳлили бартарии таърихи рушди сиёсати давлатии кадрҳо имкон медиҳад, ки ҷанбаҳои манфӣ низ ошкор шаванд. Аз ниҳоди онҳо натиҷагирии дахлдор дар амалӣ намудани сиёсати давлатии кадрҳо бароварда мешаванд.

Ҳамзамон, гуфтан ба маврид аст, ки шарти зарурӣ барои шаклгирии тафаккури давлатӣ мавҷудияти таҷрибаи амалии идоракунии давлатӣ мебошад. Аз ин назар, бахше аз гурӯҳҳои сиёсӣ ва идоракунии кишвари мо таҷрибаҳои мушаххаси корӣ ва идоракунии ҳам даврони советӣ ва ҳам даврони муосирро доранд. Таҷрибаи ташкилӣ ва идорие, ки аз замони советӣ боқӣ мондааст, яке аз дороиҳои бисёр муҳим дар самти давлатдорӣ мебошад, ки бояд ба он ба таври ҷиддӣ муносибат намуд. Маҳз дар ин давра дубора насле аз коргузорони тоҷик ба вуҷуд омад, ки бо низоми нисбатан муосир

ва мураккаби идорӣ ва давлатӣ сару кор гирифта, таҷрибаи чунин фаъолиятро касб намуданд.[8]

Вале ин таҷриба ва амалияи идоракунии сиёсӣ дар шароити Тоҷикистон бо чанд мушкилот рӯ ба рӯ гардидааст:

— чун тоҷикон асосан дар мақомҳои идории сатҳи поён, миёна ва ё ҷумҳуриявӣ буданд, онҳо таҷрибаи роҳбарии воқеии мустақилонаи сиёсиро камтар фаро гирифтанд. Вазифаи асосии роҳбарони аксари вилоят ва шаҳру ноҳияҳо идоракунии бахши иқтисод ва хоҷагидории минтақаҳо буда, ба ин вазифаҳо, пеш аз ҳама, шахсони дорои ихтисосҳои иқтисодӣ ва кишоварзӣ (бо гузоштани курсҳои кӯтоҳмуддатии ҳизбӣ) таъин мешуданд. Чунин ҳолат аз ҳолати идоракунии давлатию сиёсӣ то ҷое фарқ дорад. Аз ин рӯ, насли идории мо дар замони советӣ мудирони иҷроияи хуб шуданд, вале на ҳамаи онҳо тафаккури идоракунии сиёсию давлатиро аз худ карда тавонистанд. Яъне, бештари таҷрибаи онҳо на дар сиёсатгузории давлатӣ, балки дар «хоҷагидорӣ» ва «ҳокимияти иҷроия» хулоса мешуд;

— бо фурӯпошии Иттифоқи Советӣ ва тағйири шароити давлатдорӣ, бахше аз таҷрибаи насли идорию сиёсии он замон корбурди сиёсии худро аз даст дод. Вазъияти нав равишҳои нави идоракунии ҳам сиёсӣ ва ҳам иқтисодиро талаб менамуд, вале бахши муайяне аз ин табақот, ҳатто то имрӯз, худро ба шароити нави сиёсию иқтисодӣ мутобиқ сохта наметавонад. Аз ин рӯ, баъзе аз онҳо ногузир дар ҳошияи равандҳо маҳфуз мондаанд;

— илова бар ин, дар аввали солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон тағйири ҷиддии элитаи ҳукмрон ба вуҷуд омад. Дар натиҷа, теъдоди зиёди идоракунандагони дорои таҷрибаи муфид аз низоми идории давлат хориҷ шуданд. Барои муқоиса, дар кишварҳои дигари минтақа ин гузариши элита ба таври тадриҷӣ ва табиӣ анҷом шуд ва ё ҳанӯз ҳам идома дорад. Аз ин рӯ, боз як қисми дигари таҷрибаи идории меросии советӣ аз гардиши давлатӣ берун монд.[8]

Ҳамин тавр, насли имрӯзаи маъмурону менеҷерҳо, асосан таҷрибаи зарурии сиёсатгузорӣ ва мудирияти сиёсии давлатӣ надошта, фақат бахше аз он таҷрибаи иҷроии муфид дорад. Ин аст, ки ташаккули тафаккури давлатӣ ва инкишофи он бо мушкилиҳо сурат мегирад. Зеро як бахши бузурги ин сатҳи тафаккур бояд аз донишу таҷрибаи идоракунии мустақили давлатӣ ва сиёсӣ сарчашма гирад. Барои инкишофи он сатҳи зарурии заминаҳо ва шароитҳо аҳамияти калон доранд.

**Адабиёт:**

1. Восленский М. С. Номенклатура [текст] / М. С. Восленский. — М.: Издательство Захаров, 2015. — С. 82.

2. Зиновьев А. А. Коммунизм как реальность. Кризис коммунизма [текст] / А. Зиновьев. — М. : Центр-полиграф, 1994. — С. 324.

3. Исаев М. А. История российского государства и права: учебник [текст] / И. А. Исаев. — М.: Статут, 2012. — С. 323.

4. Колесников В. Л. Государственная кадровая политика: политико-институциональный аспект : дис. … канд. полит. наук [текст] / А. Л. Колесников. — Ростов н/Д., 2002. — С. 19.

5. Коржихина Т. П. История российской государственности [текст] / Т. П. Коржихина, А. С. Сенин. — М.: Интерпракс, 1995. — С. 171, 173.

6. Ленин В. И. Полн. собр. соч. — М., 1981. — Т. 36. — С. 467.

7. Мельников В. П. Государственная служба России: отечественный и исторический опыт [текст] / В. Н. Мельников // Государственная служба: теория и организация. — Ростов н/Д., 1996. — С. 400.
8. Набудани тафаккури давлатӣ чӣ оқибатҳо дорад? // Набзи замон. — № 1, 2013. — Душанбе: «Эр-граф», 2013. — С. 19–21.
9. Нелидов Н. Юридические и политические основания государственной службы [текст] / Н. К. Нелидов – М. : Книга по Требованию, 2013. — С. 136–137.
10. Нуриддинов Р. Ш., Нуриддинов П. Р. Хадамоти дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ. Китоби дарсӣ [матн] / Р. Ш. Нуриддинов, П. Р. Нуриддинов. — Душанбе: «ЭР-граф», 2018. — С. 104-107.
11. Оболонский А. В. Эволюция государственной службы в Великобритании [текст] / А. В. Оболонский // Государство и право. — 1996. — № 6. — С. 121–130.
12. Организация управления и требования к гражданской службе в США // Вестник государственной службы, 1992. — №4. — С. 57.
13. Перегудов С. П. Великобритания после выборов 1997 г. : обычная смена власти или прорыв в XXI век? [текст] / С. П. Перегудов // Мировая экономика и международные отношения. — 1998. — № 3. — С. 74–89.
14. Перегудов С. П. Тэтчер и тетчэризм [текст] / С. П. Перегудов. — М. : Наука, 1996. — С. 134–136.
15. Полднев К. Ю. Социальная сущность государственной кадровой политики в органах власти и управления : дис. … канд. социол. наук. [текст] / К. Ю. Полднев. — М.: РАГС, 2004. — С. 24.
16. Политическая теория : тенденции и проблемы. — М. : "Дело", 1994. — С. 149 ; Государственная служба Российской Федерации: становление, кадровое обеспечение. — М. : РАГС, 1994. — С. 24.
17. Политические процессы в условиях перестройки. — М. : "Дело", 1991. — Вып. 2. — С. 17.
18. Понеделков А. В. Компетентность востребована (социологический аспект). — М. : РАГС, 1990. – 202 с.
19. Сталин И. В. Соч. — М., 1947. — Т. 4. — С. 366–367.

## ГОСУДАРСТВЕННАЯ КАДРОВАЯ ПОЛИТИКА В СОВЕТСКОЕ ВРЕМЯ

**ЗОКИРОВ ГУЛМАХМАД НОЗИМОВИЧ,**
Таджикский национальный университет,
профессор кафедры политологии.
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17.
**НУРИДДИН ПАРВИН РАЙМАЛИХОН,**
Таджикский национальный университет,
кандидат политических наук, доцент кафедры международных отношений.
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17.
Тел.: (+992) 989-99-72-95; E–mail: panurama@mail.ru

*Исследование генезиса государственности Советского Союза, кадровой политики и государственной службы советского периода поможет понять современные проблемы изучаемого вопроса, спрогнозировать пути ее дальнейшего совершенствования. Это особенно важно для новых независимых и молодых обществ,*

*возникших в бывшем Советском Государстве, чтобы стало возможным избежать ошибок в реализации такого важного компонента государственной политики, как кадровый вопрос. Одновременно, исследование вопроса кадровой политики Советского Союза основывается на трудах ограниченного круга авторов ввиду того, что внимание большинства советских специалистов в основном было сосредоточено на общих тенденциях и ходе преобразований во внутренней политике Советского Союза. Необходимо отметить, что теоретико-методологические и научные подходы в периодизации кадровой политики Советского Союза вариативны в зависимости от предметной области и социально-политических установок конкретного исследователя.*

*Возникновение и эволюцию государственной кадровой политики Республики Таджикистан, на наш взгляд, закономерно рассматривать через два крупных исторических этапа: этап Советского Союза и этап формирования и развития новых национальных государств. Данная периодизация условна, но она позволяет систематизировать становление государственной кадровой политики, и анализировать основные фазы генезиса в Таджикистане.*

***Ключевые слова:*** *кадры, государственная политика, Советский Союз, Таджикистан, управление государством, государственная служба и т.д.*

## STATE PERSONNEL POLICY IN THE SOVIET ERA

**ZOKIROV GULMAHMAD NOZIMOVICH**,
Doctor of Political Sciences, Professor of the Department of Political Sciences of Tajik National University.
734025, Tajikistan, Dushanbe,17, Rudaki Ave.
**NURIDDIN PARVIN RAIMALIKHON,**
Tajik national university,
Candidate of Political Sciences, Associate Professor
of the International Relations Department
of Tajik National University
734025, Tajikistan, Dushanbe,17, Rudaki Ave.
Phone: (+992) 989-99-72-95: E-mail: panurama@mail.ru

*The study of the formation of the Soviet Union statehood, personnel policy and civil service of the Soviet period will help to understand the current problems of the studied issue, to predict the ways of its further improvement. This is especially important for the newly independent and young countries that emerged in the territory of former Soviet State, so that it is possible to avoid mistakes in the implementation of such an important component of state policy as the personnel issue. At the same time, the study of the personnel policy of the Soviet Union is based on the works of a limited number of authors due to the fact that the attention of most Soviet specialists was mainly focused on general trends and the course of changes in the internal policy of the Soviet Union. It should be noted that the theoretical, methodological and scientific approaches to the periodization of the personnel policy of the Soviet Union are variable depending on the subject area and socio-political attitudes of a particular researcher.*

*The emergence and evolution of the state personnel policy of the Republic of Tajikistan, should be considered through two major historical periods: the period of the Soviet Union*

*and the period of the formation and development of new national states. This periodization is conditional, but it allows to systematize the formation of the state personnel policy, and analyze the main phases of its formation in Tajikistan.*

***Key words:*** *personnel, state policy, Soviet Union, Tajikistan, state administration, civil service, etc.*

УДК: 07+659(575.3)

# ИНЪИКОСИ НИЗОЪҲОИ СИЁСӢ ДАР МАТБУОТИ ИБТИДОИ СОЛҲОИ 90-УМИ АСРИ XX

**МАВЛОНОВ ХУРШЕД ДАВЛАТАЛИЕВИЧ**,
докторант (Ph.D)-и кафедраи телевизион ва
радиошунавонии факултети журналистикаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Тел.: (+992) 988-68-76-08; E-mail: hurshed.0001@mail.ru

*Тӯли солҳо матбуоти тоҷик бо фаъолияти пурғановати худ дар босаводкунонии ҷомеа, огоҳонидани онҳо бо масъалаҳои муҳимми давр, васеъ намудани диди аудитория ва амсоли ин саҳми бориз гузоштааст. Агарчи матбуоти тоҷик дар давраи шӯравӣ решаи мустаҳкам давонда бошаду маҳз дар ин давра чӣ дар сатҳи музофот ва чӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ нашрияҳо арзи ҳастӣ карда бошанд ҳам, вале дар асл давраи асосии рушду нумӯи матбуоти тоҷик ба давраи соҳибистиқлолӣ рост меояд. Шурӯъ аз аввали рӯзҳои истиқлолият нашрияҳои мустақил таъсис дода шуд. Нашрияҳои ҳизбие, ки аз замони шӯравӣ боқӣ монда буданд, фаъолияти худро дигар намуданд. Дар аввали солҳои 90-ум дар низоми матбуоти тоҷик нашрияҳои зиёде шомил гардиданд. Шаклу мундариҷаи нашрияҳое, ки қаблан фаъолият мекарданд, дигар шуд. Зарурати ба тақозои замон ва имконоти пахш дигар кардани рӯзномаҳоро ба вуҷуд овард. Акнун барои нашрияҳои даврӣ чопи воқеаҳо ва фаврият дуюмдараҷа шуд, шарҳу тавзеҳ ва таҳлилу баррасии масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ муҳимтар гардид.*

*Баррасси авзои матбуоти тоҷик дар авҷи ҳодисаҳои сиёсии солҳои 90-ум ҳамеша мубрам боқӣ мемонад. Зеро дар ин давра нашрияҳои навпайдо ва мутааллиқ ба ҳар ҳизбу гурӯҳ ҳарчи бештар мехостанд, афкори ҷомеаро ҷониби фаъолияти худ савқ бахшанд. Ба таври мисол дақиқ гардид, ки матбуоти солҳои аввали 90-ум бештар ба кадом мавзӯъҳо таваҷҷуҳ мекарданд ва бархӯрди ҷомеа ба онҳо чи гуна буд.*

***Калидвожаҳо:*** *матбуот, солҳои навадум, ҳодисаҳои сиёсӣ, нақш, таъсиррасонӣ, нашрия, ҷомеа.*

Бо ба даст овардани истиқлоли давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаҳои ахбори омма, хусусан матбуоти даврӣ ба таҳаввулоти куллӣ дучор шуд. Нашрияҳое, ки бо теъдоди на камтар аз 100 то 200 ҳазор ба нашр мерасиданд, ба мушкилиҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ шуданд. Фаъолияти нашрияҳо дар маҷмӯъ ба тадриҷ коҳиш ёфт. Аз нигоҳи дигар агар бо чанд калима хулоса намоем, дар марҳилаи нав матбуоти тоҷик самти фаъолияти худро дигар намуд. Агар аз як ҷониб талабот ва сохти демократӣ бошад, аз ҷониби дигар зарурате пеш омад, ки пешниҳоди матолиб ба шакли дигар дароварда шавад. Аммо “бояд икрор шуд, ки дар ҳеҷ давру замон барои фаъолияти матбуот мисли даврони истиқлол шароиту имконоти иҷтимоиву замонӣ ва ҳуқуқиву қонунӣ набуд. Басо хуш аст, ки дар шароити кунунии Точикистон низоми гуногуни матбуот ташаккул ёфта, заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти нашрияҳои мухталиф ба вуҷуд омадааст. Имрӯз дар кишвари мо системаи нави матбуот ҳукмфармост. Баробари нашрияҳои расмию давлатӣ, фаъолият доштани нашрияҳои ҳизбию шахсӣ, тиҷоратӣ, фарҳангию маънавӣ далели гуногунрангу хоси демократия будани матуботи тоҷик аст”[6, с.36].

Дар низоми матбуоти тоҷик нашрияҳои зиёде аз рӯи тип ва таинот гуногун шомил гардиданд. Шаклу мундариҷаи нашрияҳое, ки қаблан фаъолият мекарданд, дигар шуд. Зарурати ба тақозои замон ва имконоти пахш дигар кардани таъиноти рӯзномаҳоро ба вуҷуд овард. Акнун барои нашрияҳои даврӣ чопи воқеаҳо ва фаврият дуюмдараҷа шуд, шарҳу тавзеҳ ва таҳлилу баррасии масъалаҳои иҷтимоӣ муҳимтар гардид.

Матбуоти давраи истиқлолият бо вижагиҳои хоса фарқ мекунад. Бахусус рангорангӣ, ки дар заминаи он матбуоти ҳукуматӣ, соҳавӣ, ҷамъиятӣ, саҳҳомӣ, ғайриҳукумтӣ ва ғайра амал мекунанд. Хусусиятҳои мазкур бошанд, заминае барои ошкорбаёнӣ ва гуногунфикрӣ гардиданд. Талаботи аслии ин ҳама бошад, аз як шакли давлатдорӣ ба дигар шакли давлатдорӣ гузашт кардани Тоҷикистон мебошад. Бояд дар раванди демократикунонии давлат матбуот саҳм мегузошт ва чунин ҳам шуд.

Аз он ки дар ҷомеа барои истиқлоли комил талош мекарданд, баъзе нозукиҳое буд, ки маҳз матбуот метавонист бо таъсир расонидан ба афкори омма, равона кардани фикру андешаҳои ҷомеа ба мавзӯъҳои хос онро дақиқу равшан намояд. Ба таъкиди муҳққиқ М. Муродов: “Демократия ва озодии матбуот чизи нав нестанд. Аммо ҷомеаи имрӯзаи мо, ки барои истиқлоли комил талош доранд, ба раванди дигаргуниҳои куллии иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳамчун эъмори органҳои наву демократибунёд ба вуҷуд пайвастааст, демократия ва озодии матбуот маънии дигарро касб менамоянд. Гузашта аз ин, инкишофи ҷамъияти башардӯстонаи демократӣ аз ҳар ҷиҳат ба журналистика, минҷумла матбуот вобаста аст” ”[6, с.36].

Истиқлолият ба матбуоти тоҷик пеш аз ҳама озодӣ дод. Албатта, қабл аз истиқлолият низ озодӣ буд. Озодии фаъолият буд, озодии баррасии мушкилӣ буд. Аммо озодии баррасии масъала аз дидгоҳ ва паҳлӯҳои мухталиф вуҷуд надошт. “Тибқи арзёбии коршиносони байналмилалӣ матбуоти кишвари мо имрӯз дар қиёс бо бисёр кишварҳо аз дидгоҳи озодии баён пешрафта мебошад. Ба таъбири дигар, матбуот ба мақсаду мароми халқ ва арзишу манфиатҳои миллӣ наздиктар шуд. Имрӯз дар фаъолияти матбуоти мустақили Тоҷикистон, яъне дар фаъолияти онҳое, ки худашон рӯзномаву маҷалла, агентии иттилоотӣ, шабакаи телевизион ё радио таъсис дода, кори онро мустақилона пеш мебаранд, унсурҳоеро мебинем, ки сазовори пайравӣ кардану омӯхтан ҳастанд. Муҳим нест, ки рӯзноманигорон дар кадом самт – матбуоти давлатӣ ё матбуоти мустақил фаъолият доранд”[12].

Мафҳумҳое мисли “матбуоти хусусӣ”, “матбуоти соҳавӣ”, “озодии баён” маҳз зодаи истиқлолият мебошанд. Дар ин давра нақши матбуот дар фаъолияти ҳаррӯзаи одамон ва таъсири он ба афкори ҷомеа маънии тоза пайдо кард. Зеро дар ин давра гуногунандешӣ, ки хоси демократия аст, ба вуҷуд омад.

Дигар паҳлӯ ин назри мардум мебошад. Хоҳу нохоҳ дар дилхоҳ ҷомеа фикру ақидаҳо нисбати проблемаҳо гуногун мебошад. Яъне, баҳои яктарафа боиси норозигии тарафи дигар мегардад. Хусусияти вижаи матбуоти замони истиқлолӣ ин аз байн рафтани баҳодиҳии яктарафа буд.

“Агар ба сайри таърихии матбуоти тоҷик назар андозем, онро метавон ба се марҳала - давраи пеш аз инқилоб, даврони шӯравӣ ва замони истиқлол ҷудо намуд. Бояд гуфт, ки матбуот дар ҷумҳурии мо дар ин давраҳои таърихӣ, аз ҷумла дар замони шӯравӣ ба таври назаррас рушд кардааст. Воситаҳои ахбори омма махсусан дар самти инъикоси масъалаҳои вобаста ба бунёди иншооту сохтмонҳои азим, ташкили ҳаёти нав ва масоили адабиву фарҳангӣ нақши созанда ва пешоҳанг доштанд. Давраи комилан нав ва аз лиҳози сохтор ва услуби кор ба таври ҷиддӣ фарққунандаи фаъолияти

воситаҳои ахбори оммаи мо маҳз дар замони истиқлоли давлатии Тоҷикистон оғоз гардид ва матбуот вобаста ба воқеияти замон такомулу ташаккул ёфт”[7].

“Бо поён ёфтани ҳокимияти ҳизбӣ рӯзномаҳои марказӣ, аз ҷумла “Тоҷикистони Шӯравӣ” (“Ҷумҳурият”) ва “Коммунист Таджикистана” (“Народная газета”) тағйири ном карданд ва аз тобеияти ҳизби коммунист озод шуданд”[1]. Аммо ин нашрияҳо ҳамоно давлатӣ боқӣ монданду фаъолияти худро дар чаҳорчӯбаи муайян пеш бурданд.

Замони аввали эълони истиқлолияти давлатӣ то миёнаҳои соли 1992 дар таърихи журналистикаи тоҷик мавқеи муҳим ва чашмрас дорад. Дар ин давра системаи матбуоти Тоҷикистон комилан тағйир ёфт. Бо вуҷуди он ки як давраи кӯтоҳро дар бар мегирад, аммо дар ин вақт низому равиши матбуот дигаргун гардид. Ин давра идомаи равандҳои оғози солҳои 90-ум ва авҷи ташаккули матбуоти ғайридавлатӣ буд. Нашрияҳои нави “Бизнес и политика”, “Тоҷикистон”, “Пайванд”, “Тоҷик-пресс”, “Ориён”, “Навиди бозаргон” ва ғайра ба гурӯҳи ҳафтаномаҳои мустақил пайвастанд ва шумори умумии нашрияҳои озод ба зиёда аз 30 номгӯй расид. Авҷи матботи хусусии кишвар маҳз ба ин давра рост омадааст. Агар аз рӯи нишондоди дар боло овардашуда нигарем, дар ин давра Тоҷикистон дар байни ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ аз лиҳози чопи матбуоти мустақил дар ҷои аввал буд.

“Дар соли аввали истиқлолият барои матбуоти тоҷик як фазои комили озодандешӣ фароҳам шуд ва дар баррасии масоили кишвар дигар ҳаросе ва мавзӯи мамнӯе барои рӯзноманигорон вуҷуд надошт. Нуфузи расонаҳои чопӣ дар ҷомеа ба таври бесобиқа боло рафт ва ин давраро бисёре аз рузноманигорон ҳамчун “соли тилоӣ”-и матбуоти тоҷик ном мебаранд. Тағйироти дигари ин давра эҳёи нашрияҳои маъруфи оғози солҳои 90-ум буд”[1]. “Ибтидои солҳои 90-уми садаи 20 давраи шукуфоии матбуоти озоди Тоҷикистон шуморида мешавад, ки ба нашрияҳое монанди “Чароғи рӯз”, “Растохез”, “Сухан”, “Адолат” ва монанди инҳо нисбат дода мешавад” [4]. Тибқи омори расмии соли 1992, теъдоди интишори солонаи тамоми нашрияҳо ҳудуди 112 миллион нусхаро ташкил дода, барои 6 миллион аҳолии Тоҷикистон ба хубӣ дастрас буд.

Чизе дигаре, ки ба пайдо шудани матуботи озод дар аввали солҳои 90-ум сабаб гардид, ин аз байн рафтани сенсуза буд. Фаъолияти сензуравии матбуоти замони шӯравӣ намегузошт, ки ҷуз газетаҳои ҳизбӣ дигар намуди нашрияҳо фаъолият намоянд. Бо ба даст овардани истиқлоли давлатӣ сензура аз болои матбуот дур гардид ва ин раванд ба пайдо шудани ҳама шакли нашрияҳо сабаб шуд: “Бо шурӯи фаъолияти расонаҳои мустақил дар Тоҷикистон, ба мисли нашрияҳои хусусии “Чароғи рӯз”, “Дунё”, нашрияҳои “Растохез” ва "Сухан" дар ибтидои солҳои навади асри гузашта қолаби оҳанини сензури идеологии матбуоти шӯравӣ дар ин кишвар шикаста гардид”[3].

Вале нуқтаи меҳварие, ки бояд қайд кунем, ин аст, ки дар ин давра сӯистифода аз вазъ хеле зиёд гардида буд. Ба таври дигар давраи беқонунӣ боси ба он шуда буд, ки нашрия ҳар кадом ба хости худ аз озодии ба даст омада истифода мекарданд. Аз мазмуну мундариҷа ва муҳтавои матолиби чопии нашрияҳои солҳои аввали истиқлолият бар меояд, ки ҳар нашрияе, ки рӯи чоп меомад, ҳадаф ё мақсадҳои муайяну якҷониба ва манифатҳои махсусро ифода менамуданд. Махсусан дар солҳои пуртаззоди ҷанги шарҳрвандӣ ин раванд ба таври барҷаста мушоҳида мешавад. Ҳатто нашрияҳои ҳизбие, ки дар давраи шӯравӣ қолаби шахшуда доштанд, дар ин давра бо матолиби пурнақши худ сару садои зиёдро ба бор оварданд.

Мо барои мисол худ ду нашрия – “Ҷумҳурият” ва “Адолат”-ро барои мисол ин ҷо меорем. Албатта “Ҷумҳурият” бо таърихи бою ғании худ як макти бузургро мемонад, ки то ҳол рисолати худро аз даст надодааст.

“Иди тоҷик” ва ҳоло “Ҷумҳурият” зодаи даврони шӯравист, ки то замони мо омада расидааст. Нахустшумораи “Ҷумҳурият” 15-уми марти соли 1925 бо номи хушсадову умедбахши “Иди тоҷик” дар шаҳри Душанбе ба табъ расида, воқеан ҳам барои ҷумҳурии тозатаъсиси Тоҷикистон ва миллати мутамаддини тоҷик рӯйдоди муҳимми таърихӣ буд. Зеро замонаи бераҳм рӯшанфикронамонро нишони тир мекард, китобҳои ниёконамонро дар оташи ҷаҳолат месӯхт ва доираи амали забони тоҷикиро маҳдуд месохт. Мақсаду мароми рӯзнома аз шумораи дуввум, ки ба худ номи “Бедории тоҷик”-ро гирифт, мушаххасу равшантар гаштанд. Тоҷик воқеан ҳам беш аз ҳама ба бедории сиёсӣ ва худшиносии миллӣ ниёз дошт. Рӯзномаи “Бедории тоҷик” бо дарки масъулият ин рисолати бузургро бар дӯш гирифт.

Фарзандони барӯманди тоҷик дар равнақи рӯзномаи “Ҷумҳурият” фаъолона саҳм мегирифтанд. Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ яке аз муаллифони нахустини рӯзнома буд. Устод ин рӯзномаро “модари матбуоти Тоҷикистони советӣ” номида, бо истифода аз фурсатҳои фароҳамомада адибонро ба ҳамкорӣ ва мардумро ба рӯзномахонӣ ташвиқ менамуд.

Қаҳрамони Тоҷикистон академик Бобоҷон Ғафуров низ солҳои сиюм аз муаллифони фаъоли рӯзнома буд ва бисёр мақолаҳои ҷолиби худро, ки ба таъриху фарҳанги миллати тоҷик бахшида шудаанд, маҳз дар рӯзномаи “Ҷумҳурият” ба табъ расондааст.

Қаҳрамони дигари Тоҷикистон устод Мирзо Турсунзода ҳам дар мақолаи худ “Аввалин газета, аввалин мӯъҷиза”, ки ба ифтихори 50-солагии “Ҷумҳурият” навишта буд, аз эътиқоди самимии хеш ба ин рӯзнома ва нақши он дар мубориза҅ҳо бо муҳаббати гарм ҳарф задааст.

Дар солҳои гуногун чеҳраҳои шинохта ба монанди Абулқосим Лоҳутӣ, Аминҷон Шукӯҳӣ, Ашӯр Ҳалимов, Шодӣ Саидов, Ғоиб Қаландаров, Ибод Файзулло, Нур Табаров, Мазҳабшо Муҳаббатшоев ва Шоҳмузаффар Ёдгорӣ сармуҳаррири рӯзнома будаанд. Аксари журналистони номдори кишварамон дар “Ҷумҳурият” кор кардаанд. Бисёр адибон, аз қабили Фазлиддин Муҳаммадиев, Мутеъулло Наҷмиддинов ва Абдулҳамид Самадов дар ҳамин даргоҳ ба қаламу сухан меҳр баставу дил бохта, пешаи сухангӯиро ихтиёр намудаанд.

Рӯзномаи “Ҷумҳурият” дар муборизаҳо барои манофеи миллӣ пешгому парчамбардор буд. Маҳз бо часпу талошҳои рӯзномаи “Ҷумҳурият” забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ гирифт. Саҳми рӯзнома дар боло бурдани дараҷаи худшиносии миллӣ ҳам шоистаи таҳсин аст [1].

Нашрия дар тамоми фаъолияти худ дар муборизаҳо барои манофеи миллӣ пешгому парчамбардор буд. Саҳми ин нашрия дар боло бурдани дараҷаи худшиносии миллӣ баланд арзёбӣ мегардад. Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ба рӯзномаи “Ҷумҳурият” ва кормандони он болу пар бахшид. Марҳилаи наву муҳимтаре барои кору эҷод дар нашрия оғоз ёфт. Вале низоъи шаҳрвандӣ, ки кишварро гирифтори бӯҳронҳои шадиди сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ намуд, ба фаъолияти рӯзномаи “Ҷумҳурият” ҳам таъсири манфӣ расонд. Рӯзнома агарчи ба ормонҳои давлату миллат ҳамчунон содиқ ва дар дифои манофеи онҳо устувор боқӣ монд, вале акнун дар тарғибу пешбурди сиёсати давлат торафт нотавон мешуд. Вазъи моддиву маънавии он бадтар мегашт. Кор ба дараҷае расид, ки “Ҷумҳурият” дар миёнаҳои

солҳои 90-ум ҳафтаҳо, моҳҳо рӯи чопро надид. Аксари рӯзноманигорони соҳибқаламу моҳир ба хотири таъмини рӯзгор ноилоҷ “Ҷумҳурият”-ро тарк гуфтанд. Соли 1995 бошад, “Ҷумҳурият” мақоми нашрияи Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистонро гирифт ва чопи мунтазами он ба роҳ монда шуд. Дар аввалҳо ҳафтае як шумора, баъдтар – ду шумора аз чоп мебаромад. Вале ҳатто бо ҳамин миқдор шумора ва адади нашри хеле кам ҳам “Ҷумҳурият” зарурати хешро дар таблиғу татбиқу пешбурди сиёсати дохиливу хориҷии давлат собит сохт ва ҳамзамон маҳбубияти қаблиашро дар ҷомеаи кишвар пойбарҷо намуд [1].

Саҳми рӯзномаи “Ҷумҳурият” дар самти таблиғу ташвиқ ва руҳбаланд намудани мардум дар солҳои аввали истиқлолият хеле назаррас аст. Аз саҳифаҳои “Ҷумухрият” дар ин солҳо бар меояд, ки он дар инъикоси ҳаёти рӯзмарра, пешравиҳо, дастовардҳо ва дигар корҳо хеле пешгом буд. Хусусан мо дар шумораҳои солҳои аввали 90-уми нашрия меҳнати мардуми тоҷикро дар ҳар саҳифаи он метавонем мутолиа созем.

Масалан дар шумораи №10-и 14-15 сентбяри соли 1993 дар саҳифаи аввал мо ба матолибе ошно мешавем, ки аксарият аз ҳаёти меҳнаткашон, мутаҳиддии халқ, якдилӣ, ваҳдату ягонагӣ, тавсиф мекунанд. Дар саҳифаи аввали ин шумора чунин омадааст: “Муттаҳидӣ ва якдилии халқамонро, ки маъракаи таҷлили ҷашни истиқлол ба вуҷуд овард, боз ҳам мустаҳкамтар намуда, иқтидори иқтисодӣ ва мудофиавии ватанамонро бо меҳнати диловарона таъмир мекунем”[11]. Ҳамин дав як ҳар як шумораи ин нашрия мо ба таблиғи бозсозию меҳнатқаринӣ ва заҳмату талоши мардум ошно мешавем. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки рӯзномаи мазкур дар аввали солҳои соҳибистиқлолӣ ҳам, ки аз ҷониби Шӯрои вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳайати эҷодии нашри я чоп мешуд, рисолати қаблии худро аз даст надода буд. Балки бештар ба афкори ҷомеа ба воситаи ҳодиса ва воқеаҳои рӯҳбахшу хурсандкунанда таъсир расонидан меъост.

Ин хусусияти нашрияи “Ҷумҳурият” “Адолат” нашрияи Ҳизби демократии Тоҷикистон дар солҳои 90-уми асри гузашта, чун дигар нашрияҳои азҳоби сиёсӣ тарғибагари ғояҳои ҳизб ба шумор мерафт: “Нашрияи "Адолат" аз моҳи октябри соли 1990 то оғози ҷанги дохилӣ дар сафҳаҳояш матолибе чун "Дом", "Озодӣ - ҳадиси азизтарин", "Дар Қурғонтеппа боз бетартибӣ", "Рӯзҳои сиёҳи Хатлон" (дар бораи ҳамоиш ва ҳуҷуми баталёни Раҳмон Набиев, раиси ҷумҳури вақт, ба ин шаҳр), "Вақте мардон мегирянд" (дар бораи ҳуҷуми дастаҳои Сангак Сафаров ба Қурғонтеппа, таъсиси ситоди "Наҷоти Ватан" ва "Фронти халқӣ", ҷангҳо дар вилояти Хатлон, қатлу куштор, дахолати артиши Русия дар ҷанги дохилӣ, суҳбатҳои телефонии Набиев бо раҳбарони артиши Русия) ва даҳҳо маводди дигар аз тақаллубу беҳамиятӣ ва гурӯҳбозии мақомоти ҳукуматӣ ба нашр расонда буд”[5].

Шумораи №26-и нашрияи “Адолат”, ки мо мавриди омӯзиш қарор додем, аз нооромиҳои аввали ҷанги шаҳрвандӣ бештар маълумот медиҳад.

Дар саҳифаи аввали нашрия, бе сарлавҳава матни зер ҷой дода шудааст: “Дар Тоҷикистон имрӯз беҳокимиятии том ҳукмфармост. Президент ба ҷои кафили якпорчагии ҷумҳурӣ, ваҳдати мардуми он шудан, баръакс, яке аз оташдиҳандагони ҷанги бародаркушӣ гаштааст. Гвардияи "миллӣ"-и ӯ бо сарварии Сангак акнун ба "шикор"-и мардуми Вахшонзамин пардохтааст. Ай парвардигор! Тоҷик чӣ гуноҳ, дошт, ки ба ӯ як раҳбари сазовор надодӣ?![2]. Ин навишта ҳамчун мурожиатнома ба президенти вақти кишвар Раҳмон Набиев нигаронида шудааст.

Ин матни кӯтоҳ характери таъсиррасонӣ дорад. Мавқеи “Адолат” мақеи ҳизби демократ аст. Пас, нашрия ҷониби дигарро танқид карда ба ин восита мехоҳад,

андешаи аудиторияаашро дар ин самт дигар кунад ва ба ин восита хонанда таъсир гузоштан мехоҳад.

Ҳамчунин ҳама он сарлавҳаҳое, ки дар саҳифаи аввали нашрия оварда шудаанд, байёнгари онанд, ки рӯзнома бо истифода аз ибораҳое мисли “фирори президент”, “ҷиноятҳои ҳизб”, “аз саҳифаи ҳастӣ хат зад” ва ғайраҳо ҳассос буданро дар инсон таҳрик медиҳанд ва як навъ барангехтани шӯру дасиса бар зидди дигар ҳизбҳои сиёсист.

Дар саҳифаи аввали нашрия сарлавҳаҳои мазкур аз мавзӯъҳои муҳим оварда шудаанд: “Президент ба куҷо фирор кардааст?”, “Вахшонзамин дар муқовамат аст”,“Эй ҳамватан, дар ин ватани бевафои мо, Ҷуз инқилоб роҳи дигар нест, нест, нест!”, “Ақли солим бар он аст, ки ҳизби коммунистро танҳо барои ҷиноятҳои дар Афғонистон содир кардааш метавон аз саҳифаи ҳастӣ хат зад”, “Пас аз воқиаҳои хунуни урдибиҳишт иддаи зиёди русзабонон аз ҷумҳурӣ ҳиҷрат доранд. Сардори сохтмони ГЭС (ИБО) - Роғун Савченков ва чанде муқаррабонаш ният доранд, ки амволи зарурийи сохтмонро ба фурӯш гузошта, пасон фирор намоянд”. Аён аст, ки ҳар сарлавҳа бо вижагии хос диққати хонандаро ба худ ҷалб месозад. Агар ҳар сарлавҳаро дар алоҳидагӣ ба таҳқиқ кашем, мебинем, ки дар ҳар кадоми он усулҳои махсуси таъсиррасонӣ истифода шудааст. Бо истифода аз шеъру ибораҳои ҷаззоб ва ҷумлаҳои муҳимми матолиби нашршуда нашрия ба хонандаи худ таъсир расонидан хостааст.

Дар маҷмуъ дар нашрия 16 мавод дар жанру сабки гуногун ба чоп расидааст, ки ҳамагӣ дар худ ҷанбаи фаъолияти Ҳизби демократи Тоҷикистонро дар ҳамон давра ифода мекунанд. Мо таҳқиқи васеи матолиби нашрияро муҳим нашуморида, танҳо суҳбатеро, ки дар саҳифаи аввал ба ҷои сармақолаи нашрия истифода шудааст, сабку шакли пешниҳоди инро мавриди омӯзиш қарор медиҳем. Мебинем, ки дар он кадом усулҳои таъсиррасонӣ ба афкори омма истифода шудааст.

Суҳбат бо сарлавҳаи “Тоҷикистон дар хатар аст!” ҷумалае аз Шодмони Юсуф роҳбари вақтии Ҳизби демократи Тоҷикстон шуруъ мешавад. Дар он рӯзноманигори нашрияи “Адолат” Шодмони Юсуфро на роҳбари ҳизб балки “сарвари Ситоди Наҷоти Ватан” муаррифӣ намуда, чунин менигорад: “21 июн дар ҷумҳурӣ Ситоди Наҷоти Ватан созмон ёфт. Роҳбарони аҳзобу созмонҳои мардумӣ ба сарварии он раиси Ҳизби демократи Тоҷикистон Шодмони Юсуфро лоиқ донистанд. Баъди ҷаласаи ташкилӣ хабарнигори "Адолат" бо Шодмони Юсуф суҳбат орост ва аз ӯ хоҳиш намуд ҳадафҳои Ситодро барои хонандагон рушан созад”[8].

Дақиқан дар замони ноороми барои ҷомеа қимматтар аз сулҳу салоҳ ва осоиштагӣ чизе нест. Ваъдаи ин ки “оромӣ мешавад”, ё “оромӣ меорем” омма ба ҳар кас бовар мекунад. Ба ҳар навъ ташкилоте, ки набошад, такя мекунад ва умеди расидан ба оромиро мекунад. Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ низ дар кишвар як зумра созмону ҳаркатҳо арзи ҳастӣ намуданд ва аксарашон дар назди ҳизбҳои сиёсӣ ба мардум ваъдаи оромиро медоданд. Дигар ин ки роҳбарони ин гурӯҳҳо роҳи хуби таъсиррасониро ба афкори омма маҳз дар истифодаи ибораҳои “таъмини амнияти аҳолӣ”, “таҳкими сулҳу оштӣ”, “барҳам додани ҷанги бародаркуш”, “ба ҳам овардани мардум” ва монанди инро ҳарчи бештар истифода мекарданд. Дар суҳбати зикршуда низ ба ҳамин монанд ибораю калимаҳо истифода шудаанд.

Масалан, ҳадаф аз таъсиси ситодро чунин шарҳ додааст: “Ҳадафи асосии Ситод таъмини осоиштагӣ ва осудагии мардуми Тоҷикистон, аз ҷанги бародаркушӣ берун кашидани ҷумҳурист”. Барои боз ҳам ҳадафнок шудани мақсад мисоле ба шакли зайл истифода бурдаанд: “Таи чанд ҳафтаи охир вазъи ҷумҳурӣ куллан муташанниҷ гардид,

акнун на фақат дар вилояти Кӯлоб, балки дар Вахшонзамин ҳам дастаҳои мусаллаҳи собиқ баталёни президент Набиев ба бедодгариву ғорат ва куштори афроди рӯшанфикр пардохтаанд. Мутаассифона, барои таъмини осоиштагии ҷумҳурӣ одамони масъул, бахусус, раиси ҷумҳур ҷаве кӯшиш намекунанд ва ҳатто чунин ба назар мерасад, ки ишон аз ин вазъи нооромманфиатдоранд. Раҳмон Набиев ба ҷои кафолати якпорчагии Тоҷикистон шудан ва ба эътидол овардани вазъ, баръакс боиси хунрезиҳои нав ба нав гашта истодааст. Маҳз бефаъолиятии раиси ҷумҳур ва беҳокимиятӣ дар ду вилоят - Кӯлобу Қурғонтеппа ба он оварда расонданд, ки таи чанд рӯзи охир дар Кӯлобу Вахшонзамин даҳҳо одамони бегуноҳ ба шаҳодат расиданд. Ба андешаи аъзои Ситод, ба таври оқил бояд роҳбари аввали кумиҷроияи вилояти Кӯлоб иваз ва раиси кумиҷроияи вилояти Қурғонтеппа таъин шаванд, то дар ин мавзеъҳо беҳокимиятӣ катъ шавад, органҳои маъмурӣ ба фаъолияти муътадил шурӯъ намоянд, бехатарии мардум таъмин гардад”[8].

Умуман нашрияи “Адолат” дар корбурди тарзу усул ва роҳҳои таъсиррасонӣ ба афкори умум ба хуби истифода кардааст. Дигар нукта ҳаминро бояд таъкид намуд, ки дар замони низоъ ва ноороми сухани ВАО, хосатан матбуот қурбу қимати тоза пайдо мекунад ва ҳар навишта, ки аз набзи замон бошад, ба пуррагӣ ба афкори омма таъсир мерасонад ва шуури ҷомеаро ба самти дигар равона карда метавонад. Аз матолиби нашрияи “Адолат” бар меояд, ки он дар ҳамин раванд муваффақ низ гаштааст. Аммо ин муваффақиятро метавон танҳо барои гурӯҳе хулоса намуд. Зеро дар майдони матуботи соли 92-юм рақобати озоду шадиде ҳукумфармо буд, ки дар солҳои минбаъдаи соҳибистиқлолӣ ин рақобат дигар ба вуҷуд наомадааст.

Ҳамин тавр дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар баробари матбуоти мустақил саҳми матбуоти давлатӣ дар таъсиррасонӣ ба афкори омма низ калон аст.

Агарчи дар аввали солҳои 90-ум матуботи хусусию давлатӣ бо суръат рушд карда бошад ҳам, вале каме баъдтар, аниқтараш дар миёнаи солҳои 1992 матбуот рӯ ба таназзул овард.

Дар баробари нашрияҳои давлатӣ даврае, ки дар маҷмуъ ба матбуоти тоҷик латма зад замони ҷанги шаҳрвандист. Оғози нооромиҳо дар саҳнаи сиёсии кишвар дар миёнаҳои соли 1992, қисме аз нашрияҳои навтаъсисро ба нестӣ бурд. Дар ин давра рисолати аслии журналистикаи тоҷик як кам аз байн рафт, зеро ихтилоф ва бӯҳрон шурӯъ шуд. Сар задани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, аз соли 1992 то 1997 даҳҳо ҳазор мардуми Тоҷикистонро қурбон ва садҳо ҳазори дигарро муҳоҷир карда, иқтисоди кишварро фалаҷ сохт. Табиист, ки он ба соҳаи журналистика низ бе таъсир намонд. Ба андешаи коршиносон дар ин даргириҳо ҳудуди 60 рӯзноманигори тоҷик ҷони худро аз даст дод. Нооромиҳо расонаҳои кишварро ба бухрон рӯбарӯ кард. Бисёре аз нашрияҳои мустақил фаъолияти худро қатъ намуданд. Номгӯи рӯзномаву маҷаллаҳо аз 145 якбора ба 114 адад фаромад ва теъдоди умумии нашри онҳо ба маротиб коҳиш ёфт.

Омилҳову сабабҳои нестшавии рӯзномаҳо бо сар задани ҷанги шаҳрванди таҳқиқи алоҳида мехоҳад, вале ин нукта равшан аст, ки воситаҳои ахбори омма, бахусус матбуот бо талаботи ҷомеа ниёз дорад. Вақте ки талабот бошад, ҷомеа ба навиштаҳои матбуот таваҷҷуҳ зоҳир намоянд, дар он сурат таъсири он ҳам зиёд мешавад ва номгӯи нашрияҳо низ зиёд мешаванд. Аммо дар ин солҳо дар бархе аз ноҳияҳо набудани хонанда, беталабот мондани нашрияҳо, мушкилоти иқтисодӣ ва камбуди коғаз садди роҳи нашри ҳафтаномаҳо шуд. Дар фазои иттилоотии минтақаҳои дурдасти мамлакат ин вазъ холигиро ба вуҷуд овард ва аз солҳои аввали ҷанги дохилӣ аксари ноҳияҳои кӯҳистон аз нашри ҳафтаномаҳои маҳаллӣ маҳрум гардиданд.

“Масалан, он солҳо дар Бадахшон танҳо як ҳафтаномаи вилоятӣ ҳамагӣ бо теъдоди ҳазор нусха чоп мешуд”[10].

Бо вуҷуди ин, боят таъкид намуд, ки нақши матбуоти аввали солҳои 90-ум дар таҳрик додани афкори ҷомеаи ҳамонвақта хеле бориз арзёбӣ мешавад. Таъкиди муҳаққиқон ва саҳифаҳои худи нашрия нишон медиҳанд, ки матбуот дар ин давра рисолати хешро ба таври бояд иҷро намуда, дар шаклгирии афкори созандаи ҷомеа мусоидати ҷиддӣ намудааст.

**Адабиёт:**


1. Аввалин мӯъҷиза http://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=95 (санаи муроҷиат 25.11.2020)
2. Адолат. - 1992.№26
3. Заррабин: Дебочаи матбуоти мустақили Тоҷикистон https://www.ozodi.org/a/604244.html (санаи муроҷита 20.10.2020)
4. Мавод аз Википедиа — донишномаи озод https://tg.wikipedia.org/wiki/%D0%A2%D0%BE%D2%B7%D0%B8%D0%BA%D0%B8%D1%81%D1%82%D0%BE%D0%BD (санаи муроҷиат 15.10.2020)
5. Матбуъоти даҳаи 1990: Озодие, ки аз Тоҷикистон рахт барбаст https://www.bbc.com/tajik/institutional/2012/03/120307_ea_tajik_press_1990s (санаи муроҷиат 25.10.2020)
6. Муродов М. Баъзе масъалаҳои журналистика ва ҳаҷви публитсистӣ. - Душанбе: Деваштич, 2005. - С. 37.
7. Суханронӣ дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 100-солагии матбуоти тоҷик http://president.tj/node/222 (санаи муроҷиат 10.11.2020)
8. Тоҷикистон дар хатар аст!// Адолат.-1992. №26
9. Тоҷикистон: журналистикаи 19 соли истиқлолият http://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=4089 (санаи муроҷиат 10.11.2020)
10. Тоҷикистон: журналистикаи 19 соли истиқлолият http://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=4089
11. Ҷумҳурият // 14-15 сентябри 1993 № 110 (18849)
12. http://orien.info/president/2840-emomal-ramon-man-az-biser-navishtaoi-rznomanigoron-ogo-astam-va-onoro-dar-mavridoi-zarur-mavridi-istifoda-aror-mediam.html


## ОТРАЖЕНИЕ ПОЛИТИЧЕСКИХ КОНФЛИКТОВ В ПРЕССЕ НАЧАЛА 90-Х ХХ ВЕКА


**МАВЛОНОВ ХУРШЕД ДАВЛАТАЛИЕВИЧ,**
докторант Ph.D кафедры телевидения и
радиовещания факультета журналистики
Таджикского национального университета,
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17.
Тел.: (+992) 988-68-76-08; E-mail: hurshed.0001@mail.ru.



*За прошедшие годы таджикская пресса внесла значительный вклад в просвещение общества, информируя их о самых важных проблемах времени, расширяя свою аудиторию. Хотя таджикская пресса имела прочные корни в советское время, и*

*именно в этот период появлялись публикации как на провинциальном, так и на национальном уровне, на самом деле основной период развития и роста таджикской прессы приходится на период независимости. Независимые издания были созданы с первых дней независимости. Партийные издания советской эпохи изменили свою деятельность. В начале 1990-х годов в таджикской прессе появилось много газет в различной форме. Изменились формат и содержание существующих публикаций. Возникла необходимость в замене газет, чтобы соответствовать требованиям времени. Теперь для периодических изданий публикация событий и срочность стали второстепенными, а интерпретация и анализ социально-политических проблем стали более важным.*

*Рассмотрение состояния таджикской прессы в разгар политических событий 1990-х годов всегда было актуальным. В этот период новые и аффилированные публикации каждой партии и группы хотели привлечь общественное мнение на свою деятельность. В данной статье определены темы СМИ в начале 1990-х годов и как реакция общества.*

***Ключевые слова:*** *пресса, девяностые, политические события, роль, влияние, издание, общество.*

## REFLECTION OF POLITICAL CONFLICTS IN THE PRESS OF THE EARLY 90S OF XX CENTURY

**MAVLONOV KHURSHED DAVLATALIEVICH**,
Ph.D Doctoral student of Television and
Radio Broadcasting Department of Journalism Faculty
of Tajik National University,
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17, Rudaki Ave.
Phone:(+992) 988-68-76-08; E-mail: hurshed.0001@mail.ru

*Over the years, the Tajik press has made a significant contribution to educating the public, informing them about the most important issues of the time, expanding its audience and etc. If the Tajik press had strong roots in the Soviet era, and it was during this period that publications appeared at both the provincial and national levels, in fact, the main period of development and growth of the Tajik press falls on the period of independence. Independent publications were established from the first days of independence. Party publications which remained from the Soviet era, have changed their activities. In early 1990s, many publications were included in the Tajik press system. The format and content of existing publications have changed. There was a need to replace the newspapers to meet the requirements of the time. Now, for periodicals, the publication of events and urgency have become secondary, and the interpretation and analysis of socio-political issues have become more important.*

*Consideration of the state of the Tajik press at the height of the political events of the 1990s has always been relevant. As during this period, new and affiliated publications of each party and group wanted to attract public opinion to their activities. This article identifies by examples the topics of the media in the early 1990s and how society reacted.*

***Key words:*** *press, nineties, political events, role, influence, publication, society.*

УДК: 323.11

# НАҚШИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ ДАР ТАҲКИМИ ВАТАНДОРӢ ВА ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ ДАР ҲАЁТИ ҶАВОНОН

**МУРОДЗОДА МУҲСИН МУҚИМ,**
аспиранти Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ
ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.
Тел.: (+992) 934-64-04-40; E-mail: muhsin.murodzoda@mail.ru

*Муаллиф дар мақолаи мазкур мавзӯи Истиқлолияти давлатӣ ва нақши онро дар ташаккули насли ҷавонони ватандӯст ва содиқ мавриди баррасии илмӣ қарор медиҳад. Ба ақидаи муаллиф баъди ба даст овардани он бо сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумати кишвар, махсусан бо сиёсати оқилова ва дурандешонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми самтҳои ҳаётан муҳими хоҷагии мамлакат дигаргуниҳои куллӣ ба назар расиданд.*

*Муаллиф мутмаин аст, ки маҳз дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва талаботи ҷомеаи муосир, ташаккул ёфтани низоми идоракунии соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон, тағйир ёфтани хусусиятҳои мушкилоти ҷавонон, ташкил ёфтани муносибатҳои байнидавлатӣ ва байналмилалӣ дар самти татбиқи сиёсати давлатӣ дар ин соҳаи муҳими ҳаётӣ солҳои охир якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаву стратегияҳо қабул гардиданд.*

*Ба ақидаи муаллиф Президенти маҳбуби кишвар бо фитрати сиёсатмадории хеш принсипҳои бунёдии сиёсати давлатии ҷавононро бо набзи замон ва рӯҳи ҷавонон мувофиқ сохта, дар доираи сиёсати созанда ваҳдати миллиро миёни ҷавонон густарин бахшиданд.*

***Калидвожаҳо:*** *Истиқлолият, давлат, ҳуқуқ, ҷавонон, Пешвои миллат, ватан, ҳувияти миллӣ, Конститутсия, сиёсати давлатӣ, ваҳдати миллӣ.*

Истиқлолияти давлатӣ бузургтарин неъмат ва дастоварди беназири миллати куҳанбунёди тоҷик маҳсуб ёфта, баъди ба даст овардани он дар тамоми самтҳои ҳаётан муҳими хоҷагии мамлакат дигаргуниҳои куллӣ ба назар расиданд.

Маҳз бо заҳмату талошҳои пайгиронаи Пешвои сарсупурдаи миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон миллати тоҷик баъд аз ҳазор сол дар роҳи давлатдории миллӣ истиқлолияти хешро ба даст овард, таҳким бахшид ва ба дастовардҳои бузурги таърихӣ ноил гардида, имрӯз ба сӯи ояндаи нек устуворона қадам мегузорад.

Истиқлолият барои мо нишони барҷастаи пойдории давлат, бақои симои миллат, рамзи асолату ҳувият, мазҳари идеалу ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ ва шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад [1, с. 3].

Фазои ободу осудаи ватани азизамон, ҷойгоҳи сиёсати давлатии ҷавононро ҳамчун кишвари ҷавонӣ ва ҷавонон дар аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолии кишвар дар меҳвари сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор додааст.

Мувофиқи таҳлилҳои оморӣ аз шумораи умумии аҳолӣ 32,9% онро ҷавонони аз 14 – 30 сола ташкил медиҳанд ва синну соли миёнаи аҳолӣ дар кишвар 25 солро дар бар мегирад. Дар 17 соли охир шумораи ҷавонон 33% зиёд гардидааст ва дар ин давра ба ҳисоби миёна ҳамасола 1,9% шумораи ҷавонон дар ҳоли афзоиш қарор дорад[2, с. 2].

Кишвари мо бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тайи 29 соли соҳибистиқлолии кишвар дар роҳи бунёди ҷомеаи мустақили демократӣ қадамҳои устувор гузоштааст. Дар ин муддат Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳиби Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ гардид. Рукнҳои асосии давлатдорӣ – Артиши миллӣ ва қувваҳои сарҳадиро ба вуҷуд оварда, устувор гардонд. Асоси сохтори конститутсионӣ ва идоракунии давлат танзим ёфта, пули миллӣ ба муомилот баромад, ҳар фарди ҷомеа соҳиби шиносномаи миллӣ гардид[3, с. 312].

Яке аз дастовардҳои бузурги даврони соҳибистиқлолӣ ташаккул ёфтани сиёсати давлатии ҷавонон ва тадриҷан фароҳам овардани имкониятҳои васеи рушду такомули ҷавонон дар шароити мураккаби тағйирёбии сохториву ҷамъиятӣ арзёбӣ мегардад.

Шароитҳои фароҳамовардашуда бошад, бахри рушду инкишофи имкониятҳои зеҳнӣ, ҳамчун як шахси комил бо донишҳои замонавӣ мусаллаҳ гардидани насли наврасу ҷавони кишвар мусоидат намуд, ки ин дар навбати худ дар замири онҳо қобилиятҳои нави инсониро кашф ва боварию эътимодашонро ҷиҳати анҷоми корҳои созандагӣ ба маротиб боло бурд.

Бояд тазаккур дод, ки муҳимтарин рукни таҳкими истиқлолият ва сулҳу осоиштагӣ маҳз ҷавонон ҳастанд, зеро бо нерӯи созандаву иқтидорманд, қувваю тавон, диду нигоҳи тоза, зиракӣ ва ақидаҳои солими хеш дар рушди ҷомеа ва ободии Ватан саҳми босазо мегузоранд.

Ҷавонон ба унвони нерӯи созанда ва ҳалқаи мустаҳками пайванди наслҳои башар нақши муҳим ва рисолати бузурге дар ҷомеа бар дӯш доранд. Пешрафти миллат бидуни саҳми ҷавонон тасаввурнопазир буда, шукуфоӣ, зебоӣ ва созандагиву беҳбудии зиндагӣ аз ҷавонон ғайрату матонати зиёдеро тақозо мекунад.

Қишри серҳаракати ҷомеа, қувваи пуриқтидори меҳнатӣ — ҷавонон барои давлат дар татбиқи ҳама гуна вазифаҳои мақсаднок, аз ҷумла идоракунии устувор ҳамчун васила, нерӯ ва захираи тавоно ва афзалиятноки инсонӣ ба ҳисоб мераванд.

Аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ таваҷҷуҳи давлату Ҳукумати кишвар, махсусан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба насли ҷавон барьало эҳсос гардида, дар ҳолатҳои даҳшатбори ҷанги шаҳрвандӣ бо мақсади батанзимдарорӣ ва ҷалби ҷавонон ба идоракунии давлатӣ 13 марти соли 1992 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон” қабул гардид, ки роҳи минбаъдаи ҷавононро дар муносибатҳои идоракунии давлатӣ, дар партави татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ва дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ боз намуд.

Новобаста аз вазъияти ногувори ҷанги шаҳрвандӣ мулоқоти нахустини расмии Роҳбари мамлакат - Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ дар 70-умин рӯзи сарварӣ - 2 феврали соли 1993, баргузор гардид, ки ин нишони дар воқеъ ғамхор, пуштибон, дастгир ва парастор будани Пешвои миллатро нисбат ба ҷавонон аз рӯзҳои нахустини давлатдорӣ инъикос менамояд.

Боиси ифтихор аст, ки бо баргузории мулоқотҳои мунтазами Пешвои муаззами миллат бо ҷавонон (санаҳои 2 феврали соли 1993, 17 марти соли 1994, 23 майи соли 1997, 16 майи соли 1998, 21 майи соли 2005, 23 майи соли 2013 ва 23 майи соли 2017) дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии сиёсии ҷавонон як қатор дастовардҳои беназир, иқдомҳои нек ва созанда рӯи кор омад, ки дар идомаи татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон ва дар устуворгардонии ин соҳаи афзалиятноки Ҳукумати кишвар нақши муассир гузоштанд.

Аз ҷумла, 23 майи соли 1997 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани кор бо ҷавонон” имзо гардида, тибқи ин фармон дар сохтори Ҳукумати ҷумҳурӣ Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор шуруъ намуд.

Илова бар ин, қабул гардидани санадҳои муҳими давлатӣ, махсусан Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон”, Барномаи миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 1999 – 2000 ва 2001 – 2003”, “Барномаи давлатии тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон”, “Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Консепсияи миллии сиёсати давлатии ҷавонон”, Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон то соли 2020”, давра ба давра қабул гардидани “Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013 – 2015, 2016 – 2018” ва 2019 - 2021, Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018 – 2022, қабул гардиданд, ки барои татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон заминаи мусоид фароҳам оварда, мавқеи ҷавононро дар ҷамъият боз ҳам устувор гардониданд.

Ҳукумати мамлакат бо мақсади дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии ҷавонони лаёқатманду соҳибмаърифат ва ватандӯсту хештаншинос дар даврони соҳибистиқлолии кишвар аз тамоми имкониятҳо истифода намуда истодааст.

Аз ҷумла, дар тақвими санаҳои таърихӣ ворид гардидани рӯзи 23 май - Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон, таъсис ёфтани Ҷоизаи ба номи И.Сомонӣ барои олимони ҷавоне, ки дар соҳаи илму техника, ки корҳои намоён анҷом додаанд, таъсис ёфтани Стипендияҳои президентӣ барои хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва тадриҷан зиёд намудани маблағи стипендия ва шумораи онҳо, таъсис ёфтани стипендияи байналмилалии “Дурахшандагон” барои донишҷӯёни тоҷике, ки дар хориҷи кишвар ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, таъсиси квотаҳои президентӣ, ҷудо намудани грантҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи тарбияи ватанпарастии ҷавонон, таъсисёбӣ ва баргузории ҷаласаи нахустини Шӯрои миллии кор бо ҷавонон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷавоникунонии сиёсати кадрӣ ва дар зинаҳои роҳбарикунанда таъин гардидани шумораи зиёди ҷавонони лаёқатманд, азнавсозӣ ва ободу зебо гардонидани боғҳои фарҳангӣ, бунёду мавриди баҳрабардорӣ қарор додани марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, инчунин сохтмони мактабу донишгоҳҳо ва китобхонаҳои сатҳи байналмилалӣ, толорҳои варзишӣ, мавзеъву гулгаштҳои фароғатӣ, бунёди майдончаҳои варзишии муҷаҳҳаз бо талаботи замони муосир ва эълон гардидани соли 2017 “Соли ҷавонон” аз тадбирҳои муҳим ва дастовардҳои назаррас дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон маҳсуб меёбанд.

Маҳз бо шарофати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун «Соли ҷавонон» эълон гардидани соли 2017 ва таҳти сарпарастии Президенти Федератсияи футболи ҷумҳурӣ муҳтарам Рустами Эмомалӣ қарор гирифтани ин иқдоми бузурги

Роҳбари давлат, дурусту самаранок ба нақша гирифтани фаъолияти корӣ ва ҷалби васеи қувва ва воситаҳои созандаи кишвар ба баланд гардидани нишондиҳандаҳои корӣ, дар сатҳи воло амалӣ сохтани чорабиниҳои фарҳангӣ ва сиёсии оммавӣ ва дар ин замина афзун гардидани таваҷҷуҳи ҷомеа ба насли ҷавону ояндасози кишвар оварда расонид.

Эълон гардидани соли 2017 "Соли ҷавонон" эҳтироми ҷавононро ба муқаддасоти миллӣ ва арзишҳои соҳибватанӣ қавӣ гардонид ва натиҷаҳои зерин низ дастрас шуданд:

Аз ҷониби насли наврасу ҷавони кишвар ҳамчун ливои пешбаранда дар ҳаёт ва фаъолияти корӣ ташаббускорона интихоб гардидани шиори басо пурмазмуну таъсирбахш – "Ҷавонон пайрави Пешвои миллат" дар татбиқи сиёсати кор бо ҷавонон басо мавқеъгирона боқӣ монда, дар доираи он ҳазорон чорабиниҳои фарҳангӣ, сиёсӣ ва фаҳмондадиҳӣ баргузор карда шуд. Дар зери ин шиор аз ҷониби Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон курси омӯзишии "Пайравони Пешвои миллат" таъсис дода шуда, масъулияти ҷавононро ҷиҳати омӯзиши мактаби бузурги ҳаёт ва фаъолияти пурсамари Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва истифодаи васеъ аз он ба таври фавқулодда боло бурд [4, с. 9].

Дар замони соҳибистиқлолии мамлакат дастгирӣ ва омодасозии соҳибкорони ҷавон асоси муваффақият дар рушди иқтисодиёти кишвар маҳсуб ёфта, давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан бо ташаббус ва иқдомҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари дигар самтҳо, фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун самти афзалиятноки иқтисодӣ қарор дода шудааст.

Бо ин мақсад аз ҷониби Ҳукумати кишвар як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ таҳия гардида, имрӯз мавриди амал қарор доранд. Яке аз чунин санадҳои муҳим Барномаи давлатии рушди соҳибкорӣ барои солҳои 2012 - 2020 мебошад. Он ба соҳибкорон имкон медиҳад, ки бо гирифтани қарзҳои имтиёзнок фаъолияти худро ривоҷ диҳанд. Ҳамчунин, амалишавии ин ҳуҷҷат ҷиҳати сабукӣ додан ба низоми андозбандӣ низ мусоидат менамояд.

Бо мақсади муайян намудани дурнамои рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои то соли 2030 таҳия гардидааст, ки тибқи он чор ҳадафи миллии мамлакат – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии кишвар ҳамчун вазифаҳои аввалиндараҷа боқӣ мемонанд.

Тавре аз суханрониҳои Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯриву мулоқотҳои ҳамасолаашон бо соҳибкорону сармоягузорони мамлакат бармеояд, барои осону содда намудани кори соҳибкорон як қатор тадбирҳо, аз қабили ислоҳот дар низоми андозбандӣ ва кам намудани андозҳо, содагардонии барасмиятдарории амалиёти содиротиву воридотӣ ва транзитӣ барои назорати воситаҳои нақлиёт ва молҳо дар сарҳадот, муҳайё кардани захираҳои молиявӣ амалӣ карда шудаанд.

Қобили зикр аст, ки соҳибкорони ҷавон дар ҷодаи ташаккулу таҳкими фаъолияти худ ба масъалаҳои соҳибкорӣ, рушди тиҷорат, технологияи инноватсионӣ, рушди шаклҳои муосири муносибатҳои иқтисодӣ тамоюл ва нерӯи созанда дошта, нақши онҳо дар доираи фаъолияти Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ тавассути гузаронидани

таҳлилҳо, таҳия ва пешниҳоди таклифу хулосаҳо оид беҳтар гардонидани фаъолияти соҳибкорию сармоягузорӣ ба ҷаласаҳои Шӯро назаррас мебошад[5, с. 89].

Дар ҷумҳурӣ бо иштироки намояндагони доираҳои бонуфузи соҳибкорию сармоягузорӣ мунтазам форуму ҳамоишҳои дуҷониба бо мамлакатҳои ҳамшарики иқтисодӣ ва ҳар сол 14 октябр дар доираи таҷлили “Рӯзи соҳибкорон”, форумҳои байналмилалии соҳибкорию сармоягузорӣ баргузор мегардад, ки соҳибкорони ҷавон дар онҳо иштирок намуда, фаъолияту дастовард ва лоиҳаҳои худро муаррифӣ мекунанд. Дар ин замина бо пайдо кардани шарикон ва ҷалби сармоя ба ҷумҳурӣ саҳми арзандаи худро дар устувор кардани пояҳои иқтисодиёти мамлакат мегузоранд [6].

Имрӯзҳо нақши ҷавонони соҳибкор дар бунёди корхонаю коргоҳҳои хурду миёна, корхонаҳои истеҳсолӣ, муассисаҳои варзишиву фароғатӣ, марказҳои соҳибкорӣ, марказҳои ҷавонон, бизнес–инкубаторҳо, паркҳои технологӣ назаррас мебошад.

Ҳоло аз 189 ҳазор соҳибкори инфиродӣ, ки дар ҷумҳурӣ фаъолият доранд, 51 ҳазор нафари онҳоро ҷавонон ташкил медиҳанд[7]. Барои амалӣ гардидани ташаббусҳои ҷавонон ба онҳо грантҳои алоҳида ҷудо шуда, тавассути он ба рушди соҳибкории хурду миёна миёни ҷавонон мусоидат карда мешавад. Таъсис додани ҷойҳои корӣ аз масъалаҳои муҳими иқтисодию иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, он дар барномаву стратегияҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ дарҷ гардидааст ва тадриҷан татбиқ мегардад. Аз як ҷониб ин тадбирҳо бо таъсис додани ҷойҳои корӣ, аз ҷумла тавассути баланд бардоштани донишу малака ва ихтисосмандии аҳолӣ, бахусус ҷавонон ва аз тарафи дигар саҳмгузории худи ҷавонон дар ин раванд тадбирҳо амалӣ мегардад.

Дар замони Истиқлолият барои ҷалби самараноки ҷавонон дар раванди рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар ва баланд бардоштани донишу малакаи соҳибкорони ҷумҳурӣ, аз ҷумла соҳибкорони ҷавон эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Вобаста ба ин, дар баробари дигар чорабиниҳо, дар доираи тадбирҳои Ҳукумати кишвар бо мақсади вусъат додани соҳибкорӣ байни ҷавонон, беҳтар намудани вазъи бахши хусусӣ, дастгирии ҷавонон ва рушди ҳамкориҳо оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ Лоиҳаи рушди иқтидор ва тавсеаи имкониятҳои соҳибкорӣ миёни ҷавонон амалӣ карда шуд.

Ҳамчунин, бо истифода аз баргузории чорабиниҳои оммавии варзишӣ, мусобиқахои расмӣ, давраҳои омӯзишӣ дар ин давра рушди соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва инкишофи варзиш ба маротиб дар ҳоли рушд қарор гирифтааст.

Қобили зикр аст, ки дар давоми 7 соли сипаригардида аз ҷониби Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо сохторҳои маҳаллӣ ва ташкилотҳои система вобаста ба таъмини иштироки фаъолонаи ҷавонон дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва баланд бардоштани мавқеи устувори онҳо ҳамчун пайравони асили Пешвои миллат ва фарзандони баору номуси Тоҷикистони соҳибистиқлол чорабиниҳои зиёдеро бо фарогирии наврасону ҷавонон ва аҳли ҷомеа баргузор намудааст.

Аз ҷумла дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон[8, с. 42]:

| Сол | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Шумораи чорабиниҳо** | 2619 | 4246 | 5811 | 17069 | 18217 | 18525 |
| **Шумораи фарогирифташудагон** | 751536 | 828149 | 1271593 | 4064549 | 2871712 | 2845665 |

Дар ин замина, зери таваҷҷуҳи доимӣ қарор гирифтани насли ҷавони кишвар аз ҷониби давлату

Ҳукумат бахусус Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалаӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар боиси пешрафти соҳаи кор бо ҷавонон дар ҳафт соли сипаригардида бо таври назаррас дар ҳоли ташаккулёбӣ қарор гирифт.

Аз ҷумла:

- Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2016 №620 қабул гардидани Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2018;
- баргузории ҷаласаи нахустини Шӯрои миллии кор бо ҷавонон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 27 майи соли 2016;
- эълон гардидани соли 2017 “Соли ҷавонон” аз ҷониби Пешвои муаззами миллат дар Паёми навбатияшон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 декабри соли 2016;
- ҷудо гардидани 1000 га замин барои бунёди боғҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар Соли ҷавонон;
- бунёд ва ба истифода додани марказҳои ҷавонон дар ноҳияҳои Дӯстӣ, Шаҳринав, Балҷувон ва Ховалинг;
- бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018 №79 қабул гардидани Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018 - 2020;
- Дар соли 2017 зиёд гардидани теъдоди гирандагони стипендияи президантӣ аз 300 ба 400 нафар;
- бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2019 №94 қабул гардидани Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021;
- таъсиси Ташкилоти ҷамъиятии “Пайравони Пешвои миллат” ва 7 маҳфилҳои доимамалкунанда дар самти кор бо ҷавонон;
- Таъсиси ҷоизаи “Шуҷоат ва ҷавонмардӣ”.

Соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҳукумати кишвар ба ҳисоб рафта, он маҳз ба хотири таъмини оммавияти варзиш, таҳкими тарзи ҳаёти солим, мусоидат намудан ба омодакунии варзишгарони касбии тоҷик барои иштирок дар мусобиқаҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз ҷумла мусобиқаҳои квалификатсионӣ ба ҳисоб меравад.

Бо ифтихор метавон зикр намуд, ки имрӯзҳо варзишгарони тоҷик дар қатори ҳазорон шаҳрвандони ба нангу номуси Тоҷикистон дар ин соҳа хизматҳои шоиста намуда, бахри баланд гардидани нуфузу эътибор ва шарафи Ватани азизамон саҳми арзандаи худро мегузоранд.

Боиси зикр аст, ки соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумурии Тоҷикистон махсусан дар ҳафт соли сипаригардида заминаҳои аввали худро аз таъсису барқарор намудани муассисаҳои варзишӣ, баргузор намудани чорабиниҳои оммавӣ-варзишӣ, солимгардонӣ ва иштироки варзишгарон дар мусобиқаҳои байналмилалӣ аз сари нав оғоз намуданд.

Маҳз бо дастгирии бевоситаи Ҳукумати Ҷумурии Тоҷикистон, алалхусус, дастгириҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш аз қадамҳои аввал фаъолияти худро оғоз намуда, дар ин самт як қатор корҳоро ба анҷом расонид.

Дар ин замина, нишондодҳо дар соҳа, бунёди инфрасохтори соҳаи варзиш ва шумораи машқварзон дар давоми7 соли сипаригардидаро дар ҷадвал пешниҳод менамоем[9, с. 52].

| НОМГӮЙ | НИШОНДОДҲО | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
| Теъдоди мактабҳои варзишӣ, аз ҷумла: | 128 | 128 | 132 | 134 | 140 | 140 |
| ВМКБ | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 |
| Суғд | 31 | 32 | 36 | 37 | 40 | 40 |
| Хатлон | 31 | 31 | 31 | 31 | 33 | 33 |
| Ноҳияҳои тобеъ | 10 | 8 | 8 | 9 | 10 | 10 |
| Водии Рашт | 5 | 5 | 5 | 5 | 5 | 5 |
| Душанбе | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 |
| Иттифоқи касаба | 20 | 21 | 21 | 21 | 21 | 21 |
| Сохторҳои Кумита | 11 | 11 | 11 | 11 | 11 | 11 |
| Теъдоди машқварзон дар мактабҳои варзишӣ | 40089 | 40333 | 42504 | 45696 | 47715 | 47930 |
| аз он ҷумла духтарон | 4665 | 4627 | 7136 | 5071 | 5492 | 5958 |
| Теъдоди машқварзон дар сексияҳои варзишӣ-солимгардонӣ | 400716 | 612115 | 614286 | 614286 | 154075 | 187237 |
| аз ҷумла занон | 29257 | 29257 | 31766 | 31766 | 36714 | 41481 |
| Варзишгоҳҳо | 110 | 110 | 111 | 120 | 122 | 124 |
| Теъдоди майдончаҳои оддии варзишӣ | 4473 | 6130 | 6156 | 6415 | 6619 | 7301 |
| Теъдоди толорҳои варзишӣ | 1465 | 1585 | 1610 | 1636 | 1702 | 1807 |
| Теъдоди ҳавзҳои шиноварӣ | 43 | 78 | 83 | 86 | 88 | 92 |
| Теъдоди иншоотҳои махсуси варзишӣ (фитнес, тир боулинг ва ғайра) | | | | 754 | 788 | 792 |
| Маблағҳои ҷудошуда тибқи буҷаи ҷумҳуриявӣ | 4000000 | 2910180 | 50774917 | 51227540 | 53004251 | 54069297 |

Дар 7 соли сипаригардида мактабҳои варзишӣ 12 адад, варзишгоҳҳо 14 адад, толорҳои варзишӣ 342 адад, майдончаҳои оддии варзишӣ 2837 адад ва ҳавзҳои шиноварӣ 49 адад мавриди истифода қарор дода шуданд.

Дар ҳафт сол дар ҷумҳурӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 1317 иншооти соҳаи маориф барои 252,8 ҳазор ҷойи нишаст ба маблағи умумии қариб 3 миллиард сомонӣ сохта ба истифода дода шудааст. Шумораи муассисаи таълимии

хусусӣ аз 36 адади соли 2013 ба 42 адад муассисаҳои таҳсилоти умумии хусусӣ зиёд карда шуд [10].

Дар баробари ин ҳама дастовардҳои беназир, бо мақсади таҳкими заминаҳои меъёрӣ ва ҳифзи минбаъдаи манфиатҳои ҷавонон Пешвои муаззами миллат зимни паёми имсолаи хеш сохтору мақомоти марбутаро вазифадор намуданд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон" ва "Стратегияи давлатии ҷавонон то соли 2030"- ро дар таҳрири нав таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

Дар ин замина, аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон вобаста ба иҷрои супориши мазкур гуруҳҳои корӣ таъсис дода шуда, санадҳои болозикр таҳия гардида, айни замон дар баррасии вазорату идораҳо қарор дорад.

Хоса дар соҳаи сиёсати давлатии кор бо ҷавонон қонунҳои соҳавӣ дар таҳрири нав қабул гардида, Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон то соли 2030 амалӣ карда мешавад.

Умуман, ҳамаи ин дастовардҳо дар самти сиёсати давлатии ҷавонон бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ ва ғамхориву дастгириҳои пайгиронаи Пешвои ҷавонпарвари миллат муяссар гардидааст. Зеро Истиқлолияти давлатӣ арзишмандтарин дастоварди миллӣ маҳсуб мешавад, ки кишвари моро ҳамчун давлати соҳибхтиёри миллӣ ва пуштибону ҳимоятгари ҷавонон ба ҷаҳониён муаррифӣ кардааст.

Аз ин рӯ, мо ҷавононро зарур аст, ки бо пайравӣ аз сиёсати оқилона ва дурандешонаи Пешвои муаззами миллат баҳри таҳкими Истиқлолияти давлатӣ, сулҳу суботи сиёсӣ, саҳмгузорӣ дар бунёдкориву созандагии ватани маҳбубамон Тоҷикистони соҳибистиқлол ва афзун гардонидани дастовардҳои соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон ҷаҳду талош ва тамоми имконияти худро сафарбар намоем.

**Адабиёт:**


1. Эмомалӣ Раҳмон - «Ватани худро дӯст доред, ҳифз кунед ва қадр намоед» (Суханронӣ дар мулоқот бо ҷавонони кишвар) – Душанбе – 2005, саҳ 3.
2. Омори сиёсати давлатии ҷавонон дар соли 2019, Дущанбе - 2020, саҳ 2.
3. Раҳмон, Эмомалӣ. Тоҷикистон: дар роҳи демократия ва ҷомеаи мутамаддин./Э. Раҳмон.- Душанбе: Ирфон, 1996.-312 с
4. А. Раҳмонзода Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ бахшида ба Соли ҷавонон: «Пешвои миллат бо ҷавонон», Душанбе – 2017
5. Қаҳҳорзода Ф.С. "Ҷавонон пайравони Пешвои миллат" (маҷмӯаи мақолаҳо: васфи дастовардҳо) бахшида ба "Соли ҷавонон"
6. Сабуров Ш.А. Асосҳои ташкилдиҳии фаъолияти соҳибкорӣ, Душанбе, 2011.
7. [6]Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2017с. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2018 саҳ.
8. Омори солонаи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш: сиёсати давлатии ҷавонон барои соли 2019, Душанбе – 2020
9. Омори солонаи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш: сиёсати давлатии ҷавонон барои соли 2019, Душанбе - 2020
10. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2019.

# РОЛЬ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ В УКРЕПЛЕНИИ ПАТРИОТИЗМА И НАЦИОНАЛЬНОЙ ИДЕНТИЧНОСТИ В ЖИЗНИ МОЛОДЕЖИ

**МУРОДЗОДА МУХСИН МУКИМ,**
национальная Академия наук Таджикистана,
аспирант Института философии,
политологии и права имени А.Баховаддинова
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 33.
Тел.: (+992) 934-64-04-40; E-mail: muhsin.murodzoda@mail.ru

*В статье автор с научной точки зрения рассматривает тему государственной независимости и ее роль в формировании поколения патриотичной и лояльной молодежи. По мнению автора, после этого политика государства и Правительства страны, в особенности мудрая и дальновидная политика Основателя мира и национального единства - лидера нации Эмомали Рахмона, радикально изменилась во всех жизненно важных сферах страны.*

*Автор убежден, что именно в период государственной независимости Республики Таджикистан по поручению Основателя мира и национального единства - Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона и требований современного общества, формирования системы управления сферы молодёжной политики, изменения характерных проблем молодежи, установления межгосударственных и международных отношений при реализации государственной политики в этой жизненно важной сфере, в последние годы был принят ряд нормативных правовых актов, программ и стратегий.*

*По мнению автора, любимый Президент страны своим политическим чутьем согласовал основные принципы государственной молодежной политики с ритмом времени и духом молодежи, и в рамках конструктивной политики укрепил национальное единство среди молодежи.*

***Ключевые слова:*** *независимость, государство, право, молодежь, лидер нации, Родина, национальная идентичность, Конституция, государственная политика, национальное единство.*

# THE ROLE OF STATE INDEPENDENCE IN STRENGTHENING PATRIOTISM AND NATIONAL IDENTITY IN THE LIFE OF YOUTH

**MURODZODA MUHSIN MUQIM**,
postgraduate student of Institute of Philosophy,
Political Science and Law named after A.Bakhovaddinov
of National Academy of sciences of Tajikistan
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Rudaki Ave.,
Phone: (+992) 934-64-04-40, E-mail: muhsin.murodzoda@mail.ru

*The author in the article made a scientific review on state Independence and its role in the development of patriotic and loyal young generation. According to author after gaining independence with the policy pursued by the state and the Government of the country, especially under the wise and far-sighted policy of the Founder of Peace and National Unity*

*- The Leader of the Nation, Emomali Rahmon there were radical changes in all important spheres of the country.*

*The author is sure that right during state Independence of the Republic of Tajikistan under the guidance of the Founder of Peace and National Unity - The Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and modern society requirements, there were adopted numerous regulatory-legal acts and some programs and strategies in recent years for formation of administration system of the youth policy sphere,changes in youth's specific problems, establishment of intergovernmental and international relations in the implementation of state policy in that important field.*

*According to the author, the President of the country by his great policy nature has matched the main principles of state youth policy with rhythm of the time and spirit of youth, and has expanded National Unity among youth within constructive policy.*

***Key words:*** *Independence, state, law, youth, the Leader of the Nation, motherland, state identity, Constitution, state policy, National Unity*

УДК: 001.11

# ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТИ- КОММУНИКАТСИОНӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФОСИЛАВӢ

**МАВЛОНАЗАРОВ С.С.,**
мудири кафедраи технологияи итттилоотӣ
ва амнияти иттилоотии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33,
Тел.: (+992) 939-99-60-99; E-mail: silmon@mail.ru
**ОДИНАЕВ Р.С.,**
ассистенти кафедраи технологияи
иттилоотӣ ва амнияти иттилоотии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33,
Тел.: (+992) 981-05-70-25.

*Муаллифон дар мақола оиди истифодаи технологияи иттилооти-коммуникатсионӣ дар раванди таълими фосилавӣ, ки тарзи амалигардонии раванди таълим бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ таълимро дар масофа бе иштироки шахсии омӯзгор ва донишҷӯён ва магистрантон имконпазир мегардонад, таҳлил намудаанд.*

*Таҳсилоти фосилавӣ зинаи нави рушди таҳсили ғоибонаи таҳсил буда, дар он истифодаи технологияҳои иттилоотӣ таъмин шудааст, фарқияти он аз намуди ғоибонаи таҳсил аз он иборат аст, ки қисми муҳими маводи таълимӣ, пайваста бо муносибат бо омӯзгор (машварат бо воситаи почтаи электронӣ, скайп, семинарҳо дар режими online) азхуд мешавад*

***Калидвожаҳо:*** *таълими фосилавӣ, почтаи электронӣ, шабака, интернет, скайп, технология.*

**Сармояи инсонӣ ҳамчун муҳаррики пуриқтидор ба пешрафти инноватсия ва технологияҳои нав мусоидат мекунад ва бинобар ин, илми муосири ватанӣ бояд ҷавононро бештар ба илмомӯзӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ сафарбар намояд.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**

Дар ҷаҳони муосир бо суръат тараққиёбанда фаъолият ва рушди соҳаи маорифро бе истифода аз воситаҳо ва технологияҳои навини иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ тасаввур кардан имконнопазир аст. Вобаста ба ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд қарорҳо, қонунҳо, барномаҳо, консепсияҳо ва стратегияҳоро қабул намудааст. Аз он ҷумла, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, №643 «Дар бораи Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ» барои солҳои 2011-2020, «Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3 июли соли 2014 №428 ва «Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти

умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2018-2020 аз 29.09.2017, №443 таҳия ва тасдиқ гардида, дар соҳаи маориф амалӣ шуда истодаанд.

Таҳсилоти фосилавӣ - тарзи амалигардонии раванди таълим бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, ки таълимро дар масофа бе иштироки шахсии омӯзгор ва донишҷӯён имконпазир мегардонад. Таҳсилоти фосилавӣ зинаи нави рушди таҳсили ғоибонаи таҳсил буда, дар он истифодаи технологияҳои иттилоотӣ таъмин шудааст, фарқияти он аз намуди ғоибонаи таҳсил дар он иборатаст, ки қисми муҳими маводи таълимӣ, пайваста бо муносибат бо омӯзгор (машварат бо воситаи почтаи электронӣ, скайп, семинарҳо дар режими online) азхуд мешавад. Омӯзиши фосилавӣ бо истифодаи шабакаи Интернет амалӣ гардида, потенсиали веб - технологияҳо диққати омӯзгорони тамоми ҷаҳонро ба худ ҷалб намудааст, зеро васоити технологии мазкур захираҳои таълимиро, ки дар тамоми ҷаҳон мавҷуд аст, мутамарказ менамояд.

Шарти асосии ворид шудан ба система мушаххас намудани парол ва логини ҳар истифодабаранда мебошад, ки ба ин восита метавонад аз имконоти мавҷуда истифода намояд.

Бо истифода аз технологияи иттилоотӣ донишҷӯён ва магистрантон метавонанд бо якдигар дар тамос буда, баҳри иҷро намудани супоришҳои омӯзгорон ва устодон ёрӣ расонанд. Таҳсилоти фосилавӣ, ки бо истифода аз шабакаи умумиҷаҳонии интернет ба роҳ монда мешавад, иҷрои дастуру супоришҳои устодон ва иҷрои вазифаҳои хонагӣ низ тавассути ин шабака амалӣ гардонида мешавад. Донишҷӯён ва магистрантон вазифаҳои хонагӣ ва супоришҳои устодонро дар кабинети инфиродии худ иҷро намуда, тавассути интернет ба суроғаи лозимӣ ирсол карда метавонанд.

Тавассути технологияи иттилоотӣ мо метавонем ба шабакаи умумиҷаҳонии интернет пайваст шуда, аз имкониятҳои он самаранок истифода барем. Шабакаи мазкур ба омӯзгор имконият медиҳад, ки бо ҳамкасбон, ҳамкорон, муассисаҳои таълимӣ, мутахассисон новобаста аз ҷой ва макон робитаи мустақим барқарор намуда, дар баланд бардоштани маҳорати касбӣ аз он истифода намояд. Имрӯз дар ҷойи кор, дар хона бе талафоти вақти зиёд метавонед бо истифода аз почтаҳои электронӣ дар муддати кӯтоҳтарин маълумот ё ин ки мактуби худро ба ҷойи лозимӣ ирсол намоед. Ҳамзамон метавон гуфт, ки шабакаи умумиҷаҳонии интернет на танҳо ирсол намудани мактуб ё маълумотнома, балки ирсол намудани наворҳои видеоӣ ва шунавоиро низ дар муддати кӯтоҳ таъмин месозад.

Пешравии технологияи иттилоотӣ ба мо имкон медиҳад, ки дар лабораторияҳои электронӣ (озмоишгоҳҳо) таҷрибаҳои худро бе сарфи маблағи зиёдатӣ амалӣ созем. Ин афзалияти технологияи иттилоотӣ дар таълими фанҳои химия, физика ва биология бештар ёрӣ мерасонад. Омӯзгорон имкон доранд бо истифода аз барномаҳои махсуси компютерӣ дар озмоишгоҳҳо натиҷаи кори амалии дар барномаи таълимӣ ҷойгирбударо ба шогирдон намоиш диҳанд.

Дар сохтори макатабҳои олӣ маркази таҳсилоти фосилавӣ таъсис дода шуд ин имкон медиҳад робитаи мактабҳои оли ва исифодабарандагоги ин система қавитар бошад. Маркази таҳсилоти фосилавӣ яке аз сохторҳои донишгоҳ ба ҳисоб рафта, раванди низоми фосилавиро, гурӯҳҳои фосилавии донишгоҳҳро идора мекунад. Маркази таҳсилоти фосилавӣ зинаи нави рушди ғоибонаи таҳсил буда, дар он истифодаи технологияҳои иттилоотӣ таъмин шудааст ва фарқияти он аз намуди ғоибонаи таҳсил дар он аст, ки қисми муҳими маводҳои таълимӣ, муносибат байни

омӯзгор ва донишҷӯён (машварат бо воситаи почтаи электронӣ, семинарҳо дар режими online ва ofline) ба воситаи интернет азхуд мешаванд.

Раванди таълим тариқи низоми фосилавӣ бо воситаи портали омӯзишӣ ба роҳ монда шудааст. Портал ҳам тариқи шабакаи умумиҷаҳонии Интернет ва ҳам тариқи шабакаи дохилии донишгоҳ 24 соат дар 1 шабонарӯз фаъолият мекунад.

Маркази таҳсилоти фосилавӣ ба донишҷӯён ва магистрантон имкониятҳои зеринро фароҳам меоварад:

1. Алоқаи доимӣ бо устод, имконияти машварати фаврӣ дар хусуси саволҳои пайдошуда бо истифодаи воситаҳои телекоммуникатсионӣ (почтаи электронии дохила, skype ва ғайра)
2. Имконияти ташкили мубоҳиса, форумҳо, корҳои якҷоя бо гурӯҳ дар вакти омӯзиши курс ҳар лаҳза
3. Дастрасии маводҳои назариявӣ ва амалӣ дар шакли электронӣ (слайдҳо, презентатсияҳои овознок, видеофрагментҳои дарс)
4. Истифода бурдани китобхонаи электронӣ
5. Шинос шудан бо нақшаи шахсии таҳсил
6. Муайян намудани бал аз рӯи фанҳо барои семестри ҳозира ва гузашта
7. Системаи тестии таълимӣ
8. Иваз намудани профили худ (ба монанди парол, расм ва баъзан маълумотҳои иловагӣ)
9. Ҷадвали дарсӣ

**Имкониятҳое, ки ба устод пешбинӣ шудааст**:

1. Гузоштани балҳои донишҷӯён ва магистрантон
2. Хондани тахтаи маълумотҳо
3. Гузоштани ахборот ё эълони нав дар гурӯҳи худ
4. Истифода бурдани китобхонаи электронӣ
5. Истифода бурдани почтаи электронӣ
6. Истифода бурдани форум
7. Иваз намудани профили худ (ба монанди, парол, расм ва баъзан маълумотҳои иловагӣ)
8. Шинос шудан бо ҷадвали дарсии худ
9. Тартиб додан ва сабти маводҳои имтиҳонӣ барои санҷиши ниҳоӣ
10. Тартиб додан ва сабти маводҳо барои санҷишҳои ҷорӣ
11. Курси лексия
12. Маводҳои тестӣ
13. Масъала ва мисолҳо
14. Адабиётҳои тавсияшаванда

Шарти асосии ворид шудан ба система мушаххас намудани парол ва логини ҳар истифодабаранда мебошад, ки ба ин восита метавон аз имконоти мавҷуда истифода намуд. Системаи таҳсилоти фосилавии мактабҳои оли дар шабакаи глобалии Интернет фаъолият бурда, барои донишҷӯён ва магистрантон имконияти саривақт ва бемамоният дастрас намудани маълумотҳои заруриро фароҳам меорад.

- Устодони донишгоҳҳо имкон доранд бо донишҷӯ ва магиситр тавассути ин система фосилавӣ муошират намоянд. Кори система шаффоф буда, тамоми маълумотҳо марказонида шудаанд, ки ин ҷиҳат тоза ва пурра будани маълумоти мавриди истифодаро кафолат медиҳад.

- Яке аз мақсадҳои асосии истифода ва татбиқи чунин система таъмин ва кафолати сифати таҳсил дар донишгоҳ мебошад. Зеро бо истифодабарӣ аз системаи мазкур донишҷӯ ва магиситр имкони соҳиб шудан ба маълумоти заруриро пайдо хоҳад кард.
- Web-сайти зерин бо корбаст аз дастовардҳои технологияи муосир сохта шуда, таъминоти бехатарӣ ва шахсӣ будани маълумот кафолат дода мешавад.

Системаи таҳсилоти фосилавӣ - ин шакли қулаи омӯзиши таҳсили ғоибона мебошад, аз он ҷумла барои гирифтани маълумоти дуюм ва барои он шахсоне, ки имконияти хондани таҳсили рӯзона ё ғоибонаро надоранд пешбинӣ шудааст. Интернет-технология барои дастрас намудани маводҳои таълимӣ-методӣ ва барои ҳамкории донишҷӯ бо омузгор ба воситаи шабакаи глобалии интернет кор фармуда мешавад. Омӯзиш дар система сифати кори мустакилонаи донишҷӯёнро баланд мегардад, кор бо компютер имконият имконият медихад, ки хисобкунихо бо дараҷаи баланд иҷро карда шаванд. Навиштани корҳои семестрӣ ва истифодабарии маводҳои шабакаи глобалӣ барои омӯзиши чуқури мавзӯъҳо мусоидат мекунад.

**Таҳсилоти фосилавӣ барои шахсони зерин имконияти таҳсилро медиҳад:**

1. Шахсоне, ки аз сабаби серкорӣ дар шакли рузонаи таҳсил иштирок карда наметавонанд,
2. Дар минтақаҳои дурдаст зиндагӣ мекунанд, имконияти ҳар рӯз ба донишкада омадан надоранд,
   Маҷбуранд баъди хатми мактаби миёна фаъолияти корӣ баранд,
3. Шахсоне, ки фаъолияти корашонро пеша кардаанду хоҳиши давом додани таҳсилро бе тарки ҷои корӣ доранд,
   Модарони ҷавоне, ки имконияти аз хона баромадан надоранд,
4. Шахсони аз ҷиҳати ҷисмонӣ саломатиашон маҳдуд

**Бартариҳои таҳсилоти фосилавӣ**

- Машғули донишандузӣ шудан дар вакти муносиб, ҷои муносиб ва босуръати бароҳат
- ҷудо кардани фосилаи муносиби вакт барои омӯзиши фан
- истифодаи самараноки майдони таълимӣ ва воситаҳои нақлиёт
- муошират тавассути шабакаҳои алоқа бо якдигар ва бо омӯзгорон
- дар як вақт мурочиат намудани шумораи зиёди таълимгирандагон ба сарчашмаҳои таълимӣ
- имконияти доимии баланд бардоштани сатҳи дониши худ, гузариш ба таҳсили бефосила дар тӯли ҳаёт
- таҳсил бо ҳамроҳии фаъолияти касбӣ бе тарки ҷои корӣ
- камшавии хароҷот аз ҳисоби маблағи таҳсилот
- истифодаи навтарин дастовардҳои илмӣ-техникӣ, технологияи нави телекоммуникатсионӣ, ки дар пешрафти инсоният дар фазои иттилоотии ҷомеаи ҷаҳонӣ мусоидат мекунад
- баробарии иҷтимоӣ ва ғайра.

Интерфейси истифодабарандагон мутобиқи технологияи муосир сохта шуда, истифодабарандагон имконияти хуби истифодабарии он бо воситаи телефонҳои мобилӣ ва планшетро доранд. Барои дастрас шудани сомона ба ҳар як донишҷӯ таҳсилоти фосилавӣ калиди воридшавӣ (логин) пешниҳод мешавад. Ҳар як донишҷӯ ҳуҷраи виртуалии худро дорад. Дахолатнопазирии шахси дигар ба ҳуҷраи шахсӣ таъмин аст. Ҳар як истифодабаранда интерфейси қулай дорад.

**Адабиёт:**

1. Рахимов Н.Т. Дистанционное образование в Худжанде //Образование: стратегия перемен. /Материалы научно-практической конференции ТТУ. Душанбе, 2000. - С.85-86;
2. Касымова М.Д. О некоторых проблемах обучения и использования новейших компьютерных технологий в Таджикистане // Материалы региональной научно-практ.конф. «Образование: стратегия перемен». Душанбе, 2000. - С.62-63.
3. Колоколов А.С., Кроль В.М., Сотников Е.Д. Перспективные телевизионные формы дистанционного обучения //Инновации в образовании. 2003. - № 2. - С.88-95.
4. Курманов Б. Дистанционное обучение в бизнес образовании // Материалхои конфронси илми-амалии устодон ва кормандони ФХДТТ. Худжанд, 2002.- С.81-83
5. Максудов Х.Т. К вопросу организации систем дистанционного образования в условиях Согдийской области РТ // Материалхои конфронси илми-амалии устодони ФХДТТ Худжанд, 2002. - С. 1215;
6. Могилев А.В. Концепция развития сферы дистанционного обучения в, региональном ВУЗе. //Лекция-доклад. -М.,2000.
7. Молчанова Г.В., Крутий И.А. Анализ эффективного использования видеолекций в учебном процессе СГУ// Труды СГУ. Вып. 10. Серия «Психология и социология образования». М., 1999
8. Морев И.А., Вовна В.И. Опыт создания мультимедийных учебных пособий в Дальневосточном государственном университете //Материалы научно-практической конференции "Дистанционное образование". Владивосток: ДВГУ, 1998.
9. Назаренко А. Л. Преподавание иностранных языков в дистанционной форме // Открытое образование. 2004. - N 2. - С. 65-68
10. Новицкий А.Г., Свириденко Ю.А. Дистанционное обучение: проблемы, пути развития. //Журнал-каталог "Образование". 1997. -№1.82.0бразование в Республике Таджикистан: Статистический сборник. -Душанбе, 2004;

# ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИНФОРМАЦИОННЫХ И КОММУНИКАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ПРОЦЕССЕ ДИСТАНЦИОННОГО ОБРАЗОВАНИЯ

**МАВЛОНАЗАРОВ С.С.,**
заведующий кафедрой информационных
технологий и информационной безопасности
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан ,
734003, г Душанбе, ул. Сайд Носир, 33,
Тел.: (+992) 939-99-60-99; E-mail: silmon@mail.ru
**ОДИНАЕВ. Р.С.,**
ассистент кафедры информационных
технологий и информационной безопасности
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан ,
734003, г Душанбе, ул. Сайд Носир 33
Тел.: (+992) 981-05-70-25.

*Авторы статьи анализируют использование информационно-коммуникационных технологий в процессе дистанционного обучения, что позволяет*

*реализовать учебный процесс с использованием современных информационных и телекоммуникационных технологий, делающих дистанционное обучение возможным без личного участия преподавателей, студентов и магистрантов.*

*Дистанционное обучение - новый этап в развитии заочнего обучения, который предусматривает использование информационных технологий отличается от классического заочнонго обучения тем, что важной частью учебной программы является постоянное общение с преподавателем (консультации по электронной почте, Skype, семинары)*

***Ключевые слова***:. *дистанционное обучение, электронная почта, сети, Интернет, технологии Skype.*

## USE OF INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGIES IN THE PROCESS OF DISTANCE EDUCATION.

**MAVLONAZAROV S.S.,**
Head of the Department of Information
Technology and Information Security of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
734003, Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone.: (+992) 939-99-60-99; E-mail: silmon@mail.ru
**ODINAEV R.S.,**
assistant of the Department of Information
Technology and Information Security of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
734003, Dushanbe, 33, Said Nosir str.,
Phone.: (+992) 981-05-70-25.

*The authors of the article analyze the use of information and communication technologies in the process of distance learning, which makes it possible to implement the educational process using modern information and telecommunication technologies that make distance learning possible without the personal participation of teachers, students and undergraduates.*

*Distance learning is a new stage in the development of distance education, which involves the use of information technology. It differs from distance education in that that an important part of the curriculum is constant communication with the teacher (consultations via e-mail, Skype,online seminars).*

***Key words*** *: distance learning, email, network, internet, skype technology*

**УДК: 327.3**

# РАВАНДИ ТАШАККУЛИ ҶАҲОНИШАВӢ ВА ОМИЛҲОИ АСОСИИ ОН

**ФАЙЗАЛИЕВ ШАМСИДИН МИРЗОВАЛИЕВИЧ,**
докторанти (Ph.D) кафедраи сиёсатшиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ
734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121
Тел: (+992) 988-74-77-17; E-mail: shamsid.faizaliev@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур раванди ташаккули ҷаҳонишавӣ ва омилҳои асосии он баррасӣ гардидаанд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ҳар як давлат ва системаи сиёсӣ ба мушкилоти интихоби роҳи рушди худ дучор гардида, кӯшиш менамояд, ки бе роҳ додан ба натиҷаҳои манфӣ аз ҷиҳатҳои мусбии ин раванд фаъолона истифода намояд. Худи андешаҳо низ дар бораи он, ки раванди ҷаҳонишавӣ чӣ аҳамияти мусбӣ ва чӣ хатар барои ояндаи давлат дорад гуногун мебошад. Дар дараҷаи аввал мушкилоти соҳибихтиёрии дохилию хориҷии давлат меистад, ки то кадом андоза метавонад сиёсати мустақили дохилию хориҷии худро ба роҳ монда, аз ҷониби халқ ва ҷомеаи ҷаҳони эътироф карда шавад.*

*Ҷаҳонишавӣ дар охири асри XX ва оғози асри XXI барои рушди давлатҳо ва системаи сиёсии ҷомеа марҳилаи навро замина гузошт, ки айни замон онҳо дар марҳилаи тағйирёбии сиёсӣ ва мутобиқшавӣ ба шароити нав қарор доранд. Зери таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ вазифаҳо ва мавқеъи анъанавии онҳо тағйир ёфта, бо системаҳои муосири муносибатҳои байналхалқӣ иваз мегарданд. Равандҳои нав ба таври ҷиддӣ ба давлат таъсир мерасонанд, ки ояндаи онҳо мавзӯи баҳсҳои васеътари илмӣ мегардад.*

*Раванди ҷаҳонишавӣ сатҳи баланди идоракунӣ ва муносибатҳои ҷамъиятиро талаб менамояд. Фаъолияти натиҷабахши давлат имрӯз аз рӯи қобилияти фавран мутобиқшавии он ба тағйиротҳои дар ҷаҳони муосир рӯйдиҳанда муайян карда мешавад. Масъалаи он, ки дар шароити фаъолияти густурдаи сиёсии бозингарони сиёсӣ ба монанди ширкату созмонҳои байналмилалӣ, ташкилотҳои давлатию ғайридавлатӣ ва созмонҳои болои давлатҳо ҳукумрон кӯшиши идора намудани тамоми давлатҳои ҷаҳонро менамоянд, давлат метавонад ҳуқуқи ҳукумронӣ ва идоракунии худро дар ихтиёр дошта бошад то ҳанӯз ҷавоби мушахасе надорад. Ҳамзамон масъалаи дигари беҷавоб он аст, ки оё давлат дар чунин шароит метавонад аз соҳибихтиёрии худ дифоъ кунад ва ҳуқуқи миллатро ба худмуайянкунӣ ҳифз созад яке аз принсипҳои арзишманд дар муносибатҳои байналхалқӣ гардидааст.*

***Калидвожаҳо:*** *раванд, ҷаҳонишавӣ, омил, давлат, ҷомеа, соҳибихтиёрӣ, мутобиқшавӣ, ҳокимият, ниҳодҳои байналмилалӣ.*

Ҷаҳонишавӣ дар охири асрҳои XX ва ибтидои XXI марҳилаи нави рушди давлат ва ҷомеаро (системаҳои сиёсӣ) гузошт, ки он давраи тағйироти сиёсӣ ва мутобиқшавӣ ба шароити навро аз сар мегузаронад. Дар зери таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ вазифаҳо ва мавқеи анъанавии он дар системаи муосири муносибатҳои байналмилалӣ тағйир меёбанд. Равандҳои нав ба давлат таъсири бениҳоят номуайян доранд, ки ояндаи он мавзӯи муҳокимаҳои васеи илмӣ шудааст.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ дар назди ҳар як давлат ва ҷомеа мушкилоти интихоби роҳи рушд қарор дорад, ки беҳтарин барои бартараф кардани хароҷот ва истифодаи "самараи" мусбати ин раванд мусоидат мекунад. Аммо худи идея дар бораи он, ки барои давлат дар шароити ҷаҳонишавӣ чӣ мусбат аст ва барои ояндаи он хатарнок аст, низ номуайян аст. Масъалаҳои соҳибихтиёрии беруна ва дохилӣ, пайдарҳамӣ, қобилияти давлат барои пешбурди сиёсати мустақили дохилӣ ва хориҷӣ, қонунӣ будан ҳам дар назди мардуми худ ва ҳам берун аз марзҳои худ, ба мадди аввал баромаданд.

Ҷаҳонишавӣ нисбат ба сифати идоракунии давлатӣ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ талаботи баландтаринро пешкаш мекунад. Самаранокии давлат дар айни замон, аз ҷумла, бо қобилияти зуд мутобиқ шудан ба шароити зуд тағирёбандаи муҳити беруна муайян карда мешавад. Ҷавоб ба савол дар бораи он, ки оё давлат метавонад ҳуқуқи худро барои иҷрои вазифаҳои анъанавии ҳокимият ҳимоя кунад, дар сурате ки шумораи торафт бештари шахсони ғайридавлатӣ, ба монанди корпоратсияҳои трансмиллӣ, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ мехоҳанд онҳоро бо он мубодила кунанд, боз мемонад. Дар айни замон норӯшан аст, ки оё давлат соҳибихтиёрии худро ҳимоя карда метавонад ё ҳуқуқи худмуайянкунии миллатҳо дар муносибатҳои байналмилалӣ принсипи пурарзиштар хоҳад шуд.

Сарфи назар аз он, ки сарҳадҳои давлатӣ дар раванди сиёсии ҷаҳонӣ ҳамчунон нақши муҳим мебозанд, ба рушди он беш аз пеш вобастагии мутақобилаи давлатҳо, ҷомеаҳо ва бозорҳои ҷаҳонӣ таъсир мерасонад.

Дар баробари тағйирёбии давлатҳо ва ҷомеа, як ниҳоди калидии байналмилалӣ, ки муносибатҳои байни онҳоро танзим мекунад, тағйир меёбад. Созмони Милали Муттаҳид имрӯз ягона механизми иҷрои вазифаҳои ҷаҳонии идоракунӣ мебошад. Дар баробари ин, вазифаҳое, ки имрӯз дар назди СММ истодаанд, нисбат ба солҳои гузашта хеле мураккабтар ва печидатаранд. Ҳамзамон, бисёре аз дастовардҳои назарраси Созмон (мубориза бо гуруснагӣ ва эпидемия, мубориза барои ҳуқуқи занон, қонунгузорӣ) аксар вақт ба назар гирифта мешаванд. Аз ин рӯ, мушкилоти ислоҳоти СММ дар рӯзномаи ҳамаи форумҳои бузурги сиёсӣ қарор доранд.

Ҳамзамон, дар робита ба мушкилоти тағйирёбии сиёсии нақш ва функсияҳои давлат ва дурнамои идоракунии ҷаҳонӣ, набудани таҳқиқоти ҳамаҷонибаи сиёсатшиносӣ вуҷуд дорад. Чун қоида, муҳаққиқон ба масъалаи таҳким ё суст гардидани системаи сиёсӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ диққати махсус медиҳанд. Аммо, мушкилоти зикршуда ба назар мураккабтар ва номуайян ба назар мерасад ва худи раванд ғайрихаттӣ ва гуногунҷабҳа буда, танҳо барои омӯзиши дурнамои рушди низоми сиёсӣ раднопазир аст.

Аз як тараф, давлат зери таъсири раванди ҷаҳонишавии иқтисодӣ баъзе фишангҳои назорат ва мавқеъро аз даст медиҳад. Аз тарафи дигар, метавон гуфт, ки давлат ва ҷомеа барои танзими мушкилоте, ки қаблан бо салоҳияти он фаро гирифта нашуда буданд, имкониятҳои нав ба даст меоранд.

Аввалин маротиба калимаи "ҷаҳонишавӣ" (маънояш "савдои байналмилалии шадид") -ро Карл Маркс, ки дар яке аз номаҳои худ ба Энгельс дар охири солҳои 1850 корбурд кардааст, навишта буд: «Ҳоло бозори ҷаҳонӣ воқеан вуҷуд дорад. Бо ворид шудани Калифорния ва Ҷопон ба бозори ҷаҳонӣ, ҷаҳонишавӣ ба амал омад ”[1].

Як қатор далелҳо ин нақши пешбарандаи савдои байналмилалиро дар равандҳои ҷаҳонишавӣ нишон медиҳанд. Ҳамин тариқ, дар давраи пештараи ҷаҳонишавӣ, ки дар давраи зиндагии Маркс оғоз ёфта буд, ҳаҷми савдои байналмилалӣ даҳ маротиба зиёд

шуд (масалан, аз соли 1815 то 1914 ҳаҷми умумии содироти кишварҳои Аврупо тақрибан 40 маротиба афзудааст [2]).

Ва охири ин давраи ҷаҳонишавӣ маҳз вақте ба амал омад, ки дар шароити Депрессияи Бузург дар солҳои 30-юм тамоми кишварҳои ғарбӣ чораҳои протексионизми шадидро ҷорӣ карданд, ки боиси маҳдуд шудани савдои байналмилалӣ гардиданд. Аз ин рӯ, ҳам ҷаҳонишавии муосир ва ҳам давраҳои таърихии он ба тиҷорати шадиди байналмилалӣ такя мекунанд, ки мундариҷаи асосии ин падида мебошад.

Ҷаҳонишавӣ на танҳо дар ду асри охир, балки дар давраҳои дигар, аз ҷумла таърихи қадим вуҷуд дошт. Далели мавҷудияти ҷаҳонишавӣ ва иқтисоди ҷаҳонӣ дар замонҳои қадимро муаррихони пешрафтаи иқтисод эътироф мекунанд. Масалан, И.Валлерштейн менависад, ки ҳам дар империяи Рим ва ҳам дар Хитои қадим дар даврони қадим як иқтисоди ҷаҳонӣ мавҷуд буд, ки вай онро «системаи ҷаҳонӣ» номид [5].

Дар мавриди давраҳои қадимтар бошад, як қатор таърихнигорони дигари иқтисодӣ: Клайн, Кол, Кардилиас ва Шерратт консепсияеро мустақилона ба миён гузоштанд ва асоснок карданд, ки дар Месопотамия дар давраи гул-гулшукуфии Бобил ва Ашшур ва каме пештар дар шарқи баҳри Миёназамин (III -Ҳазорсолаи II пеш аз милод), каму беш мустақил аз якдигар, ду "системаҳои ҷаҳонӣ" -и дигар, ду иқтисоди ҷаҳонӣ, ки як қатор давлатҳо ва халқҳои ҳамсояро фаро гирифта буданд [13].

Давлатҳои муосири Аврупои Ғарбӣ бори аввал бо ҷаҳонишавӣ дар охири асрҳои миёна дучор омаданд: афзоиши шадиди мубодилаи мол байни шаҳрҳои Аврупои Ғарбӣ ва кишварҳо боиси он гардид, ки аллакай аз нимаи дуюми асри 12, ба гуфтаи И.Валлерштейн, “иқтисоди ҷаҳонии Аврупо”, яъне ҷаҳонӣ иқтисодиёт, ки аксари кишварҳои Аврупоро фаро гирифтааст [3].

Аммо, ҳатто қабл аз он, Русияи Қадим ва Византия ба ҷаҳонишавӣ дучор омаданд. Аз ҷумла, ба гуфтаи як қатор таърихшиносони иқтисодӣ, савдои шадиди байналмилалӣ дар баҳри Миёназамин пас аз фурӯпошии ҷаҳони қадим нопадид шуд ва давраи набудани он дар асрҳои 7-8 идома ёфт [6].

Аммо баъд, дар асри IX, мо бори дигар афзоиши тадриҷии савдои байналмилалиро мебинем, ки ҳоло на танҳо шарқи баҳри Миёназамин (пеш аз ҳама Византия), балки қаламрави Русияи Қадимро низ фаро мегирад.

Савдои шадиди байналмилалӣ байни Византия, Русия ва дигар кишварҳои ҳамсоя, аз рӯи бостоншиносӣ, дар асрҳои X-XI ба авҷи аъло расид. Дар ин бора миқдори зиёди хазинаҳо ва пласерҳои тангаҳои Византия, ки дар қаламрави Русия ёфт шудаанд ва маҳз ба давраи муайян марбутанд, шаҳодат медиҳанд [7].

Аммо, ҳатто пеш аз он, дар асри 9, ҷаҳонишавӣ минтақаи ҳамсоя - Поволжье, Баҳри Каспий ва давлатҳои Шарқи Арабро фаро гирифт - ин тангаҳои арабист, ки дар ҷойгоҳҳо ва захираҳои тангаҳои ин давра дар қаламрави Русия бартарӣ доранд ва ба миқдори зиёд пайдо шудаанд - то охири асри 10. [8].

Волга ва Баҳри Каспий роҳҳои асосии тиҷорати тиҷорати Рус бо Шарқи Араб ва Закавказия буданд; ва истифодаи пуршиддати ин роҳи савдо, аз рӯи бостоншиносӣ, дар даҳсолаҳои охири асри VIII оғоз ёфт.

Ҳамин тариқ, дар ин давра ду раванди ҷаҳонишавии минтақавӣ ҳамзамон инкишоф ёфт: яке аз онҳо, ки бо роҳи савдои Волга - Каспий алоқаманд аст, аллакай дар охири асри VIII оғоз ёфт ва то охири асри X давом кард; дуввум, ки бо роҳи савдои Баҳри Миёназамин - Баҳри Сиёҳ - ҳавзаҳои дарёҳои ба Баҳри Сиёҳ равон (Днепр, Дон,

Днестр, Буги Ҷанубӣ) пайваст аст, дар нимаи дуюми асри 9 сар шуда, то нимаи дуюми асри 12 давом кард.

Аввалин ин роҳҳои тиҷорӣ дар он замон "Аз Варангиён ба Форсҳо", дуввум - "Аз Варягҳо то Юнонҳо" ном доштанд.

Иқтисоди бозорӣ (капитализм) ҳамеша дар маркази ҷаҳонишавӣ буд. Ҷаҳонишавӣ - савдои шадиди байналмилалиро дар шароити ғайри бозор, тасаввур кардан ғайриимкон аст, масалан, дар шароити бартарияти иқтисоди табиӣ ё низоми қатъии банақшагирӣ ва тақсимот. Рушди таркишноки тиҷорати байналмилалӣ, ки моҳияти ҷаҳонишавӣ аст, ҳамеша натиҷаи стихиявии бозор буд ва ҳеҷ гоҳ натиҷаи ягон нақша ё тақсимот буда наметавонист.

Ин ба ақидаҳои таърихнигорон дар бораи он, ки иқтисод дар ин давраҳои таърихӣ чӣ гуна буд, мувофиқат мекунад. Ҳамин тариқ, бисёр муаррихони қадим навишта буданд, ки давраи қадим давраи капитализм буд [9]. Таърихнигори олмон Эд Майер чунин мешуморид, ки инсоният дар даврони қадим марҳилаи капиталистии рушдро паси сар кардааст ва пеш аз он «асрҳои миёна» омадааст [10]

Муаррих М.И. Ростовцев чунин мешуморад, ки фарқи байни иқтисоди муосири капиталистӣ ва иқтисоди капиталистии қадим сирф миқдорӣ аст, аммо сифатӣ нест ва навиштааст, ки қадимӣ аз ҷиҳати сатҳи рушди капитализм бо Аврупо дар асрҳои 19-20 муқоиса карда мешавад. [ёздаҳ]

Худи ҳамин ақида дар робита ба давраи ҷаҳонишавии Русияву Византия аз ҷониби муаррих Г.В.Вернадский, мутахассиси таърихи Русия чунин гуфта шудааст: давраи феодалӣ »[12].

Як қатор далелҳо дурустии ин ақидаро дар бораи сатҳи баланди рушди иқтисоди бозорӣ дар давраи қадим тасдиқ мекунанд ва аз миқёси ғайримуқаррарии шаҳодат медиҳанд, ки савдои байналмилалӣ дар он замон ба даст овардааст. Масалан, маълум аст, ки дар Рим 264 намуди касбҳои гуногун мавҷуданд [14], ки ин дараҷаи ғайримуқаррарии баландро нишон медиҳад.

Дар ҳақиқат, барои мавҷудияти ҳар гуна касб, талаботи устувори пулӣ ба молҳо ва хидматҳои мувофиқ зарур аст. Ва дар аввали асри XXI дар як қатор кишварҳои ҷаҳони сеюм чунин шумораи касбҳо мавҷуд нестанд, ки мо онҳоро дар Рими қадим мебинем. Масалан, як далели дигарро овардан мумкин аст: тавре ки муаррихи англис А.Ҷонс бо ишора ба маъхазҳои қадимӣ қайд кард, ҳатто камбизоатон дар Империяи Рум либосҳои худро надӯхтанд, балки тайёр хариданд [4].

Баръакси Империяи Рум, дар ҷаҳони муосир, ҳатто дар асри 20, метавон кишварҳо ва минтақаҳои бутунеро пайдо кард, ки дар он ҷо мардуми деҳот либоси худро медӯхтанд.

**Адабиёт:**


1. Азроянц Э.А, Глобализация: катастрофа или путь к развитию. Современные тенденции мирового развития и политические амбиции. М.: Издательский дом «Новый век»,2002.- 416с.
2. Алимов Р.М. Центральная Азия: общность интересов.-Т.: «Шарк»,2005.-4 64с.
3. Бжезинский З. Великая шахматная доска. Господство Америки и геостратегические империативы.-М.:1998. -157с.
4. Додихудоев Х. Культура и цивилизация. Истины и парадоксы традиций.Т.1,Ч.1.Душанбе, 2006, 354 с.

5. Ашимбаев М. Евразийство в условиях глобализации \\ Казахстан в глобальных процессах.- 2004.- №1.-С.6-16
6. Байсалбаева Ж. Информационная безопасность в условиях глобализации\\ Казахстан в глобальных процессах. -2005. -№1. -С. 89-93
7. Бобоев К., Роль России в интеграции стран
8. ЦА.//Региональная интеграция Центральной Азии: проблемы и перспективы. -Душанбе : «Ирфон», 2006.-С.110-120
9. Видоевич 3. Глобализация, хаотизация и конфликтыв современном мире // «СОЦИС». -2005.- №4(252) .-С.25-3211.«Вашингтонский консенсус».\\ Монд дипломатик. 2000,март . -С.3-5
10. Гладков И., Митрафанова А., Тетерин В. Республика Корея. Уроки экономического кризиса \\ «Азия и Африка». -2000. -№5. -С. 20-25
11. Гладкий Ю. Глобалистика: трудный путь становления // Мировая экономика и международные отношения. -1994. -№ 10.-С. 104-116.
12. Гусева Л. ТНК: основные тенденции развития и влияния на экономику принимающих государств \\ Казахстан в глобальных процессах.- 2004.- №1.-С.104-121
13. Баранов В. Эта теория недостаточно безумна, чтобы быть верной . \\http:// old.cominuterra.ru/online/influence/9552/forprint.html (дата обращения 17.03.2019)
14. Грозин А. Казахстан : проблемы национальной безопасности // «Центральная Азия и Кавказ».-1999.- №4http://society,askold.net/ )дата обращения 19.03.2019).

## ПРОЦЕСС РАЗВИТИЯ ГЛОБАЛИЗАЦИИ И ЕЁ ОСНОВНЫЕ ФАКТОРЫ

**ФАЙЗАЛИЕВ ШАМСИДИН МИРЗОВАЛИЕВИЧ,**
докторант (Ph.D) кафедры политологии
Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни
734003, город Душанбе, проспект Рудаки 121
Тел.: (+992) 988-74-77-17; E-mail: shamsid.faizaliev@mail.ru

*В статье рассматривается процесс развития глобализации и её основные факторы. По существующим данным в условиях глобализации каждое государство и общество сталкивается с проблемой выбора пути развития, который наилучшим образом помог бы преодолеть издержки и воспользоваться позитивными «плодами» данного процесса. Однако само представление о том, что является позитивным для государства в условиях глобализации, а что является опасным для его будущего, также является неоднозначным. На первый план вышли проблемы внешнего и внутреннего суверенитета, состоятельности, способности государства проводить самостоятельную внутреннюю и внешнюю политику, быть легитимным как в глазах своего народа, так и за пределами собственных границ.*

*Глобализация конца XX начала XXI веков положила начало новому этапу в развитии государства и общества (полит систем), которое переживает период политической трансформации и адаптации к новым условиям. Под воздействием глобализационных процессов меняются его традиционные функции и положение в современной системе международных отношений. Новые процессы крайне неоднозначно сказываются на государстве, будущее которого стало предметом широких научных дискуссий. Глобализация предъявляет высочайшие требования к*

*качеству государственного управления и общественных отношений. Эффективность государства в настоящее время определяется, в частности, его способностью быстро адаптироваться к стремительно меняющимся условиям внешней среды. Ответ на вопрос, сможет ли государство отстоять свое право на реализацию традиционных властных функций, когда все больше негосударственных факторов в лице транснациональных корпораций, неправительственных и надправительственных организаций стремится разделить их с ним, остается открытым. Неясно на данный момент и то, сможет ли государство защитить свой суверенитет или право наций на самоопределение станет более ценным принципом в международных отношениях.*

***Ключевые слова:*** *процесс, глобализация, фактор, государство, общество, суверенитет, адаптация, власть, международные институты.*

## GLOBALIZATION DEVELOPMENT PROCESS AND ITS MAIN FACTORS

**FAYZALIEV SHAMSIDIN MIRZOVALIEVICH,**
doctoral student (PhD) Department of Political Science of
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Dushanbe, 121, Rudaki ave.,
Phone: (+992) 988-74-77-17; E-mail: shamsid.faizaliev@mail.ru

The article examines the development process of globalization and its main factors. In the context of globalization, each state and political system is faced with the problem of choosing a development path and tries to actively use the positive aspects of this process without allowing negative consequences. Opinions also differ as to whether the process of globalization is both positive and dangerous for the future of the state. At the first level is the problem of internal and external sovereignty of the state, to what extent it can pursue an independent domestic and foreign policy and be recognized by the people and the world community.

The globalization of the late XX and early XXI centuries marked the beginning of a new stage in the development of the state and society political systems, which is undergoing a period of political transformation and adaptation to new conditions. Under the influence of globalization processes, its traditional functions and position in the modern system of international relations are changing and are replaced by modern systems of international relations. The new processes are seriously affecting the state, and their future will be the subject of wider scientific discussions.

The process of globalization requires a high level of governance and public relations. The effective functioning of the state today is determined by its ability to adapt quickly to changes in the modern world. The issue of whether the government is trying to govern all the countries of the world in the context of the wide political activity of political players such as international organizations, governmental and non-governmental organizations and the highest governmental bodies, the state has the right to govern and administrate, has not yet been answered. At the same time, another unanswered issue is whether the state in such circumstances can defend its sovereignty and protect the right of the nation to self-determination, which has become one of the valuable principles in international relations.

**Key words:** process, globalization, factor, state, society, sovereignty, adaptation, power, international institutions.

УДК: 327.3

# МАҚОМИ ИМПЕРИЯИ ҲАХОМАНИШИҲО ДАР МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ДУНЁИ ҚАДИМ

**САЙНАКОВ САЙНАК ПАРПИШОЕВИЧ,**
номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи
дипломатия ва муносибатҳои байналхалқии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33,
Тел: (+992) 934-16-20-99; E - mail: saynakov2012@mail.ru;

*Дар мақолаи мазкур мақоми империяи Ҳахоманишиҳо дар муносибатҳои байналхалқии Дунёи Қадим баррасӣ гардидааст. Муаллиф ба хулосае меояд, ки империяи Ҳахоманишиҳо муддате дар муносиботи байналхалқӣ ҳукмфармо буда, дар давраи эллинизм бошад, юнониён дар Шарқ аз мероси Ҳахоманишиҳо на танҳо идеяи империяи универсалиро нусхабардорӣ карданд, инчунин тамоми таърихи муносиботи монархияҳои эллинистӣ – муборизаи диадохҳо, рақобати шоҳони эллинистӣ дар он қаламравҳое сурат гирифта буд, ки онҳо ба ҳайати империяи Ҳахоманишиҳо шомил буданд. Маҳз империяи Ҳахоманишиҳо шароит фароҳам овард, ки алоқаҳои маданӣ, тиҷоратӣ, сиёсӣ байни халқҳои гуногун дар доираи як империя бошиддат рушд ёбанд.*

***Калидвожаҳо***: *Ҳахоманишиҳо, сиёсат, империя, муносибатҳои байналхалқӣ, Юнон, шаҳр - давлатҳо.*

Сулолаи Ҳахоманишиҳо дар таърихи қадими башарият яке аз бузургтарин империяро таъсис доданд, ки дар рушди муносиботи байналхалқии онвақта нақши асосиро гузошта буд. Зуҳуру равнақи дипломатия ва муносиботи байналхалқии аҷдодони форсу тоҷик дар асоси анъанаҳои ориёӣ ва таълимоти Авесто сурат гирифта, он, махсусан дар замони Ҳахоманишиҳо дар сатҳи баланд мукаммал гардид.

Офарандагони Ведҳо (аз vid – донистан, дониш, бохабар будан) [7, с. 197] ва Авесто худро як хел «аря», яъне «ориёӣ» меномиданд. Онҳо аз лиҳози забон, ақоиди динӣ, асотир, урфу одат, сохти иҷтимоию сиёсӣ низ бо ҳам хеле наздик буданд. Дар ин асос олимон ба хулосае омадаанд, ки дар қадим аҷдоди ориёиҳои авестоӣ ва ведоӣ ҷамъияти ягонаи этникиро ташкил мекарданд, яъне як халқ буданд, бо як забон гап мезаданд ва дар як кишвар зиндагӣ мекарданд. Форсҳо ва модҳо низ худро ориёӣ мегуфтанд. Ниёгони форсу тоҷик дар дипломатия ва муносибатҳои байналхалқӣ низ мувофиқи таълимоти Авесто «пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек» амал мекарданд. Дар ташаккулёбии сиёсати ҷаҳонии Дунёи Қадим бошад сулолаи Ҳахоманишиҳо нақши муҳим бозӣ карданд.

Бори нахуст давлати Парсуа (Форс) дар навиштаҷотҳои ошурии асри IX п. м. ёд мешавад. Ба ғайр аз Парсуа дар шарқтар аз Элом чанд ташкилоти дар зинаи давлатдории ибтидоӣ (боқимондаи иттифоқи қабилавии форсӣ) ҷойгир буданд, ки байни худ иттифоқ доштанд. Таърихи ибтидоии ташкилоти давлатдорӣ, ки ба ҳайати иттифоқи форсӣ шомил буданд (асрҳои IX – VII п. м.), бо абарқудратҳои минтақавии он замон – Элом, Ошур, Мод ва ғайра алоқаманд буд, ки дар муносибат ба онҳо қаламрави Ҳахоманишиҳо дар мақоми вассалӣ қарор дошта буд. Дар соли 558 п. м. Куруши Кабир, ки тамоми қаламрави форсҳоро ба ҳайати худ ворид кард, шоҳи Форс

шуд. Дар замоне ки Куруш шоҳи Форс эълон гардид, дар Шарқи Наздик чор абарқудрат арзи ҳастӣ доштанд: Мод, Бобул, Лидия ва Миср [4, с. 14], ки дар ояндаи наздик ҳамаи давлатҳои мазкурро форсҳо ба давлати худ тобеъ мекунанд. Дар навбати аввал Мод меистод. Куруш аз тарафи модариаш набераи шоҳи охирони Мод – Астиаг ба шумор мерафт, ки вай соли 553 п. м. бар зидди шоҳи Мод шӯриш бардошта, он 3 сол давом кард. Дар натиҷа Мод сарнагун ва соли 550 п. м. форсҳо пойтахти Астиаг шаҳри Экбатанро гирифта, ба империяи Ҳахоманишиҳо асос гузошта шуд.

Дар солҳои минбаъда форсҳо амалиёти густурдаро роҳандозӣ намуда, аввал қаламравҳои боқимондаи Мод ва сонӣ ба таври системавӣ забт кардани дигар давлатҳоро оғоз намуданд. Дар натиҷаи сиёсати минбаъда Порт, Гиркония, Лидия, Дрангион, Бохтар, Марғиён ва Суғд забт карда шуданд. Гарчанде ки соли 549 п. м. шоҳи Лидия ва фиръавни Миср Амасис шартномаи иттифоқӣ бар зидди форсҳо баста буданд ҳам, аммо ин иттифоқ ва мадад ҷустан аз Спарта ва шоҳигарии Бобулистони Нав низ Лидияро аз ҳуҷуми Ҳахоманишиҳо наҷот дода натавонистанд. Ҳамин тарик, соли 547 п. м. Лидия ба тобеияти форсҳо дароварда шуд. М. А. Дандамаев мувофиқи ахбори Геродот [3. III, 120] қайд менамояд, ки Куруш Лидияро ба ду музофоти алоҳида тақсим кардааст [4, с. 21 – 24]. Хулоса, ду абарқудрат – Мод ва Лидия бо ҳамин ба қаламрави империяи нави ҷаҳонӣ – Ҳахоманишиҳо ҳамроҳ карда шуданд.

Баъди ин форсҳо сиёсати худро дар самти Бобул фаъол гардонданд. Баҳори соли 539 п. м. Куруши Кабир юриши худро бар зидди Бобул оғоз намуда, 10-уми октябр бе ҷанг Сиппар таслим ва 12 октябр лашкари форҳо бе ҷанг ба Бобул ворид шуданд. Писари шоҳи шоҳигарии Нави Бобул Набонид – Валтасар, ки дар Бобул қарор дошт, хост, ки муқовиматро ташкил намояд, аммо кушта гардид. Фармондеҳони Форс, ки ба шаҳри Бобул ворида гардиданд, дар як лаҳза чораҷӯӣ намуданд, ки дар шаҳр қатлу ғораткунӣ сурат нагирад. То 26-уми октябри соли 539 п. м. форсҳо маъмурияти худро дар шаҳр барқарор ва муҳофизати онро таъмин намуданд. Ягон маъбад ва ҷойгоҳҳои муқаддаси бобулиён вайрон карда нашуданд. Набонид оид ба таслимшавии Бобул дарак ёфта, аз шаҳри Борсиппа, ки дар муҳорибаи назди шаҳри Опис шикаст хӯрда, ба он ҷо паноҳ ёфта буд, ба Бобул омада, худаш ихтиёран таслим шуд. Куруши Кабир бошад 29 октябри соли 539 п. м. дар аробаи бо 8 аспи сафед бастагӣ ба шаҳр ворид шуд. Куруши Кабир ба тамоми Бобул сулҳу оромиро эълон кард. Ва дар таърихи инсоният аввалин Эъломияи ҳуқуқи башарро қабул намуд.

Ҳамин тавр, маҳз аҷдодони тоҷик нахустин эъломияи ҳуқуқи башарро қабул ва эълон намуданд ва халқҳое, ки ба доираи қаламрави таҳти назорати онҳо даромаданд, урфу одат, дин ва афкори онҳоро нест накарда, баръакс шароит фароҳам оварданд, ки он рушд ёбад [11, с. 2; 14, с. 19 – 21]. Дар аввал форсҳо сохтори иҷтимоии Бобулро тағйир надода, шоҳигарии Бобулро ҳифз нигоҳ доштанд ва ҳокими музофоти Гутиум – Угбаруро, ки дар рафти юриши форсҳо ба Набонид хиёнат карда, ба тарафи Куруш гузашт, ҳоким таъйин карданд. Дар ҳақиқат бошад Бобул низ ҳамчун шоҳигарии мустақил мавқеашро пурра аз даст дода, баробар ба сатрапияҳои дигари форсҳо гардида, дар самти сиёсати хориҷии худ ҳуқуқҳояшро пурра аз даст дода, аз ҷониби намояндаи форсҳо идора карда мешуд. Аммо баъди муддати се ҳафтаи гирифтани Бобул Угбару вафот кард. Соли 538 п. м. Куруш писари худ Камбуҷиёро шоҳи Бобул таъйин кард. Шаҳри Бобул ба яке аз қароргоҳои шоҳи Форс табдил дода шуд.

Куруши Кабир, дигар халқҳо, аз ҷумла махсус яҳудиёнро аз асорати бобулиҳо озод намуда, соли 537 п. м. ба онҳо иҷозат дода шуд, ки ба ватани худ – Фаластин баргарданд. Ӯ, инчунин фармон дод, ки маъбади Иерусалим аз нав сохта шавад ва он

ашёҳои маъбади мазкур, ки дар вақташ аз ҷониби шоҳи Бобулистон Навуходоносор ғорат карда шуданд, баргардонда шаванд. Баробари ин, ба яҳудиён имконият дода шуд, ки ҳокими худро аз ҳисоби ворисони сулолаи Довудиён интихоб намоянд [15, с. 23]. Хулас, абарқудрати дигар – Бобул низ шикаст хӯрд ва ба қаламрави форсҳо ҳамроҳ карда шуд. Баъди таслим намудани Бобул давлату қаламравҳое, ки дар ғарби он то сарҳади Миср ҷойгир буданд, ихтиёран ҳукумати форсҳоро аз болои худ пазируфтанд. Дар яке аз юришҳои худ бар зидди қабилаҳои сакоии массагетҳо Куруши Кабир ноком гардида, он боиси марги ӯ мегардад. Марги ӯ дар июл - августи соли 530 п. м. рух додааст.

Дар охири соли 526 п. м. фиръавни Миср Амасис вафот кард. Вориси ӯ ва намояндаи охирони давраи саисии Миср фиръавн Псамметихи III танҳо шаш моҳ ҳукмронӣ кард. Соли 525 п. м. аз тарафи писари Куруши Кабир – Камбуҷиё Миср гирифта шуда, сарҳадоти давлат то қаламрави Либияи ҳозира расиданд. Ҳангоми дар Миср қарор доштани Камбуҷиё моҳи марти соли 522 п. м. дар Эрон бо сарварии Гаумата табаддулот гузаронда шуд, аммо 29 сентябри соли 522 п. м. ӯ аз ҷониби ашрофон бо сардории Дорои Кабир сарнагун карда шуд [2, с. 322]. Оид ба табаддулоти Гаумата ва сиёсати минбаъдаи Дорои Кабир дар катибаи Бесутун маълумоти муфассал дода шудааст [9, с. 86 – 92]. Соли 518 шоҳаншоҳ Дорои I ба Миср ташриф оварда, бо фармони вай канал миёни дарёи Нил ва баҳри Сурх сохта шуд [2, с. 266]. Бо хамин, империяи Ҳахоманишиҳо дар муносибатҳои байналхалқии давраи мавҷудияти худ ба мақоми гегемон расид.

Ҳахоманишиҳо бар зидди ҳамхунони худ скиф (сак) - ҳои соҳилҳои баҳри Сиёҳ низ юриш ташкил намуда буданд. Солҳои 519 – 512 п. м. Фракия, Македония ва шимол-ғарбии Ҳиндустон забт карда шуданд. Ҳамин тавр, соли 512 п. м. шоҳигарии Фракия ва шоҳигарии Македония ба вассали Ҳахоманишиҳо табдил ёфтанд. Бо ҳамин, то охири асри VI п. м. сарҳади империяи Ҳахоманишиҳо аз соҳили дарёи Ҳинд дар Шарқ сар карда, дар Ғарб то Балкан ва дар шимол то Арманистон ва дар ҷануб то қламравҳои дарёи Нил тӯл кашид. Ҳамин тариқ, дар асри VI п. м. давлати пуриқтидортарини Дунёи Қадим империяи Ҳахоманишиҳо мегардад, ки он дар зери ҳукмронии худ на танҳо Осиёи Пеш, балки Миср, Осиёи Хурд, Миёна ва як қисми Европаи Шарқӣ ва Ҳиндустонро медарорад. Доираи таъсири он аз ҳудуди Шарқи классикӣ, ҳам дар самти шарқ ва ҳам дар самти ғарб, берун баромад [6, с. 26]. Ба ҳайати империя даҳҳо халқҳо ва мамлакатҳо дохил карда шуданд. Масоҳати империяи Ҳахоманишиҳо дар давраи равнақи он ба 8 миллион км2 баробар буд.

Ин аввалин империя дар таърихи инсоният буд, ки қаламравҳои он дар се қитъа – Осиё, Африка ва Европа ҷойгир буданд. Маҳз ҳамин давлатро зарур аст аввалин империяи ҷаҳонӣ шинохт. Аммо афсӯс, ки дар баъзе адабиёти илмӣ ва дарсии Ғарб ин тарафи масъаларо сарфи назар мекунанд. Ҳатто муаррихи номии Юнони Қадим Геродот дар асараш аз сатрапияи Фракияи Ҳахоманишинҳо ёдоварӣ накардааст, ҳоло он ки ин минтақа яке аз музофоти давлати мазкур ба шумор мерафт. Эъломияи Ҳуқуқи башари Куруши Кабир дар дипломатия ва муносибатҳои байналхалқӣ низ табаддулоти ҷиддиро ба бор овард. Он тамоми инсонҳоро баробарҳуқуқ эълон намуда, аз ин пас иҷозат намедод, ки ягон кас ғуломи дигар кас бошад ё ягон нафар бе музд барои ягон нафар кор кунад. Аммо баъди Куруши Кабир табаддулоти Гаумата ва шӯришҳо дар музофотҳои асосан аҳолиашон ғайриэронитабор шоҳаншоҳ Дорои Кабирро маҷбур намуд, киислоҳот гузаронда, системаи идоракуниро тағйир диҳад ва

дар сатрапияҳо сатрап ва сарфармондеҳҳони гарнизонҳои ҳарбиро танҳо аз ҳисоби форсҳо таъйин намояд.

Ҳанӯз дар асри VI п. м. нахустин бор дар Ҷаҳон дар Лидия ба сикказании тангаҳо сар карда буданд, аммо Дорои Кабир бошад бори нахуст барои империяи худ ченаки ягонаи умумии пулӣ – «дорик» - ро ҷорӣ намуд. Вазни «дорик» - ҳои тиллоӣ 8,4 грамм ва нуқрагӣ 5,6 грамм буд. Соли 520 п. м. бошад сохтмони пойтахти нав – Персепол оғоз гардида, имрӯз низ дар яке аз релефҳои боқимондаи он тасвири намояндагони 33 халқ, ки ба шоҳаншоҳ Дорои Кабир андоз овардаанд, боқӣ мондааст, ки ин аз бузургии империяи Ҳахоманишиҳо дарак медиҳад. Бархе мутахассисон ба ин назаранд, ки Персепол, ҳамчун пойтахт, аввалин шаҳр дар ҷаҳон мебошад, ки аз рӯи нақшаву лоиҳаи пешакӣ таҳрезишуда сохта шудааст. Сабки меъмории он баъдтар дар шаҳрсозии мамолики дигар, аз Ҳинд сар карда, то Осиёи Хурд паҳн гардид [2, с. 328; с. 332].

Васеъшавии қаламрави давлат аз сиёсати дурандешонаю дурусти хориҷии Ҳахоманишиҳо, тайёрии хуби ҳарбӣ ва дипломатӣ вобаста буд. Дар маъхазҳои юнонӣ оид ба воридшавии Ҳахоманишиҳо ба қаламрави Юнон маълумоти муфассалтар ҷой дода шудааст.

Баъди нобарор анҷом ёфтани юриши аввалини форсҳо бо сардории Дорои Кабир дар солҳои 492 – 490 п. м. ба Юнон (дар натиҷаи тӯфони баҳрӣ қисми калони флот ва сипоҳиёни сарлашкари форсҳо Мардоний, ки ба Юнони Балкан фиристонда шудаанд, нобуд шудаанд ва шикасти форсҳо бо сарварии шоҳзодаи Форс Артаферн дар Муҳорибаи назди Марафон, 12. 09. 490 п. м.), ба он оварда расонд, ки форсҳо ба юриши калон омодагӣ бинанд. Дар натиҷаи юриши дуюм протекторати форсҳо аз болои Македония, қабилаҳои фракӣ, Эпир ва як қисми зиёди шаҳр-давлатҳо ва иттифоқҳои онҳо дар шимолии Юнон ва ҷазираҳои баҳри Эгей таъмин карда шуд. Ғайр аз ин, дар арафаи юриш (соли 481 п. м.) форсҳо бо Карфаген қарордод бастанд, ки тибқи он охирӣ ӯҳдадор гардид, ки дар Ситсилия бар зидди мустамликаҳои юнониён, ки бо номи Юнони Бузург (Ситсилияи Шарқӣ ва Ҷануби нимҷазираи Апеннин) муаррифӣ мешуданд, амалиёти ҳарбиро оғоз намояд. Ҳамин тавр, мустамликаҳои юнонӣ дар Италия ва Ситсилия пеш аз оғози юриши навбатии форсҳо ба Юнон аз мудохила намудан ба амалиётҳои ҷангӣ берун карда шуданд [13].

Дар натиҷаи сиёсати моҳиронаи хориҷии Ҳахоманишиҳо полисҳо (шаҳр-давлатҳо)-и Юнони Балкан дар арафаи юриши форсҳо дар изолятсияи пурраи сиёсию ҳарбӣ қарор ёфтанд. Танҳо ногаҳон тавонон гардидани дастаҳои ҳарбии шаҳрвандони шаҳр-давлатҳо ва флоти муттаҳидаи онҳо, инчунин баланд шудани рӯҳияи ватандӯстӣ ва табдил ёфтани он ба ватандӯстии панэллинистӣ дар вақти ҷанг, ки дар арафаи ташкил намудани юриш он дида намешуд, нақшаҳои форсҳоро барбод дода, онҳо дар ҷанги 30 сола оқибат шикаст хӯрданд.

Зарур аст қайд намоем, ки баъзе муаррихони бостон далелҳои ғайривоқеиро дар раванди ҳодисоти воқеӣ илова менамуданд, ба мисоли он ки Геродот шумораи сипоҳи шоҳаншоҳи Ҳахоманишиҳо Хшоёршоҳро, дар ҷанг бо лашкари чанд даҳҳазор нафараи юнониён бо рақамҳои фантастикии 5 283 220 нафар [3, с. 363] ба қалам додааст, ки имрӯз муҳаққиқон маҷбур мешаванд ин шумораро 50 маротиба камтар нишон диҳанд.

Шикасти империяи Ҳахоманишиҳо аз дасти қувваҳои шаҳр-давлатҳои Юнон роҳи экспансияи форсҳоро ба самти Ғарб боз дошт. Бо ин нигоҳ накарда, нақши Ҳахоманишиҳо дар системаи муносиботи байни полисҳои юнонӣ баъди шикастхӯрӣ

ҳам мақоми намоёнро ишғол мекард. Шаҳр-давлатҳо қисман побанди империяи Форсҳо монданд. Дар муддати нимаи дуюми асри V п. м. – нимаи аввали асри IV п. м. империяи Ҳахоманишиҳо моҳирона ба вазъияти сиёсии Юнон таъсири худро мерасонд, низоъҳоро хурӯҷ медод, монеаи роҳи дар саҳнаи сиёсӣ падид омадани гегемони умумиюнонӣ мешуд ва дар ин роҳ ин ё он шаҳр-давлат ва иттифоқҳои онҳоро маблағгузорӣ мекард, то ки бо ҷангҳои байнихудӣ ҳамдигарро ҳар чи зиёдтар харобу заиф гардонанд. Ҳолати мазкури ҷойдошта дар бисёр мавридҳо боиси он мешуд, ки шоҳаншоҳи Форс ба сифати судяи олӣ барои ҳал намудани низоъҳо дар Юнон баромад кунад. Мавриди зикр аст, ки чунин сиёсат то давраи болоравии Мақдуния ва Юнонро ба худ тобеъ намудани он то солҳои 30-юми асри IV п. м. идома ёфта буд. Болоравии Мақдуния ва ба тобеияти худ даровардани Юнон, дар баробари бӯҳрони дохилии давлати Ҳахома¬ни¬шиҳо барои форсҳо тақдири ногузир шуд [13]. Соли 334 п. м. артиши муттаҳидаи Юнону Мақдуниён ба қаламрави форсҳо ворид шуда, дар натиҷаи чанд задухӯрд дар соли 330 п. м. ба мавҷудияти империяи Ҳахоманишиҳо хотима бахишданд.

Раванди ҳодисоти минбаъдаи муносиботи байналхалқӣ бо ин тарз сурат гирифтанд. Соли 336 п. м. аввалин дастаҳои ҳарбии муттаҳидаи юнону мақдуниён аз гулӯгоҳи Дарданел гузашта, ба Осиёи Хурд, ки қаламрави империяи Ҳахоманишиҳо ба ҳисоб мерафт, сафарбар карда шуданд, аммо дар оғози ин лашкаркашӣ Филиппи II дар натиҷаи як сӯиқасд кушта мешавад. Баъди қатл шудани Филипп дар соли 336 п. м. кори ӯро писараш – Искандар (с. 336 – 323 п. м.) идома дод. Бо лашкари муттаҳидаи худ ӯ минтақаҳои калон, аз ҷумлаи давлати Ҳахоманишинҳо то як қисмати Ҳиндро забт намуд. Ба монанди падари худ Искандар низ худро дипломати моҳир нишон дод, шаҳрҳои Осиёи Хурдро бо роҳи сулҳомез ба тарафи худ кашид, бо коҳинони мисрӣ шартномаи барои ҳар ду тараф манфиатовар имзо намуд ва тавонист, ки раҷаҳои ҳиндиро байни худашон шӯр андозад.

Баҳори соли 334 п. м. артиши Искандар тавассути Геллеспонт (Дарданел) бо 160 киштӣ ба қаламрави давлати Форс ворид шуд, дар ҳамин сол муҳориба дар назди дарёи Граник, дар шимол-ғарбии Осиёи Хурд, рух дод, ки дар он форсҳо шикаст хӯрданд. Тирамоҳи соли 333 п. м. муҳорибаи дуюм дар назди Исса рух дод, ки дар он низ форсҳо шикаст хӯрда, заминҳои то сарҳади Фурот ба дасти Мақдуниён гузаштанд. Дар ибтидо қисмати ғарбии Осиёи Хурд забт карда шуд, баъди он соҳилҳои шарқии баҳри Миёназаминро ишғол намуданд. Баъди муҳосираи ҳафтмоҳа июли соли 332 п. м. шаҳри Тир ишғол шуда, форсҳо аз қисмати калони флоти худ маҳрум гардиданд.

Дар давраи муҳосираи шаҳри Тир Дорои III сулҳро пешниҳод кард, ки тибқи он ба Искандар, менависанд Плутарх [12, с. 135] ва Арриан [1, II, 25], 10 000 талант тилло, тибқи ахбори Квинт Курсий Руф [9] бошад талант ба андозаи дигар рақамҳо ва яке аз духтарҳои худ бо номи Статира (мувофиқи ахбори Арриан бошад Барсина) - ро ба занӣ ва ҳокимият дар қаламрави пурраи қисмати ғарбии Осиёи Хурди империяи худро пешниҳод кардааст. Аммо Искандар пешниҳодро қабул накардааст. Мувофиқи ахбори Плутарх дар ҳамин вақт мушовири боварииноки Искандар Парменион ба ӯ мегӯяд, ки «агар ман Искандар мебудам, ман ҳатман ин шартҳоро қабул мекардам». Дар ҷавоб Искандар мегӯяд, ки «… ман ҳам ҳамин хел мекардам, агар Парменион мебудам» [12, с. 135]. Сонӣ ба таври осон Миср ба даст дароварда шуд. 1 октябри соли 331 п. м. дар назди Гавгамела муҳорибаи ҳалкунанда рух дод, ки форсҳо боз шикаст хӯрданд. Доро бошад баъди ин аз ҷониби сатрапи Бохтар – Бесс кушта мешавад.

Мақдуниён ба пойтахти Ҳахоманишиҳо шаҳри Персепол ворид шуда, дар натиҷаи ташкил намудани зиёфати шабона бо шаробу майхӯрӣ Искандар ба вандализм даст зада, қасрро оташ зад, ки дар он дастнависҳои зиёди қадимае, ки солҳои дароз нигоҳдорӣ мешуданд ва дар натиҷа онҳо ба нестӣ расиданд, ки ин амал ба маданияти маънавии эронитаборон зарбаи калон расонд. Персепол на танҳо пойтахт, балки маркази муқаддасоти эрониён ба шумор мерафт. Ҳамин тавр, эрониён аз аксарияти сарчашмаҳои нодири таърихии худ маҳрум монданд. Персепол зеботарин шаҳри замони худ буд, аммо дар натиҷаи ваҳшонияти мақдуниён он аз рӯи замин нест карда шуд. Гӯё ин қассосгирӣ барои он буд, ки 150 сол пеш аз ин (с. 480 п. м.) шоҳи Форс Хшоёршоҳи I Афинаро ғорат карда буд. Оид ба хароб намудани Персеполис муаррихони бостон, аз ҷумла Диодори Ситсилиягӣ хабар медиҳад [5: 17. 69 – 72]. Аз ғораткунии мақдуниён мақбараи Куруши Кабир ҳам зарар дида буд.

Баъди ин солҳои 529 – 527 п. м. қисмати калони Осиёи Миёна забт гардид. Баъди Осиёи Миёна Мақдуниён ба Ҳинд расида, соли 325 п. м. бошад Искандар ба самти Бобул баргаштанро оғоз намуда, ба шаҳр ибтидои соли 323 п. м. расид. Бобул ба пойтахти Искандар табдил дода шуд. Дар юриши ҳиндии Искандар соли 327 п. м. дар ҳайати лашкари ӯ 30 ҳазор нафар сарбозони эронитабор низ иштирок доштанд.

Зарур аст қайд намоем, ки Искандари Мақдунӣ муқовимати аз ҳама сахтро дар Осиёи Миёна, аз ҷониби аҷдодони халқи тоҷик – суғду сакоиҳо дид. Искандари Мақдунӣ дар Осиёи Миёна аз ҷониби яке аз аҷдодони тоҷик – сакоиҳо шикаст хӯрда, бар зидди онҳо ҳеҷ коре карда натавониста бошад ҳам, аксарияти муаррихони ғарбӣ дар ин бора хомӯшӣ ихтиёр намуданро афзалтар донистаанд. Аксарияташон баҳона меоаранд, ки лашкариёни юнонӣ бо сабаби бемории Искандар аз таъқибкунии сакоиҳо даст кашиданд. Диодори Ситсилиягӣ хабар медиҳад, ки дар як худи Суғд Мақдуниён 120 ҳазор нафарро қатл карданд [8, с. 311]. Танҳо Бадахшон ва навоҳии кӯҳии атрофи он аз хуҷуму ваҳшигарии Мақдуниён эмин монданд.

Ҳамин тавр, далелҳои таърихии қатли омми мардуми маҳаллӣ, хароб намудани деҳоту шаҳрҳо боиси гуфтан мегардад, ки хуҷуми мақдуниён барои мардуми Осиёи Миёна мусибати калон оварду бас. Маҳз муқовимати мардуми Осиёи Миёна буд, ки Искандар маҷбур мешавад аз усули дипломатӣ, хусусан дипломатияи никоҳӣ ва монанди он, кор гирад, ки оид ба ин масъала хонанда метавонад аз фанни таърихи халқи тоҷик маълумотро гирад. Аз рӯи гуфтаҳои олими франсузӣ Пер Бриан (Пиерре Бриант) сиёсати Искандари Мақдунӣ нисбати аҷдодони тоҷикон – ин террор ва генотсид буд [8, 321]. Дар натиҷаи забт намудани Осиёи Миёна ва расидани мақдуниён то сарҳадоти Ҳинд қаламрави Ҳахоманишиҳо аз ҷониби лашкари Искандар пурра истило карда шуд.

Хулоса, нақш ва аҳамияти давлати Ҳахоманишиҳо дар рушди системаи муносиботи байналхалқӣ аз ҷониби муҳаққиқони хориҷӣ на он қадар объективӣ баҳогузорӣ шудааст. Ба он баҳои умумӣ ва мухтасар дода шудаасту халос. Дар асл бошад дар давраи эллинизм юнониён дар Шарқ аз мероси Ҳахоманишиҳо на танҳо идеяи империяи универсалиро нусхабардорӣ карданд, инчунин тамоми таърихи муносиботи монархияҳои эллинистӣ – муборизаи диадоххо, рақобати шоҳҳони эллинистӣ дар он қаламравҳое сурат гирифта буд, ки онҳо дар вақташ ба ҳайати империяи Ҳахоманишиҳо шомил буданд. Маҳз Ҳахоманишиҳо дар натиҷаи забткориҳояшон шароит фароҳам оварданд, ки алоқаҳои маданӣ, тиҷоратӣ, сиёсӣ байни халқҳои гуногун дар доираи як империя бошиддат рушд ёбанд. Дар муддати зиёда аз 200 сол империяи Ҳахоманишиҳо тавонист, ки дар як қатор қаламравҳои Осиё,

Европа ва Африкаи Шимолӣ сулҳу суботро таъмин намояд ва барои рушд ёфтани тиҷорати байналхалқӣ шароити мусоидро фароҳам биёрад. Институт (ниҳод)-ҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва анъанаҳои маданӣ, ки дар давраи Ҳахоманишиҳо ташаккул ёфта буданд, дар таърихи ҷаҳонӣ нақши муҳимро бозӣ карда, чанд садсолаҳо ҳифз гардида, барои империяҳои Искандари Мақдунӣ, Селевкиён, Птолемейҳо, Ашкониёну Сосониён низ хизмат карданд. Мувофиқи хулосаи мутахассисон ҳуқуқи бобулӣ, ки дар замони Ҳахоманишиҳо ба қуллаи баландтарини рушди худ расид, ба андозаи муайян таъсири худро ба ташаккулёбии ҳуқуқи римӣ низ расонд. Дастовардҳои донишии мардуми эронитабор, ситорашиносони бобулӣ, тибби мисрӣ ва хусусан фалсафаи юнонӣ, ки дар Осиёи Хурди зери тобеияти Ҳахоманишиҳо зуҳур ва рушд ёфта буд, дар ҳақиқат дастовардҳои беназири тамаддуни бостон шинохта шудаанд. Зардуштия бошад таъсири худро дар рушди ҷаҳонбинии фалсафии антиқа (юнону римӣ) ва таълимоти эсхатологии дигар адён низ расонд.

**Адабиёт:**


1.Арриан. Поход Александра. М.: Миф, 1993. – 272 с. с. ил.

2.Всемирная история. В шести томах. Т.1.Древный мир. М.: Наука, 2011. – 822 с.

3.Геродот. История. В девяти книгах. Книга седьмая. Перевод и примечания Г. А. Стратановского. Л.: Наука, 1972. – 600 с.

4.Дандамаев М. А. Политическая история Ахеменидской державы. М.: Главная редакция восточной литературы издательства «Науки», 1985. – 319 с. с. ил.

5.Диодор Сицилийский. Историческая библиотека. 17. 64 – 83. – Александр в Вавилоне; сожжение Персеполиса; смерть Дария; загавор Пармениона. СПб.: Алтея, 2017.

6.История дипломатии. Том I. Издание второе, переработанное и дополненное. М.: Издательство политической литературы, 1959. – 896 с.

7.История Древнего Мира. Под редакцией В Н. Дьякова и Н. М. Никольского. М., 1952. – 782 с.

8.История таджикского народа. Т. I. Древнейшая и древняя история. Душанбе, 1998. – 752 с.

9.Катибаи Доро дар Беҳистун. Тарҷумаи Додхудо Саймуддинов // Садои Шарқ. – № 7. – Душанбе, 1992. – С. 86 – 92.; Бехистунская надпись Дария I // Хрестоматия по истории Древнего Востока. Часть вторая. М.: Высшая школа, 1980. – С. 24 – 32.

10. Квинт Курций Руф. История Александра Македонского. М.: Издательство МГУ, 1993. – 464 с.

11. Матни Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир // Фарҳанг. – № 1. – Январ – феврали соли 2005. Душанбе, 2005. С. 2.; Маншури Куруши Ҳахоманишӣ // Мероси хаттии Бостон. Ҷилди 1. Душанбе: Бухоро, 2014. – С. 325 – 328.

12.Плутарх. Сравнительные жизнеописания. В двух томах. Том второй. Издание второе, исправленное и дополненное. М.: Наука, 1994. – 672 с.

13.Рунг Э. В. Греция и Ахеменидская держава: История дипломатических отношений в VI – IV вв. до н. э. СПб.: Нестор-История, 2008. – 484 с.

14.Цлиндр Кира // Хрестоматия по истории Древнего Востока. Часть вторая. М.: Высшая школа, 1980. – С. 19 – 21.

15.Эдикт Кира II о восстановлении Иерусалимского храма // Хрестоматия по истории Древнего Востока. Часть вторая. М.: Высшая школа, 1980. – С. 23.

# МЕСТО ИМПЕРИИ АХЕМЕНИДОВ В МЕЖДУНАРОДНЫЕ ОТНОШЕНИЯ ДРЕВНЕГО МИРА

**САЙНАКОВ САЙНАК ПАРПИШОЕВИЧ,**
доцент кафедры дипломатии и международных отношений
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан, кандидат исторических наук,
734003, г. Душанбе, ул. Саида Носира, 33,
Тел.: (+992) 934-16-20-99; E - mail: saynakov2012@mail.ru

*В статье рассматривается место империи Ахеменидов в международных отношениях Древнего Мира. Автор приходит к выводу, что Ахеменидская Держава долгое время доминировала в международных отношениях, и даже в эллинистический период греки на Востоке копировали из наследия Ахеменидов не только идею универсальной империи, но и вся история международных отношений эллинистических монархий – борьба диадохов и соперничество эллинистических царей произошли в тех регионах, которые были некогда в составе империи Ахеменидов. Именно Ахемениды впервые создали условия для интенсивного развития культурных, торговых и политических связей между разными народами в рамках единой империи.*

***Ключевые слова:*** *Ахемениды, политика, империя, международные отношения, Греция, города-государства.*

# THE PLACE OF THE AHEMENID EMPIRE IN INTERNATIONAL RELATIONS OF THE ANCIENT PERIOD

**SAYNAKOV SAYNAK PARPISHOEVICH,**
Candidate of History,
Associate Professor of the Department Diplomacy
and International Relations of the
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan,
734003, Dushanbe, 33, Said Nosir str. ,
Phone: (+ 992) 934-16-20-99; E - mail: saynakov2012@mail.ru

*This article examines the place of the Ahemenid Empire in the international relations of the Ancient World. The author comes to the conclusion that the Ahemenid Empire dominated international relations for a long time, and in the Hellenistic period the Greeks in the East copied from the Ahemenid heritage not only the idea of a universal empire, but also the entire history of international relations of Hellenistic monarchies - the struggle of the diodes and the rivalry of the Hellenic kings took place in those regions that were once part of the Ahemenid empire. It was the Ahemenids who created the conditions for the intensive development of cultural, commercial and political ties between different peoples within the single empire.*

***Key words:*** *Ahemenids, policy, empire, international relations, Greece, city - states.*

УДК 323.26

# ОШТИИ МИЛЛӢ ҲАМЧУН ПАДИДАИ ИҶТИМОИЮ СИЁСӢ

**ЗОИРОВ КАРИМҶОН АСЛАМХОНОВИЧ,**
унвонҷӯи шуъбаи сиёсатшиносии
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.

*Оштии миллӣ барои ҷомеаҳое, ки дар гузашта низоъҳои сиёсии мусаллаҳонаро аз сар гузаронидаанд, арзиши таърихию сиёсӣ дорад. Зеро маҳз ба воситаи оштии миллӣ ва ризоияти миллӣ вазъи баъдинизоии ҷомеа бартараф карда шуда, сулҳу субот ва вахдати миллӣ дар заминаи онҳо таъмин карда шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки солҳои аввали ба даст овардани истиқлолият ба оташи ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд, маҳз ба воситаи Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ тавонист, ки раванди оштии миллиро ташкил намояд ва сулҳу суботи ҷомеаро таъмин созад. Дар чунин шароит бо мақсади ҳифзи суботу оромии ҷомеа, роҳ надодан ба муноқишаҳои сиёсӣ ва огоҳ намудани ҷавонон аз таърихи сиёсии икшвар омӯзиши заминаҳои пайдоиш ва тартиби ба амал баровардани оштии миллӣ хеле муҳим дониста мешавад. Маҳз дар чунин шароит имкони муайян намудани мушкилиҳои ин раванд ва арзиши таърихию сиёсии он ба вуҷуд меояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавонон ва муҳаққиқони ҷавон бо таърихи сиёсии ватан бояд ошноии бештар дошта бошанд ва сулҳу суботи ҷомеаро ҳифз намоянд. Ҳарчанд то ба имрӯз дар мавриди сабабҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, баргузор шудани гуфтушунидҳои ҷонибҳои даргир, шарту шароити ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сул ва ризоияти миллӣ, фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ таҳқиқоти гуногунсамт анҷом ёфта бошанд ҳам, масъалаи оштии миллӣ, шарту шароити ташкил намудани он ва мавқеи он дар ҳалли низои байни тоҷикон ба таври кофӣ омӯхта нашудааст. Бо дарназардошти чунин вазъ дар мақолаи мазкур мавриди омӯзиш қарор додани ҷанбаъҳои назариявии оштии миллӣ мақсади таҳқиқот интихоб гардидааст. Дар мақолаи мазкур дар заминаи таҳлилу баррасии адабиёти илмӣ моҳият, хусусият, қонуниятҳои ташаккулёбӣ ва шароити татбиқ намудани оштии миллӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар натиҷаи таҳқиқот муайян гардид, ки оштии миллӣ асосан барои бартараф намудани вазъи баъдинизоӣ ва дар амал татбиқ сохтани талаботи созишномаҳои қабулшуда хизмат мерасонад.*

***Калидвожаҳо:*** *оштии миллӣ, ризоияти миллӣ, низои сиёсӣ, гуфтушунид, ваҳдати миллӣ, сулҳофарӣ, ҳалли низоъ.*

Оштии миллӣ падидае мебошад, ки онро дар амалияи сиёсӣ хеле зиёд во хӯрдан мумкин аст. Оштии миллиро асосан ҳамчун механизми ба танзим даровардани мухолифатҳо ва усули ба эътидол овардани муносибати ҷонибҳои даргир истифода

менамоянд. Ба созиш омадан ва дарёфти ризоияти тарафайн ҳамчун раванди иҷтимоию сиёсӣ барқарор намудани муносибатҳоеро тақозо менамоянд, ки дар натиҷаи низоъ ва ё мунокишаҳои мусаллаҳона ноустувор гардидаанд. Аз ин рӯ, оштии миллӣ низ мфаҳуме мебошад, ки барои барқарор намудан ва ё ташаккул додани ягонагии миллӣ нигаронида шудааст. Асосан ин мафҳумро дар шароити давлатдорие бештар истифода менамоянд, ки бо низоъҳои сиёсии мусаллаҳонаи дохилӣ ва ҷангҳои шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ шудаанд. Инчунин оштии миллӣ дар кишварҳое, ки низоми сиёсии ноустувор доранду ҷомеа аз ин вазъият аз лиҳози сиёсӣ рӯ ба таназзул ниҳода истодааст, ба масъалаи хеле муҳим ва ҳаётӣ табдил меёбад. Зеро дигаргуниҳои ҷаҳони муосир шаҳодат аз он медиҳанд, ки инсоният ба ҳалли мусолиҳатомези низоъҳо ниёзи бештар дорад. Гузашта аз ин, оштии миллӣ яке аз воситаҳои дар амал татбиқ намудани меъёрҳои инсондӯстӣ ва ба ҳаёти осоишта раҳнамун гардонидани иштирокчиёни низоъ мебошад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки инсоният марҳила ба марҳила барои ҳалли низоъҳо усули гуфтушунид ва ба созиш омаданро истифода менамояд. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки оштии миллӣ ҳамчун василаи хотима додани бархӯрдҳои мусаллаҳона ва аз байн бурдани таъқибот яке аз арзишҳои эътирофшудаи ҷомеаи ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад. Тӯли ду даҳсолаи охир ҳатто дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ барои ҳалли низоъҳои иҷтимоию меҳнатӣ усули ба созиш омаданро истифода менамоянд, ки ин гуна бархӯрд падидаҳои оштӣ ва созишро ба меъёри ҷомеаи мутамаддин табдил додааст [1, с.95].

Ба созиш омадан ҳамчун падидаи ҷамъиятию сиёсӣ таърихи қадима дорад. Онро ҳанӯз дар Рими Қадим ва Юнони Қадим дар мавриди ҳалли мунокишаҳо ва низоъҳо истифода менамуданд. Чунин амалу рафтор то ба имрӯз шакл ва мундариҷаи худро ба таври ҷиддӣ тағйир дода, аз ҳарвақта дида барои ҷомеаҳои муосир зарурати бештар пайдо намудааст. Дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар ҳаёти сиёсии ҳар як ҷомеа баҳсҳо ва моҷароҳое ба амал меоянд, ки бо роҳу усулҳои гуногун ҳал карда мешаванд. Аммо ба созиш омадан ҳамчун воситаи алтернативии ҳалли мунокишаҳо дар шароити мушаххас истифода бурда мешавад ва натиҷаҳои он низ яксон буда наметавонад. Самаранокии созиш ҳамчун воситаи ҳалли низоъ аз фарҳанги миллӣ, урфу одат, таърихи сиёсӣ ва сатҳи маърифатнокии ҷомеа вобастагии зиёд дорад. Ба андешаи муҳаққиқи рус Ю.В. Малишева, барои оне, ки низоъҳо ва мунокишаҳо ба таври мусолиҳатомез ҳал карда шаванд, дар мавриди аввал зарур аст, ки одамон дар бораи усулҳои мусолиҳатомези ҳалли низоъҳо ва натиҷаҳои мусбати онҳо маълумоти кофӣ дошта бошанд. Дар чунин шароит майлу хоҳиши ҷонибҳои низоъ барои ба созиш омадан пайдо мешавад ва онҳо аз истифодаи зӯроварӣ даст мекашанд [6, с.103].

Бо дарназардошти чунин вазъ тӯли ду даҳсолаи охир олимону муҳаққиқон ба омӯзиши ин масъала таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, паҳлуҳои гуногуни онро таҳқиқ намуда истодаанд. Муҳаққиқи рус М.А. Гутиева иброз медорад, ки «оштии миллӣ – маҷмӯи равандҳои иҷтимоию сиёсӣ ва психологию сиёсие мебошад, ки доираи васеи чорабиниҳои иҷтимоию сиёсиро дар худ нигоҳ дошта, аз байн бурдани низоъҳои дохилимиллӣ, дохилидавлатӣ ва ё минтақавиро ҳадафи худ қарор медиҳад. Оштии

миллӣ барои таъмин намудани сулҳу субот дар ҳудуди муайян, ба созиш овардани ҷонибҳои низоъ, пеш аз ҳама, барои хотима додан ба мунокишаҳои мусаллаҳона ва амалиёти ҳарбии ҷонибҳои низоъ, барқарор намудани ваҳдати миллӣ ва сулҳу оромӣ хизмат менамояд» [3, с.490].

Бояд гуфт, ки дар иҷлосияи 41-уми Маҷмааи умумии СММ соли 1998 оштии миллӣ ҳамчун сиёсати оқилона ва шакли асосии танзими низоъҳои дохилимиллӣ ва минтақавӣ шинохта мешавад [7].

Аз лиҳози сиёсию психологӣ оштии миллӣ равандҳои гуногунро дар бар мегирад, ки онҳоро ба таври зерин нишон додан мувофиқи мақсад аст. Якум, аз лиҳози стратегӣ амалӣ намудани оштии миллӣ яке аз усулҳои дар амал татбиқ намудани ғояҳои мусолиҳатомез ва инъикоси тафаккури сиёсии сулҳхоҳона мебошад. Дуюм, аз лиҳози таъмини амният, оштии миллӣ воситаи самараноки аз байн бурдани низоъҳои дохилимиллӣ, байнидавлатӣ ва минтақавӣ дониста мешавад, ки дар маҷмӯъ ҳам барои коҳиш додани шиддати иҷтимоии сатҳи ҷомеа ва ҳам барои таъмини амнияти байналмилалӣ муосидат менамояд. Сеюм, оштии миллӣ барои кишварҳое, ки дар раванди дигаргунсозӣ бо мухолифати неруҳои сиёсӣ ва мушкилиҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешавад, яке аз воситаҳои самараноки таъмин намудани рушди иҷтимоию сиёсӣ маҳсуб меёбад [4, с.17].

Дар баъзе сарчашмаҳо ба масъалаи оштии миллӣ аз лиҳози маънавию ахлоқӣ низ баҳои воқеӣ додаанд. Масалан, файласуфи рус И. Ильин иброз медорад, ки «асоси ҳама гуна давлатдориро ҳамфикрӣ ва ҳамрайъии маънавии шаҳрвандони он ташкил медиҳад» [2, с.15]. Воқеан ҳам муҳити ахлоқии ҷомеа ва симои мароқангези давлату миллат аз ҳамрайъии шаҳрвандон вобастагии зиёд дорад. Инчунин ҳамфикрии умумӣ боиси пешрафт ва некуаҳволии одамон низ маҳсуб меёбад.

Маълум аст, ки пешгирӣ намудани низоъҳо ва моҷароҳо нисбат ба ҳалли онҳо камхарҷ ва самараноктар аст. Аммо кам нестанд ҳолатҳое, ки низоъҳо ва мунокишаҳо дар шароити ноогоҳӣ ва ба таври ноаён ба амал меоянд, ки чунин ҳолат пешгирӣ намудани онҳоро ғайриимкон мегардонад. Дар шароити зуҳури мунокишаҳо ва низоъҳо танҳо ҳалли он ягона воситаи баромадан аз буҳрон ба шумор меравад. То ба имрӯз инсоният роҳу усулҳои гуногуни аз байн бурдани мунокишаҳоро таҷриба кардааст ва дар миёни онҳо ҳалли мусолиҳатомез ва ба созиш омадан яке аз усулҳои муҳимтарин ва заруртаринии онҳо ба шумор меравад.

Баъди анҷомёбии ҷанги сард ҷомеаи ҷаҳонӣ интизори онро дошт, ки сулҳи сартосарӣ инсониятро фаро мегирад ва ҷангу низоъҳо ба пуррагӣ ҳам набошанд, то сатҳи хеле поён рафта мерасанд. Зеро аксари муҳаққиқон ба амал омадани низоъҳои мусаллаҳонаи минтақаҳои гуногуни оламро аз мавқеи бархӯрди манфиатҳои геополитикии Иттиҳоди Шӯравӣ ва ИМА баҳогузорӣ менамуданд. Аммо баъди анҷомёбии ҷанги сард ва пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ на танҳо чунин ҳолат ба амал наомад, баръакс минтақаҳои дигар, пеш аз ҳама ҳавзаи давлатҳои собиқ сотсиалистиро низоъҳои нав фаро гирифтанд. Чунин ҳолат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ рух дод, ки мо онро дар солҳои аввали ба даст овардани истиқлолият аз сар гузаронидем. Умуман

дар муддати 30 соли охир дар минтақаҳои гуногуни олам даҳҳо мунокишаҳои мусаллаҳонае рух додаанд, ки қисме аз онҳо ҳанӯз мавҷудияти худро нигоҳ медоранд.

Созмони Милали Муттаҳид ва махсусан Шӯрои Амнияти СММ, ки рисолати асосии худро дар таъмини сулҳу амнияти ҷаҳонӣ мебинад, дар мавриди пешгирӣ намудан ва ҳаллу фасл кардани низоъҳои мазкур ба мушкилиҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардидааст. Масалан, низоъҳои Сомали, Бухрони сиёсӣ дар Руанда, мунокишаҳои Босния ва Косово, низоъҳои Сурия, Ирок ва Афғонистон, мунокишаҳои Украина ва ғайраҳо мисоли равшани онҳо мебошанд.

Қайд намудан зарур аст, ки раванди оштии миллӣ ва ба созиш омадан хеле мураккаб ва падидаи гуногунпаҳлу мебошад. Баъзан чунин хусусияти оштии миллиро ба инобат нагирифта, онро бо гуфтушунидҳои ҷонибҳои даргир, баъзан бо фаъолияти миёнаравҳо ва кафилони сулҳу субот ҳамшабеҳ медонанд, ки чунин нест. Дар шароити муосир дар ҳамаи низоъҳои сиёсие, ки рух додаанд ва рух дода истодаанд, кӯшиши баргузор намудани гуфтушунид ва оғоз намудани миёнаравӣ дида мешавад. Аммо мушоҳида намудан мумкин аст, ки на ҳамаи онҳо натиҷаи дилхоҳ медиҳанд. Аз ин рӯ, кӯшиши бо роҳи мусолиҳатомез ҳал намудани низои сиёсии мусаллаҳона ва оштии миллие, ки ба воситаи гуфтушунидҳо ба даст меоянд, на ҳама вакт метавонанд натиҷаи дилхоҳ ба бор оваранд. Махсусан, чунин вазъро дар шароите дидан мумкин аст, ки агар низои сиёсӣ, таркиби иҷтимоии ҷонибҳои низоъ ва масъалаҳои фарогири мунокишаҳо мураккаб бошанд. Неруҳои сулҳофари байналмилалӣ, ки бо ташаббуси созмонҳои минтақавию байналмилалӣ, инчунин бо иштироки давлатҳои кафили сулҳ ташкил мегарданд, чунин ҳолатро муайян намудаанд. Чунончӣ яке аз фаъолони Маркази сулҳ, ҳуқуқи инсон ва мубориза бо зӯроварӣ К. Адам дар аввали фаъолияти худ гуфтушунидҳоро ҳамчун воситаи асосии ҳалли низоъ муаррифӣ менамуд. Аммо баъди мушоҳидаҳои чандинсола дар мавриди ҳалли низоъҳо андешаҳои худро тағйир дода, бештар унсурҳои дохилии низоъро аввалиндараҷа мешуморад. Ба ақидаи ӯ, «дар шароите, ки ҳалли низоъҳо бо иштироки давлатҳо ва ташкилотҳои хориҷӣ самараи дилхоҳ намедиҳад, иқтидори сулҳофарии дохили низоъро бояд ба инобат гирифт» [8, с.64-91]. Ин гуфтаҳо маънои онро доранд, ки агар ҷонибҳои низоъ хоҳиши ба созиш омаданро надошта бошанд, ҳеҷ як созмони байналмилалӣ ва давлатҳои хориҷӣ дар байни онҳо оштии миллиро таъмин карда наметавонанд. Инро дар мисоли низоъҳои Афғонистон ва Сурия мушоҳида намудан мумкин аст. Аммо дар муқобили ин гуфтаҳо бояд қайд намуд, ки дар ҳар як ҷомеае, ки ба низои сиёсӣ рӯ ба рӯ шудааст, иқтидори зарурии сулҳофарӣ ва неруҳои сулҳҷӯ мавҷуданд, ки бо истифода аз иродаи онҳо метавон оштии миллиро таъмин намуд. Як гурӯҳ олимон низ чунин ҳолатро мушоҳида намуда, дар раванди ҳалли низоъ ва ё расидан ба ризоияти миллӣ истифода намудани манбаъҳои дохилиро зарур мешуморанд. Дар ин маврид ҷустуҷӯ намудан, ба инобат гирифтан, эҳтиром кардан ва ташаккул додани захираҳои инсонӣ ва фарҳангии ҷомеа дар мадди аввал гузошта мешавад. Дар шароити ба амал омадани муникишаҳо ҳалли низоъ бояд дар миёни худи онҳо ҷустуҷӯ карда шавад. Чи қадаре, ки ҷонибҳои низоъ иқтидори сиёсӣ доранд, ҳамон андоза метавонанд иқтидори сулҳофарӣ низ дошта

бошанд [9, с.67]. Бо дарназардошти ин гуна баррасиҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки оштии миллӣ, ки онро баъзан ризоияти миллӣ ва сулҳу созиш меноманд, воситаи муҳимтарини аз байн бурдани ноорамиҳо ва муттаҳид намудани умумияти иҷтимоию сиёсӣ мебошад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки низоъҳои мусаллаҳона ва ҷангу мунокишаҳои хунин ба ҷонибҳои низоъ зарару зиёни зиёд расонида, ба ҷомеаи онҳо хисороти зиёди моддию маънавӣ мерасонад. Дар баробари қурбониёни ҷангу низоъ, ба вуҷуд омадани бухронҳои иктисодию иҷтимоӣ, зарару зиёни моддӣ ва хисороти зиёди иктисодӣ инчунин зарару зиёни маънавию равонӣ низ хеле зиёд мебошад. Аксари низоъҳоро ба воситаи ба имзо расонидани созишномаҳои истикрори сулҳ ҳал намудан мумкин аст. Аммо расидан ба оштии миллӣ ва дар муддати кӯтоҳ тағйир додани давраи баъдинизоӣ аз вазъи равонию маънавии ҷонибҳои низоъ вобаста мебошад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ба имзо расонидани созишномаҳои сулҳ ва ба инобат нагирифтани авзои равонии ҷонибҳои низоъ ба сулҳи комил оварда намерасонад. Аз ин рӯ, яке аз меъёрҳои танзими давраи баъдинизоӣ ба вуҷуд овардани шароите мебошад, ки дар он таассуроти манфии равонӣ аз байн бурда шавад ва ба ҷойи онҳо назари нек нисбат ба ҳамдигар пайдо шавад. Чунин ҳолат дар натиҷаи риояи қатъии талаботи созишномаҳои имзошуда, ташкили оштии миллӣ ва таъмини сулҳи комил ба вуҷуд оварда мешавад. Дар ҳолати баръакс ғаму андӯҳи равонӣ ва фишори маънавии ҷонибҳои низоъ метавонад онҳоро дубора барои оғоз намудани мунокишаҳо водор намояд ва фазои иҷтимоию сиёсии ҷомеаро тағйир диҳад. Дар самтҳои афзалиятноки соҳаи низоъшиносӣ раванди расидан ба оштии миллӣ ҳамчун усули муҳимтарини бартараф намудани оқибатҳои психологии низоъ муйян мегардад [5, с.79].

Инчунин оштии миллӣ ҳамчун усули таъмин намудани сулҳу субот анҷом ёфтани амалҳоеро тақозо менамояд, ки ҷонибҳои низоъро барои расидан ба созиши мукаммал водор менамояд. Аз ҷумла, аз сари нав дида баромадани сабабҳои сар задани низоъ, бахшиш пурсидан ва ҷуброн намудани зарару зиён, бахшидани ҷонибҳо ва ғайраҳо амалҳое мебошанд, ки дар раванди оштии миллӣ барои бартараф намудани вазъи баъдинизоӣ истифода бурда мешаванд.

Дар баробари ин, яке аз унсурҳои муҳимтарини оштии миллиро ҳамкорӣ ва ҳамгироии ҷонибҳои низоъ ташкил медиҳанд. Дар ин маврид гуфтан ҷоиз аст, ки ҳамкории ҷонибҳои низоъ дар ду шароит ба амал меояд: якум, бо ташаббуси давлатҳо ва созмонҳои хориҷӣ ва дуюм, бо ташаббуси ҷонибҳои низоъ. Дар мавриди аввал ҳамкорӣ сунъӣ аст ва дар аксар маврид он натиҷаи дилхоҳ ба бор намеоварад. Дар мавриди дуюм бошад, ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ табиӣ ва воқеӣ мебошад ва он ифодагари майлу хоҳиши ҷонибҳои низоъ ба сулҳи воқеӣ аст.

Ҳамин тариқ, оштии миллӣ ҳамчун раванди сиёсӣ яке аз механизмҳои дар амал татбиқ намудани созишномаҳои истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ мебошад. Одатан, оштии миллиро ҳамчун усули бартараф намудани вазъи баъдинизоӣ ва ба воситаи он ташкил намудани ҳамкорӣ ва ҳамгироии ҷонибҳои низоъ истифода менамоянд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ баъди ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва

ризоияти миллӣ Комиссияи оштии миллӣ ташкил карда шуд, ки накши он дар истиқрори сулҳ ва таъмини суботи сиёсӣ хеле зиёд аст. Таҳлилу баррасии фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ дар таҳқиқоти навбатӣ анҷом дода мешавад ва дар бораи нақш ва мавқеи он дар барқарорсозии оштии миллии тоҷикон маълумоти муфассал пешниҳод мегардад.


**Адабиёт:**

1. Власенко Н.А., Чернышова Т.В. Примирение и право // Журнал российского права. – 2012. –№7. –С.91-105.
2. Гончаров С.З. Духовные ориентиры наследия Ивана Ильина и их значение в образовании // Русская философия о человекотворческой основе гуманитарного образования. –Екатерингбург, 2012. –С.12-48.
3. Гутиева М.А. Национальное примирение как средство и метод политического развития // Перспективы развития АПК в современных условиях: материалы 9-й научно-практической конференции (Владикавказ, 20-24 апреля 2020 г.). – Владикавказ, 2020. –С.489-490.
4. Коровяковский Д.Г. О некоторых альтернативных способах разрешения споров // Российский судья. –2014. –№11. –С.16-19.
5. Ланцов С.А. Политическая конфликтология. Учебное пособие. –СПб.: Питер, 2008. –319 с.
6. Малышева Ю.В. Примирение: от теории к практике // Система ценностей современного общества. – 2016. –№45. –С.102-106.
7. Постконфликтное национальное примирение: роль Организации Объединенных Наций [электронный ресурс]. URL: https://www.un.org/securitycouncil/ru/content/repertoire/thematic-items#cat15 (дата обращения: 25.10.2020 г.)
8. Пути Примирения. Практический справочник. Учеб. пособие / Под ред. А. Санти. – СПб., 2000. – 280 с.
9. Федоров В.Ф., Шишова М.И. Стратегии примирения в этно-религиозных конфликтах // Вестник СПбГУ. Серия 12. – 2010. –№1. –С.65-69.


## НАЦИОНАЛЬНОЕ ПРИМИРЕНИЕ КАК СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКИЙ ФЕНОМЕН


**ЗОИРОВ КАРИМДЖОН АСЛАМХОНОВИЧ,**

соискатель отдела политологии

Институт философии, политологии и права имени

А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана,

737025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 33.



*Национальное примирение имеет историческое и политическое значение для обществ, переживших вооруженные политические конфликты в прошлом. Потому что именно посредством национального примирения и национального согласия постконфликтная ситуация в обществе была ликвидирована, и на их основе обеспечены мир, стабильность и национальное единство. Республика Таджикистан,*

*которая в первые годы независимости была охвачена гражданской войной, смогла организовать процесс национального примирения и обеспечить мир и стабильность в обществе посредством подписания Соглашения об установлении мира и национального согласия. В этом контексте для защиты стабильности общества, предотвращения политических конфликтов и информирования молодежи о политической истории страны, важно изучить истоки и процедуры национального примирения. Именно в этом контексте можно обозначить проблемы этого процесса и его историческое и политическое значение. В Республике Таджикистан молодежь должны знать политическую историю страны. Это имеет значение для сохранения мира и стабильности в обществе. Несмотря на то, что до настоящего времени были проведены различные исследования, причин гражданской войны в Таджикистане, переговоров между сторонами конфликта, условий подписания Общего соглашения об установлении мира и национального согласия, работы Комиссии по национальному примирению, однако изучены недостаточно место и роль национального примирения в разрешении межтаджикского конфликта. С учетом данной ситуации, изучение теоретических аспектов национального примирения является целью исследования. В данной статье на основе анализа научной литературы исследуются сущность, природа, закономерности формирования и условия национального примирения. Исследование показало, что национальное примирение служит главным образом для преодоления постконфликтной ситуации и выполнения требований достигнутых договоренностей.*

***Ключевые слова:*** *национальное примирение, национальное согласие, политический конфликт, переговоры, национальное единство, миротворчество, разрешение конфликтов.*

## NATIONAL RECONCILIATION AS A SOCIO-POLITICAL PHENOMENON

**ZOIROV KARIMJON ASLAMKHONOVICH,**
applicant of the Department of Political Science of
Institute of Philosophy, Political Science and Law named after
A.Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan, .
737025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Rudaki Ave.

*National reconciliation has historical and political implications for societies emerging from armed political conflicts in the past. Because it was through national reconciliation and national consensus that the post-conflict situation in society was eliminated, and on their basis peace, stability and national unity were ensured. The Republic of Tajikistan, which in the first years of independence was engulfed in civil war, was able to organize a process of national reconciliation and ensure peace and stability in society by signing the Agreement on the Establishment of Peace and National Consensus. In this context, in order to protect the stability of society, prevent political conflicts and inform youth about the political history of*

*the country, it is important to study the origins and procedures of national reconciliation. It is in this context that the problems of this process and its historical and political significance can be identified. In the Republic of Tajikistan, young people and researchers should know the political history of the country and maintain the peace and stability in the society. Despite the fact that so far various studies have been carried out on the causes of the civil war in Tajikistan, negotiations between the parties to the conflict, the conditions for signing the General Agreement on the Establishment of Peace and National Consensus, the work of the National Reconciliation Commission, however, the place and role of national reconciliation in resolving inter-Tajik conflict is not studied enough. Taking into account this situation, the study of the theoretical aspects of national reconciliation was chosen as the purpose of the study in this article. The article based on the analysis of scientific literature, explores the essence, nature, patterns of formation and conditions of implementation of national reconciliation. The study showed that national reconciliation serves mainly to overcome the post-conflict situation and fulfill the requirements of the reached agreements.*

***Key words:*** *national reconciliation, national consensus, political conflict, negotiations, national unity, peacemaking, conflict resolution.*

УДК: 32.001

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ОМӮЗИШИ МАФҲУМИ НИЗОИ СИЁСӢ

**ҚОДИРӢ СУҲАЙЛӢ АБДУҲАФИЗЗОДА,**
сардори шуъбаи ташкилӣ, иттилоотӣ ва таҳлилии
мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар
Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Бохтар, 10,
Тел.: (+992)935-31-11-31; E-mail: sqodiri@ombudsman.tj

*Мақола ба омӯзиши мафҳуми низои сиёсӣ ҳамчун яке аз шаклҳои низои иҷтимоӣ бахшида шудааст. Ба мафҳуми низои сиёсӣ ба монанди мафҳуми низоъ таърифҳои зиёд дода шудаанд. Ҳар як соҳаи илм онро аз дидгоҳи ба худ хос омӯхта, чизеро илова мекунад. Низои сиёсӣ низ предмети омӯзиши корҳои илмии зиёд гардида, муҳаққиқон оид ба мафҳуми он таърифҳои гуногун додаанд. Новобаста аз он ки таърифҳо дар маҷмӯъ мафҳум ва унсурҳои хоси низои сиёсиро дар бар мегиранд, муҳаққиқон накӯшидаанд таърифи ягонаро таҳия ва пешниҳод намоянд. Дар мақола ҳамчун мисол якчанд таърифҳои дар доираҳои илмӣ қабулшуда оварда шуда, таҳлил гардидааст. Ҳадаф аз таҳлили таърифҳои додашуда ба хонанда пешниҳод намудани фаҳмиши ягона дар самти шинохти мафҳум ва таърифи низои сиёсӣ мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *низоъ, низои сиёсӣ, мафҳуми низои сиёсӣ, ҳокимияти сиёсӣ, манбаъҳои ҳокимият.*

Омӯзиш, таҳлил ва тадқиқи дурусти низои сиёсӣ ба пешгирӣ ва ҳалли он мусоидат мекунад. Аз ин лиҳоз, омӯзиши ҷанбаҳои назариявии он ҳамеша аҳамияти аввалиндараҷа доранд.

Низоъҳои нисбатан муҳим ва таъсиргузор бештар дар олами сиёсат рух медиҳанд. Аз ин лиҳоз, ҷудо намудани низоъҳои сиёсӣ ҳамчун шакли алоҳидаи низоъ бо он асоснок карда мешавад, ки сиёсат ин соҳаи мустақил ва махсусу фарқкунанда аз дигар соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ба ҳисоб меравад. Маҳз хусусиятҳои хос ва фарқкунандаи соҳаҳои ҳаёт боис мегарданд, ки низоъ дар соҳаҳои мухталифи илм, комилан ба таври гуногун шарҳ дода шавад. Масалан, дар илми физика дар бораи «таркиши бузург» сухан гуфта, низоеро мисол меоранд, ки коинотро ба вуҷуд овардааст. Илми биология бошад, мубориза барои зинда монданро ҳамчун низои давомдори мавҷудоти гуногун барои ҳудуд, ғизо, ҳуқуқ ба ҳаёт ва ғайра меомӯзад. Барои ҷомеашиносон низоъ марҳилаи ниҳоии мухолифат, шакли ташаннуҷи он ба ҳисоб меравад, ки тарафҳои мухолиф якдигарро инкор мекунанд.

Айни замон метавон се самти асосиро дар тадқиқотҳои ҷанбаи назариявӣ-методологӣ ва амалидоштаи низоъшиносӣ ҷудо намуд, ки иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсӣ номида мешаванд. Низоъшиносии иҷтимоӣ ба табиат ва роҳҳои ҳаллу бартарафсозии низоъҳои иҷтимоӣ, низоъшиносии ҳуқуқӣ ба тадқиқи низоъҳои ҳуқуқӣ ва низоъшиносии сиёсӣ ба омӯзиши масъалаҳои низоъ дар сиёсат, ки бо тақсими сарчашма, манбаъ, арзишҳо, ваколатҳо ва дигар муносибатҳои ҳокимиятӣ алоқаманд аст, машғуланд.

Чун низои сиёсӣ танҳо дар фазои иҷтимоӣ ҷой дошта метавонад, аз ин лиҳоз низоъҳои сиёсӣ баёнгари амиқӣ ва пухтагии низоъҳои иҷтимоӣ буда, одатан ба масъалаҳое дахл доранд, ки бе истифодаи ҳокимияти давлатӣ ҳал намешаванд, ба

манфиатҳои гурӯҳҳои калони ҷомеа алоқаманданд ва амалҳои бошууронаю муташаккилонаи иштирокчиёнро пешбинӣ мекунанд.

Низоъшиноси рус Д.М. Фелдман чунин меҳисобад, ки зиёда аз 70 таърифи низоъ вуҷуд дорад ва гуногунии таърифҳо, шарҳҳо ва маъниҳо интихоби таърифи ягонаро душвор мегардонад [10. саҳ. 9]. Нисбат ба мафҳуми «низои сиёсӣ» дар фарқият аз мафҳумҳои «низоъ» ва «низои иҷтимоӣ» дидгоҳ ва фаҳмишҳои мухталиф камтар ба назар расанд ҳам, ба ин маъно нест, ки нисбат ба мафҳуми «низои сиёсӣ» шарҳу таърифҳои гуногун вуҷуд надоранд. Ҳарчанд аз миёни таърифҳои мавҷуда на ҳамаи онҳо дар доираҳои илмӣ эътироф ва истифода бурда мешаванд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки олимон ва муҳаққиқони соҳа бештар ба таърифҳои пешниҳоднамудаи олимони рус ба монанди: Козирев Г.И., Здравомислов А.Г., Зеркин Д.П., Пугачева В.П., Дмитриев А.В., Бабосов Е.М. ва дигарон такя намуда, дар пайравӣ аз онҳо нисбат ба мафҳуми низоъи сиёсӣ мавқеъгирӣ намудаанд. Дар мақолаи худ баъзе аз ин таърифҳоро шарҳ медиҳем.

А.Г. Здравомислов менависад, ки «низои сиёсӣ ин шакли доимамалкунандаи мубориза барои ҳокимият дар ҷомеаи муайян мебошад» [4. саҳ. 12]. Таърифи мазкурро муҳаққиқон таърифи содда номидаанд, ҳарчанд А.Г.Здравомислов дар тадқиқотҳои илмии худ онро пурра намудааст.

Д.П. Зеркин бошад чунин андеша дорад, ки «низои сиёсӣ ин муборизаи на ягон субъектҳои абстрактӣ, ки симои инсонӣ надоранд, балки муборизаи қувваҳои воқеии ҷамъиятӣ… барои таъсир дар ниҳодҳои сиёсии ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, барои дастрасӣ ба қабули қарорҳои ба ҷомеа муҳим, барои иштирок дар тақсими манбаъҳо, барои инҳисори манфиатҳои худ ва ҳамчун манфиатҳои умумӣ эътироф намудани онҳо ва умуман барои ҳама чизҳое, ки ҳокимият ва ҳукмравоии сиёсиро шакл медиҳанд, мебошад» [5. саҳ. 443]. Дар ин таъриф мавҷудияти қувваҳои абстрактӣ ҳамчун сабаби низоъ инкор гардида, инсон ё қувваҳои воқеӣ ҳамчун субъекти низоъ ҳисобида мешавад.

А.В. Дмитрев менависад, ки «низои сиёсӣ – ин муборизаи ду ё якчанд субъектҳо, ки ба бархурд ё номутобиқатии манфиаташон, талаботашон, низоми арзишҳо ва донишҳояшон асос ёфтааст» [3. саҳ. са57]. Унсури фарқкунандаи таърифи мазкур дар он аст, ки таъкид менамояд, ки маҳз номутобиқатии манфиат, талабот, арзиш ва донишҳо сабаби низоъ мешавад.

Е.М. Бабосова низоъи сиёсиро «пайдоиш ва натиҷаи амалҳои рақобатноки ду ва ё зиёда тарафҳо (индивидҳо, гуруҳҳои онҳо, ҷомеаҳо, давлатҳо) меномад, ки байни худ барои тақсим ва нигоҳ доштани манбаъҳои ҳокимият, салоҳиятҳо ва неъматҳо талош меварзанд» [1. саҳ. 263]. Е.М. Бабосов дар таърифи пешниҳоднамудаи худ бо такя ба мавҷудияти амалҳои рақобатнок ва тақсими манбаъҳои ҳокимият тамаркуз мекунад

В.Л. Калашников ва С.Б. Лугвин андеша доранд, ки «низои сиёсӣ – ин бархуд ва муборизаи субъектҳои сиёсат мебошад, ки ба муқобилияти манфиатҳо, арзишҳо, мақсадҳо ва андешаҳои сиёсиашон асос ёфтааст» [6. саҳ. 282]. Унсури муҳим ва фарқкунандаи таърифи мазкурро муҳаққиқон дар мавҷудияти андешаҳои сиёсии муқобил мебинанд, ки зинаи аввали шаклгирии рақобати тарафҳо дониста мешавад.

Низоъшинос В.П. Пугачев дар таърифи пешниҳоднамудаи худ ба мухолифатҳои оштинопазир дар раванди низоъ таъкид мекунад. Ӯ менависад, ки низоъ – ин равона намудани амалҳои тарафҳо ба муқобили якдигар, ки бо мухолифатҳои оштинопазир ва ҳадафҳои якдигарро истиснокунанда асос меёбад.

Аз ин лиҳоз «низоъҳои сиёсӣ ҳамеша ба масъалаҳои ба даст овардан, ташкил додан, истифода намудан ва ё нигоҳ доштани ҳокимият дахл мекунанд» [2. саҳ. 98]. Ҳарчанд таҷрибаи ҳалли низоъ нишон медиҳад, ки ҳолатҳои зиёди ба созиш омадани тарафҳо дар марҳилаҳои гуногуни низои сиёсӣ ҷой доранд.

Ба ақидаи А.В. Клюев, «мубориза барои салоҳиятҳои воқеии ҳокимият, барои мавқеи муайян дар сохторҳои сиёсӣ, барои имконияти иштирок дар қабули қарор, асоси низои сиёсиро ташкил медиҳанд» [7. саҳ. 42]. Дар таърифи додашуда ба фарқ аз дигар таърифҳо имконияти иштироки баробар дар қабули қарор ҳамчун сабаби низои сиёсӣ нишон дода мешавад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар таълифоти олимону муҳаққиқони соҳа, ки солҳои наздик ба табъ расидаанд, мафҳум ва таърифҳои низоъ хусусияти мушаххас ва фарогирро касб намудаанд. Масалан, Л.Г. Корол, И.В. Малимонов ва Д.В. Рахинский чунин мешуморанд, ки «Низои сиёсӣ ин бархурди субъектҳои сиёсат дар кӯшишҳои якҷояи онҳо барои амалисозии мақсадҳо ва манфиатҳояшон, пеш аз ҳама барои ба даст овардани ҳокимият ва ё тақсими он, инчунин иваз шудани мавқеи сиёсиашон дар ҷомеа мебошад» [9. саҳ. 96].

Таърифҳои овардашударо таҳлил намуда, метавон ба хулосае омад, ки муҳаққиқон натавонистаанд як таърифи ягонаро пешниҳод намоянд. Таърифҳои мазкур паҳлуҳои гуногуни низои сиёсиро таҷассум намоянд ҳам, ҳар як муҳаққиқ кӯшидааст ба он чизеро аз мавқеъ ва фаҳмиши худ илова намоянд. Масалан, А.Г. Здравомислов як таърифи ниҳоят соддаеро пешниҳод намуда бошад ҳам, истифодаи мафҳуми «доимамалкунанда» хусусияти фарққунандаест, ки дар дигар таърифҳо дида намешавад. Зеро, новобаста аз қонеъ гардидани як тараф, тараф ё тарафҳои дигар барои ҳокимияти сиёсӣ доимо мубориза мебаранд. Дар таърифе, ки Д.П. Зеркин медиҳад, муҳаққиқ паҳлуҳои асосии низои сиёсиро нишон додааст, ки ба ин шакл ва тартиб метавон унсурҳои дигари хоси низои сиёсиро илова намуд. Аммо дар таърифи мазкур қоидаи муҳими таҳияи таъриф – мушаххас будани он ба инобат гирифта нашудааст. А.В. Дмитрев дар таърифи пешниҳоднамудаи худ махсусиятҳои сиёсиро ба инобат нагирифтааст. Ба андешаи мо дар таърифи «низои сиёсӣ» агар масъалаҳои нуфузи сиёсӣ, ҳокимияти сиёсӣ, манбаъҳои сиёсӣ ва дигар унсурҳои хоси сиёсат ва ё ҳокимияти давлатӣ қайд карда мешуданд, беҳтар мешуд. Таърифи пешниҳоднамудаи В.Л. Калашников ва С.Б. Лугвин низ тамоми паҳноии низои сиёсиро дар бар намегирад, зеро таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки муқобил будани манфиатҳо на ҳама вақт ва на ҳатман боиси низоъ мешавад ва на ҳама рақобат баёнгари низоъ шуда метавонад.

Таърифҳои овардашударо таҳлил намуда, метавон хусусиятҳои калидие, ки моҳияти низои сиёсиро баён мекунанд, ҷудо намуд:

– Низоъи сиёсӣ мубориза ва ё амали як тарафро ба муқобили тарафи дигар пешбинӣ мекунад;

– Мубориза танҳо ҳангоми мавҷудияти ду ва ё зиёда субъектҳои низоъ имконпазир аст;

– Омили низоъ мубориза барои ҳокимият ва муносибатҳои вобаста ба ҳокимият шуда метавонанд;

– Низоъ яке аз роҳҳои ба эътидол овардани муносибатҳои сиёсӣ мебошад;

– Имконнопазир будани ҳалли низоъ бо дигар роҳу усулҳо асос барои низоъ мешавад.

Ҳамин тариқ, низои сиёсӣ бархӯрд ё муборизаи ду ва ё зиёда субъектҳои сиёсат буда, бо сабаби манфиатҳо, ҳадафҳо ва арзишҳои сиёсии носозгор, ки

бевосита ва ё бавосита бо ҳокимияти сиёсӣ алоқамананд, сар мезанад. Объекти асосии низои сиёсӣ ҳокимият ва салоҳиятҳои ҳокимӣ мебошанд. Ин таърифи низои сиёсиро муҳаққиқи рус Г.И. Козырев [8. саҳ. 148] пешниҳод намудааст, ки нисбатан таърифи умумии мафҳуми низоъи сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Таърифи мазкур ҷанбаҳои гуногун ва серпаҳлуи низоъ сиёсиро ифода мекунад.

Таҳлили мафҳуми низоъи сиёсӣ дар адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки низоъи сиёсӣ – ин мухолифати иҷтимоии ошкоршудаи субъектҳои сиёсат мебошад. Мухолифатҳоро ошкор намуда, мо ба ҳолати низои сиёсӣ ворид мешавем, агар ошкор нашавад, пас метавон гуфт, ки низоъ ҷой надорад ва ё дар ҳолати хуфта қарор дорад.

Пас аз омӯзиш метавон хулоса намуд, ки дар мафҳум ва ё таърифҳои низои сиёсӣ нишонаҳои зерин бояд бошанд: якум, дар фаъолияти субъектҳои сиёсӣ аён гардидани низои сиёсӣ; дуюм, объекти низои сиёсӣ будани ҳокимият ва сеюм, мавҷудияти мақсади ниҳоӣ, ки барои баъзеҳо ҳокимият ва мақоми сиёсӣ ва барои дигарон тартиботи ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад.

Аз ин лиҳоз, дар ҷомеа унсури дигареро дар баробари ҳокимият ёфтан ва муқоиса намудан мушкил аст, ки вобаста ба хусусиятҳояш пайваста мухолифат ва низоъ ангезад. Мубориза барои салоҳиятҳои воқеии ҳокимият, барои мавқеи муайян дар сохторҳои сиёсӣ, барои имконияти қабули қарор асоси низои сиёсиро ташкил медиҳанд. Зеро ҳокимият аз қадим тухми ихтилоф дар байни одамон, гурӯҳҳо ва синфҳои иҷтимоӣ мебошад.

**Адабиёт:**


1. Бабосов Е.М. Конфликтология. – Мн.: ТетраСсистемс, 2000.
2. Введение в политологию: Словарь-справочник/Сост. Г.Л. Купряшин, Т.П. Лебедева, Г.И. Марченко; под ред. В.П. Пугачева. – М.: Аспект Пресс, 1996.
3. Дмитриев А.В. Конфликтология. – М.: Гардарики, 2008.
4. Здравомыслов А.Г. Социология конфликта. – М. 1994.
5. Зеркин Д.П. Основы конфликтологии.: Курс лекций. Ростов-н/Д: «Феникс», 1998.
6. Калашников В.Л., Лугвин С.Б. Политология. – М., 2004.
7. Клюев А.В. Человек в политическом измерении. Спб., 2000.
8. Козырев Г.И. Политическая конфликтология. М., 2008.
9. Король Л.Г., Малимонов И.В., Рахинский Д.В. Конфликтология. Ульяновск: Зебра, 2015.
10. Фельдман Д.М. Политология конфликта. М., 1998.


## НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ИЗУЧЕНИЯ ПОНЯТИЯ ПОЛИТИЧЕСКОГО КОНФЛИКТА


**КОДИРИ СУХАЙЛИ АБДУХАФИЗЗОДА ,**
начальник организационного, аналитического
и информационного отдела Уполномоченного по
правам человека в Республике Таджикистан
734025, Таджикистан, г.Душанбе, ул. Бохтар, 10
Тел.: (+992) 935-11-31; E-mail: sqodiri@ombudsman.tj



*Статья посвящена изучению понятия политического конфликта как одного из разновидностей социального конфликта. Политический конфликт, как и другие*

*конфликты, имеющие место в общественной жизни, не смотря на давность существования, не имеет единого определения. Автор подчеркивает, что термин «конфликт» изучается в различных науках и каждая наука рассматривает его с разных сторон и вкладывает в ее понятия и сущность собственный смысл. В статье также приводится несколько понятий и определений политического конфликта, которые отвечают общим требованиям определения политического конфликта.*

***Ключевые слова:*** *конфликт, политический конфликт, понятие политического конфликта, политическая власть, властные ресурсы.*

## SOME QUESTIONS OF STUDYING THE CONCEPT OF POLITICAL CONFLICT

**QODIRI SUHAILI ABDUHAFIZZODA,**
Head of the organizational, analytical and informational department of the Commissioner for Human Rights in the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Bokhtar-10 str.
Tel.: (+992) 935-31-11-31; E-mail: sqodiri@ombudsman.tj

*The article is devoted to the study of the concept and essence of political conflict as one of the varieties of social conflict. Political conflict, like other conflicts taking place in public life, in spite of the limitations of existence, does not have a single definition. The author emphasizes that the term “conflict” is studied in various sciences and each science considers it from different side and puts its own meaning in its concepts and essence. The article also provides several concepts and definitions of a political conflict that meet the general requirements for a definition of political conflict.*

***Keywords:*** *conflict, political conflict, the concept of political conflict, the essence of power, the specificity of political conflict, resources.*

УДК: 327.8

# РАҚОБАТИ ЭРОН БО АРАБИСТОНИ САУДӢ ДАР ХОВАРИ МИЁНА: ҲОЛАТ ВА ДУРНАМО

**НЕЪМАТОВ ИКРОМИДДИН,**
номзади илмҳои таърих, дотсенти
кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33,
Тел. (+992) 907-70-58-75; E-mail: i.nemat@mail.ru
**ФАЙЗОВ НЕКРӮЗ НАВРӮЗОВИЧ**
номазди илмҳои таърих, дотсент,
декани факултети таҳсилоти фосилавӣ
ва таҳсилоти дуюми олии касбии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33,
Тел: (+992) 918-15-76-67; E-mail: faizovnkz@mail.ru

*Мақола ба мушкилоти равобити Эрон ва Арабистони Саудӣ, фаъолони асосии сиёсати хориҷии минтақаи Ховари Миёна бахшида шудааст. Дар мақола ҷанбаҳои зерин баррасӣ шудаанд: таҳлили сиёсати хориҷӣ ва равишҳои геополитикии дипломатияи Эрону Арабистони Саудӣ ба мушкилоти асосии Шарқи Наздик, ҷараёни муносибатҳои дуҷониба; баррасии муфассали зиддиятҳои геополитикии ду кишвар, бавижа дар партави бӯҳронҳои сиёсӣ дар Сурия, Ироқ, Лубнон ва Яман; баррасии ҷанги шаҳрвандӣ дар Сурия ҳамчун падидае, ки зиддияти Эрону Арабистони Саудиро ба таври возеҳ инъикос мекунад; омӯзиши мавқеи Арабистони Саудӣ дар масъалаи ҳастаии Эрон ва роҳҳои эҳтимолии ҳалли он. Библиографияи мақола тадқиқоти илмӣ, мақолаҳои рӯзномаву маҷаллаҳо, маводҳоро аз Интернет бо забонҳои англисӣ, русӣ, ки ба ин масъала бахшида шудаанд, дар бар мегирад.*

***Калидвожаҳо:*** *Арабистони Саудӣ, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Шарқи Наздик, сиёсати хориҷӣ, рақобати сиёсӣ, иқтидори иқтисодӣ, мунoқишаҳо дар Шарқи Наздик, сиёсати минтақавӣ, Сурия, Яман, Лубнон.*

Таҳаввулоти минтақавӣ ва байналмилалӣ дар солҳои охир, аз ҷумла нақши нуфузманди Эрон дар бухронҳои Ироқ, Сурия ва ҳузури он дар Яман, инчунин тавофуқи ҳастаии Эрон ва Ғарб ба яке аз сабабҳои афзоиши қудрати минтақавии Эрон гардида, рақобати амалан навро бо кишварҳои Халиҷи Форс ба миён овард.

Бояд тазаккур дод, ки яке аз рақибони асосии Эрон дар минтақа Арабистони Саудӣ маҳсуб меёбад. Бо дарназардошти фазои воқеии дар Ховари Миёна ва Халиҷи Форс ба вуҷуд омада, аз ҷониби Арабистони Саудӣ ҳамчун амалкарди зараровар баҳогузорӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, ин кишвар кӯшиш ба харҷ медиҳад то нуфузи Эронро дар минтақа ба сифр расонад.

Ҳаводиси солҳои охир дар бозори ҷаҳонии нафт, коҳиши якбораи нархи нафт боиси ташкили ду гурӯҳи мухолиф дар доираи Созмони кишварҳои содироткунандаи нафт (ОПЕК) гардид: аз як тараф - Арабистони Саудӣ, Қатар ва тарафдорони дигари ҳифзи ҷараёни ҷории сатҳи истеҳсолот, аз тарафи дигар - Эрон ва Венесуэла. Азбаски

барои Россия сатҳи нархи нафт муҳимтарин омили даромади буҷа ба ҳисоб меравад, мавзӯи зиддиятҳо байни Эрон ва Арабистони Саудӣ аҳамияти нав пайдо мекунад. Ин масъала аз феҳристи мавзӯъҳое, ки таваҷҷӯҳи сирф академиро ба вуҷуд меоранд, ба феҳристи мавзӯъҳои "гарм" мегузарад. Пас, комилан аён аст, ки омилҳои сиёсии муносибатҳои Эрону Саудӣ имрӯз мустақиман ба сиёсати иқтисодии ин кишварҳо таъсир мерасонанд.

Бояд тазаккур дод, ки бидуни назардошти таърихи муносибатҳои Эрону Саудӣ, нозукиҳо ва хусусиятҳои зиёде, ки аз ҷониби баъзе кишварҳо дуюмдараҷа ба назар мерасиданд, дарк кардани ин омилҳои сиёсӣ ғайриимкон аст.

Мазмуни асосии сиёсии равобити Эрону Арабистони Саудӣ аз он иборат аст, ки дар даҳсолаи охир Ховари Миёна ба минтақаи нооромм ва ноустувори сайёра табдил ёфтааст. Дар айни замон, дар Шарқи Наздик ҳадди ақал панҷ мунокишаи мусаллаҳона идома доранд: муқовимати Исроил ва Фаластин, ҷангҳои шаҳрвандӣ дар Либия, Сурия ва Ироқ, тавсеаи гурӯҳҳои террористии байналмилалӣ, ки дар минтақа қарор доранд. Рушди ин муноқишаҳо аллакай боиси марги садҳо ҳазор ғайринизомӣ, пайдоиши миллионҳо гурезагону оворагон, хароб шудани иқтисодиёт ва инфрасохтор гардид. Афзоиши минбаъдаи низоъҳои Шарқи Наздик таҳдиди паҳншавии терроризм ва ноамниро дар миқёси ҷаҳонӣ ба бор меорад. Ҳамзамон, яке аз омилҳои асосии бесуботӣ ин муқовимати бузургтарин бозигарони минтақавӣ - Эрон ва Арабистони Саудӣ мебошад.

Вазири корҳои хориҷии Россия Сергей Лавров муноқиша байни пайравони мазҳабҳои шиа ва сунниро бузургтарин таҳдид ба сулҳ ва субот дар Ховари Миёна номид. 18 ноябри соли 2013 Сергей Лавров дар мусоҳиба бо "Независимая газета" қайд кард: "муҳим аст, ки дар ин конфронс ҳамаи кишварҳо, бидуни истисно, ба нерӯҳои гуногун таъсир расонанд. Ман пеш аз ҳама Эрон ва Арабистони Саудиро дар назар дорам, зеро дастгирии мухолифон ва ҳукумат бо ин ду давлат рабт дорад. Муҳим он аст, ки мушкилиҳои амиқ дар муносибатҳои Эрону Арабистони Саудӣ тақсимоти ҷиддии дар ҷаҳони ислом падидоршаванда - байни суннихоро, ки бо Арабистони Саудӣ иртибот доранд ва шиаҳое, ки пешвои онҳо дар ҷаҳони ислом Эрон аст ба бор меорад [10].

Равобити ду абарқудрати минтақавии Ховари Миёна, Эрон ва Арабистони Саудӣ ҳеҷ гоҳ одӣ набуд, аммо пас аз Инқилоби исломии соли 1979 дар Эрон онҳо хусусияти рақобатиро ба худ касб намуданд. Шиддат ёфтани муносибатҳои ду кишвар дар аввали солҳои 80-уми асри гузашта ба як қатор омилҳо, пеш аз ҳама ҷабҳаи идеологӣ вобаста буд.

Дар аввали солҳои 80-ум дар ҳарду кишвар таълимоти расмӣ фундаментализми суннӣ ва шиа роиҷ буд. Бояд қайд намуд, ки идеологияи мазҳаби шиаи сиёсӣ равияи возеҳи инқилобӣ дошт, аммо таълимоти сиёсии ваҳҳобия, ки дар Арабистони Саудӣ роиҷ буд, хусусияти консервативӣ-муҳофизавӣ дошт.[11]

Роҳбари инқилоби Эрон Оятуллоҳ Руҳуллоҳ Мусавӣ Хумайнӣ дар асарҳояш истилоҳи дар робита бо модели сиёсии дар Арабистони Саудӣ вуҷуддоштаро «исломи амрикоӣ» меномад. Ба ақидаи ӯ, "исломи амрикоӣ" бо ибтикори монархияҳои нафтии Халиҷи Форс ва ба фарқ аз исломи ҳақиқӣ, "бо деспотизм ва сионизм комилан омезиш ёфта буд" [14]. Бояд зикр намуд, ки пешвои инқилоби Эрон дар асарҳои назариявии худ аскарону навкарони "Сипоҳи посдорон инқилоби исломи"-ро бар зидди Арабистони Саудӣ иршод ва талқин менамуд. Хумайнӣ дар асарҳои назариявии худ ба худи принсипи подшоҳӣ, ки ба ақидаи ӯ, ба исломи ҳақиқӣ мувофиқат намекунад, низ

мухолифат кардааст. Дар ин асно бояд қайд намуд, ки “хомейнизм” ба як мактаби идеологии ҷадидан нав табдил ёфта, як қатор хатарҳои ниҳоят шадидро ба вуҷуд меоварад. Тавре, ки доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Ятимов С.С. дар асарҳои худ қайд менамояд, “хомейнизм” аз нигоҳи мазҳабӣ ва идеологӣ як навъ “неошиизм” мебошад [16, С.18].

Ихтилофи байни ду кишвар, пеш аз ҳама, дар заминаи омили динӣ ба вуҷуд омадаанд. Дар Арабистони Саудӣ ва дигар кишварҳои Халиҷи Форс ақаллияти назарраси шиа вуҷуд дорад. Ҷамоаҳои шиаи кишварҳои Халиҷи Форс, ки 75% аҳолии Баҳрайн, 30% дар Кувайт, 30% дар Дубай, 20% дар Абу-Даби ва 20% дар Қатарро ташкил медиҳанд, муносибати ин кишварҳоро бо Эрон ҳусни дигар медиҳанд [4, С.287]. Ҷамъияти шиаҳои Арабистони Саудӣ, бино ба ҳисобҳои гуногун, аз 10 то 15% - и аҳолии ин кишварро ташкил медиҳад. Шииҳо дар воҳидҳои Катиф ва ал-Ҳасаи вилояти шарқии мамлакат, ки дар онҳо аксари конҳои нафти Саудӣ муттаҳид шудаанд, маскан мегиранд. Ҷолиби диққат аст, ки шиаҳо дар қаламрави салтанат ба таври возеҳ табъиз карда мешаванд. Дар байни вазирони ҳукумати Арабистони Саудӣ ягон намояндаи шиа нест. То чанде пеш пайравони ин мазҳаби шиа дар вазифаҳои фармондеҳии Қувваҳои мусаллаҳ ва Хадамоти махсуси Арабистони Саудӣ иҷозаи корро надоштанд (ҳоло ин вазъ тағйир ёфта истодааст). Аз 150 вакили Маҷлиси Саудӣ (ки он парлумони комил нест, аммо дар назди подшоҳ танҳо вазифаҳои машваратиро иҷро мекунад), танҳо чаҳор нафар шиа ҳастанд [2, С.149].

Бояд зикр намуд, ки ба муносибатҳои ду кишвар вазъи геополитикии Ховари Миёна, бахусус дар Халиҷи Форс таъсири калон расонд. Шиори “содироти инқилоби исломӣ”, ки ҳукумати инқилобии Хумайнӣ ба миён гузошта буд, тарсу ҳаросро дар Риёз аз инқилоби эҳтимолии шиаҳо дар Ироқ бо паҳншавии минбаъдаи густариши Эрон ба дигар кишварҳои халиҷи Форс ба вуҷуд овард. Дар натиҷа мо шоҳиди иттифоқе иборат аз Арабистони Саудӣ ва Ироқ бо роҳбарии президенти онвақти ин кишвар Саддом Ҳусейн будем. Нухбагони Арабистони Саудӣ ҷанги Ироқ алайҳи Эронро дар моҳи сентябри соли 1980 тасвиб карданд ва дар давраи ҷанги Эрону Ироқи солҳои 1980-1988 ба Бағдод кумаки назарраси молӣ ва иқтисодӣ мерасонданд. Тибқи баъзе маълумотҳо Арабистони Саудӣ ба Ироқ барои мубориза бо Эрон 30 миллиард доллар қарз ҷудо намуда буд [2, С. 236].

Муносибатҳои ду кишвари калонтарини Шарқи Наздик тадриҷан дар соли 1990, пас аз ҷанги Ироқ бо Қувайт ва оғози амалиёти «Тӯфон дар биёбон», ки Теҳрон хомӯшона дастгирӣ кард, оғоз ёфт. Дар ин ҳолат, ҳадафҳои геополитикии Теҳрон ва Риёз барои заиф кардани Ироқи Саддом Ҳусейн, ки онро ҳарду кишвар дар аввали солҳои 90-уми асри гузашта ҳамчун таҳдиди асосӣ меҳисобиданд, дар як муддати кӯтоҳ рост омад. Соли 1990 Теҳрони расмӣ ҷанги Ироқ алайҳи Кувайтро шадидан маҳкум кард ва ҳангоми овоздиҳӣ дар СММ аз ҷорӣ кардани таҳримоти байналмилалӣ алайҳи Ироқ пуштибонӣ кард. Моҳи апрели соли 1991 сафари Вазири корҳои хориҷии Эрон Алӣ Акбар Вилоятӣ ба Арабистони Саудӣ сурат гирифт ва дар ҷараёни гуфтушунид А. Вилоятӣ ба шоҳ Фаҳд ибни Абдулазиз пешниҳод намуд, ки дар минтақаи Халиҷи Форс байни Эрон ва кишварҳои Шӯрои ҳамкории кишварҳои арабии халиҷи Форс як низоми мукаммали амниятӣ ташкил карда шавад. Алӣ Акбар Вилоятӣ Шӯрои ҳамкории кишварҳои арабии халиҷи Форсро барои камфаъолиятӣ, ки боиси хунрезӣ аз ҷониби Ироқ оварда расонид, маҳкум карда, пешниҳод намуд то Эрон ба ин созмони байналмилалӣ шомил карда шавад [3, С.118].

Бо вуҷуди он ки роҳбарияти Арабистони Саудӣ ба пешниҳоди Эрон посухи мустақим надод, аммо равобити ду кишвар тадриҷан ба эътидол омад. Муносибатҳои дипломатӣ барқарор карда шуданд ва масъалаи ҳаҷ низ роҳи ҳалли худро ёфт. Марҳилаи дигари рушди муносибатҳои Эрону Саудӣ иҷлосияи Созмони Конфронси Исломӣ дар соли 1997 дар Теҳрон буд. Сарфи назар аз танқиди давомдори Арабистони Саудӣ аз Эрон барои ухдадориҳои Риёз ба шарикии стратегӣ бо ИМА, на Арабистони Саудӣ ва на ҳампаймонҳои ҳамкориҳои он кишвар конфронсро бойкот накарданд. Гузашта аз ин, ҳайати Арабистони Саудиро яке аз намояндагони барҷастаи элитаи Саудӣ, вазири корҳои хориҷӣ шоҳзода Сауд ал-Файсал роҳбарӣ мекард. Ҳангоми будубошаш дар Теҳрон бо роҳбарияти Эрон музокирот баргузор шуд, ки ба таҳкими чораҳои эътимод байни ду кишвар бахшида шуда буд. Натиҷаи онҳо моҳи феврали соли 1998 сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Муҳаммад Хотамӣ ба Риёз буд [11].

Бояд тазаккур дод, ки то солҳои 2003 ва 2004 муносибати Эрон бо Арабистони Саудӣ нисбатан хуб буданд. Аммо шурӯъ аз солҳои 2005-2006 Лубнон «фронти» дигари бархӯрд бо манфиатҳои геополитикии Эрону Арабистони Саудӣ гардид. Афзоиши нуфузи Эрон дар Ироқ тарсу ҳаросҳои Арабистони Саудиро дар бораи ҳадафҳои сиёсати Эрон дар минтақа афзоиш дод. Аввалан, он ба тарси таъсиси ба истилоҳ «Ҳилоли Шиа», ки Эронро бо Баҳри Миёназамин пайваст мекунад, дахл дошт. Дуюм, саудиён сиёсати Эронро ҳамчун воситаи табдил додани Халиҷи Форс ба «кӯли нафтии шиаҳо” рабт дода мешуд. Таҳдиди охирин, ба гуфтаи Саудӣ, бар он асос ёфтааст, ки Эрон метавонад "сенарияи Ироқ" -ро истифода барад ва Баҳрайн ва вилояти Шарқияи Саудиро ба минтақаи нуфузи худ шомил кунад.

Дар моҳи апрели соли 2008, дар мулоқот бо директори Раёсати марказии иктишофии ИМА (ЦРУ) ва фармондеҳи собиқи нерӯҳои ИМА дар Ироқ Дэвид Петреус, шоҳи Арабистони Саудӣ Абдуллоҳ ибни Абдулазиз амрикоиҳоро ба ҳамла ба Эрон даъват намуда, таъкид кард, ки "сари мор бояд бурида шавад" [11].

Ба таври куллӣ бад шудани муносибатҳои ду абарқудрати минтақаи Ховари Миёна раванди тағйиротҳои бузурги иҷтимоию сиёсии минтақа, ки "баҳори араб" ном гирифтаанд, мусоидат кард. Дар айни замон, Сурия фронти асосии мубoризаи сиёсии байни Арабистони Саудӣ ва Эрон гардид (шарҳи сабабҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Сурия аз доираи ин мақола берун аст).

Бояд қайд кард, ки маҳз бо дархости роҳбарияти Эрон, созмонҳои мусаллаҳи ҷунбиши Ҳизбуллоҳ, аз моҳи майи соли 2013 инҷониб дар ҷангҳои Сурия дар канори ҳукумати Башшор Асад фаъолона иштирок мекунанд. Мувофиқи маълумоти рӯзномаи «Марокаш Опинйон», дар Сурия 5000 ҷангҷӯи Ҳизбуллоҳ меҷанганд, ки талафоти онҳо 300 нафарро ташкил медиҳад. [1]

Ҳамин тариқ, муқовимати Эрону Арабистони Саудӣ то соли 2020 ба хатти хатари сар задани як даргирии мусаллаҳонаи ошкоро наздик шуда буд. Ҷангҳои шаҳрвандӣ дар Сурия ва Ироқ, муқовимати мусаллаҳона дар Яман аллакай ба мо имкон медиҳанд, ки дар бораи «ҷанги бузурги Ховари Миёна” монанд ба ҷанги 30-солаи мазҳабии солҳои 1618-1648 дар Аврупо ҳарф занем. Муқовимати ду абарқудрати минтақавӣ боиси амиқтар шудани бӯҳронҳои мавҷудаи ҳарбию сиёсӣ, таназзули иқтисодии минтақа ва афзоиши нерӯи гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ мегардад. Хатарноктарини онҳо ташкилоти террористии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манъшуда ба ном “Давлати исломӣ” (ДОИШ) мебошад. Дар айни замон, як қатор заминаҳо барои

муколамаи Эрону Саудӣ ва коҳиши муносибатҳои ду кишвар вуҷуд дорад, ки ин кишварҳо барои ба эътидол даровардани вазъ дар минтақа бояд истифода шаванд.

Ҳамзамон, бояд тазаккур дод, ки Эрону Арабистони Саудӣ дар солҳои 90-уми асри гузашта яке аз бозингарони асосии нооромиҳо дар кишвари мо буданд. Маҳз бо дастгирии Ҷумҳурии Исломии Эрон ташкилоти террористиву экстремистии Ҳизби наҳзати ислом дар қаламрави Тоҷикистон фаъолият менамуд, ки ин амал борҳову борҳо аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф шудааст. Мавриди назар аст, ки ташкилоти террористиву экстремистии Ҳизби наҳзати ислом дар таълимоти худ бунёди як давлати идеологии иртиҷоии диниро пайравӣ мекунад. Бо вуҷуди он, ки баъзе роҳбарони ин ҳаракати террористӣ худро либералу дунявӣ нишон доданӣ мешаванд, ҷавҳари асосӣ ва идеяи пешбарандаи ин ҳизб ҳамон бунёди давлати идеологию иртиҷоии динӣ мебошад. Аз ин назар, ин ҳизб моҳиятан бо сохти конститутсионии давлати Тоҷикистон, бо тарзи ҳаёти озоди миллати мо ва бо арзишҳои демократӣ мухолиф мебошад.

Коршиносон дуруст қайд менамоянд, ки фаъолияти ин ҳаракати террористӣ дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ нишон дод, ки аз назари тарзи амал низ он як ташкилоти воқеан экстремистӣ ва террористӣ буда, аз ташкилотҳои дигари террористии ҷаҳон, ба мисли «Толибон»-у «ал-Қоида»-ву «ДИИШ» ягон фарқе надорад. Дар он давра ТТЭ ҲНИ ба тамоми намуди ҷиноятҳои зиддиинсонӣ даст зад. Қатли оми мардуми бегуноҳ, амалӣ намудани шаклҳои даҳшатноки куштори одамон, истифодаи зиндонҳои оҳанин ё «бочка-зиндонҳо», қатли ҳадафноки муаллимону духтурон, таҷовуз ба занону духтарон, асиргирию ғуломдорӣ, фурӯши асирони тоҷик ба кишварҳои хориҷӣ, қатли чеҳраҳои бузурги аҳли фарҳангу зиёи миллат, ғорати рӯирости шаҳру деҳоти кишвар ва садҳо чунин далелҳо моҳияти асосии ин ҳизбро барои мардум ва барои таърих нишон доданд. ТТЭ ҲНИ масъули бевоситаи нангинтарин ҳодиса дар таърихи миллати тоҷик, яъне ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон буда, дар назди таъриху миллат абадан гунаҳкор мебошад. Як ҳамин силсилақатлҳои ҳадафмандонаи шахсиятҳои бузурги илму фарҳанги халқи мо чун Осимӣ, Исҳоқӣ, Назаршоев, Ғуломов, Латифӣ, Олимпур, Сайф Афардӣ ва ғайра кофист, ки моҳияти зиддитоҷикӣ ва зиддитамаддунии ин ташкилот маълум бошад. 150 000 кушта, 50 ҳазор кӯдаки ятим, як миллион нафар гуреза, ҳазорон хонаю дари сӯхта, даҳҳо шаҳру деҳоти валангор, даҳҳо сол ақиб мондани рушди иқтисодиёти кишвар - ин буд армуғони нангини ҳизби наҳзати ислом ба миллат. Пас, кадом давлат ё кадом миллат розӣ мешавад, ки чунин ҳизбе дар қаламраваш фаъол бошад ва чунин амалҳоро давом диҳад. Аз ин назар, ТТЭ ҲНИ таҳдиди воқеӣ ба ваҳдат ва суботу осоиштагии ҷомеаи Тоҷикистон мебошад [12].

Илова бар ин, ин ҳизб ҳамчун ҷузъи таркибии шабакаи террористии байналхалқӣ, тобеи вазифаҳои интернатсионализми байналхалқии террористӣ гардид. Он бо ташкилотҳои террористии «ал-Қоида», «Толибон» ва «ДИИШ» ҳамкории наздик дошта, мувофиқи гузоришҳои хадамоти ҷосусии ИМА (ЦРУ) роҳбари ҲНИ С.А.Нурӣ як муддат вазифаи робитаҷӣ байни онҳою «ал-Қоида» ва шахсан Бен Ладенро иҷро кардааст. ҲНИ ҷузъи раванди ҷаҳоние шуд, ки мавҷудияти давлату миллати моро ҳаргиз қабул надошта, онро тобеи хилофати хаёлии худ кардан мехоҳад. Ҳамин тавр, ТТЭ ҲНИ ба таҳдиди воқеӣ ба мавҷудияти давлати соҳибистиқлоли мо табдил шуд [12].

1 июни соли 2019 зимни мулоқоти Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин ва Вазири умури хориҷаи Ҷумҳурии Исломии Эрон Муҳаммад Ҷавод Зариф дар шаҳри Теҳрон «Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Эрон оид ба усул ва чорчӯбаи ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаи амният» ба имзо расид. Аммо тавре ки мо шоҳидем, Ёддошти зикршуда аз ҷониби Эрон риоя намешавад. Аз ҷумла, баъзе расонаҳои тундрави эронӣ, ки ба доираҳои бонуфузи идеологӣ наздиканд, ин тафоҳумро шадидан танқид карда истодаанд. Масалан, сомонаи «Кимиёи саодат», ки дар қаламрави Эрон ҷойгир аст, то имрӯз чанд мавод бар зидди тафоҳум ба нашр расонидааст. Худи ТТЭ ҲНИ бошад, талош дорад, ки аз ҳолати хоси таркиби қудрат дар Эрони имрӯз сӯиистифода намуда, ҳимояти доираҳои идеологӣ ва қудратии ин кишварро бар зидди ин тавофуқ ба даст оранд. Масалан, дар сомонаи наҳзатии «vostoknews.org» аз 8 июни соли 2019, Ҳизби наҳзат бо боварӣ эълон кардааст, ки гӯё ин имзои Вазорати корҳои хориҷии Эрон ягон арзише надошта, доираҳои динӣ ва сипоҳии Эрон ҳимояти худро аз ин ҳизб идома медода бошанд. Албатта, мо намедонем, ки чунин боварии қатъӣ ва эълони густохонаи ТТЭ ҲНИ аз куҷо сарчашма мегирад. Аммо, чунин эҳтимол низ метавонад як монеаи ҷиддӣ барои иҷрои ин тавофуқ бошад. Бинобар ин, дар ин самт бояд воқеънигар бошем [12].

Бояд зикр намуд, ки омилҳои дар боло зикршуда ва маҳз дастгирӣ ёфтани ташкилоти террористиву экстремистии Ҳизби наҳзат аз ҷониби Эрон муносиботи ду кишварро ба таври ҷиддӣ халалдор месозад. Инчунин, аз ҷониби Арабистони Саудӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаракати террористиву экстремистии «Салафия» низ ҷонибдорӣ ва дастгирӣ мешавад.

Чи тавре ки маълум аст, имрӯз ҷараёни «салафия» ҳамчун вабои аср ба амнияти кишварҳои ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст. “Салафия” як шохаи мазҳаби ислом аст, ки дар Арабистони Саудӣ ба он пайравӣ мекунанд ва ин равияро бо ваҳҳобия низ якҷоя ном мебаранд. Ба қавли таҳлилгарон, пайравони шохаи “Салафия” дар Тоҷикистон ҷавонони навпайдое ҳастанд, ки дар мадориси давлатҳое назири Арабистони Саудӣ ва Покистон таҳсил намудаанд. Аз ин рӯ, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки бо ин кишварҳо стратегияи аниқи ҳамкорӣ ва мутақобилан судмандро ба роҳ монад.

Ҳамин тавр, бояд қайд кард, ки бидуни паст кардани таниши байни Эрону Арабистони Саудӣ ва оғози муколамаи ҷиддии байни ду кишвар, пешгирӣ кардани дилхоҳ мушкилоти минтақавӣ ғайриимкон аст. Хотима додани низои ҳарбӣ-сиёсии Сурия, ҷанги шаҳрвандӣ дар Ироқ ва барқарор кардани субот дар Лубнон бидуни иштироки ин ду кишвар низ ғайриимкон ба чашм мерасад. Беҳтарин роҳи ҳал ин ташкили низоми фарогири минтақавии амният хоҳад буд, ки нигарониҳо ва хоҳишҳои ҳамаи ҷонибҳоро ба назар мегирад.

**Адабиёт:**

1. Mughayef M. Hezbollah interfere au conflit syrienne.// Opinion. 14.04.2014.
2. Nasr V.R. The Shia Revival. N.Y. Norton and Company, 2006.
3. Wilson P., Graham D. Saudi Arabia: The Coming Storm. M.E. Sharpe. New York, 1994.
4. Алиев А.А. «Национальное» и «религиозное» в системе межгосударственных отношений Ирана и Ирака в XX веке. М. ИНИОН, 2005.
5. Борисов А. Внешняя политика Катара // Россия и мусульманский мир. 2014. №2. -260с. URL: https://cyberleninka.ru/ article/ n/vneshnyaya-politika-katara (дата обращения: 29.03.2020).

6. Ганиев Т., Задонский С., Карякин В. Военная мощь Исламской Республики Иран. Том II – М.: ИБВ, 2019, – 498 с.
7. Гулевич В. А. Ирано-саудовское противостояние в регионе Персидского залива //Международная жизнь. 2012. № 2. (дата обращения: (30.03.2020).
8. Иран осудил вторжение в Йемен под руководством Саудовской Аравии // Press TV. 26.03.2015.URL: http://www.presstv.ir /DetailFa/2015/03/26/403427/ IranYemeninvasion (дата обращения: 29.03.2020).
9. Кирсанов Е.Е. О положении в Йемене.// http://www.iimes. ru/rus/frame_stat.html
10. Лавров С.В. Раскол между суннитами и шиитами нельзя замести под ковер.//http://www.ng.ru/world/2013-11-20/8_raskol.html
11. Мирасраров М.П., Ахметкаримов Б.Г. Военно-политическая конкуренция Ирана и Саудовской Аравии на Ближнем Востоке в современных условиях // Казанский вестник молодых учёных. 2020. №3. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/voenno-politicheskaya-konkurentsiya-irana-i-saudovskoy-aravii-na-blizhnem-vostoke-v-sovremennyh-usloviyah (дата обращения: 16.12.2020).
12. Холиков Ш. Муносибатҳои Тоҷистон ва Эрон. [Манбаи электронӣ]. URL: http://qubodiyon.tj/node/399 (санаи муроҷиат: 21.12.2020)
13. Эллен Р.У., SAUDI INC. История о том, как Саудовская Аравия стала одним из самых влиятельных государств на геополитической карте мира / Пер. с англ. П. Миронова. – М.: Альпина Паблишер, 2019. — 272 с.
14. Юртаев В.И. Иран и санкции: пределы саморазвития. [Текст] / В.И. Юртаев // Мировая экономика и международные отношения. – 2016. Т. 60. № 5. – С. 26-29.
15. Юртаев В.И. Иран: глобализация и регионализация. Ближний Восток и современность. [Текст] / В.И. Юртаев // Мировая экономика и международные отношения. – Вып. 44: 2011. – С. 327–337
16. Ятимов С.С. Хомейнизм и внешнеполитическая идеология Исламской Республики Иран в новой системе международных отношений: дис. ... д-ра полит. наук: 23.00.04 Душанбе, 2002 - 309 с.

## ПРОТИВОСТОЯНИЕ ИРАНА С САУДОВСКОЙ АРАВИЕЙ НА БЛИЖНЕМ ВОСТОКЕ: ПОЛОЖЕНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ

**НЕЪМАТОВ ИКРОМИДИН,**
доцент кафедры дипломатии и международных отношений
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
кандидат исторических наук, 734003, ш.Душанбе, ул. Саида Носира, 33,
Тел.: (+992) 907705875; E-mail: i.nemat@mail.ru
**ФАЙЗОВ НЕКРУЗ НАВРУЗОВИЧ**
доцент, декан факультета дистанционного образования
и второго высшего профессиональное образование
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
кандидат исторических наук,
734003, город Душанбе, улица Саида Носира, 33,

кандидат исторических наук,
Тел: (+992) 918-15-76-67; E-mail: fayzovovnkz@mail.ru

*Статья посвящена проблемам отношений между Ираном и Саудовской Аравией, основными акторами внешней политики ближневосточного региона. В статье проводится: анализ внешнеполитических и геополитических подходов иранской и саудовской дипломатии к ключевым проблемам Ближнего Востока, динамики двусторонних отношений; детальное рассмотрение геополитических противоречий между двумя странами, особенно в свете политических кризисов в Сирии, Ираке, Ливане и Йемене; рассмотрение гражданской войны в Сирии как феномена, наиболее ярко отражающего ирано-саудовские противоречия; исследование позиции Саудовской Аравии по иранской ядерной проблеме и возможным путям ее разрешения. Библиография статьи включает в себя научные исследования, газетные и журнальные статьи, материалы из Интернета на английском, русском языках, посвященные данной проблеме.*

***Ключевые слова***: *Саудовская Аравия, Исламская Республика Иран, Ближний Восток, внешняя политика, политическая конкуренция, экономический потенциал, конфликты на Ближнем Востоке, региональная политика, Сирия, Йемен, Ливан.*

## CONFRONTATION OF IRAN WITH SAUDI ARABIA IN THE MIDDLE EAST: POSITION AND PROSPECTS

**NEMATOV IKROMIDIN,**
Associate Professor of Diplomacy and Internation Relations of
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan, Candidat of Histori,
734003, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 907-70-58-75; E-mail: i.nemat@mail.ru
**FAYZOV NECRUZ NAVRUZOVICH**
Associate Professor, Dean of the Faculty of Distance Education
and second higher professional education
Academy of Public Administration under
President of the Republic of Tajikistan,
Candidate of Historical Sciences,
734003, Dushanbe city, Said Nosir street, 33,
Candidate of Historical Sciences,
Phone: (+992) 918-15-76-67; E-mail: fayzovovnkz@mail.ru

*The article is devoted to the problems of relations between Iran and Saudi Arabia, the main actors in the foreign policy of the Middle East region. The article provides: analysis of foreign policy and geopolitical approaches of Iranian and Saudi diplomacy to key problems of the Middle East, dynamics of bilateral relations; detailed consideration of the geopolitical contradictions between the two countries, especially in the light of the political crises in Syria, Iraq, Lebanon and Yemen; considering the civil war in Syria as a phenomenon that most clearly reflects the Iranian-Saudi conflict; study of the position of Saudi Arabia on the Iranian nuclear problem and possible ways to resolve it. The bibliography of the article includes scientific research, newspaper and magazine articles, materials from the Internet in English, Russian, devoted to this problem.*

***Key words:*** *Saudi Arabia, Islamic Republic of Iran, Middle East, foreign policy, political competition, economic potential, conflicts in the Middle East, regional politics, Syria, Yemen, Lebanon.*

# ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

## Требования к научным статьям

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

Требования к оформлению научных статей: Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Шарипов Д.М.);

– название организации, в которой работает автор статьи;

– основной текст статьи;

– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– название статьи, аннотация и ключевые слова оформляются на трех языках (на таджикском, русском и английском языках). Аннотация оформляется в объеме не менее 25 строк, ключевые слова от 7 до 10 слов или словосочетаний;

– информация об авторе на русском и английском языках. Здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает автор (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес место работы автора.

При цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, с.25]. То есть, литература №4 и страница 25.

Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название.

## МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

### Талабот нисбат ба мақолаҳои илмӣ

Ҳамаи мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад; в) мавзӯи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводи илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи Antiplagiat барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гунна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро бояд дар бар гирад.

Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:

– индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);

– номи мақола;

– насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Шарипов Д.М.);

–номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;

–матни асосии мақола;

– рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯ ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад.

– номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) таҳия гарданд. Аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ бояд таҳия карда шавад;

– дар охири мақола бо ду забон (русӣ ва англисӣ) маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф.

Ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад. Намуна: [4, с.25]. Яъне, адабиёти №4 ва саҳифаи 25.

Нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.

**ГОСУДАРСТВЕННОЕ УПРАВЛЕНИЕ**
**Научно-политический журнал**
**Академии государственного управления при**
**Президенте Республики Таджикистан**

---

Над номером работали:
Ответственный редактор: Р. Каримов
Редактор текста на таджикском языке: Х. Мавлонов
Редактор текста на русском языке: С. Таиров
Редактор текста на английском языке: С. Зухурова

**Издательский отдел**
**Академии государственного управления при**
**Президенте Республики Таджикистан**
734003, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, улица Саида Носира, 33.
Тел.: +992 (37) 224-17-86, 881-88-80-41
Факс: +992 (37) 224-17-86
E-mail: journal.apa.tj@gmail.com
Сайт издания: https://journal.apa.tj

---

Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 42,37, усл. п.л. 8.
Подписано в печать 10.12.2020 г. Заказ №2020/07-08
Отпечатано в типографии АГУППРТ
734003, г.Душанбе, ул. Саид Носир, 33.